СУРАЙЁ ҲАКИМОВА

ШЕЪР, ҲУНАР ВА ИҶТИЛЛОЪ

Таҳқиқ перомуни ҷанбаи иҷтимоии шеър ва мақолаҳо дар нақди шеъри муосири тоҷик

Нашриёти «Ношир»
Хуҷанд, 2018

ББК –

Ҳакимова С. Шинохти шеър: Таҳқиқ перомуни ҷанбаи иҷтимоии шеър ва мақолаҳо дар нақди шеъри муосири тоҷик.– Хуҷанд: Ношир, 2018.–350 с.

Вероиши
Субҳони Аъзамзод

Зери назари
Матлубаи Мирзоюнус

Дар ин китоб навиштаҳои шоир ва муҳаққиқи хуштабъ роҷеъ ба равандҳои ҷории шеъри муосир тоҷик ва шеъри кишварҳои форсизабон, чеҳраҳои эҷодии шоирони имрӯзи Тоҷикистон ва хориҷ аз он фароҳам омадааст, ки ба доираи васеи муҳаққиқон, адибон, рӯзноманигорон, ҳамаи алоқамандоне, ки ба шеъри муосир таваҷҷӯҳи хос доранд, пешниҳод мешавад. Дар бахши охир силсилаи мусоҳибаҳо ҷой дода шудаанд.

Таҳлилҳо намоёнгари завқи хос ва шеваҳои тозаи ҳунари наққодии муаллифанд.

© Ҳакимова С. 2018.

РОҲ БА СӮИ КАМОЛ

Перомуни таҳқиқи иҷтимоии шеъри муосири тоҷик

Муаллифи китоби «Дар шинохти шеър» Сурайё Ҳакимова дастпарвари ҳавзаи илмии Хуҷанд аст, ки бо қобилият ва малакаи ба худ хос ба таҳқиқи вежагиҳои шеъри муосир камар баста,бо шеваи дилпазир имкони табъу қалам паймудааст. Маҳсули таҳқиқ ва баррасии ӯ дар шинохти ҷанбаи иҷтимоии шеъри охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар матбуоти тоҷик фаровон ба табъ мерасад. Аз мутолиаи ҳамаҷонибаи онҳо бармеояд, ки бо завқи равону парваришёфта ба сабз шудани ормонҳояш мекӯшад.

Ин пажӯҳанда аз байни теъдоде аз ҳамнаслонаш, ки дар боби адабиёти муосир рисола дифоъ карда, мақолаҳо ба табъ мерасонанд, ва онҳое, ки дар арзёбии назму насри муосир каму беш қалам мепаймоянд, бо диди нисбатан васеъ ба умқи таҳқиқ рафта, густурдатар андеша ба миён гузошта, бо дониш ва нигоҳу сабки хос ба муқаррар кардани ҷойи шеър ва шоирони муосир кӯшиш менамояд. Аз ин рӯ, муҳаққиқи фаъол дар байни насли нави ноқидон аст, ки навиштаҳояш баёнгари таъсирпазирӣ аз ҷараёни адабиёт ва нақди адабии муосир мебошанд ва маҳсулаш таъсиргузортар ба равандҳои ҷории адабӣ.

Аз ин раҳгузар, таҳия ва ба нашр расидани маҷмӯаи мақолаҳои ин ҷавони соҳибдид ва соҳиби қалам яке аз дастовардҳои илмии солҳои ахир мебошад. Ба назари мо, нақднавиштаҳои соҳиби маҷмӯа дар баробари чанд китоби наққодии чеҳраҳои тобноки нақди адабии мо – маҳсули фикрии муҳаққиқони соҳибтаҷриба ва соҳибном дар шинохти шеъри имрӯз арзиши хуб дошта, ҳамчун мадраки муҳими фикру назар хидмат мекунад. Муаллиф аз равишҳои сунатӣ ва модернии таҳқиқи шеър баҳраманд буда, аз бархе

устодони шеършиноси ҳавзаи Хуҷанд пайгирӣ дорад. Дар шеваи нақду нигориши ин маҷмӯа ва китобҳои «Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо»-и профессор Матлубаи Мирзоюнус, «Парниёни сабзи андеша»-и Нуралии Нурзод ва ғайра, ки ба шинохти шеъри муосир ихтисос ёфта ва ба пешбурди нақди солҳои охир такон бахшидаанд, шабоҳат ба назар мерасанд. Муаллиф сирфан шуғлашро ба ҳаёту мамоти шеъри муосир пайвастааст. Шоире бо зарфияти хос аст ва, фикр мекунам, яке аз авомили дастоварди ӯ дар нақди шеър марбут ба шоирии ӯст. Шоир будан дар нақди шеър барои шинохти ғаризаҳои дарунии шеър, ба қавле организми шеър мусоидат мекунад. Тавфиқи иддаи касире аз ноқидони эронӣ, аз ҷумла Ризо Бароҳанӣ, Муҳаммади Ҳуқуқӣ, Сируси Шамисо, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, теъдоди каме аз ноқидони тоҷик, аз ҷумла Аскар Ҳаким дар нақди шеър далели ин ҳарф аст. Табиати шеъргӯии чанд ноқиди шеър аз байни насли ҷавон низ ба дарки амиқи моҳияти шеъри муосир ва ба ҳам оварда тавонистани имкони эҷоди шеър ва таҳқиқ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Навиштаҳои ин ноқиди боҳавсала ва хушкор то ҳол маҷмӯа нашудааст. Чунин ба назар мерасад, ки бархе аз қаламкашон дар нашри маҳсули фикр ва китоб кардани осори таълифашон чандон шитобзада нестанд. Шояд, аз ин рӯ, онҳо дар муқобили нафарони завқманди нашри китоб ба адами дилбастагӣ ба ташвиқу тарғиби корашон чандон шинохта нашуданд, дар ҳоле ки муҳаққиқони доираҳои марказ ба истеъдоду табъи сухансанҷиашон баҳои муносиб додаанд. Муҳаққиқи ҷавон дар заминаи шеъри муосир беш аз 30 мақолаву мусоҳиба таълиф кардааст, ки ҳамагӣ дар матбуоти тоҷик ва хориҷ аз он, аз ҷумла дар нашрияҳои Ҷумҳурии исломии Эрон ба нашр расида, бо фарогирии матолиб ва сатҳи расои баррасӣ ҷолибанд. Аммо, матлаб дар миқдори таълиф нест, балки мутолиаву дарки арзиши мӯҳтавоии ин навиштаҳо дар роҳи фаҳмиши моҳияти ҷадалҳои паёпаи нақди адабӣ дар як гӯшаи ада-

биёти тоҷик – ҳавзаи илмиву адабии Хуҷанд ва мавқеи он дар рушди адабиёти умумитоҷикӣ нақши муҳим доранд.

Навиштаҳои маҷмӯа дар солҳои гуногун эҷод шуда, дар онҳо андешаҳои назаррас оид ба равандҳои ҷории шеъри муосир ва муаммоҳои он, шеъри кишварҳои форсизабон, чеҳраҳои эҷодии шоирони имрӯзи Тоҷикистон ва хориҷ аз он нисбатан равишмандона ва равшану возеҳ баён ёфтаанд. Баррасиҳо дар заминаи шеъри иҷтимоии охири асри XX ва ибтидои асри XXI, нақдҳое ба шеъри муосири тоҷику эронӣ, мақолаҳои марбут ба шеъри зулол ва сабки зулолсароӣ дар адаби муосири форсӣ-тоҷикӣ, нақдҳо ба ашъори шоирони эронӣ ва тоҷик – Парвини Эътисомӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ, Неъмати Оташ, Аҳмадҷони Раҳматзод, Озарахш, Аъзами Хуҷаста, Озар, Адиба, Гулноз, Нуралӣ Нурзод, Фирдавси Аъзам, Эҳсон Рачабӣ, тақризҳо ба осори илмӣ мӯҳтавои китобро пураразиш ва рангин гардонидаанд.

Мусоҳибаҳои хонданӣ бо шоир, адабиётшинос ва рӯзноманигори афғонӣ Ҳумайро Накҳат Дастгирзода «Об агар садпора гардад, боз ҳам ошност», муаллифи ин сатрҳо «Дар чигунагии нақди адабӣ ва шеваи кори мунаққид», муҳаққиқ Фахриддин Насриддинов «Моро ҷодаи беинтиҳои бозёфту дастовардҳо интизор», коргардон Муҳиддини Музаффар «Театр бояд ба зиндагӣ такон диҳад» низ назари таснифгарро дар боби масоили умдаи адабиёт, нақди адабӣ ва ҳунару фарҳанг такмил медиҳанд. Дар мусоҳибаҳои аввал масоили меҳварӣ ва калидии адабӣ, сирати нақди адабӣ, мушкилоту муаммои равобити илмиву адабӣ бо кишварҳои форсизабонон хеле равшан бозгӯ шудаанд. Кӯшишҳо дар кашфи ойини нақд ва сурату сирати аслии он бобароранд, ҳарчанд бархе аз нуктаҳо баҳсангез ва тавзеҳталаб ҳам ба назар расанд. Аз ҳама муҳим, рӯ овардан ба умқу паҳнои матлаб ва ошкор кардани қазияҳои ниҳон вежагии намоёни нигоштаҳост.

Дар рисолае, ки ба ҷанбаи иҷтимоии шеъри муо-

сир ихтисос дорад, шеъри имрӯз аз лиҳози сохторгарой, мӯҳтаво, ҳунари шеърнависӣ ва тасвирофаринӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, моҳият ва асолати шеър аз диди фарогири шеършиносии суннатӣ ва бо такя ба таҷрибаву шеваҳои корсози шеърфаҳмии модернӣ муайян шудааст. Чеҳраи мунаққид дар ин ҷабҳа на суннатии аз ҳад гузарои суннатгаро, на навпарасти ашадии мухолифи суннат ва суннатпарастӣ пеши назар меояд. Албатта, диду арзёбии модернӣ ва доираи имкони навандешӣ дар дарки шеър бештар пайгирӣ шуда, аммо ин пайгирӣ асосан дар ҳадди огоҳӣ ва нигаҳдошти меъёри қазовати нукоти «кӯҳнаву нав» қарор дорад. Аз ин рӯ, гоҳо аз норасоии диди наву тоза ба шинохти шеър дар байни навпарастон ва адами набудани диққати кофии суннатгароён ба шеъри муосир изҳор назар мекунад, гоҳе дигар муаррифигарони шеъри куҳан ва навро бақазовати нокомил аз равандҳои имрӯз мавриди интиқод қарор медиҳад. Ҳадафи аслиаш бештар он аст, ки вежагиҳои як давраи муҳими адабиёти тоҷик аз диди таҳаввули шеъри иҷтимоӣ баррасӣ гардад. Аз ин рӯ, масоили муҳим шинохти шеър ва падидаҳои иҷтимоии он бо меъёру мизони сареҳ тадқиқ шуда, сабабу омилҳои нерӯмандии ҷанбаи иҷтимоии шеър амиқ ба мушоҳида омадааст.

Яке аз нукоти муҳим таъйини падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри иҷтимоӣ аст. Албатта то замони истиқлол ҷилваи ҳунар дар фазои шеъри иҷтимоӣ мазмуну моҳияти замонӣ дошт. Дар марҳалаи баъд бо густариши чашмандози нави сиёсӣ ва фарҳангӣ таваҷҷӯҳ ба ҷанбаи иҷтимоии шеъри муосир низ тақвият пайдо кард. Ба бардошти муаллиф вусъати камназири худшиносиву худнигарии давраи нави ҷусторҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, густариши арзишҳои миллӣ, маънавӣ, мазҳабӣ, ирфонӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ дар муҳити тоҷикон омили муҳим ва муассири нуфузи ҷанбаи ҳунарӣ дар шеъри иҷтимоӣ бознамо шудаанд. Ба назари муаллифаҳли таҳқиқ дар ин давра бештар саргарми мавзӯъ ва мундариҷаи шеъри иҷтимоии муосиранд ва ба бадеият

ва сохтори ҳунарии шеър – сабк, қонунияти жанрӣ, зарбу оҳанг, тасвиргарӣ камбинанд,ҷанбаҳои ҳунарии шеъри иҷтимоӣ ковишҳои амиқу дақиқро тақозо дорад, зеро дар чанд даҳсола рушди шеъри иҷтимоӣ ба нерӯманд шудани ҷанбаҳои ҳунарии шеър тавъам буд. Аз ин рӯ, ангезиши муҳаққиқ ба ин холигоҳи шинохти шеър безамина нест.

Мақолоти марбут ба нақди шеъри шуаро чеҳраҳои воқеии ҳунарии ононро равшан бозгӯ мекунанд. Ба ҳарфи дигар, дар ойинаи нақдномаҳо симоҳои ростини эҷодии шоирон таҷаллӣ доранд. Ин нақдкомилан ситоишӣ ва таҳсингар нест, балки дар зимни бозрасии ашъор нукоти интиқодӣ низ бозгӯ шудаанд. Ин ҷанба дар арзёбии баъзе шоирони соҳибтаҷриба ва бознамоии хасоиси шеъри шуарои ҷавон ба кор рафтааст. Масалан, дар боби Адиба ин нукта ҷолиб аст, ки «забони баъзе аз шеърҳои шоира аз ҳад зиёд академӣ» шудааст. Аз сӯйи дигар ба шоирони ҷавон Фирдавси Аъзам аз боби «омада» ва ё «оварда» будани шеър ва ба Эҳсон Рачабӣ дар заминаи носозиш будани эҳсосу андеша эрод мекунад. Дар ҳоле ки ноқид қоил аст, ки ин ду дар баёни андешаву нигоҳи шоирона ва тасвирпардозии шеърӣ қадами устувор доранд, ислоҳи эродҳо барои устувор шудани шеър ва равнақи мактаби онон нақши муҳим хоҳад гузошт. Ба ин маънӣ, нақди шеър ҷавобгӯи нақди гузашта дар шинохти маҳосин ва маойиби шеър – ҳусну қубҳи он аст. Мунаққид ба қади расои эҷодии шоирон дар ойинаи ҳусну қубҳи шеър нек назар карда, ҳусни матлуб, дар айни замон, бархе ноҷоӣ ва ношинамии шеърашонро бо камоли завқи наққодӣ пай бурда, ба натиҷаҳои ҷолиб расидааст.

Хати асосие, ки мақолаҳоро ба ҳам мепайвандад, тавъам будани ҷанбаи иҷтимоӣ ва ҳунари шоирӣ дар шеър аст. Дар бархе маврид зарфияти соҳибкитоб ба таъйини заъфи малакаи аҳли таҳқиқ равона шудааст, ки ин гуна тарзи ошкор кардани нуқсу заъф ва ноҳамвориҳо дар таҳқиқ муҳиманд.

Албатта наметавон гуфт, ки ин пажӯҳиш батамом ва комилан бенуқсону расост, аз ин дид, дар баъзе маворид

ноҳамворӣ низ дорад. Дар ин росто, баъзан ба муаллифи хушсалиқаи китоб низ эрод метавон гирифт, ки дар нақду таҳлил ба умқ нарафта ё мавод барои чунин жарфнигарӣ басанда набудааст. Масалан, дар боби таъйини ҷойгоҳи истилоҳи «шеъри сиёсӣ» ва таърихи таҳаввули он ба назарияи муаллифони эронӣ, аз ҷумла Зиёи Муваҳҳид такя дорад, ки аслан дуруст аст. Бо ин ҳама, дар бозгӯи сайри таҳаввули ин навъ шеър хазинаи адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик маводи муҳим дорад. Дар баробари истилоҳоти «шеъри гражданӣ», «шеъри иҷтимоӣ», «рӯҳи гражданӣ», ки аз осори шеърпажӯҳон берун омадаанд, истилоҳи «шеъри сиёсӣ» низ қобили таваҷҷӯҳи ноқидон, аз ҷумла Садриддин Айнӣ будааст. Аз диди ин ноқид Абулқосим Лоҳутӣ «шеърҳои политикиро лирикона» мегуфт ва бунёдгузори «лирикаи политикӣ» дар забони тоҷикӣ ба шумор мерафт (Куллиёт, ҷ. 11, с. 217).

Аз тарафи дигар, пажӯҳанда дар шеваи бозҷустҳои илмиаш аз назариёти пешрафтаи ноқидони номии эронӣ Ризо Бароҳанӣ, Муҳаммади Ҳуқуқӣ ва дигарон баҳра мечӯяд, ки аз муносибати хуби ӯ ба сатҳу савия ва сифати пажӯҳишҳои шеършиносии олимони эронӣ дарак дорад. Ин албатта манбаи муҳими баҳрамандист. Дар баробари ин, шеваи бозҷустҳои чанд пажӯҳишгари шеъри муосири тоҷик аз кишвари мо низ дар чигунагии шаклгирии аслу дарунмояи таҳқиқ ва тафаккури соҳибимтиёзи китоб хеле муассир ба ҷилва омадааст. Аммо боз ҳам хуб мебуд, агар афзун ба ин назариёти ноқидини тирози аввали русиву урупоӣ низ ба доираи хидмати ноқиди ҷавон биёянд, ки дар вусъати назарии ин ҷусторҳо чашмгир хоҳанд буд. Имрӯз яке аз омилҳои умдаи пешбурди нақд ба ҳам созиш додани таҷрибаи адабшиносону ноқидони русиву урупоӣ ва кишварҳои шарқӣ, аз ҷумла Эрон ва суду баҳраи усулӣ бардоштан аз ҷамеъи онҳост. Нақди эронӣ албатта аз ҳисоби ба ҳам овардани таҷрибаҳои умдаи нақдҳои ҷаҳон пеш меравад. Бояд аз ин усул ба кор гирифт ва сари сарчашмаҳои аслӣ бояд рафт.

Бо ин ҳама, пажӯҳише, ки дар ихтиёри мост, то ҷое ба ҳифзи асолат ва бедор сохтани ҳисси ангезаи таҳқиқ банасли нави ноқид мусоидат мекунад. Ин маҷмӯа бо фаро гирифтани масоили муҳими шеъри муосир, корбурд ва таҳлили маводи хубу боарзиш, диди хосу мумтоз, тарзи муносиби ворид шудан ба нақду таҳлили умқӣ, завқи хос ва қобили таваҷҷӯҳи арзёбии даруну беруни шеър, ошкор кардани ҳавою ҳол ва шевоии забони шеър, сабку баёни рангини андеша, натиҷагирии хубу матлуб аз бардошти шеърӣ, истиқболи хуби ҷӯшиши шоирона, ба ҷуз ин ҳама, вуруди жарф ба мағз-мағзи устухони шеър, эҳсоси рагҳои дарунии хунгузари шоирона, сайри дарун-даруни андеша ва ниҳонхонаи фикри расои шоир, равуои дарунӣ ва таҳбатаҳ ба олами мазмун ва маъниофаринӣ, маърифати сириштии эҳсоси нотакрори шоирона ва ғайра ба назар ҷолиб мерасад.

Аз он ки маҷмӯа маҳсули назари шоир ва ноқид аст, дар нигориши мақолот шеваи хуб ва дилчаспи шоиронаи тафсир шеър ба кор рафтааст, ки дар он завқу салиқаи муносиб ба кор рафтааст.

Муҳаққиқ ҷараёншиноси нағзи шеър, мунодии хуби ақидаи пайванди шеър ва иҷтимоъ, эҳтимомгари ашадии пойдор ёфтани шеър дар саҳнаи иҷтимоӣ аст. Ӯ монанди ноқидони аслҷӯ ва сарабин хоҳон аст, ки падидаи шеъри иҷтимоиро ҳамчун ҳунар пеши назари хонанда оварад. Аз диди вай «шеър наметавонад ҳавзаи маъниро ба куллӣ пушти сар гузорад ва худро аз ҳар гуна мӯҳтавои хабарӣ тиҳӣ кунад, то ба сурати маҳз ва ё тасвири маҳз табдил диҳад».

Навиштаҳои муаллиф ва бархе аз назарияпардозони дигари шеъри муосир моро ба ин фикр мерасонанд: **Бисёр нуктаҳое дар замонаш гуфта шудаанд, дар замоне дигар мавриди инкор қарор гирифтаанд, боз ҳам гузашти вақт дурустии онҳоро иқрор кардааст. Дар ин зуҳуроти инкор ё иқрор ё ҳарду ба хушсалиқагӣ ё бесалиқагии мухталифи замонҳо таъсир гузоштаанд.**

Аз мутолиаи мӯҳтавои шеъри давраи ошӯбзадагии

Тоҷикистон хонанда ба ин натиҷа метавонад расад, ки шоирро ҷанг ба ҳоли танг меорад, ки ӯ дар он ҳол «шеър»-ба маънои томи вожа намеофарад, танҳо дар шеърнависӣ ҳарфи рӯзро манзум месозад. **Дар чанд пораи шеър, ки ба сифати намунаи хуб баррасӣ шудаанд, дар бархе маврид, аз ҷумла, дар чанд пораи ашъори бузургони адабиёти мо низ ранги шеърият халал пазируфтааст!**

Аммо ин нуктаро набояд интиқоди шадид кард. Ин нуктаро дар замонаш мунаққиди номвари тоҷик Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ хеле хуб дарк ва арз карда буд: Давраи ҷанг давраи баёни дард ва ислоҳи кори ҷомеа аст, дар чунин ҳолат шоир чандон пайи зебоии зоҳир, ороиш ва пероиши шеър нахоҳад буд. Ба ошкор кардани дарди иҷтимоӣ ва харобиоварии ҷанг ороишу пероиши ҳусни шеър зарур нест, муҳим дармони дард аст. Бо паси сар шудани замони ҷанг ва ошӯбзадагӣ шоир аз нав имкони рӯй овардан ба ҳусни перостаю оростаи шеърро хоҳад ёфт...

Як фазилати китоб баҳсҳои муфассал ва мухтасар бо донишмандоне аст, ки бархе қолабҳои арӯзи озодро дар роҳи инъикоси андешаҳои иҷтимоиву сиёсӣ созгортар медонанд, бархе ба инкори ин кор пардохтаанд ва, дар баробари ин, онҳое накд шудаанд, ки ҷойгоҳи қолабҳои суннатиро дар баёни андешаҳои иҷтимоӣ танг донистаанд, аз ин рӯ, аз сурудани ғазалу дубайтӣ ва рубоии иҷтимоӣ даст кашидаанд. Дар ин нуктаҳо огоҳӣ аз равандҳои он замон ба назар мерасад. Муаллиф бо таҳлилҳои умқиаш кӯшидааст бар пояи радди андешаҳои мухолиф чора ҷӯяд ва, аз ҳама муҳим, нақши даврони дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоиро дар нуру сафову нузҳати хос ёфтани шеър ва ё камрангу берангу урён шудани он бозгӯ кунад…

Субҳони Аъзамзод –
номзади илмҳои филологӣ

ПЕРОМУНИ ҶАНБАИ ИҶТИМОИИ ШЕЪРИ МУОСИР

САЙРИ МУХТАСАРИ ИҶТИМОЪГАРОӢ ДАР ШЕЪР

Ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеър аз масъалаҳои муҳими суханшиносии муосири тоҷикӣ буда, дар ин замина баҳсу мунозираи доманадор сурат гирифтааст, маҳфумҳои шеър ва иҷтимоъ аз рӯи хусусияташон муқобили ҳам қарор доранд. Агар публитсистика рӯй намудани ҳақоиқи зиндагӣ ва воқеоти замон бо фарогирии асноду далелҳои мухталиф бошад, шеър тимсоли зебоӣ, тахайюл ва тасвирҳои ҳайратангез аст ва ба қавле «дурӯғи зебо»-ст. Ба қавли Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Мӯъҷам» «шеър дар асли луғат дониш аст ва идроки маониву ҳадиси соиб ва андешаю истилои рост ва аз рӯи истилоҳ суханест андешида, мураттаби маънавии мавзун, мутакаррири (такрорёбандаи) мутасовӣ (ба ҳам баробар), ҳуруфи охирини он ба якдигар монанд» (9, 4).

Оё имкон дорад, ки ин мафҳумҳои мухолиф ба ҳам оянд ва созиш кунанд? Ва ин омезиш дар раванди кунунии шеъри муосир оё ба шоирон даст додааст?

Вақте аз иҷтимоиёт ва унсурҳои он дар шеър ҳарф мезанем, суолҳои зерин ба миён меоянд:

Аввалан, ба ҳам омадани шеър ва ҷанбаи иҷтимоӣ чӣ гуна сурат гирифт, чӣ омилҳо дошт, ин раванд ба шеъри муосир чӣ дод? Оғози ин омезиш аз куҷост?

Сониян, ҷанбаи иҷтимоии шеъри суннатӣ кадом хусусиятҳоро дар бар дошт ва «шеъри нав» аз он ба кадом шеваҳо баҳра бардоштааст. Умумият ва тафовути ҷанбаи иҷтимоии шеъри куҳан ва нав дар чӣ зоҳир мешавад?

Солисан, вуруди ҷанбаи публитсистӣ ба шеър – шакл, мавзӯъ, маънӣ, тасвир, сабку услуби он чӣ таъсире гузошт?

Дар посух ба ин суолҳо баҳсу мунозираҳое сурат гирифта ва то имрӯз идома доранд (М. Турсунзода, М. Шу-

куров, Ғ.Мирзо, А.Сайфуллоев, А.Шукӯҳӣ, Ш.Раҳмонов, М.Қаноат, А.Ҳаким, Г.Келдӣ, Д.Наҷот ва дигарон). Агар гурӯҳе вуруди ҷанбаи иҷтимоӣ ба шеърро напазиранд, иддае ҷонибдори ин тамоюланд. Ба андешаи Иржи Бечка «ба сиришти шеър низ имкон дода шуда, ки нисбат ба вазъияти сиёсӣ ба суръат вокуниш нишон диҳад» (1, 280).

Бо вуҷуди он ки публитсистика ва шеър дар муқобили ҳам қарор доранд, шеъри тоҷикӣ аз оғоз бо иҷтимоиёт пайванд дорад ва ин пайвастагӣ аз сарчашмаи пурбори адабиёти тоисломӣ ва классикии форсии тоҷикӣ маншаъ ва реша мегирад. Шеъри тоҷикӣ аз давраи бостон бо зиндагии иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар бархӯрд ва пайвастагии комил қарор дошт. Ибни Сино ба ин маънӣ гуфтааст, ки «шеърро гоҳ барои тааҷҷуби танҳо месароянд ва гоҳе барои ғаразҳои иҷтимоӣ мегӯянд, чунонки ашъори юнониён ҳамин тавр будааст. Ғаразҳои иҷтимоӣ яке аз ҷинсҳои сегона хоҳанд буд, яъне умури сиёсӣ ё мушовириёт (муҳокимаҳои сиёсӣ) ва қазоӣ ё мушоҷириёт (мунозираҳо) ва ситоишҳову накӯишҳо ё мунофириёт» (2, 74).

Робитаи бевоситаи шеър ва ҷаҳони иҷтимоъ аз оғоз амри маъруф будааст, аммо аксари муҳаққиқон бар он андешаанд, ки вуруди иҷтимоиёт шеърро хушк, берӯҳ ва аз ҷиҳати маънӣ ва тасвир заиф месозад. Аз ҷумла, ҷонибдорони мактаби «ҳунар барои ҳунар» ба шеър ба унвони шеър таваҷҷӯҳ доштанд ва онро орӣ аз ҳама ҳадаф медонистанд. Онҳо мӯътақиданд, ки ҳунар офариниш аст ва ҳунари шеър офариниш бо забон ва дар ин радиф муқобили ба ҳам омадани шеър ва иҷтимоиёт мебошанд. Метавон гуфт, ки бо вуҷуди ин қадар мухолифат пайванди шеър ва иҷтимоиёт ҳаргиз гусаста нагашта ва ин ҳол рӯз аз рӯз қувват мегирад.

Шеър ҳамеша дар робита бо иҷтимоиёт пойдор буда, ин пайванд вобаста ба вазъи замон гоҳе бештар, гоҳи дигар камтар ҳис мешавад. Аксари мунаққидон мӯътақид

ҳастанд, ки адабиёт ҳамин вазъи иҷтимоии мост.

Зиёи Муваҳҳид – муаллифи китоби «Шеър ва шинохт» дар натиҷаи омӯзиши шеъри сиёсии Эрон ба ин натиҷа расидааст, ки оғози шеъри иҷтимоии форсӣ аз қарнҳои куҳан ибтидо гирифта ва «аз қарни савуми ҳичрӣ ва ба китобат даромадани забони дарӣ дар қарни чаҳорум то имрӯз анвои шеъри сиёсиро аз мадҳу зам ва сарзанишу панд то мухолифат доштаем» (3, 37).

То оғози асри XX дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шеъре ба унвони шеъри иҷтимоӣ ё шеъри сиёсӣ шинохта набуд, дар фарҳангҳои адабӣ низ истилоҳи шеъри сиёсӣ вуҷуд надошт. Зиёи Муваҳҳид мӯътақид аст, ки дар вожаномаҳо «шеъри ғиноӣ», «шеъри ҳамосӣ» ва бисёр истилоҳоти дигар дида мешаванд, аммо «шеъри сиёсӣ» дар ин миён ба назар намерасад (3, 38).

Дар адабиёти тоҷикӣ баъд аз инқилоби соли 1917 ва зуҳури адабиёти навини шӯравӣ иҷтимоиёт дар шеър ба сифати як мухтасоти шеърӣ шинохта шуд.

Аз диди адабиётшинос Абдунабӣ Сатторов шеъре, ки ба мавзӯъ ва масоили муҳими ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ бахшида шудааст, шеъри иҷтимоӣ аст, ки ин навъ шеърро маъмулан дар танқиди адабии мо «шеъри граждани» меноманд (5, 217). Дар оғози асри XX истилоҳҳои «шеъри граждани», «шеъри иҷтимоӣ» ва «рӯҳияи граждани» падид омаданд, ки тадриҷан ба сифати ҷанбаи иҷтимоӣ шинохта шуданд. Вуруди ҷанбаи иҷтимоӣ ба шеъриятоҷикӣ баъд аз инқилоби шӯравӣ барои ба миён омадани раванди шеър ба унвони «шеъри иҷтимоӣ-сиёсӣ» боис гардид, «шеъри тоҷикӣ саросар сиёсӣ шуд»(8,107). Аммо ин нуктаро набояд ба ин маънӣ қабул кард, ки шеъри иҷтимоии тоҷикӣ аз асри XX ва баъд аз инқилоби шӯравӣ оғоз ёфтааст, зеро вусъати пайванди шеър ва иҷтимоъ дар осори ниёгони мо: Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷан-

дӣ, Бедил ва дигарон ба амал омадааст. Ин шоирон кӯшиш доштанд, ки ҳамнафаси халқ бошанд ва дар ашъорашон масоили марбут ба зиндагии мардумро инъикос намоянд. Маълум аст, ки мероси классикӣ асосан хусусияти тарбиявӣ дошт, мавзӯъҳои фалсафию ирфонӣ, панду ҳикмат, эҳсоси баланди инсонӣ, ситоиши зебоӣ, караму мардонагӣ ва далерии одамонро тараннум мекард, дар баробари ин, дар ашъори ниёгон шоҳиди мавҷудии аносири иҷтимоӣ мегардем. Гарчанд сухангустарони назми форсу тоҷик ашъори сирф иҷтимоӣ камтар сурудаанд, дар нигоштаҳояшон ба муаммои зиндагӣ, аз ҷумла беадолатии иҷтимоӣ, золимии шоҳону амалдорон, зиндагии сангини мардуми бечораҳол дахолат кардаанд.

Шеъри классикии тоҷик аз асри X бо воқеоти зиндагӣ пайванде пайдо карда, расму оин ва равиши зиндагии табақаҳои ҷамъиятиро инъикос намудааст. Саршор будани ҷанбаи иҷтимоӣ дар эҷодиёти Рӯдакӣ ин хулосаи моро тақвият мебахшад. Ҳарчанд ӯ роҷеъ ба сиёсат асари алоҳидае эҷод накардааст, дар рубоиву ғазал ва қитъаву қасидаҳояш афкори пурқимате дар бораи давлатдорӣ, ҳифзи ҳокимияти сиёсӣ, зулм накардан ба раиятро дар пероҳани зебои бадеӣ баён намудааст (4, 6).

Баъдан дар асрҳои сонӣ, ба миён омадани асарҳое, мисли «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ ва ғазалу мухаммасҳои иҷтимоъгароёна ба вусъат ёфтани вуруди иҷтимоиёт ба шеър мусоидат кард.

Ғазали машҳури Ҳофизи Шерозӣ «Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам» намунаи беҳтарин барои исботи гуфтаҳои мост. Ғазали мазкур фарогири масоили иҷтимоиёт аст, зеро матолиби муҳими ҷомеаро бо сӯзу гудоз инъикос мекунад:

Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам?
Мардумон рӯзи беҳӣ металабанд аз айём,

Иллат он аст, ки ҳар рӯз батар мебинам (6, 440).

Дар нимаи аввали қарни XVI мактаби тозае бо номи «мактаби вуқӯъ» ба вуҷуд омад, ки шеъри форсиро аз «сурати хушку берӯҳ»-и қарни XV берун овард ва дар нимаи дувуми қарни XVI ба авҷи камоли худ расид. Ин раванди тоза баёни ҳолати ишқу ошиқӣ аз рӯи воқеиятро тақозо мекард. Пайравони ин мактаб шеъри содаи бепироя ва холӣ аз ҳар гуна саноеи лафзӣ ва иғроқи шоирона месуруданд.

Аз он боис, ки шеъри вуқӯъгароён дур аз санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ – ирсоли масал, киноя ву истиора ва иҳому ибҳом, балки софу сареҳ ва забони ҳол буд, ба вусъати рушди шеъри иҷтимоӣ мусоидат кард.

Ин омил далели он аст, ки адабиёт ва иҷтимоиёт бо ҳам пайванди ҳамешагӣ доранд ва тазоҳури таҳаввули тозаи адабӣ бар авомили сиёсӣ ва фикрии ҷамъият марбут аст, зеро шоири ҳақиқӣ аз халқ ва шеъри воқеӣ аз ҳодисоти зиндагӣ ҷудо буда наметавонанд. Ба гуфтаи Расул Ҳодизода «мутафаккирони форсу тоҷик барои ифодаи афкору ақидаҳои фалсафию иҷтимоӣ ҳамеша аз воситаҳои адабиёти бадеӣ истифода менамуданд. Қиссаи Абӯалӣ Сино «Ҳай ибни Яқзон», қиссаҳои манзуми Искандари Мақдунӣ дар эҷодиёти Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ, ҳикояти машҳури «Саломон ва Абсол» дар танзим ва тавзеҳи Ҷомӣ ва монанди ин бисёр образ ва мазмунҳои бадеӣ ҳам дар фаъолияти мутафаккирони мо барои ифода намудани афкори пешқадами илмию фалсафӣ ва ақоиди сӯфиёна аз воситаҳои муҳиме буданд» (7, 60).

Ҳамин тавр, аз оғоз таваҷҷӯҳи шоирони мо ба баррасии масоили марбут ба зиндагӣ ва мушкилоти мардум зиёд буд ва онҳо барои инъикоси ҷанбаи иҷтимоӣ тамоми ҳунару истеъдоди шоириашонро истифода менамуданд.

Баррасии иҷмолии баҳсҳо роҷеъ ба шеъри иҷтимоӣ ба натиҷаҳои зерин мерасонад:

1. Пайдоиш ва зуҳури ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеъри фор-

сии тоҷикӣ собиқаи тӯлонии таърихӣ дорад ва иҷтимоъгароӣ аз адабиёти бостон то имрӯз дар шаклу намудҳои гуногун арзи вуҷуд кардааст.

2. Бо вуҷуди зиёд будани баҳс дар мавриди вуруди ҷанбаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба шеъри тоҷикӣ пайванди шеър ва иҷтимоиёт ҳаргиз гусаста нашуда ва иҷтимоиёт, ки фарогири паҳлӯҳои мухталифи рӯзгори ҷомеа аст, дар адабиёт, бахусус, дар шеъри тоҷикӣ торафт вусъат пайдо кардааст.

Пайнавишт:

1. Бечка И. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон / Мутарҷимон М. Ибодиён, С. Ҳиҷрондӯст.–Теҳрон: Маркази мутоилот ва таҳқиқоти фарҳанги байналмилал, 1372.
2. Зарринкӯб А. Арасту ва фанни шеър.–Теҳрон: Амири кабир, 1382.–220 с.
3. Муваҳҳид З. Шеър ва шинохт.–Теҳрон: Марворид, 1377.–292 с.
4. Салоҳиддинов И. Рӯдакӣ то ҷовидон ояд ҳаме // Омӯзгор.–2002.–12 июл.–№28.
5. Сатторов А. Нуқтаи пайванд.–Душанбе: Ирфон, 1982.–240 с.
6. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт.–Душанбе: Ирфон,1983.–672 с.
7. Ҳуқуқӣ М. Шеъри нав (аз оғоз то имрӯз).–Теҳрон, 1377.– Ҷ. 1.–903 с; Ҷ. II.–1184 с.
8. Шакурӣ М. Шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ // Рӯдакӣ.– 2001.–Соли дувум.–Шумораи дувум.
9. Шамси Қайси Розӣ. ал-Мӯъҷам.–Душанбе: Адиб, 1991.–464 с.

МАРҲАЛАҲОИ РУШДИ ШЕЪРИ ИҶТИМОӢ

Шеъри иҷтимоии муосири тоҷикӣ дар чаҳоряки охири асри XX чанд марҳалаи инкишофро аз сар гузаронида, дар сохтор, дарунмоя, шакли зеҳниву зоҳирӣ таҳаввули зиёд падид овардааст. Бешубҳа, чунин тағйирпазирӣ ба вазъи иҷтимоиву сиёсии ҷомеа робита дорад.

Чаҳоряки охири қарни XX солҳои пуртуғёни таърихии кишвар маҳсуб мешавад. Дар ин солҳо миллати тоҷик бо аз сар гузаронидани гирудорҳои куллии сиёсиву иҷтимоӣ, аз ҷумла бозсозиву ошкорбаёнӣ ба истиқлоли миллӣ ва давлатӣ ворид гардид. Рухдоди дигар дар ин марҳала ҷанги бародаркуш буд, ки чанд сол давом кард. Пайдост, ки ин ҳама воқеоти зиндагӣ ба адабиёт бетаъсир намонд. Ба мушоҳидаи адабиётшинос Матлубаи Мирзоюнус (Хоҷаева) «адабиёти асил ҳамвора рӯҳи замони худро ифода мекунад ва, аз ин рӯ, таҳаввулоти азими рӯзгор ногузир дар ҷаҳонбиниҳо, дидгоҳҳо, равишҳо, мактабҳо, ҷараёнҳо ва сабкҳои ҳунариву адабӣ мунъакис мешавад» (27, 143). Ба мушоҳидаи адабиётшинос Умар Сафар «агар дар адабиёт таҳаввулу дигаргуние рух дода, он ҳам натиҷа ва зодаи авзоъ ва аҳволи иҷтимоӣ аст» (35, 157).

Ба ин тариқ, ҳар масъалаи сиёсиву иҷтимоӣ мавзӯи шеъри иҷтимоии даҳсолаҳои охири қарни гузаштаро ба миён меоварданд. Муҳаққиқон вожаи «мавзӯъ»-ро ба сифати воҳид ё категорияи мундариҷа, яъне «дар бораи чӣ будани асар» шинохтаанд. Ба мушоҳидаи донишмандони гузаштаву имрӯза Шамси Қайси Розӣ, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шарифов, Абдунабӣ Сатторзода, Маликушшуарои Баҳор, Маҳмуди Каёнуш ва дигарон «мазмуни асар на танҳо предмети тасвир, балки фаҳмишу идроки муаллиф ва баҳои ӯ ба объективи-

яти тасвир аст...» (36, 58) ва мазмуну шакли асари бадеӣ ба ҳам марбутанд.

Баррасии мазмуну мӯҳтавои шеъри иҷтимоӣ бояд хеле ҷиддӣ сурат гирад, зеро, мусалламан,он дигаргуниҳои куллии ҷомеа ва сифатмандии онро бештару беҳтар тасвир менамояд.

Мавзӯъ ва мазомини ашъори иҷтимоии ду даҳсолаи охири қарни гузашта тағйирёбандатар аз мавзӯъ ва мазомини шеъри солҳои пеш ба назар мерасад.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Абдураҳмони Абдуманнон, Юсуф Акбаров шеъри иҷтимоии ибтидои солҳои 90-уми асри XX-ро аз лиҳози баёни мавзӯъ ва нигориши шоирона ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, эҷодиёти гурӯҳи калони шоиронро ба пастии сатҳи мавзӯъ, арзиши дарунмоя ва ороишу пероиши каломи шоирона айбдор кардаанд. Ба ақидаи мунаққидон, агар ба ин маҳсул аз рӯи меъёри аслии шеърнависӣ назар афканем, ба шеър иртиботе надоранд, сатҳи шеърро поён бурданд, шеърро ба майдони сиёсатзадагӣ ва савдогарӣ кашиданд. Ин андеша нодуруст нест, аммо гунаҳкор кардани шоирон бояд тибқи кадом меъёр сурат бигирад? Ба назари мо ин равиш тибқи авомили сиёсиву иҷтимоӣ сурат гирифта ва сиёсат муайянгари назару ақидаи шуаро гаштааст.

Метавон гуфт, ки пастии сатҳи мавзӯъ аз каммоягии гӯянда аст. Пастии дарунмояро аз махсусияти замона метавон шинохт. Пастии ороишу пероиши каломи шоиронаро аз камзарфии ҳунари шоир донистан мумкин аст.

Албатта, ҷанбаи иҷтимоӣ ва истифодаи нодурусти он метавонад шеърро аз нигоҳи бадеияти кул ва мӯҳтавои олӣ ба сатҳи паст фарорад, аммо, бояд таъкид кард, чунин ҳолат танҳо дар сурате рӯй медиҳад, ки шоир шеър ва иҷтимоиётро бо ҳам созиш дода натавонад ва ҷанбаи иҷтимоиро ба хитобаву даъватҳои бемаврид бадал намояд.

Омӯзиши дарунмоя, мавзӯъ ва мазомини шеърҳои

охири асри XX ва ибтидои асри XXI имкон медиҳад, ки аз рӯи баёни мавзӯъ ва мӯҳтаво се марҳалаи рушди шеъри иҷтимоиро мушоҳида намоем. Омили асосии ин таснифот дар фурсати кӯтоҳи таърихи кишвар ба амал омадани воқеоте мебошанд, ки вазъи сиёсии ҷомеа, ҳамзамон мавзӯъ ва мундариҷаи адабиёт, пеш аз ҳама шеъри иҷтимоиро ба куллӣ дигар карданд. Ин дигаргуниҳо боиси дигар шудани мавзӯъҳои шеър дар чанд сол гардиданд ва ҳатто дар муқобили ҳам қарор гирифтанд.

Марҳалаи аввал – аз оғози солҳои 80-уми асри XX то давраи бозсозӣ ва ошкорбаёнии горбачёвӣ (1980-1985);

Марҳалаи дувум – аз оғози ошкорбаёнӣ ва бозсозии горбачёвӣ то фаро расидани Истиқлоли миллии Тоҷикистон (1985-1991);

Марҳалаи севум – пас аз ба истиқлол расидани кишвари Тоҷикистон то имрӯз.

Дар ҳар се марҳала мӯҳтавои шеър гуногун буда, мавзӯъҳо ба куллӣ аз ҳам тафовут доранд, ки ин таъсирпазирӣ аз вазъи ҷомеа аст, зеро шеъри иҷтимоӣ оина ва таҷассумгари замон мебошад.

Марҳалаи аввал (1980-1985). Дар ин солҳо асосан мадҳу ситоиши ҳизби яккатози коммунист, васфи ҳаёти осоишта, саодати халқ, меҳнати ҳалол, сулҳу осоиши кишвар муҳимтарин мавзӯоти шеъри иҷтимоӣ буданд. дар шеърҳои ин давра оҳанги эътироз ва норизогӣ ба мушоҳида мерасад. Шеъри ин марҳала ба андозае махсусияти васфиро касб карда, давоми мантиқии шеъри иҷтимоии солҳои 60-70-уми асри гузашта будааст, чунончи:

Матлаи фардост, ҳар ҷое, ки бошад комунист!
Дасти ҳалқ болост ҳар ҷое, ки бошад комунист!
Эй ки меҷӯӣ зи ҳикмат меҳвари дунё куҷост?
Меҳвари дунёст ҳар ҷое, ки бошад комунист.
(17, 399)

Шоир дар ин шеър ҳизби коммунистиро тараннум

карда, коммунистонро созандагони ҷамъияти озод медонад, зиндагиро саршор аз сарсабзиҳо менигорад, ки ба ҳамин маънӣ ашъори иҷтимоӣ хеле зиёд суруда шудааст.

Мавзӯоти шеъри ин давра ба ин шарҳ қобили мулоҳиза аст:

а) Васфи зани меҳнаткаш ва пахтакор аз мавзӯъҳои аввалиндараҷаи шеъри иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Шоирон баҳри тавсифи пахта ва пахтачиндухтар тамоми маҳорати нигорандагиашонро ба кор бурдаанд:

Замин тахти равони туст,
Тахти ҷовидони туст.
Ба рӯи он мисоли шоҳдухтар менишинӣ ту,
Чу ӯ аз бозии қисмат камиеро набинӣ ту.
Ту, эй дасти заминпарвар,
Ту, эй ҳусни заминоро,
Ту, эй қадди хами шаҳдухтари меҳнаткаши тоҷик!
Ба ман омӯз расми бар замин таъзим бинмудан,
Ки ин шеъри «сафеди» ман шавад бар пахтаат монанд,
Ва ё монанди ту бошад ҳамеша бо замин пайванд.
(17, 370)

Тараннуми пахтачиндухтар, тавсифи меҳнати ҳалоли ӯ мавзӯе буд, ки тамоми шоирон бар он таваҷҷӯҳ доштанд. Пахтачиндухтарро ба сифати «шоҳдухтари майдони кор», пахтаро ҳамчун «тиллои сафед» тасвир мекарданд. Қурбони ёри пахтачин будан, аз меҳнату заҳматаш ифтихор намудан, дар ситоишаш сухан гуфтан асоси шеъри иҷтимоӣ гашта буд.

Ситоиши зани пахтакор, меҳнати ҷоннисоронаи ӯ баҳри ободии Ватан дар аксари шеъри иҷтимоӣ ба назар мерасад. Чунончи:

Ҷаҳду ҷадали туро Ватан мехоҳад,
Гулкории обро чаман мехоҳад.
Хоҳад зи ту кӯҳ-кӯҳ тиллои сафед,
Баҳри сифатат зи ман сухан мехоҳад (19, 19-20).

Дар ин шеър созиш ва ба ҳам омадани мӯҳтавову ҳис ва андеша мушоҳида намешавад. Аносири шеърӣ низ чандон пурбор нест, диду тахайюли шоирона аслан ҳузур надорад, унсурҳои тасвирсоз низ дар офариниши тасвир нақши бориз надоранд.

Мақсади шоир тавсифи пахтачиндухтар аст. Ӯ барои расидан ба мақсад мӯҳтаворо равшан тасвир накарда, мебинем, ки тасвир чандон шоирона нест. Шабеҳҷӯии пахтачиндухтар ба об, Ватан ба чаман, меҳнату заҳмати пахтачинон ба гулкорӣ матлаби аслии шоир – ёри пахтчинро равшан накардааст. Тасвир нопурра аст ва хотирмон нест. Ибораи «ҷаҳду ҷадал» низ ба тасвири шеър ва мӯҳтавои он халал расонидааст. Маъмулан, ҷадал кардан амали ситезиданро мефаҳмонад, ки дар баробари ҷаҳд ҳаммаъно шуда наметавонад. Маънии шеъри мазкур бошад, мӯҳтавои тавсифиро ифода мекунад. Ҷаҳду ҷадал ва кӯшишу ғайрати пахтачинон чандон саҳеҳ ифода нашудааст. Санъатҳои лафзӣ низ мушоҳида нашуд.

Ҳамин тавр, яке аз хусусиятҳои шеъри ин давра «хушку берӯҳ» ворид шудани андешаи иҷтимоӣ ба фазои шеър аст, ки намунаҳои он дар ибтидои солҳои ҳаштодум хеле зиёд ба назар мерасанд.

б) Тараннуми пахта ва пахтакорӣ мазмуну мӯҳтавои аксари шеърҳои иҷтимоии ин марҳала ба шумор меравад:

Пок чун номуси деҳқони асил,
Чун дили кӯдак ту беолоишӣ.
То ту осоӣ, надорад рӯзу шаб
Марди деҳқон роҳату осоише (17, 383).

Дар ин давра ситоиши пахта ва заҳмати деҳқон барои ба даст овардани ганҷи Ватан, қудрати душманшикан, обрӯву эътибори Ватан, сарбаландии халқ донистани пахта дар ашъори иҷтимоӣ маъмул гардидааст:

Пахтаро деҳқон чу тифли хештан парво кунад,
Баски дар покиву нармӣ пахта мисли кӯдак аст.

Дар васфи «тиллои сафед» Гулрухсор гуфтааст:

Пахта гуфтам, заҳмати хорошикан омад ба ёд
Пахта гуфтам,
Хонаам,
Мулкам,
Дилам
Обод шуд.
Қудрати душманшикан,
Фатҳи ватан омад ба ёд (2, 80).

Ин гуна мазмун дар ашъори М.Қаноат, А.Ҳаким, Қ.Киром, Лоиқ, Гулрухсор, Гулназар ва шоирони дигар ба касрат дучор меояд. Дар васфи деҳқони хокпош ва меҳнати пуршарафи ӯ аз ҳама бештар Лоиқ сурудааст. Шеърҳои «Деҳқони хокпош», «Суруди меҳнат», «Пахта», «Достони дастҳо» ва ғайра ҳамин гуна мавзӯъро баррасӣ мекунанд.

в) Бештари ашъор мазмуни тарғибу ташвиқи коммунизми шӯравиро дошта, шукргузорӣ аз ҳаёти босаодати халқ, рушди бемонанди кишвари шӯравӣ, инкишофи илму техника ва ғайра дар мадди назари шоирони иҷтимогарои давр қарор доштанд. Шоирон кӯшиш намуданд, ки идеологияи шӯравиро ба дараҷаи олӣ тарғиб намоянд:

Ин ҷаҳон бедор шуд аз ҷунбуҷӯши Комунист,
Рози дунё мерасад аввал ба гӯши Комунист.
Як замон бори замин будаст бар дӯши самак,
Ин замон афтода бори ӯ ба дӯши Комунист (Лоиқ).

Дар ин марҳала шеъри иҷтимоъгаро аз лиҳози дарунмоя баёнгари мазмунҳои муҳими ҳаёти ҷомеа, комёбиву дастовардҳои мардум ва сиёсати пешгирифтаи ҳукумати шӯравӣ буда, шеъри иҷтимоӣ бештар хусусияти таблиғӣ касб кардааст. Шоирон дар зиндагӣ ба воқеоти рӯзгор оптимистона назар дошта, аз норасоии мавҷудаи ҷомеа сарфи назар менамуданд. Иллати ин падида ба чунин омилҳо алоқаманд аст:

а) Дар ин марҳала чун пештара давлат дар мавриди

адабиёт дар назди шоир ва шеър дастурҳои расмӣ ва вазифаҳои мушаххас мегузошт.

б) Шоирон дар интихоби мавзӯъ ва бандубасти мӯҳтаво истқилоли комил надоштанд.

в) Дар ин марҳала мазмунҳои фалсафӣ, ирфонӣ, таърихӣ ва асотирӣ дар шеъри тоҷикӣ ҷойгоҳи мушаххасе надоштанд.

г) Бо ҳама ситоиши идеологияи ҳизби яккатоз ва ҳукмравои коммунистӣ дар ин давра ашъори иҷтимоие низ ба назар мерасанд, ки мазомини танқидӣ ва эътирозӣ доранд. Эътирози иҷтимоӣ бештар дар ашъори шоирони ҷавон Бозор Собир ва Гулрухсор қобили мушоҳида аст:

Эътирозу танқид масъалаҳои нисбатан хурди иҷтимоиро дар бар гирифта, аксар, шоирон дар ашъори ғайрииҷтимоӣ мисраъ ё байти эътирозиро вориди шеър месохтанд.

Дар шеърҳои «Прометей», «Алла барои бузургон», «Тарс дорӣ», «Хати ботил»-и Гулрухсор оҳанги ноаёни эътироз эҳсос мешавад. Масалан, дар шеъри «Прометей» гарчанде ҳадафи аслии шоир баёни мӯҳтавои иҷтимоист, ӯ ин мӯҳтаворо фақат дар мисраъҳои охири шеър ҷой додааст:

Ҳамедуздӣ оташро,
Ба ҷонат ҷабр бинмуда,
Агар донӣ танӯри хонадоне сарду
бенон аст?
Прометей?! (2, 119).

Шоир бо Прометей ба гуфтугӯ меояд. Бо тамсили қиссаи Прометей андешаи иҷтимоӣ баён шудааст. Аз ин ҷиҳат хонанда мӯҳтавои иҷтимоӣ ва мақсади шоирро ба осонӣ дарк карда наметавонад. Ба назар чунин мерасад, ки шоир аз иҷтимоиёт аслан чизе гуфтанӣ нест. Ин ҷо дар баёни андеша шеваи ифодаи самбулӣ ба хидмат расидааст. Ҳамзамон, мисраъҳои «Аё, парвардигор, ҷони оташпарварам нагзор!», «Шарори охирини эътиқоди ман, биё!»,

«Ман аз ту сахт домангир» хонандаро маҷбур месозад, ки андеша кунад, чаро шоир чунин гуфтааст ва мисраи «Агар донӣ, танӯри хонадоне сарду бенон аст» то андозае мақсади иҷтимоиро равшан менамояд. Бо вуҷуди ин, табиист, ки дар шеърҳои иҷтимоии ин марҳала заифии эътирозу норизогӣ ва баён нагардидани роҳи ҳалли масоили мавриди баррасишаванда эҳсос мешавад. Заъфи андешаҳои иҷтимоии эътирозӣ пеш аз ҳама ба вазъи сиёсии ҷомеа иртибот дорад. Усули эҷоди адабии шӯравӣ имкон намедод, ки баёни воқеият ба таври равшан сурат бигирад.

Маълум аст, ки сурат ва шакли шеър ба мӯҳтавои шеър марбут аст. Алиасғари Шеърдӯст мӯҳтаворо «яке аз аносири аҷзои ташкилкунандаи шеър» медонад ва мегӯяд: «Бо таваҷҷӯҳ ва такассури (бисёрии) мавзӯоте, ки метавонад андаруни шеър бошад, мӯҳтаво метавонад тағйири ҷузъ дар сохтмони шеър ба ҳисоб равад» (41, 75).

Бозгардонидани асолати воқеии шеър ҳам дар шакли зоҳирӣ, ҳам дар шакли зеҳниву мӯҳтавои шеъри иҷтимоӣ зарур буд ва ин матлабро шоирон ба расму шеваи мухталифе дарк намуданд.

Дар ин марҳала падид омадани шеърҳои эътирозӣ (бо вуҷуди заъфи эътироз) нахустин қадамҳо дар ҷодаи бедорӣ буданд:

Як парча замин дорем, рӯяш пури захм,
(Эй зиндаи асри бист, ҷонат аз санг!)
Дар кӯдакӣ гаҳвора ҷаҳони мо буд,
Имрӯз бузургему ҷаҳон моро танг (2, 127).

Аз мисраи «Эй зиндаи асри ХХ, ҷонат аз санг» маълум мешавад, ки шоир аз ҳодисот ва воқеоти иҷтимоиву сиёсии ҷамъият норозӣ аст. Аммо шоир эътирозашро ошкор иброз намедорад. Ӯ ба баёни он ки мардум мисли санг ҷонсахтанду ин ҳама ноҷӯриро таҳаммул мекунанд, қаноат кардааст. Ҳатто ҳамин андеша низ далерона баён нашудааст, зеро агар мутаваҷҷеҳ шавем, оҳанги духӯраро

дар ин мисраъ пайдо мекунем.

Ҳамин тариқ, дар ин марҳала (1980-1985) тараннуми ҳизби яккатози коммунист, васфи пахта – боигарии давлат, меҳнати суботкори қаҳрамонони ҷодаи меҳнат, бахусус, занони пахтачин, зиндагии босаодати мардум, сулҳу суботи ҳамешагиро дарунмоя ва мӯҳтавои шеъри иҷтимоӣ донистан мумкин аст.

Марҳалаи дувум (1985-1990). Дар ин марҳала шоирон Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Гулназар, Аскар Ҳаким, Озод Аминзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Низом Қосим, Раҳмат Назрӣ, Зулфия Атоӣ, Ҳақназар Ғоиб, Доро Наҷот, Муҳаммад Ғоиб, Камол Насрулло, Саидалӣ Маъмур эҷодиёташонро ба сифати гӯяндаи муваффақ дар заминаҳои мухталифи сароиши шеър идома доданд ва дар канори онҳо шоирони нисбатан ҷавоне чун Сиёвуш, Фарзона, Салими Зарафшонӣ ба майдони адабиёт омада, дар ҷодаи шеъру шоирӣ қадами шогирдона гузоштанд.

Аз нимаи дувуми солҳои 80-уми асри XX тарзу шеваҳои зиндагӣ, савияи шууру тафаккури сиёсию иҷтимоӣ ба таҷдиди назар ниёз пайдо намуд. Зуҳури бозсозӣ, ривоҷи афкори демократӣ ва ошкорбаёнӣ иртиботи воқеият шеърро боз ҳам пуркувват гардонид. Шеърҳои иҷтимоии ин марҳала аз лиҳози дарунмоя ба куллӣ аз мавзӯъ ва мазомини шеърҳои марҳалаи аввали даҳаи 80-ум тафовут доранд. Пеш аз ҳама, шеъри ин даврараро оҳанги эътироз ва норизоӣ фаро гирифт. Агар дар оғози солҳои 70-80-ум ҳизби коммунист маҳаки сарсабзӣ шинохта шуда мавзӯи асосии шеъри иҷтимоӣ гардида бошад, дар марҳалаи сонӣ – давраи ошкорбаёниву бозсозӣ акси ин андеша дар шеър ҷойгоҳ пайдо кард. Беадолатии иҷтимоӣ, норизоӣ аз ҳизби коммунист, душвории рӯзгор, танқиди амалдорон, нафрат бар машаққати занон, даъват ба бедорӣ, рӯй овардан ба асолати миллиро мавзӯъҳои муҳими шеъри иҷтимоии

марҳалаи бозсозӣ шинохтан мумкин аст:

Эътироз ва нафрат ба гузаштаи наздик бештар дар ашъори Бозор Собир, Гулрухсор ва Лоиқ ба назар мерасиданд. Бахусус, Бозор Собир ин тамоюл – норизоӣ аз ҳизби коммунистро дар ашъораш ба нуқтаи авҷ расонид. Дар ин гуна ашъор ошкоро норизоӣ ва эътироз ба авзои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа ба шеваҳои мухталиф ироа гардид ва гирифтории мардум ба чунин рӯзҳои сангин аз беадолатии сарварону амалдорони ҳукмрон ва ҳизби яккатози коммунист дониста шуд. Бозор Собир беҳтарин намунаҳои шеъри эътирозиро дар ин марҳала ба вуҷуд овардааст. «Депутат», «Соли 1990», «Одамҳои мошин», «Дар бунёди растохез», «Девори Бухоро» бо лаҳни ошӯбомезе эҷод шудаанд. Масалан, дар шеъри «Депутат» дар ҳар банд як муаммову душвории зиндагӣ фошофош гуфта мешавад:

…Як тан аз халқи кабиру
Даҳ тан аз як хонаи мо.
Хизмати ҳарбӣ гирифтанд,
Ин нагуфтӣ ту ба шӯро.
Кӣ ба дастат дод мандат,
Депутат? (6, 11).

Дар шеърҳои иҷтимоии ин давра на танҳо муаммои рӯз, балки моҳияти онҳо баррасӣ шудаанд. Шоирон кӯшидаанд, ки сабабҳои ба миён омадани мушкилот ва гунаҳкорони онро пайдо созанд. Ба ин маънӣ, чустучӯи роҳҳои ҳалли муаммоҳо низ аз муҳимтарин падидаҳои тозаи шеъри иҷтимоии ин марҳала ба шумор меравад:

Пахта Шарқи сурхро хурд.
Ту нишин дар гӯш пахта.
Халқ оби пахта нӯшид,
Шуд шикамҳо пахтахалта,
Фош бинмо ин фаҷиат,
Депутат! (6, 12).

Гирудори замон Лоиқ Шералиро низ ба сифати са-

рояндаи ашъори эътирозӣ дар шеъри тоҷикӣ водор карда, ки кӯшише дар роҳи падид овардани ҳалли як силсила мушкилоти ҷомеа ба харҷ диҳад. Ин нукта аз ин ҷиҳат ҳам ҷолиб аст, ки Лоиқ дар марҳалаи аввали даҳаи 80-уми асри XX вассофи ҳизби коммунист маҳсуб меёфт ва чунин иддао ба миён гузошта буд:

Эй ки меҷӯӣ зи ҳикмат меҳвари дунё куҷост?
Меҳвари дунёст ҳар ҷое, ки бошад комунист!
(18, 399)

Дар марҳалаи дувум, ки барои ироаи назар имкони бештар дошт, шоир акси ин маъниро сурудааст:

Ман намедонам чӣ дашномат диҳам,
Гӯямат ин нуктаи борикро?
Беш аз ин нокардӣ коре дар ҷаҳон,
Хор кардӣ миллати тоҷикро (17, 454).

Дар марҳалаи аввал (1980-1985) васфи меҳнати занони пахтачин яке аз унсурҳои бунёди шеъри иҷтимоиро ташкил медод, дар солҳои охири 80-ум бошад, масоили марбут ба пахтаву меҳнати сангини занон дар майдони пахта чунин манзум шудаанд:

Миёни пунбазороне,
Ба дастат тӯрба мегардӣ ба сони хонабардӯшон.
Вале дарди миёнатро,
Куҷо ҳис мекунанд он пунбабаргӯшон (17, 157).

Ҳамин маъниро Бозор Собир низ матраҳ кардааст:

Фидои тори мӯят, эй зани тоҷик,
Ки тори пахтаро чун тори мӯят кардаӣ борик.
Сафедиҳои ту кам шуд,
Сафедиҳои ту дар пахтаҳо зам шуд (6, 9).

Намунаи беҳтарини ин мазмун дар шеъри «Зани тоҷик ва пахта»-и Бозор Собир тарҳрезӣ шудааст:

Агарчи феъли ранҷидан надорам, лек меранҷам,
Агарчи, эй зани тоҷик, нагӯяд ҳарки хушрӯят,
Агарчанде сафедӣ мекунад аз пахта хирманҳо,

Ба ҷои хирмани рӯят.
Мабодо хирмане сӯзад, мабодо,
Валекин хирмани рӯи ту месӯзад.
Валекин хирмани мӯи ту месӯзад.
Ҳубоби мушти ангушти ту месӯзад.
Миёни банди зонуи ту месӯзад (6, 10).

Шоир аз меҳнати сангини занони тоҷик бо дард сухан мекунад, ба майдони пахта, ки хирмани мӯю рӯи занонро «месӯзад», нафрат дорад, ки акси мӯҳтавои шеъри марҳалаи аввал аст.

Шеъри «Ту озодӣ магар, эй зан?» ба қалами Лоиқ Шералӣ низ ба ин мавзӯъ бахшида шудааст, ки зиндагиномаи тамоми занони тоҷик аст. Шоир кӯшидааст, ки ҳаёти воқеии занонро тасвир кунад. Оҳанги эътироз нисбат ба муносибати аҳли ҷомеа ба зан-модар дар ин шеър равшан эҳсос мешавад. Шоир қариб ба тамоми муаммои мавҷудаи занони тоҷик дахл карда, озодии занонро, ки аз минбарҳо амалдорон ҷор мезананд, аслан озодӣ намешиносад. Ӯ ин озодии занонро бадтар аз асорат медонад. Ин андешаро шоир бо сӯзу гудоз чунин нигоштааст:

Ту озодӣ магар, эй зан?
Зи худ шодӣ магар, эй зан?
Туро озод кард Уктабр
Зи банди ҷаҳлу зулму ҷабр.
Вале аз зулм вораста,
Шудӣ озоди вобаста (17, 156).

Шеъри «Ту озодӣ магар, эй зан?» шонздаҳ бандро дар бар гирифта, дар ҳар банд як ё чанд мушкили марбут ба занон баррасӣ шудааст. Тарзи нигориши шеър далолат бар он мекунад, ки шоир тавонистааст на танҳо ҳақиқати зиндагиро ба қалам диҳад, балки ҷанбаи иҷтимоӣ ва асолати шеърро ба ҳам созиш диҳад ва, дар баробари ин, муаммои муҳими ҷомеаро баррасӣ намояд. Дар миёни пахтазорон, дар қатори тамоку бар зарари саломатиаш меҳнат намуда-

ни зан аз нигоҳи Лоиқ фоҷиаи миллат аст.

Лоиқ Шералӣ барои дар чунин ҳол қарор гирифтани занон дар навбати аввал мардонро гунаҳкор ба шумор меоварад (Гуноҳи мост, медонам!). Гулрухсор низ дар мушкили занон айби мардонро таъкид мекунад:

Зи санги мардҳо афканда сӯям,
Барои хеш ҳайкал мегузорам… (3, 82).

«Фидои тори мӯи зан» будан, дар ҳасрати «ғунчаи ночидаи зан», ба хотири «оби дидаи зан», «хандаҳои ашкбор», бо «ҳасрату дарду хумораш» сӯхтан, дар маҷмӯъ бо дард сухан кардани Гулрухсор гувоҳӣ медиҳад, ки озодии занон дар ин марҳала поймол мегардид.

Ба ин тариқ, бозтоби ин норасоӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи шеъри иҷтимоии ин марҳала ба шумор омада, мавзӯи зиндагии зан ва инъикоси он дар адабиёт ба гунаи дигар сурат гирифт. Агар дар ибтидои солҳои 90-уми қарни XX шоирон аз меҳнати пурмашаққати зан дар пахтазор ва майдони тамоку шикоят намуда, барои ҳимояи ҳуқуқи онҳо сухан гуфта бошанд, дар аввалҳои солҳои 80-ум аз душворӣ натарсидан, баробари мардон заҳмат кашидан, аз офтоби сӯзон наҳаросидани занонро тараннум мекарданд, ки бешак, идомаи мавзӯъ ва мӯҳтавои шеъри иҷтимоии солҳои пешин буданд. Дар солҳои 30-юм Ҳабиб Юсуфӣ ба ин шева сурудааст:

Эй дилбари номдори меҳнат,
Рӯи ту маҳи диёри меҳнат!
Гардида, хушо, ту шоду масрур,
Чашмони ту гашта софу пурнур… (13, 7).

Дар интиҳои аср шоирон ин маъниро сурудаанд:

Пилони кори ту ҳаррӯз афзояд
Чӣ сон заҳдони ту «фахри замон» зояд?
Чӣ гуна қаҳрамон зояд?
Нишони қаҳрамонмодар ба рӯи сина дорӣ ту
Ҷаҳони қаҳрамонмодар надорӣ ту! (17, 156).

Пас, омили дар оғози солҳои 90-уми қарни гузашта куллан дигар шудани мӯҳтавои шеъри иҷтимоӣ дар чист?

Дигаргунӣ дар мавзӯъ ва мундариҷаи шеъри иҷтимоӣ ба таъсири вазъи сиёсии ҷомеа, ҳамзамон рушди ҷаҳонбинӣ ва ошноӣ бо зиндагонии мардуми кишварҳои хориҷ, шиносоии бештар бо тамаддуни ҷаҳон дар ин радиф иртиботи бевосита дорад. «Ғояи асари бадеӣ зодаи андешаву афкор ва ҷаҳонбинии адиб аст» навиштани муҳаққиқон безамина нест (36, 70). Куллан ранги дигар гирифтани баррасии мавзӯи занон дар ин марҳаларо низ ба ҳамин омил метавон вобаста донист.

Ин ҳолат дар навиштаҳои иҷтимоии шоирони даҳаи охири садаи XX, аввалан, ба тағйири сиёсии ҷомеа ва, сониян, ба имконоти ошкорбаёнии ин давра вобаста аст.

Дар ин давра ҷанбаи иҷтимоӣ ва унсурҳои пуршиддати публитсистии шеър – зарбу задаву оҳанг пурқувват гардид. Шеъри иҷтимоии ин солҳо ҳам аз лиҳози дарунмоя ва ҳам аз ҷиҳати сохтори шаклӣ лоиқи таваҷҷуҳ аст:

…Аз ин лиҳоз
Ҳар ҷо агар боз
бинам ва ё бишнавам,
ки ҷоҳиле
ё ғофиле бонг занад:
Халқи тоҷик
дар гузашта саросар…
ӯро мехонам
ба ҷанги рӯёрӯ,
аз пушти сар
забонашро
мекашам,
мекушам! (16, 116).

Мӯҳтавои тозаи ин шеър ифтихор аз миллат, худогоҳӣ ва хештаншиносӣ буда, ҳамчоя бо шакли зоҳирӣ ва зеҳнӣ шеърро хондан намудааст. Истифодаи бамавқеи

унсурҳои публитсистӣ ба динамикаи шеър таъсири мусбат дорад.

Бояд қайд кард, ки шакли зеҳнии шеър мӯҳтавои шеър нест, балки ҳаракати мӯҳтавост, ин аст, ки таъсири мазомини шеър ба шакли зеҳнии сурудаҳо аст.

Агар ба мӯҳтавои шеър вазъи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа таъсиргузор бошад, чигунагии шакли зеҳнии шеър ба маҳорати офарандагии шоир алоқаманд аст. Ба ҳам созиш додани шакли зеҳнии шеър – ҳис, андеша, тахайюл аз диди шоиронаву ҷаҳонбинии шоир сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, ҳамон як мӯҳтавое, ки аз ҷониби ду нафар офарида мешавад, аз ҷониби хонанда баҳои гуногун мегирад. Масалан, Лоиқ мазмуни шиква аз роҳбарияту ҳукуматро чунин шакли зеҳнӣ додааст:

Мулк сангистону мо бесангарем,
Сар ба сар сардору мо бесарварем.
Пунба бар гӯшем мову сарварон,
Чунки мо халқони пунбапарварем (18, 389).

Ҳамин маъниро Бозор Собир ба ин тарз пешкаш мекунад:

Як ҳамин дасти ту дорад,
Тоқати бардору парто,
Озахи барҷаста ҷаста,
Дар кафат аз кафзаданҳо
Ҳуҷҷати сурхат чӣ ҳоҷат,
Депутат! (6, 11).

Ҳамзамон дар ин марҳала гиромидошти забони модарӣ, нигаронӣ аз вазъи забони тоҷикӣ, даъват ба ҳифзи он низ аз мавзӯъҳои асосии шеъри иҷтимоӣ ба шумор меоянд. Дар ин самт ҳам намунаҳои беҳтарин дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар ба дид меоянд.

Шеърҳои иҷтимоии марҳалаи бозсозиву ошкорбаёнӣ ва дигаргуниҳои сиёсӣ аз лиҳози дарунмоя ин гуна дасто-

вардҳоро комёб шуд:

Аввалан, тозагии андеша ва баён, **дувум,** бозгашти нисбӣ ба асли шеър, роҳ ба сӯи самимият ва бадеияти асил, **савум,** амиқрафти мӯҳтаво ва тасвир, **чаҳорум,** ба завқи ҷомеа созгор овардани ҷанбаи иҷтимоӣ ба шеър ва, **ахиран,** бартарӣ ёфтани забони шеър.

Ба ҳамин тариқ, мавзӯъҳои зер дар ашъори иҷтимоӣ бештар ҷойгоҳи хос пайдо карданд:

а) эътироз ба ҳукмронии ҳизби коммунист;

б) норизоӣ аз аҳволи иҷтимоӣ ва шароити зиндагии мардуми меҳнаткаш, бахусус, занони тоҷик;

в) шинохти ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ;

г) ташвиш ва нигаронӣ аз воқеоти сиёсиву иҷтимоии ҷаҳони муосир;

ғ) тараннуми озодӣ, ифтихор аз гузашта ва миллати сарбаланд, дӯстиву рафоқат миёни халқҳои ҷаҳон ва…

Марҳалаи савум (аз соли 1991-то имрӯз). Рӯйдодҳои солҳои 90-уми асри XX - расидан ба Истиқлоли миллӣ ва воқеаҳои марбут ба фарорасии истиқлолият, фоҷиаи баъди соли 1991, оғози ҷанги бародаркуш ва идомаи он то соли 1997 бе ҳеҷ гумон ба осори шоирон таъсири амиқ гузошт. Ашъори ин давра саршор аз дарду ҳасрат, хорию рӯҳафтодагии мардум, бечорагии миллат буд, шоирон аз ҷанги бемаънӣ ва оқибатҳои он, парокандагӣ, масоили хештаншиносӣ, якпорчагӣ, ҳувияти миллӣ ва ваҳдату сулҳ ҳарф мезаданд.

Ҷанги бародаркуш ва оқибатҳои он, саргардонии гурезагон, гуруснагиву бехонумонӣ, паст шудани қимати инсон муҳимтарин мазомини шеъри иҷтимоии ин давра ба шумор мераванд.

Мавзӯи ҷанги ҳаммиллатон хеле сердомана аст. Ҳар шоир кӯшидааст, то хурдтарин ҷузъиёти ҷанг ва оқибатҳои харобиовари он аз мадди назар дур намонад. Вайрониву ноободии кишвар, ба кушторгоҳ табдил ёфтани

киштзорҳо, маҳалгарой, қисмат гардидани диёр, худхоҳй, ҳасрати гузаштаву умеди ояндаи нек аз ҷумлаи мавзӯоти ин марҳала ба шумор мераванд.

Шоирон аз кори шайтонии бародарони ҳамхун дар шигифт буданд. Аз шеъри онҳо оҳанги дарду ҳасрат меомад. Ҳасрати рӯзҳои нек, алами оқибатҳои ҷанг дар шеъри ҳар шоир ба таври хос инъикос меёфт.

Адабиётшиносон ақида доранд, ки дар ашъори иҷтимоии солҳои 90-уми асри XX хитоба нисбатан мавқеи асосиро ишғол намудааст. Омили нахустини ин зуҳуротро дар баёни ошкоро ва воқеияти талхи давр медонанд.

Иллати ин зуҳурот дар он аст, ки шоирон дар оғози даҳаи навадум барои инъикоси ҷанбаи иҷтимоӣ ва тасвири ҳақиқати зиндагӣ аз унсурҳои публитсистӣ бештар истифода мебурданд, зеро ҳадафи аслии офарандагон таъкиди бемаънӣ будани ҷанг ва даъват ба сулҳ буд. Маълум аст, ки баҳри таъкид ва даъват хитоба бештар ба кор меравад ва дар шеъри иҷтимоии ин даҳа низ хитоба ҳамин вазифаро дорад:

Камондорон!
Камон аз дӯш бигзоред!
Ба ёди куштагони хештан хомӯш бигзоред!
Ки аз тири заминиву ҳавоитон
Зи баҳри тиратон шабҳо
Сафои зиндагимон нест! (17, 470).

Бешак, вусъати хитоба ба мӯҳтавои шеър вобаста аст. Мазмуни шеър ва ҳадафи шоир тақозо дошт, ки аксари ашъори марҳалаи аввали даҳаи навадуми асри гузашта ба вусъати маънӣ созгор шаванд. Бинобар ин, барои амалӣ шудани ҳадаф аз хитоба зиёд истифода шудаанд.

Унсурҳои публитсистии марҳалаи аввал (солҳои 20-40 ва 50-70-уми асри XX) ба куллӣ аз аносири публитсистии солҳои охири аср фарқ доранд. Дар солҳои 90-ум хитоба барои инъикоси норизоӣ ва таъкиди эътироз ба кор ме-

рафт. Хусусияти таблиғие, ки тавассути зарбу задаву хитоба ба шеър ворид мегардид, дар марҳалаи сонӣ аз байн рафт. Ҳадафи ташвиқиву тараннумӣ аз миён бардошта шуд. Касби ин хасоиси тоза ба шеъри иҷтимоӣ имкон дод, ки шоирон аз ин аносири шеърӣ фарохтар истифода баранд.

Дарунмояи шеъри иҷтимоии солҳои 90-умро мазомини зерин ташкил додааст:

1. Истиқлолияти кишвар ва таваҷҷуҳ ба бедор намудани ҳисси хештаншиносӣ ва ҳуввияти миллӣ;

2. Ҷанги бародаркуш ва оқибатҳои он;

3. Расидан ба Ваҳдати миллӣ.

1. Истиқлолияти кишвар ва таваҷҷӯҳ ба бедор намудани ҳисси хештаншиносӣ ва ҳувияти миллӣ. Шукри расидан ба истиқлоли давлатӣ, васфу тараннуми соҳиби истиқлол гаштани кишвар, шукри давлатдории тоҷикон, ҳувияти миллӣ, худогоҳӣ, худҷӯӣ, хештаншиносӣ, ифтихор аз гузаштаву тараннуми фардои босаодат дарунмояи шеъри солҳои 90-уми асри гузашта буданд, ки шеъри иҷтимоиро ба андозае хондан карданд. Бозтоби андешаи миллӣ ва худогоҳӣ дар шеъри иҷтимоии муосир падидаи тоза мебошад. Ин падида бо касрати истифодааш имтиёз дошт. Академик Муҳаммадҷони Шакурӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ мавқеи босазо ёфтани мавзӯи худшиносии миллӣ, аз ҷумла, худшиносии таърихиро падидаи маънавиятҷӯ ба шумор овардааст, ки «пайваста аз паҳлӯҳои нав баррасӣ шуда, солҳои навад, дар даврони истиқлол дар шеър мавзӯи асосӣ шуд» (44, 15). Фоҷиаи хештаншиносии миллӣ дар солҳои навадум асоси шеъри форсӣ гардид. «Шеъри солҳои навад фиғони дили миллатест, ки ба фоҷиаи таърих дучор омадааст» (44, 15). Дар шеъри ватанхоҳонаву хештаншиносӣ ва миллатгароёнаи ин давра оҳанги дард ва навмедӣ бештар эҳсос мешавад. Шоирон дар шигифтанд, ки

чаро ворисони ин мардуми сарбаланд ба ин қадар хориву зорӣ ва пастӣ уфтодаанд:

Ҷамъ кун худро зи сутхонҳои торихи бузург,
То чунин сарзинда бо уммеди фардо мондаӣ.
Миллати садпораи ман, ҳамчу оҳанпораҳо
Ҷӯш хур бо ҳам, ки андар вартае вомондаӣ…
(16, 81)

Лоиқ Шералӣ шикоят аз бемеҳрии мардум намуда, ҳасрати якпорчагии ватанро дорад. Дар шеъри зер оҳанги навмедиву дилшикастагӣ зиёд эҳсос мешавад:

Дареғу дард, ки ёрон зи мо ба дур шуданд,
Чунин зи кӯрии хешу зи бахти шӯр шуданд.
Чу иттиҳод набуда миёнашон чун мушт,
Ба сухра дастхуши чанд муштзӯр шуданд.
Ситорасӯхтагони диёри хуршедӣ
Ба ҳукми чанд камондори бешуур шуданд.
(16, 103)

Бо баробари расидан ба истиқлолият ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ оҳанги ноумедӣ ва оҳу нолаву нобоварӣ дар шеъри иҷтимоӣ нерӯмандтар гашт. Дар ин марҳала шеърҳои зиндагидӯстонаву ватанхоҳона, тараннуми саодати ватандорӣ низ роиҷ гардид.

2. Ҷанги бародаркуш ва оқибатҳои он. Афсӯсу ҳасрат аз ҷанги бемаънӣ, дарду доғҳои рӯзгори талхи солҳои ҷанг, ашки ятимон, дили садпораи модарон, ҷавонони ғӯрамарг, халқи ғарибу дур аз ватан, хонаҳои сӯхтаву ба хок яксон гашта, вазъи душвори иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа, зиндагии мардуми гурезаи бегуноҳ, яъсу ноумедӣ ва, дар маҷмӯъ, фоҷиаи миллат, ки ҳама оқибатҳои нангини ҷанги ҳаммиллатон буданд, муҳтавои ашъори шуарои ин даврро фаро гирифтааст. Нуктаи муҳиме, ки ҳангоми таҳқиқи чунин ашъор равшан гашт, он аст, ки шуаро дар баёни мазмуну мӯҳтавои шеърҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ асосан ба ду тарзи баён такя намудаанд.

Аввалан, барои инъикоси мавзӯи ҷанги бародаркуш, сабаб ва оқибатҳои он аз баёни ошкоро ва урёни андеша истифода гардид.

Дувум, мавридҳое низ ҳастанд, ки шуаро барои инъикоси ҳамин мавзӯъ аз баёни самбулӣ мадад ҷустаанд. Ҳар ду тарзи баёни мавзӯъву муҳтаво дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX зиёд ба чашм расида, ҳар кадом дорои хасоиси хос мебошанд.

Аз ҷумла, дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ баёни мавзӯи ҷанги бародаркуш ошкоро сурат гирифтааст:

Нашъаи суре намонда, шамъаи нуре намонда,
Дар замину осмонам, роҳи ободӣ куҷоӣ?
Мурдаҳо бегӯр монда, зиндаҳо бешӯр монда,
Хокдон шуд хонадонам, роҳи ободӣ куҷоӣ?
(18, 506)

Шоир ҷангҷуёнро ба сулҳу салоҳ даъват мекунад, илтиҷо дорад, ки камон аз дӯш бигзоранд:

Камондорон!
Худо дар синаҳотон раҳм андозад,
Камон аз дӯш бигзоред!
Ба ёди куштагони дӯш бигзоред,
Ҳама тиру камон бинҳед,
Ба мо тири амон бидҳед!
Ҳама тиру камон бинҳед,
Ба мо давру замон бидҳед! (18, 470).

Шоир бо таҷассуми вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа ошкоро исрор менамояд, ки камондорон камонҳояшонро аз даст бигзоранд. Танҳо баёни ошкоро таъсири ин шеърро афзуда метавонад.

Ҷасорат ва шиддати фикр дар шеърҳои иҷтимоии саршор аз дарду андешаҳои ошкор дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ оҳанги тезу тунди хоса дорад:

Маро, тоҷикро тоҷикон
шукри Худо накуштаанд ҳанӯз,

Ба тири таппончаҳо ва мусалсал ва хуморандоз
Мисли Осимӣ, Исҳоқӣ, Ғуломӣ ва Олимпур
(даст маёзед!)
(17, 487)

Ҷабру дарду алами бемаънӣ будани ҷанги бародаркуш гӯяндаро ба танг меоварад:

Зи тоҷике ба тоҷике намеояд паёми меҳр,
Фақат тавҳин, фақат нафрин, фақат таҳқир меояд.
Фишанги пӯк мерӯяд зи хоки ин ватан, бешак,
Агар аз тир ҳалли мушкили тадбир меояд.
(18, 258)

Шоир аз ғарибиву ватангадоии мардум чунин гуфта:

Мазҳабе ҷуз талоши мансаб нест,
Магар ин дарди бедаво гузарад?
Дар гадоӣ тавон ба сахтӣ сохт,
Кай азоби ватангадо гузарад? (18, 180).

Ба ин шева мавзӯи ҷанги бародаркуш ашъори солҳои 90-уми асри XX тоҷикро дар бар гирифта, матолиби марбут ба ноҷӯрии зиндагӣ ошкоро баён ва мардум ба сулҳу салоҳ даъват шудаанд. Дар ин ашъор ҳамзамон аз гузаштаи пурифтихор ёд шудааст. Шоирон аз гирифтори ҳамватанон ба рафторҳои шайтонӣ ҳасрат хӯрдаанд ва боз ҳам ҷолиб аст, ки онҳо ба ояндаи нек умед ва бовар доранд. Албатта, дар ҳоле ки сарзамин гирифтори ҷангу хунрезист, ҳеҷ шоир дар бораи мавзӯоти дигар андеша карда наметавонист.

Яке аз шоирони иҷтимоъгаро Гулназар Келдӣ зуҳуроти ҷанги бародаркушро ба рангҳои мухталиф тасвир намудааст, ки шеърҳое аз қабили «Дар ёлаву пуштаҳо ваҳмида», «Навҳаи модар», «Фирор», «Замини тоҷик аз ҳайбати яздонӣ меларзад» намунаҳои беҳтарини ин навъи сурудаҳои шоиранд:

Биҳишти нақди ман, Ватан!
Агарчи тифли Одамам,
Ба ду ҷават намедиҳам,
Ғами туро ба шодрӯзи оламе намедиҳам.

Роҷеъ ба истифодаи шоирон аз тарзи баёни самбулӣ қаблан ҳам ишора шуд, ки эҷодиёти Гулрухсор намунаи беҳтарин дар ин замина маҳсуб мешавад. Вай дар бозтоби ҳаводису паёмадҳои ҷанги бародаркуш ва барои ифодаи мушаххаси дардҳои ҷомеа, ки бар асари гирудори бемаънии ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба миён омадаанд, бештар аз ҳамаи ҳамқаламони дигар аз баёни самбулӣ суд ҷустааст:

Ман зи сангар омадам, –
Аз сангаре, ки деви ваҳшат,
Миллати хуршедро дар чашми зулмат гӯр мекард
(4, 34).

Дар шеъри ин давраи Гулрухсор ҷанги бародаркуш меҳвари мавзӯӣ аст, ки диққати хонандаро амиқ ба худ мекашад:

Сабз хоҳад гашт боғи сумми аспи ҷаҳлхурда,
Боз хоҳад кард чашми меҳр –
Хуршеди намурда,
Хешро ҳамчун кулоҳи куҳнаи дарвеш,
Бардоранд аз хоки ҳақирӣ,
Ворисони сарсупурда!.. (4, 76).

Умед ба ояндаи нек, бовар ба фазилати мардум ва поёни ҷангро шоир бо чунин хаёлангезӣ ифода кардааст: «ҳамчун кулоҳи кӯҳнаи дарвеш, бардорад хешро аз замини ҳақири ворисони сарсупурда». Дар ин шеър муаллиф дар баробари инъикоси вазъи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа ба беҳбудии зиндагӣ бовар дорад, ки ин андеша ба хонанда низ бетаъсир наmemонад. Ӯ худ ва хонандаро бовар мекунонад, ки:

Тоҷикистон сӯхт агар аз ҷаҳли тоҷик
Фазли тоҷик –
Тоҷикистонро биафрӯзад (4, 76).

Шоир бовар дорад, ки бо ҳама оқибатҳои ғамбор миллати тоҷикро ояндаи нек дар пеш аст. «Фазли тоҷик»

мардуми оташпарастро дубора эҳё месозад. Ҷанги кӯлобиву ғармӣ хотима хоҳад ёфт ва дубора набзи зиндагии мардум ба сони чашмасорон поку ором хоҳад гашт. Дарди Ватан кӯдакони сарсони ин диёрро марди майдон мекунад:

Мард хоҳад гашт бо дарди Ватан,
Кӯдаки сарсону бехованду гирён.
«Қатли рӯҳи ҷавҳари тоҷик, –
Ҷанги кӯлобиву ғармӣ».
Қатъ хоҳад гашт охир,
Дар баландии мазори ғӯрамаргон –
Дар куҳистон!
Баъди сели ваҳшату даҳшат,
Зи набзи рӯдборон,
Чашм бикшоянд поку зиндагизо –
Чашмасорон!.. (4, 73)

Бар асари нодониву ҷаҳолату зулмат сар задани ҷанги бародаркуш ва роҳ сӯи фано рафтани миллати хуршедӣ – тоҷиконро шоир пардапӯшона, бо самбулҳо тасвир кардааст. Яъне, шоирон дар ин марҳала бо истифода аз тасвиру самбулҳо аносири созандаи иҷтимоиро ташхис медиҳанд. Навиштаҳои Гулрухсор дар маҷмӯаи «Дар паноҳи сояи худ» беҳтарин навъи бардоштҳои иҷтимоӣ дар баёни самбулӣ мебошанд:

Парастуҳо ба сӯи ошёни хеш баргаштанд,
Вале дар боғи ҳичрон
Лонаи ободу барҷо нест
Ғарибе рӯ ба рӯи бори дарди хеш биншаста
Таманнои Ватан дорад… (4, 93).

Дар шеърҳои иҷтимоие, ки дарбаргирандаи масоили ҷанги дохилӣ буданд, оҳанги оҳу нолаву эътирозу дард эҳсос мешавад, зеро дар ин марҳала ба дигар оҳанг сурудани масоили доғи рӯз ғайриимкон буд:

Эй халқи ман, эй халқи ман, умре ту ҳокимпарварӣ,
Хуш нест ҳокимпарварӣ, хуш нест ин худбоварӣ!
Фарқе надорад ҳокимат, аз зархариду навкаре,
Аз дур мебинад туро бо дурбини аскарӣ (6, 56).

Шоирон мардумро ба ҳамдигарфаҳмӣ даъват намуда, аз сари баланду ғурури тоҷикона ёд мекарданд, мардумро аз хоби гарон «бедор карданӣ» буданд.

… «Қаҳ-қаҳи» дузди куҳан омад ба ёд
Тозӣ нею тоҷдорӣ, ку ғурур?
Кист қавми ҳайкалафкан? Бешуур!
Халқи ман, бедор шав, бедор шав!
Бӯалӣ аз чаҳли ту омад ба дод,
Миллате ку, к-ин чунин фарзанд зод? (1, 14).

Ин мавзӯъ дар эҷодиёти шоирон зиёд ва ба тарзҳои гуногун инъикос ёфта, дар ҳар шеър андеша ва тасвирҳои махсус мушоҳида мешаванд.

3. Расидан ба ваҳдати миллӣ. Дар ин солҳо шоирон ба вожаи ваҳдат зиёд таваҷҷӯҳ доштанд, зеро роҳи наҷот ва халосии миллатро танҳо дар ваҳдати комили мардум медиданд, бинобар он, дар шеърҳои ин давр даъват ба ваҳдат, сулҳу салоҳ, ноил шудан ба ҳамдигарфаҳмӣ, гиромӣ доштани қадру қимати инсон аз ҷумлаи мавзӯъҳои муҳим ба шумор мерафтанд. Шуаро хонандаро ба ваҳдат даъват карда, таъкид менамуданд, ки роҳи наҷоти миллат фақат дар якдилии ҳамватанон аст.

Шоирон аз ваҳдат сухан карда, гузаштаи пурифтихорро ба хотир меоварданд, ҳаммиллатонро аз он огоҳ менамуданд ва аз зулмати ақлҳо роҳи гурез меҷустанд:

Қавме зи барқ дар кафи урён чароғ дошт,
Аз нури фитрataш ба ҷуз зулмат намондааст.
(4, 41)

Аз набудани ваҳдати милливу ҳамдигарфаҳмӣ шикоят намудаанд:

Дар ҳеҷ одам ояте з-Одам намондааст,
Дар қавли мард ҳуҷҷате маҳкам намондааст.
Чун тир рост мезанад бар синаҳои халқ,
Чуз марг бар чароҳате марҳам намондааст.
(17, 102)

Роҳи раҳоӣ аз зулматро ҷустуҷӯ менамуданд ва наҷотро дар ҳамдигарфаҳмӣ ва оқилии ҳар фарди ватанхоҳ, ваҳдат ва ягонагӣ медиданд:

Сад бало омадааст бар сари халқ,
Як бало кун, ки сад бало гузарад (17, 83).

Гоҳе аз ин бесару сомониҳо ба танг омада нола мекарданд:

Ғарқи дунёи ғамонам, роҳи ободӣ, куҷоӣ?
Як қадам шакку гумонам, роҳи ободӣ, куҷоӣ?…
(17,101)

Дарди миллати овора бо сӯзу гудоз тасвир мешуд:

Махзани мо – миллати мо, ваҳдати мо, асли мост,
Лек з-он махзан, ки бошад моли сад раҳзан, чӣ суд?
Пушти сангарҳо зи баҳри тахт – ин тахти сақат,
Аз ду сӯ тоҷик мирад, аз чунин будан чӣ суд?
(17, 92)

Шоирон барои расидан ба ваҳдати деринтизор басо кӯшиш карда, хушбахтона, сухани эшон бетаъсир намонд ва миллати тоҷик хатояшро сари вақт дарк намуда, даст аз силоҳ бардошт, сӯи ваҳдат роҳ пеш гирифт ва соли 1997 ба он ноил шуд, ки дар Тоҷикистон сулҳу салоҳ барқарор гардад.

Ҷанбаи иҷтимоӣ ва анвои шеър

Ҷанбаи иҷтимоӣ ҳам дар қолабҳои суннатӣ ва ҳам дар шаклҳои тозаи шеъри муосир ба мушоҳида мерасад. Адабиётшиносон, аз ҷумла Ш.Раҳмонов фарқи асосии воҳидҳои ашъори суннатӣ ва муосирро дар «мазмун, вазну қофия, жанрҳо, образ, сохту конструксия ва дигар хусусиятҳои шеърӣ» донистаанд (32, 133).

Сабабҳои пайдоиши навъҳои нав ба тағйир ёфтани мундариҷаи назм иртибот дошт, ки мазмуни нави ҷамъиятӣ-сиёсӣ, шакли нав, қофиябандӣ ва сохту композитсияи навро талаб мекард.

Гурӯҳе бар он ақидаанд, ки дар қолаби жанрҳои сун-

натӣ сухани тоза гуфтан имконнопазир аст ва даъво доранд, ки дар ин қолабҳо шоирон ҳазор сол сурудаанд ва адабиёти муосирро зарурате нест, ки дубора дар ин қолаб эҷод кунад. Ин нукта аз ҷониби Гулназар – шоир ва шеършиноси маъруфи тоҷик чунин ифода шудааст: «Ҳама, хоҳ ҷавон, хоҳ соҳибтаҷриба, ба маънии ғайриирфонӣ ба худ фурӯ рафтаем, ба гуфтани ғазалу рубоиву дубайтӣ сар кардаем. Қофия ва радифҳо, маҳфумҳо ва мазмунҳо гаштаю баргашта такрор мешаванд, шеърро заиф ва нофорам мекунанд, намудҳои номбурда хоҳ нохоҳ ба умумигӯӣ мебаранд. Яъне, мувофиқи тақозои қофияву радиф маъниофаринӣ мекунем, аз гуфтани шеъре, ки замону макони мушаххас дорад, даст мекашем» (24).

Пас, суоле сар мезанад, ки дар қолаби суннатӣ офаридани мазомини рӯз, воқеоти муҳим ва ворид намудани ҷанбаи иҷтимоӣ оё имкон дорад ё ғайриимкон аст?

Ба ин гуна ақида бо камоли эътимодмуқобил метавон баромад, зеро омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи шеъри муосири тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар қолаби рубоиву дубайтӣ, ғазалу маснавӣ, мусаммат, мусаллас, мухаммас, мураббаъ низ метавон мӯҳтавои замонро ҷойгир намуда, дар чаҳорчӯбаи қолабҳои жанрҳои ҳазорсола низ ҷанбаи иҷтимоии замониро суруд:

Раққосаи дарбор шуда раҳбари ман,
Маъшуқаи сардор шуда сарвари ман,
Дузди сари бозор шуда довари ман,
Войи ману войи ману войи сари ман (15, 241).

Чунин андешаҳои иҷтимоиро дар қолаби мураббаъ инъикос намудани шоир далели андешаи мо хоҳад буд:

Мурда буд дар хоб, гӯё бахти хоби тоҷикон,
Ношумурда мухтасар мешуд ҳисоби тоҷикон.
Бахшу бобе, ҳарчи буд дар бахшу боби тоҷикон,
Бекитобон канда бурданд аз китоби тоҷикон (8).

М.Мирзоюнус навиштааст, ки «дар ҳудуди авоили

солҳои сивум то даҳаи панҷоҳ носозгориву тазод байни ҷараёни шеъри нав бо қолабҳои суннатии қасида, ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ пайдо шуд ва муддате низ ин анвои шеърӣ дар ҳошияи адабиёт ҷой гирифтанд ва ҳатто кор ба ҷое расид, ки миёни аҳли адаб сару садоҳое перомуни фаро расидани замони марги ин қолабҳои шеърӣ (қолабҳои суннатӣ дар назар аст- С. Ҳ.) баланд шуд. Аммо замони нав бо тамоми рушд ва суръати технологӣ, иртиботи электронӣ ва интернетӣ, парвози инсон ба кайҳон, бомбаҳои атомӣ ва… натавонист, ки ҷараёни суннатии шеъри ҳазорсоларо нобуд кунад» (27,144).

Ин аст, ки дар қолабҳои аҷдодӣ шоирони муосири тоҷик зиёд аз иҷтимоъ ва матолиби иҷтимоӣ сухан гуфтаанд. Дар таҳлили масоили доғи рӯз ва ҳаллу баррасии мазомини иҷтимоӣ шаклҳои суннатӣ низ фаровон ба кор рафтаанд. Ба шоирон муяссар гаштааст, ки дар қолабҳои суннатӣ суруди инсони садаи ХХ-ро сароянд. Инсонеро, ки шоҳиди гардишҳои сиёсиву бозёфтҳои техникӣ гардидааст, инсонеро, ки аз худогоҳиву хештаншиносӣ ҳарф мезанад. Беҳтарин комёбии қолаби суннатӣ дар он аст, ки шоирон тавонистанд дар заминаи шеъри гузашта ба туфайли истеъдоди фитрӣ, таҳқиқи амиқ ва таҳаммули шоирӣ мавзӯъ ва маъниҳои замони худ эҳсосу андешаи инсони имрӯзро инъикос намоянд. Ин ақидаро Абдунабӣ Сатторзода дар таҳлили эҷодиёти Лоиқ Шералӣ бо чунин маънӣ баён намудааст: «Қисмати умдаи сурудаҳои Лоиқро дар солҳои 80-90-ум шеърҳое ташкил медиҳанд, ки дар қолабҳои анъанавии шеъри форсии тоҷикӣ – ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, фард ва катибаҳо гуфта шудаанд. Иллати барори фавқулодаи гӯянда дар сурудани ин навъҳои шеърӣ дар он аст, ки ӯ ба туфайли истеъдоди фитрӣ, таҳқиқи амиқ ва таҳаммули ранҷи якумраи шоирӣ тавонистааст, табиати аслии он қолабҳои маъмул ва имконоти ғунҷоиши онро ба дурустӣ дарк намуда, онҳоро барои ифодаи мавзӯъ ва маъниҳои замони худ мувофиқ гардонад. Онҳоро аз нав зинда гардонад, ба тани

ниммурда ва фалаҷгардидаашон аз дасти муташоирон ва таҳқиқгарон ҷони тоза бахшад» (34, 77).

Чун Лоиқ аз шоирони пешгоми адабиёти муосир ба шумор рафта, ашъораш ба раванди адабиёт бетаъсир нест, метавон гуфт, ки дар солҳои 80-90-уми асри гузашта қисмате аз эҷодиёти шоирро ғазалу рубоиву дубайтиҳо ташкил медоданд, ки дар қатори онҳо ғазалҳои иҷтимоӣ, рубоиҳои саршори ҷанбаи иҷтимоӣ дошта хеле зиёд мебошанд:

На зи ранҷу азоб метарсам,
На зи ҳоли хароб метарсам.
Бими тӯфони мавҷҳоям нест,
Аз хаси рӯи об метарсам.
Бо замона ҳисоби ман пок аст,
Аз ду се каҷҳисоб метарсам.
Аз сиёсат набошадам боке,
Аз сиёсатмаоб метарсам… (18, 347).

Дар қолаби ғазал ғунҷоиш ёфтани чунин матлаби иҷтимоии тезу тунд нишон медиҳад, ки қолабҳои суннатӣ барои баёни он имкони фаровон доранд.

Аксари шоирон дар охири қарни гузашта анъанаҳои ҳазорсолаи гузаштаро идома дода, ба дифои қолабҳои арӯзӣ сухан гуфтаанд. Аз ҷумла, Мӯъмин Қаноат таъкид мекунад, ки «баъзе шаклҳои шеъри классикиро аз қабили мухаммас, ғазал, рубоӣ кӯҳна эълон кардан раво нест. Онҳоро имдоди маъниҳои нав, оҳанги тоза таҳвил ва таҷдид кардан лозим аст. Шакли ғазал барои офариниши портрети зоҳирӣ ва ҳолати ботинии қаҳрамон, тасвири манзараҳои реалистона имконияти фаровон дорад. Имконият ва ғунҷоиши рубоӣ бошад, ҳадду ҳудуд надорад» (33, 67).

Вақте «Ғазал андар фироқи собун», ки дар қолаби маснавӣ эҷод шудааст (аа; бб; вв), «Ранҷ андар фироқи вичдон», «Нома ба зиндон, ба Мақсуди Икром», «Забони тир – забони ҳақиқат», «Эй шаҳри бештари дунё надидаҳо», «Ғазали тӯлонӣ», «Ман он дунёи нофармон, ки

аз дунё наметарсам» ва беш аз ҳафтод ғазали иҷтимоии Л. Шералиро аз маҷмӯаи «Фарёди бефарёдрас» мутолиа мекунем, ҳеҷ гуна умумигӯӣ ва суханпардозиро ба эҳсос намегирем, ҳамин хусусият дар ашъори суннатии Мӯъмин Қаноат, Аскар Ҳаким, Гулназар, Бозор Собир, Гулрухсор, Фарзона, Доро Наҷот, Суруш, Сиёвуш низ хеле фаровон ба мушоҳида мерасад:

Замоно, ду-се кулча собун фирист,
Ки бо ашк рӯ шустанам дур нест.
Чунон сер гаштем аз ваъдаҳо,
Ки ваъда кунад қайъ ҳама меъдаҳо (17, 451).

Намунаи дигар:

Бинозам туро, бозсозӣ, бигӯ,
Чӣ сон зиндагонӣ шавад тозарӯ?! (17, 451).

Зимнан бояд гуфт, ки ҳамаи шоирон дар қолабҳои суннатӣ дар як поя эҷод накардаанд ва ҳастанд шоироне, ки ҳақиқатан ҳам дар ашъори иҷтимоиашон ба умумигӯӣ роҳ дода, паи суханпардозӣ рафтаанд ва мазмуну мавзӯи ин гуна нигоштаҳо қариб яксонанд ва ё гурӯҳи дигар онҷунон ҷанбаи иҷтимоиро хушк ва берӯҳ ба қолаби суннатӣ овардаанд, ки ҳеҷ дархури дарди хонанда шуда наметавонад:

Бо паёми гарму қудсона
Зиндагӣ пуршӯру исён шуд.
Тоҷикистон! Тифли ту имрӯз
Шукри дунё,
Тоҷикидон шуд (15, 5).

Дар ин мисраъҳо вазъи иҷтимоии ҷомеа дар солҳои ҷанги бародаркуш инъикос ёфтааст. Мебинем, ки тарзи баён ва бадеияти шеър чандон шоирона нест. Мӯҳтавои иҷтимоӣ бе ҳеҷ тахайюли шоирона вориди шеър гардидааст.

Намунаи чунин шеърҳои иҷтимоӣ дар адабиёти муосир хеле зиёд ба назар мерасанд. Агар ҷанбаи иҷтимоӣ боиси хушку берӯҳ гардидани шеър шуда бошад, пас чаро инъикоси ҳамин мавзӯъ дар порчаи зер ба поэтикаи шеър

халал нарасонидааст:

Дар гадоӣ тавон ба сахтӣ сохт.
Кай азоби ватангадо гузарад?!
Бар сари ин шикастаболон кай
Сояи шаҳпари ҳумо гузарад? (18, 180).

Дар ҳар ду банди шеър баррасии як мавзӯъ ба мушоҳида мерасад. Қолаби шеърӣ низ тафовут надорад.

Ба байти I мутаваҷҷеҳ мешавем:

Мавзӯъ	Қолаб	Тарзи баён
Бар асари ҷанг бар ғарибиву уфтодагӣ ва бесару сомонӣ гирифтор шудани мардум	**Ғазал**	**Дар гадоӣ тавон ба сахтӣ сохт,** **Кай азоби ватангадо гузарад?!** ***(Лоиқ)*** **Дар оғӯши Ватан моро Ватан нест,** **Ба чоҳи зулмат уфтодам, расан нест.** **(*Меҳринисо*)**

Лоиқ Шералӣ аҳволи мардум ва мамлакати ҷангзадаро аз ҳоли гадо душвортар медонад. Ватангадо будан аламноктар аз ҳама чиз аст. Вусъати тахайюл шеъри шоирро бадеитар аз порчаи аввалӣ намудааст. Таркиби «ватангадо» мӯҳтавои шеърро муассир ба ҷилва овардааст.

Ба байти II таваҷҷӯҳ шавад:

Мавзӯъ	Қолаб	Тарзи баён
Ноумедӣ аз зиндагӣ. Ҳасрати гузашта ва умед ба ояндаи нек	**Ғазал**	**Бар сари ин шикастаболон кай** **Сояи шаҳпари Ҳумо гузарад?** ***(Лоиқ)*** **Зи навмедӣ пару болам шикаста,** **Парастуям, ҳавои пар задан нест.** ***(Меҳринисо)***

Дар ин маврид низ офаридаи килки Лоиқ дилпазиртар аст. Шоир дар баробари таркибсозӣ тасвирро бо та-

ваҷҷӯҳ ба унсури асотирӣ – Ҳумо пурра намудааст. Ҳумо мурғи асотириест, ки некбахтӣ меорад ва тибқи ривояти машҳур агар сояи мурғи Ҳумо бар сари касе афтад, хушбахт хоҳад шуд. Ин ривоят барои баёни андешаи иҷтимоӣ созгор буда, бадеияти шеърро афзудааст.

Дар байти нахуст шоир бидуни заҳмати тахайюл бо тасвири «Парастуям, ҳавои пар задан нест» қаноат кардааст. Иҷтимоиёт хушку берӯҳ ба шеър ворид шудааст.

Ҷурми норасоии ғазалу рубоӣ ва маснавиву таркиббандро дар маҳорати нигорандагӣ ва андешаи шоирона бояд ҷуст. Ба ақидаи Хуршеда Отахонова «факти ҳаётиро то ба дараҷаи ҷамъбасти калони бадеӣ расонидан истеъдоди комил ва меҳнати зиёдро талаб мекунад» (31, 90). Воқеан, ҳастанд мавориде, ки адибон айнияти тасвирро асосан дар баёни маҳзи воқеа ва ҳодисаи муайян медиданд ва дар шеъри онҳо баёни шоиронаи эҳсосу андеша камтар ҷой дошт ё ки қариб набуд. Намунаи ин гуна нигоштаҳоро дар ашъори иҷтимоии асри гузашта зиёд пайдо карда метавонем.

Ҳар ду шакли шеърӣ роҳи таҳаввули худашонро доранд ва дар робита бо ҳамдигар инкишоф ёфтаанд. Маҳз ҳамин баҳрабардорӣ аз дастовардҳои ҳамдигар имкон дода, ки ҷанбаи иҷтимоӣ дар ҳар ду қолаби шеърӣ дар шакли зоҳириву зеҳнӣ нерӯ гирад. Дар ашъори иҷтимоъгарона нигаҳ доштани латофати шеър кори басо заҳматталаб аст. Ҳини омӯзиши қазия бовар намудем, ки дар қолабҳои суннатӣ имкони фаровони инъикоси масоили рӯз мавҷуд аст ва ақидае, ки ин қолабҳо ба назми муосир ва мазмуни нав кӯҳнагӣ мекунанд, воқеан ҳам ғалат аст, зеро «шеър қатъи назар аз он ки ба шакли нав ва ё кӯҳна навишта шудааст, агар дар мазмун, маънӣ, афкор, тарзи офариниш, сабку услуби ифода, дар бадеият навие надошта бошад, аслан шеъри асил нест» (21, 158).

Набояд навиву куҳнагии шеърро ба шакли зоҳирии

он марбут донист, зеро асоси шеър «образи шоирона, афкори баланду тоза ва пешқадаму мутараққист». Ба ин намунаҳо мутаваҷҷеҳ мешавем:

Фаввора мезанад хун аз дидагони модар,
Эй вой ҷони модар, эй вой ҷони модар.
Баҳри наҷоди миллат, баҳри наҷоти миллат
Бе ному бенишон шуд ному нишони модар (ааба).
(17, 178)

Ҷабри таърих ягон қавм надидаст, ки мо,
Заҳри таърих нажоде начашидаст, ки мо.
Миллате зери фалак бо ҳама фарҳанги сутург
Ин қадар зиллату хорӣ накашидааст, ки мо (ааба).
(18, 76)

Насли ҷавони мардуми ман як дарахт буд,
Аз беху бун ба вақти шукуфтан шикасту рафт,
Насли ҷавони мардуми ман як сапеда буд,
Аз тирашаб баромаду дар хун нишасту рафт (абаб).
(7, 24)

Аз ҳавои Тоҷикистон мезанад ҳардам ҳавоӣ
Жола-жола, жола-жола, жола-жола жолаи тир.
Дар миёни қоши духтарҳои тоҷик мешукуфад
Лола-лола, лола-лола, лола-лола лолаи тир (абвб).
(7, 24)

Баёни вазъи сиёсии ҷомеа, оқибатҳои ҷанги ҳаммиллатон дар қолаби маснавӣ низ баён шудааст:

Мекашад дарёи Панҷ аз банди гесӯи найистон,
Мӯи занҳои муҳоҷир чун раҳид аз панҷаи он?
Як найистон нолаам ман, як найистон печу тоб,
Як ҷигар дарёи хунам, як ҷигар дарёи обам (аабб) .
(8, 25)

Овардани камтарин намунаи шеърҳо низ далели онанд, ки шоирон тавонистаанд масоили доғи рӯз ва маънии тозаро бо диду тахайюли нав дар қолаби ҳазорсола резанд.

Дар шеърҳои иҷтимоии суннатӣ аз санъатҳои бадеӣ фаровон истифода шуда, хасоиси жанрии он зиёд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтаанд. Вазн, қофияпардозӣ, радифсозӣ дар офаридаҳои мазкур риоя шудааст. Агар дар ғазалу маснавӣ ва таркиббанду мухаммасҳои классикӣ шоирон бештар аз як вазн истифода намоянд, дар шеъри муосири тоҷикӣ – дар офариниши ашъори суннатӣ, дар як ғазал ё маснавӣ бештар аз ду ва зиёда вазнҳо истифода менамуданд. (Ин падида аллакай дар ибтидои асри мозӣ дар ашъори С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ зиёд ба чашм мерасад). Ин навъи қолабҳои аҷдодӣ, ки аз ҷиҳати сохтор таҳаввул пазируфта буданд, дар офаридаҳои иҷтимоии адабиёти муосири тоҷикӣ, бахусус, марҳалаҳои баъд аз ҷанги ватании дувум рушд намуда, зиёд корбаст шудаанд:

Аз зодбуми хештан бо хотири озурда рафтам,
Бо дарди дил, бо дарди сил, бо чеҳраи пажмурда рафтам.
Ҳар кас, ки рафт аз масканаш хоки табаррук бурду ман,
Аз масканам парвонаи ҷурми ҷиноӣ бурда рафтам.
Чун устухонҳои падар, чун устухони хушки модар,
Чун устухонҳои бародар, чун устухони хушки хоҳар,
Ҳар устухонамро ба пеши утсухонхоре ниҳода,
Дар ҳар қадам бо сад алам сар то қадам афсурда рафтам.
(8, 35).

Тафовут миёни шеърҳои суннатии муосир ва шеъри нав асосан дар тасвири шоирона аст. Мушоҳида мешавад, ки тасвир дар жанрҳои аҷдодӣ хусусиятҳои хешро дораду дар шеъри нав вазифаи комилан дигареро ба ҷо меорад.

Ба андешаи мо, дар шеъри нав тасвир мустақил ва пурмаънитар аст. Ин шакли шеърӣ тавонистааст, ки аз жанрҳои суннатӣ, бахусус ғазал, ки қашол ёфтани маънии як байтро дар байти сонӣ иҷозат намедиҳад, бартарӣ пайдо кунад. Гарчанд имкони тасвир дар ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, таркиббанд, мухаммас мисли тасвир дар шеъри нав фарох нест, шоирони муосир тавонистаанд, ки дар чаҳорчӯбаи

арӯз ва қавоиди жанрҳои аҷдодӣ тасвирҳои дилпазир ва ғайримунтазира офаранд:

Зулф ошуфтаву хай кардаву хандонлабу маст,
Пираҳанчоку ғазалхону суроҳӣ дар даст,
Наргисаш арбадаҷӯю лабаш афсӯскунон
Нимашаб дӯш ба болини ман омад, бинишаст…
(11, 61)

Озодона инкишоф ёфта натавонистани тасвирро дар қолаби суннатӣ адабиётшинос Аскар Ҳаким чунин шарҳ додааст: «Тасвиркорӣ дар ғазал аз он сабаб маҳдуд буд, ки ба он талаботи шакли ғазал имконияти васеъ намедод. Ҳар байти ғазал ба андозаи инкишофи жанр мустақилтар шудан гирифт ва, аз ин рӯ, тасвир, ки бештар сухани давомдорро талаб дорад, дар шакли ғазал озодона ривоҷ карда наметавонист» (37, 103).

Қавонини шаклии жанрҳои суннатӣ устувор аст, аз ин рӯ, дар фосилаи беш аз ҳазор сол он қадар тағйироти шаклиро напазируфта, вале мӯҳтавою бадеияти он таҳаввули зиёде пазируфт.

а) Ҷанбаи иҷтимоӣ дар қолаби суннатӣ

Бо вуҷуди он ки дар боби баёни матолиби иҷтимоӣ дар қолабҳои суннатӣ баҳс зиёд аст, дар ҳоле ки бархе донишмандон қолабҳои арӯзи озодро дар роҳи инъикоси андешаҳои иҷтимоиву сиёсӣ созгортар медонанд ва бовар доранд, ки «шеъри гузаштагони мо танҳо аз эҳсосот ва санъати шеърӣ иборат буда, меъёрҳо ва қолабҳои он ҳатто мазмунҳои он низ қобили қабул нестанд» (39, 41), ба шоирони охирҳои қарни гузашта имкон даст додааст, ки дар чаҳорчӯбаи арӯз ва қавонини жанрҳои аҷдодӣ ҷанбаи иҷтимоиро инъикос намоянд. Дар мӯҳтаво ва шаклҳои шеърӣ пайванди замонӣ зананд.

Ба қавли академик М. Шакурӣ «адабиёти классикии

форсу тоҷик ҳамеша ба муаммоҳои зиндагӣ, тақдири башарият майлу рағбати тамом дошт ва фалсафаписандӣ ва ҳикматпарварӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои он буд» (42, 6). Юсуф Акбаров андешаи ҷомеи муҳаққиқони шеъри суннатӣ ва шеъри навро хулоса карда, таъкид медорад, ки «шеъри асили классикӣ ҳаргиз кӯҳна намешавад, зеро дар он масъалаҳои муҳими умумиинсонӣ ва умумидунявӣ бо санъати баланди шеърӣ ифода ёфтаанд ва аҳамияти ин мавзӯъҳо то даме ки инсоният ҳаст, боқӣ хоҳад монд» (21, 175).

Шеъри иҷтимоии муосир дар қолаби кӯҳна давоми анъанаҳои ҳазорсолаи гузашта бо пайванди зуҳуроти нав ва дарки қонунҳои диалектикаи замони нави бозҷустҳои иҷтимоӣ аст. Метавон гуфт, ки инъикоси ҷанбаи иҷтимоӣ дар қолабҳои суннатӣ аз ибтидо ба воқеоти зиндагӣ пайвастагии хос дошта, ойинаи ҳаёти ҷомеа гардидааст. Комёбии шеъри суннатии тоҷикӣ аст, ки тавонистааст расму оин ва равиши зиндаи табақаҳои мухталифи ҷомеаро то як андоза инъикос намояд.

Ба миён омадани шаклҳои нави шеър на танҳо эътибори қолаби суннатиро коста накард, балки баҳрабардорӣ аз ин анвои тоза ба шаклҳои аҷдодӣ рӯҳу тавони тозае бахшид.

Шеър новобаста аз шакли эҷод дар ҳар марҳала хусусияти худро дорад. Дигаргунии вазъи ҷомеа ва тағйири куллии ҷараёни андешаҳо дар марҳалаи охири асри XX, бешубҳа, ба сохтор ва мӯҳтавои қолабҳои суннатӣ таъсир расонид.

Инъикоси матолиби иҷтимоӣ дар қолабҳои қадимӣ кори душвор аст, зеро эҷод дар қолабҳое, ки собиқаи чандҳазорсола дорад, бахусус, шеъри иҷтимоӣ аз шоир ҳунари махсусро тақозо мекунад. Дар қолабҳои суннатии муосир мо вежагиҳои зеринро ба мушоҳида гирифтем:

Аввалан, ҷанбаи иҷтимоии қолабҳои суннатии муо-

сир аз қолабҳои классикӣ бо иҷтимоъгароии бештар фарқ дорад. Адибони гузашта барои ибрози ақоиди хеш бештар аз рамзу киноя истифода намуда, оҳанги духӯрагиро дар шеърашон ҷой медоданд:

Чаман аз рангу бӯ чун шуд тиҳӣ, булбул фано гардад,
Сароеро, ки ҷуд аз вай равад, мотамсаро гардад…
Тиҳидастӣ ба аҳли иззат охир оварад хорӣ,
Чун найшаккар шавад аз мағз холӣ, бӯрё гардад…
(12, 196)

Мазмунҳои иҷтимоӣ дар ин порча тавассути рамзу киноя вориди шеър шуда, оҳанги духӯра пайдо кардаанд. Ба санъатҳои лафзиву маънавӣ бештар таваҷҷӯҳ шудааст. Дар ин нигоштаҳо унсурҳои публитсистӣ – хитобу нидо, ист, зарбу зада, баёния, тақтеъву пораҳое, ки мағзи сухан дар онҳост, кушоду равшан таъкид нашудааст. Унсурҳои публитсистиро шоирон ноаён ва самимӣ истифода намудаанд.

Дар давраи муосир масоили иҷтимоӣ ба шеър тезу тунд ворид гашта, ба тахайюл ва тасвири шоирона бештар диққат дода шуд:

Ин кӯчиёни хокираҳ, пур хоки моро бехтанд,
Аз дори мо бар хурдаву моро ба дор овехтанд.
Нахле насабзонидаву карданд моро решакан,
Бурида тору пудамон, пайвандамон бигсехтанд,
Аз хоки мо нон хурдаву кардандамон бехонумон,
Бо хуни мо омехта моро ба хун омехтанд…
(16, 89)

Ва ё:

Ғарқи дунёи ғамонам, роҳи ободӣ куҷоӣ?
Як қадам шакку гумонам, роҳи ободӣ куҷоӣ?
Гӯям ар сӯзад забонам, варна сӯзад устухонам,
Дар замона безабонам, роҳи ободӣ куҷоӣ? (16, 101).

Ҷанбаи иҷтимоӣ дар ин пораҳо пурқувват аст, оҳанги духӯраи мӯҳтаво бартараф шуда, унсурҳои публитсистӣ ифо-

даи равшан ёфтаанд. Мӯҳтавои ғазали мазкурро пурсиши риторикии «Роҳи ободӣ куҷоӣ?» бештар ифода менамояд.

Сониян, яке аз хусусиятҳои шеъри суннатӣ мустақил будани тасвир ва мӯҳтавои ҳар банд аст, яъне ҳар банди ғазал тасвир ва мазмунеро хулоса мекунад ва ҷудо аз матни шеър буданаш имконпазир аст:

Дил муқими кӯи ҷонон асту тан ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб?!

Аз ин байт хонанда маънии комил ва мустақилеро пайдо мекунад. Вале дар ғазалҳои иҷтимоии муосир шоирон то андозае аз ин вежагӣ сарфи назар кардаанд. Дар бештари ғазалҳо бо вуҷуди истиқлоли бандҳо шоирон мӯҳтавои комили шеърро сар то сари мисраъҳо ҷойгир намудаанд. Ҳадаф ва мақсади шоир аз овардани байти аввал дар байти охири ғазал равшан мешавад. Чунончи, мӯҳтавои ғазали «Ин кӯчиёни хоки раҳ пур хоки моро бехтанд» дар байти охир равшан шудааст. Мӯҳтаво дар тасвир ва тасвир дар сар то сари шеър густурда мебошад.

Солисан, эҳсос дар шеъри иҷтимоии гузашта бартарӣ дошта, эҳсоси иҷтимоӣ муқаддамтар аз андешаи иҷтимоӣ буд:

Хонабардӯшам, парешон, ку ватан дорад маро?
Бар ҷунун таклиф чоки пераҳан дорад маро.
Ғунчаи дил нестам, то аз насиме во шавам,
Рӯзгори рафта сар дар пераҳан дорад маро.
(12, 206)

Шеър он вақт хуб аст, ки мӯҳтавояш ҳис ва андешаро созиш дода тавонад. Маълум аст, ки дар шеъри иҷтимоӣ шоир набояд ба шахсият ва эҳсос дода шавад, ҳамзамон андешаи хушку холиро вориди шеър кардан низ мувофиқи мақсад нест. Аксари ғазалу рубоиҳои иҷтимоии адабиёти муосири тоҷикӣ, бахусус, даҳсолаҳои охири қарни гузашта дар инъикоси мазомини иҷтимоӣ аз зоҳири ашё ба асли ҳақиқат роҳ ҷустааст:

Гар ману ту мо набошем, аз туву аз ман чӣ суд?
Баҳмани миллат набошем, шӯриши Баҳман чӣ суд?
Ту дар он ҷо, ман дар ин ҷо ҳамдигарро мехурем,
Гар хирад - мон тира бошад, тири сад хирман чӣ суд?
(16, 92)

Ин ҷо андешаи иҷтимоӣ аз эҳсос афзалтар аст. Истифодаи бамавқеи унсури публитсистӣ – хитоба низ дар созиши ҳис ва андеша таъсири мусбат гузоштааст.

Солҳои 90-уми садаи гузашта шоирон қариб аз ҳама навъҳои жанрӣ фаровон истифода бурдаанд. Мазмуни иҷтимоӣ, ҷанбаҳои публитсистӣ ва воқеияти зиндагӣ дар ҳамаи анвои шеърӣ ба чашм мерасанд.

Ахиран, дар шеъри иҷтимоии классикии форсу тоҷик вежагии ҳасбиҳолӣ ва оҳанги панду андарз ва ҳикмат бештар эҳсос мешуд, ки ҳамин хусусият аз шеъри иҷтимоии муосири тоҷикӣ, бахусус, қолабҳои қадимӣ берун гардид ва шоирон кӯшиш карданд, ки дар баёни ҷанбаи иҷтимоӣ ҳузури панду андарз ва насиҳатҳои бевоситаро камтар созанд. Дар қолабҳои суннатии муосир ҷанбаи иҷтимоӣ бештар сурати мушаххас дорад. Хонанда имкон дорад, ки тавассути мӯҳтаво ва натиҷагирии шоир ба хулоса ояд. Дар шеъри иҷтимоии муосири тоҷикӣ оҳанги фалсафӣ қувват гирифта, мундариҷаи андарзӣ дар умқи мӯҳтавои шеър ҷой ёфт:

…Гирям аз он ки ба жарфои чунин фоҷиае
Нашавад хира кас аз ҳамнасабу ҳамватанам.
Гирям аз он ки ду-се бетарафе бешарафе
Ба сарам санг биборанд, ки ман дам назанам.
Гирям аз он ки ту танҳоиву ман танҳотар,
Ватанам, о ватанам, о ватанам, о ватанам! (16, 91).

Дар ин ғазали Л. Шералӣ бо вуҷуди ҳузури ҳикмат ва панду андарз – хештаншинос шудан ва аз содапиндорӣ дар канор будан, хонанда насиҳатгӯии шоирро эҳсос намекунад, балки мақсади шоир дар мӯҳтавои шеър ғунҷоиш

дорад. Шоир мехоҳад ба василаи инъикоси масоили иҷтимоӣ – носозгории ҷаҳони муосир хонандаро ба хулосагирӣ раҳнамун созад.

Дар шеъри зер ҳамагон ба худшиносӣ даъват шуда ва ҳикмати шеър – дарёфти дӯстиву ваҳдати халқ аст:

Мерасад рӯзи саиди худшиносӣ, эй Ватан,
Медамад шеди таманно аз нигоҳи ҳамватан.
Тоҷикистонро Аҳуро раҳнамоӣ мекунад,
То бисӯзад аз ҳасад ҳафтод пушти Аҳриман! (5, 10)

Аз ин таҳлилу баррасиҳо натиҷа метавон гирифт, ки ҷанбаи иҷтимоии шеъри муосир бо баҳрабардорӣ аз комёбиҳои адабиёти гузашта рушди чашмгир намуда, шоирон дар қолабҳои рубоӣ, ғазал, маснавӣ, мухаммас, тарҷеъбанд ва ғ. дар муҳтаво ва тасвир тозакориҳо намудаанд, ки хусусиятҳои зоҳириву зеҳнии баъзе аз ин жанрҳо таваҷҷӯҳи моро ба худ кашид.

б) Масоили иҷтимоӣ дар рубоиву дубайтиҳо

Аз қадим классикон барои ифодаи панду ҳикмат ва мазмунҳои фалсафӣ аз рубоиву дубайтӣ истифода мекарданд. Дар адабиёти классикӣ рубоиву дубайтӣ ва ғазал аз қадимтарин, дӯстдоштатарин ва фаъолтарин жанрҳо ба шумор мерафтанд. Дар байни ин қолабҳои шеърӣ рубоӣ хусусияти хосе дорад, яъне, агар дар эҷоди дигар шаклҳои шеърӣ шоир дар интихоби вазни шеър озод бошад ва мувофиқи мақсаду мӯҳтавои интихобшуда ғазал, маснавӣ ва ғайра офарад, дар эҷоди рубоӣ ин амр татбиқшаванда нест, ба он хотир, ки рубоисаро дар шаҷараи бистучоргонаи ахрабу ахрами баҳри ҳазаҷ метавонад рубоӣ эҷод кунад, дар акси ҳол офаридаи ӯ рубоӣ маҳсуб намешавад. Рубоӣ дар байни анвои назми форсӣ ягона жанрест, ки истиқлоли вазнашро то имрӯз нигоҳ дошта, ягон жанри дигар натавонистааст ин вазнро пурра тасарруф намояд. Мусаллам аст, ки рубоисароӣ пешаи ҳар кас нест. Эҷоди рубоӣ ҷаҳонбинӣ

ва маҳорату малакаи махсусеро тақозо дорад, зеро «шоири рубоигӯ бояд дар чаҳор мисраъ як фикри амиқи фалсафиро бо санъати зебо ифода карда тавонад ва таҷрибаи рубоинависии классикони мо ба ин нукта далолат мекунад» (21, 59). Бахусус, эҷоди рубоии иҷтимоӣ маҳорати бештареро тақозо дорад.

Дар назми баъдиинқилобии тоҷик пас аз Абулқосим Лоҳутӣ ва Муҳаммадҷони Раҳимӣ ин жанр камтар ба назар мерасид. Аксари шоирон бар он ақида буданд, ки қолаби рубоӣ барои баёни андешаҳои иҷтимоӣ кӯҳнагӣ ва тангӣ мекунад, ба ин хотир аз сурудани дубайтиву рубоии иҷтимоӣ даст кашиданд. Ин ақида то солҳои 60-70-уми асри гузашта пойдор монд. Дар ҳамон солҳо академик М. Шакурӣ аз ин рухдод бо таассуф изҳори нигаронӣ намуда, зикр карда буд, ки «рубоӣ барин навъи муҳими шеъри иҷтимоӣ дар назми имрӯзаи мо рӯз то рӯз мавқеи худро аз даст дода истодааст. Ҳам шоирони куҳансол, ҳам шоирони ҷавон онро қариб фаромӯш кардаанд. Ва ҳол он ки рубоӣ имконияти бадеиро дорост ва барои бисёр вазифаҳои ғоявию бадеӣ хизмат карда метавонад» (43).

Абдушукури Абдусаттор низ чунин ақида дорад, ки «рубоӣ чун қолаби шеъри классикӣ пас аз инқилоби шӯравӣ ба адабиёти муосири тоҷик низ интиқол ёфт, вале дигар он ривоҷи ҳамагонӣ ва нуфузу рушди собиқи хешро аз даст дода буд» (20,50). «Тарғиби ҳаёти сотсиалистӣ, тараннуми музаффариятҳои инқилоб, даъват ба кору меҳнат» боиси бешӯру шар баромадани рубоиёт дар он овон гардид. Бояд тазаккур дод, ки рубоӣ дар тӯли таърихи зиёда аз ҳазорсолаи адабиёти форсу тоҷик аз лиҳози сохтору устухонбандӣ ва шакли зоҳириаш қариб бетағйир мондааст:

Мо тоҷики тоҷдори пурармонем,
Савдозадаи ҷаҳони пурисёнем.
Олуда забони хешро бо хасу хок,
Бояд, ки варо ба қолабаш гардонем! (17, 72).

Баъди ба саҳнаи адабиёт қадам гузоштани Лоиқ Шералӣ ва эҷоди силсилаи тозаи рубоиву дубайтиҳои баландғояву пурмазмуни шоирони ҷавон то андозае ин заъф аз миён бардошта ва хатари нобуд шудани жанр аз байн рафт. Лоиқ мавзӯъҳои «кӯҳна»-ро дар замони нав ба таври тоза дарку эҳсос кард ва хулосаи шоирони пешинро бо хулосаҳои ҳаёти худ омезиш дода, рубоиҳои тозаву замонавӣ офарид.

Лоиқ андешаи гузашта, ормони давомдиҳандаи кори гузаштагон буданро чунин таъкид кардааст:

Ту гуфтӣ: Мо замину осмонем,
Ту гуфтӣ: Соҳиби қавму маконем.
Вале гар мурдагонро ёд н-орем,
Яқин дон, мурдатар аз мурдагонем. (16, 168).

Мавзӯъҳое, ки дар рубоиҳои ин марҳала инъикос гардидаанд, хеле доманадор буда, масоили гуногуни рӯзгорро дар бар доранд. Бахусус, дар эҷоди рубоӣ баррасии ҷанбаи иҷтимоӣ арзиш пайдо кард. Дар даҳсолаҳои охири асри мозӣ ҳувияти миллӣ, хештаншиносиву ватанхоҳӣ, эҳтиром ба забони модарӣ аз мавзӯъҳои муҳими рубоӣ ба шумор мерафтанд, ки дар даврони шӯравӣ ин тамоюл хеле кам ба назар мерасид. Матавон натиҷагирӣ кард, ки ҷанбаи иҷтимоиро низ дар қолаби рубоӣ Лоиқ вусъат дода, дар ҷодаи офариниши рубоии иҷтимоӣ саҳм гузоштааст. Дар рубоиҳои ӯ инъикоси мазомини иҷтимоӣ тезу тунд ва барҷаста эҳсос мешаванд:

Ободгари ҷаҳони вайрон моем,
Дунё ба чӣ лозим аст, худ дунём?!
Бегона наем, гарчи дурем ба дил,
Фарзанди ҳамон як Одаму Ҳаввоем (18, 522).

Ҷои дигар дар мавриди гиромидошти забони модарӣ, ки аз зумраи мавзӯъҳои умдаи иҷтимоӣ ба шумор меояд, мегӯяд:

Ҳар кас, ки наёфт роҳи соҳибназарон,
Бояд, ки равад ба маҳфили бебасарон.

Ҳар кас, ки забони модариро гум кард,
Бояст, ки гум шавад зи хоки падарон (18, 530).

Ин нуктаро бояд зикр кард, ки дар рубоиҳои иҷтимоии ин шоир омезиши фалсафаи зиндагӣ эҳсос мешавад, ки тавассути он мехоҳад ба пурсишҳои хеш посух биёбад:

Умри гузарон хоҳӣ, нахоҳӣ, гузарад,
Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ, гузарад.
Бар подшаҳон ҳасад мабар, эй сода,
То ҳар нафасат ба шодмонӣ гузарад (17, 531).

Масоили хештаншиносиву худогоҳӣ, душвории замони ҷанги бародаркуш ва ғарибиву бечорагии мардум дар силсилаи рубоиву дубайтиҳои Бозор Собир, Гулрухсор, Аскар Ҳаким, Гулназар, Доро Наҷот бо тасвирҳои тозаву ноб ва ғайримунтазира инъикос ёфтаанд:

Девору дари Ватан шикастем, дареғ!
Аз серӣ гурусна ҳам нишастем, дареғ!
Майдон ҳама аз серии майдон пур шуд,
Дар гардани доҳӣ сим бастем, дареғ! (8, 140).

Бозор Собир гуруснанишинию тазоҳуроти барҳадар шикастани ҳайкали доҳии коммунистон – Ленинро дар Душанбе дар қолаби рубоӣ баён намудаст. Ҳузури унсурҳои публитсистӣ – зарбу зада, хитоба, нидои «дареғ» ба бадеияти ин қолаби шеърӣ халал нарасонида, ба баёни зебои матолиби иҷтимоӣ мусоидат кардааст.

Сонитар ин анъанаро насли ҷавон Фарзона, Сиёвуш, Салими Хатлонӣ, Суруш, Озарахш ва дигарон идома дода, дар ҷодаи рубоисароӣ гомҳои мустаҳкам ниҳоданд. Ҳунари эшон ба амиқбурди мӯҳтавои рубоии охири асри XX таъсири бориз гузоштааст:

Торе, ки туро Ватан нахонад, назанам,
Он дил, ки ғами Ватан надонад, шиканам.
Шамъе, ки бари Ватан насӯзад, бикушам,
Чашме, ки туро, Ватан, набинад, биканам (2, 364).

Шоирон бо маҳорати хос аз дардҳои Ватан ҳарф

зада, бо вуҷуди бесарусомониҳо бовар доштанд, ки меҳани азизро мардони ватандор дубора сарбаланд хоҳанд кард:

Булбул зи фироқи гул сухан мегӯяд,
Дарду ғами хеш бар чаман мегӯяд.
Аммо дили ман ба шеваи поки дарӣ,
Як умр таронаи Ватан мегӯяд (13, 78).

Ё

Ҳар боғ зи сунбулу суман холӣ нашуд,
Аз нолаи булбулон чаман холӣ нашуд.
Ҳарчанд ки хуни мардҳо рехт адӯ,
Аз чумлаи мардҳо Ватан холӣ нашуд (12, 80).

Ҳамин тавр, рубоии иҷтимоӣ дар дарозои қарни гузашта вусъат ёфт ва таваҷҷӯҳи дубораи шоирон ба ин жанр ба амиқрафти ҷанбаи иҷтимоӣ дар ин қолаб мусоидат кард ва ин ҳол ба равнақи андешаи милливу ватанхоҳона замина фароҳам овард.

в) Ғазалҳои иҷтимоӣ

Маълум аст, ки таснифи шеъри форсӣ асосан дар заминаи қолабҳо сурат мегирад. Омӯзиши таҳаввули анвои адабӣ дар ҳамбастагӣ бо дарунмоя, вазн, сабк ва ҷанбаҳои ҳунарӣ мувофиқи мақсад аст. Чунон ки қайд шуд, дар охирҳои асри XX аз анвои шеърӣ – рубоӣ ва ғазал, маснавӣ ва тарҷеъбанд бештар мавриди таваҷҷӯҳи шоирон қарор дошт. Ҳазорсолаҳост, ки ғазал ҳамчун маъмултарин ва маҳбубтарин навъи шеъри форсӣ-тоҷикӣ шинохта шуда, ин қолаби зебо ва мафтункунанда аз гӯянда равонӣ ва салосати баёнро тақозо дорад. Калимоти дурушту дағал, ибороти ночаспон дар ғазал набояд ҳузур дошта бошанд. Доктор Аҳмади Ҳотамӣ – адабиётшиноси эронӣ аз таҳаввулу инкишофи ғазал сухан ронда, қайд мекунад, ки «сайри ғазал дар таърихи адаби форсӣ ҳикоят аз қобилияти ин қолаби шеърӣ барои баёни латифтарин мазомини отифӣ ва эҳсосӣ дорад ва ҳамин истеъдод сабаб шудааст,

то ғазал мавриди таваҷҷӯҳи шоирони бузурги форсӣ қарор гирад ва олитарин мазомини ирфонӣ ва латифтарин таъбири ишқиро ҷудогона омехта, ба ҳам дар ғазал тарҳ кунанд. Шукӯҳи ғазал, ки дар давраи ироқӣ бо ҳузури Саъдӣ ва Мавлонову Ҳофиз ба авҷ мерасад, дар даврањои баъд ҷило ва шукӯҳаш коста мешавад ва танҳо ғазалиёти Соиб ва баъзе дигар аз шоирони сабки ҳиндӣ рангу бӯе доранд ва он ҳам ба ин ҷиҳат аст, ки хатти худро аз хатти Ҳофиз ва Саъдӣ ҷудо карда ва роҳи дигар паймуданд» (38, 254). Чун пайравони сабки ҳиндӣ дар эҷодиёташон ба ҳузури ҷанбаи иҷтимоӣ эътибори махсус медоданд, метавон ба ақидае расид, ки дар баробари бозтоби дубораи шукӯҳи ғазал пас аз Соиб ғазали иҷтимоӣ низ ибтидо гирифт ва чун яке аз шохаҳои ин қолаби аҷдодӣ роҳи таҳаввул оғоз кард ва то замони мо омад. То ин фурсат ҳузури иҷтимоиёт дар ғазал кам андар кам ва ё ба сурати ғайримустақим мушоҳида мешавад. Иллати ин ҳол пеш аз ҳама дар нерӯманд будани ҷанбаи ирфонӣ, фалсафӣ ва андарзии ғазалҳои гузашта аст.

Бо эҷодиёти Сайидои Насафӣ ва баъдан Абдулқодир-хоҷаи Савдо иҷтимоиёт дар ғазал ҳузури бевосита пайдо кард ва баррасии масоили мубрами ҷомеа ба василаи ин жанр ба анъана даромад:

Он ки дорад молу зар, асбобу сомоне ба даст,
Гарчи нодон аст, назди мардумон ақли кул аст.
Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст.
(12, 312)

Шоирон дар ин марҳала барои баёни вазъи иҷтимоии ҷомеа ва ҳолу аҳволи танги хеш аз ғазал истифода намуда, ба инкишофи ғазалҳои иҷтимоӣ мусоидат карданд:

Сад гирех дар кори ман афтод чун банди қабо,
Зинҳор, эй ҳамнишин, бигрез аз паҳлӯи ман.
Сайидо, шабҳо надорам хоби роҳат ҳамчу шамъ,
Болини осоишам бошад сари зонуи ман (12, 194).

Дар асри XX бо назардошти тағйири сиёсиву иҷтимоӣ мавқеи ғазали иҷтимоӣ мустаҳкамтар гардид ва дар роҳи баёни мавзӯъҳои замонӣ аз ҷониби Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷони Раҳимӣ зиёд истифода шуд.

Бо вуҷуди ин балоғат ва фасоҳати ин жанри куҳан боис шуд, ки дар ибтидои солҳои 80-90-уми асри XX истифодаи он боз ҳам қувват гирад. Шоирон барои инъикоси ҷанбаи иҷтимоӣ аз ин навъи жанр фаровон истифода мекарданд, ки бешак, идомаи анъанаи ғазалсароии ҳазорсолаи гузаштагон мебошад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ғазалҳои иҷтимоии ин марҳала дар таҳаввули шеъри муосири тоҷикӣ нақши боризе гузоштанд, зеро дар тарзи баёни маънӣ, сувари хаёли шоир ва диду тасвирҳои шоиронаи офарандагони ғазалҳои иҷтимоӣ тозагиву таҳаввул ва оҳанги замон эҳсос мешавад. Эҷоди ғазалҳои сирф иҷтимоӣ афзуда, иҷтимоиёт ҳатто дар ғазалҳои ошиқонаи шоирони муосир ҷойгоҳ хосе пайдо кард, ки гоҳе ноҳудогоҳона ва гоҳи дигар махсус вориди шеър гаштаанд. Бартарии ғазалҳои иҷтимоӣ дар ин фосилаи адабӣ далел бар он аст, ки инъикоси ҷанбаи иҷтимоӣ дар қолабҳои арӯзӣ низ имконпазир аст:

То кай бувед аз ҳама дур, эй бародарон,
Гурӣ кунед то дари гӯр, эй бародарон?
Шохи ҷавонаи шумо нашкаста оварад
Баргу навои шодию сур, эй бародарон.
Аз ҷангу ҷӯшу зӯрии ноҷоятон чӣ суд,
Чун нестед аз Худо зӯр, эй бародарон?
Захма ба захми синаи хунин чӣ мезанед,
Созед торҳои дил ҷӯр, эй бародарон (16, 98).

Дар қолаби ғазал ҷой додани чунин масоили дардноки ҷомеа аз шоир дид ва тахайюли тозаро хоҳон аст.

Аз гуфтори фавқ ин гуна хулоса метавон кард:

1) Дар интиҳои асри XX эҷоди ғазалҳои иҷтимоӣ дубо-

ра ба ҳукми анъана даромад;
2) Дар ғазалҳои иҷтимоии ин давра ба бадеият таваҷҷӯҳи хоса зоҳир шуд;
3) Тахайюл ва образ бар хилофи фаҳмиши мухолифон дар ғазалҳои иҷтимоии ибтидои асри гузашта рушд намуд;
4) Тасвир ва диди шоирона дар қолаби ғазалҳои иҷтимоӣ мавқеи аввалиндараҷа пайдо кард ва мӯҳтаво дар тасвир омезиш ёфт.
5) Дар баробари вуруди унсурҳои публитсистӣ оҳанги ҳасрату дард дар ғазалҳои иҷтимоӣ бештар гардид.

г) Ҷанбаи иҷтимоӣ дар шаклҳои нави шеърӣ

Шеъри нав аз падидаҳои муҳими шеър дар олами форсизабон буда, дар Тоҷикистон низ таърихи қобили мулоҳизае дорад.

Шеъри нави тоҷикӣ аз ашъори С. Айнӣ, А.Лоҳутӣ, П.Сулаймонӣ, М.Раҳимӣ, Ҳ.Юсуфӣ ва дигарон, ки ба қавли М. Шакурӣ, бештар ба «урупогароии инқилобӣ такя карданд», рушд мекунад. Адабиётшинос А. Маниёзов дар иртибот бо ниёзҳои замон ақида дорад, ки «шеърҳои нави мо дар шароити ҷамъияти сотсиалистӣ дар заминаи назми советӣ пайдо шудааст» (26).

М.Мирзоюнус дар ин маврид мегӯяд: «Дар ҷараёни таҳаввули шеъри муосири тоҷик заминаҳои миллӣ, адабиёти рус ва хоса шеъри нави Эрон нақши муҳим доштаанд. Дар қиёс бо шеъри Эрон, ки таҳти таъсири модернизми Ғарб, бавежа ашъори навгароёнаи Бодлер, Артур Рембо, Стефан Милерма ва… будааст, шеъри тоҷикӣ бештар мутаассир аз таҷоруби эрониён ва русҳо, аз дастовардҳои шеъри озод ва ҷараёни самбулизм, натурализм ва дигар ҷараёнҳои адабии модерн буд» (27, 144).

Воқеан, моҳияти назми тоҷикӣ баъд аз инқилоби ок-

тябр нав гардид. Мӯҳтавои шеър ба куллӣ дигаргун гашт. Шеър ба воқеият ва иҷтимоиёт гароиши бештар ёфт. Ҳамин дигаргунии сиёсиву иҷтимоии ҷомеа ва вуруди бештари ҷанбаи иҷтимоиро М.Шакурӣ омили ба миён омадани шеъри нав маҳсуб дониста ва пайдоиши шеъри озоди бевазнро «то як андоза ба моддигароии ғарбиён, шуури эстетикии моддигароёна вобаста» рабт додааст. (44, 17). Дар ин замина Доро Наҷот мегӯяд: «Таҷрибаи шеър ба оғоз аз қарни XII (аз ҷониби Ҳазини Лоҳиҷӣ ва баъдан Хоқонии Шервонӣ ва шуарои дигар) идома доштааст. Дар авоили қарни бистум, яъне то ҳузури Нимо намунаҳои шеъри нави Эрон дар осори чанд тан аз шуаро ба назар мерасад. Ва дар адабиёти тоҷик нахустин шеъри озодро устод Айнӣ гуфт» (29). Ӯ илова мекунад, ки шеъри озоди Тоҷикистон бидуни таъсир аз шеъри нимойии Эрон бо равишҳои вежаи худ дар ду ҷанба: илмиву фалсафӣ ва иҷтимоиву оммавӣ ҷараён кард ва сипас, бо кушуда шудани даричаи равобит ба Эрон аз шеваҳои Нодири Нодирпур ва Фурӯғи Фаррухзод ба таври худ ба андозае баҳраёб шуд. Ба андешаи аҳли таҳқиқ ва соҳибназарон шеъри озоди Тоҷикистон дар асри XX арзи ҳастӣ кард ва маҳсули давраи муосири шеъри форсӣ-тоҷикӣ аст.

Муҳим он аст, ки баёни андешаи иҷтимоӣ дар қолаби шеъри нав имконияти фарохтари нигоришро соҳиб аст ва ин имкон бештар дар тахайюл ва тасвир ба мушоҳида мерасад.

Аксари аҳли таҳқиқ, аз ҷумла Сируси Шамисо, Абдураҳмони Абдуманнон ба ин назаранд, ки шеъри нав аз шеъри суннатӣ бо мухтассоти забонӣ, фикрӣ ва адабиаш тафовут дорад. Тибқи бардоштҳои Сирус Шамисо мухтассоти фикрии ин ду шакли шеърӣ чунин аст:

Шеъри суннатӣ – «маъшуқи осмонӣ, маъшуқи музаккир, ирфонӣ, тарҳи мавзӯъҳои маҳдуд ва мушаххас, адами зикри масоили хусусии зиндагӣ, адами таваҷҷӯҳ ба масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ, фозилона, ручӯъ ва мадҳ.

Шеъри нав – «маъшуқи заминӣ, маъшуқи муаннас, мухотаби мардумӣ маъмул аст, дунявӣ, танаввӯи мавзӯот, ишора ба масоили хусусии зиндагӣ, таваҷҷӯҳи шадид ба масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ, самимона» (40).

Шикасти марзҳои луғавӣ ва боз шудани дарвозаҳои шеър барои вуруди ҳар навъи луғат ва таркиб аз мушаххасоти шеъри имрӯз аст. Дар анвои мухталифи шеъри куҳан – қасида ва ғазал луғати қасида аз луғати ғазал тафовут дорад. Муҳаммади Ҳуқуқӣ муҳимтарин ихтилофи миёни шеъри нимоӣ ва шеъри куҳанро дар кӯтоҳиву баландии мисраъҳо, озодии тахайюл, шеърият ва ҷавҳари шеър, забон ва баёни он маънидод намудааст (дар ин бора ба китоби «Шеъри нав аз оғоз то имрӯз» муроҷат шавад).

Муҳаққиқи покистонии адабиёти муосири форсӣ Муҳаммади Носир бар он бовар аст, ки «шеъри куҳани порсӣ дар ҳудуди ҳазор сол қабл дарун ва беруни худро аз ҳар навъ тағйиру таҳаввул ҳифз карда, бар се пояи аслӣ устувор будааст:

1. Сурат ва қолаб ё сохтори берунии шеър, яъне қолабҳои махсус ва риояи авзони арӯз ва қофияву радиф.

2. Забони махсуси адабӣ, ки шеърро аз забони рӯзмарра ва илмӣ мутамойиз месохт.

3. Маънидор будан, бояд шеър маъниву мафҳум дошта бошад.

Ин муҳаққиқ бо назардошти ин се рукни аслии суннати шеър шеъри нимоиро ба се бахш тақсим кардааст:

– Шеъри классикӣ;

– Шеъри нимклассикӣ;

– Шеъри озод (30, 11-13).

Ба ин тариқ, хусусиятҳои фарққунандаи ин се тарзи баёни шеър дар чашмандози муҳаққиқон амиқу дақиқ баррасӣ ва дастабандӣ шудаанд. Бо назардошти ин ҳама метавон гуфт, ки ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеъри тоҷикӣ дар интиҳои асри ХХ муассиртар гардид.

Сар то сари қолаби шеъри навро тасвир фаро мегирад ва муҳимтарин тафовути ин дастаи шеърӣ аз қаволиби ачдодӣ ба чуз вежагиҳои шаклӣ дар тарзи тасвирофаринӣ ба мушоҳида мерасад. Чунонки огаҳӣ дорем, дар шаклҳои ачдодӣ тасвири шоирона ва мӯҳтавои шеър дар ҳар банд мустақил аст, вале ҳамин истиқлоли абёт дар шаклҳои нави шеърӣ ба мушоҳида намерасад:

Қоматат сабз,
Шоху баргат сабз.
Ғунчаат сабз,
Аммо барои ту,
Барои сарсабзии ту
Ҷони сияҳ мекананд деҳқонон (17, 411).

Бешак, дар шеър тасвир, мӯҳтаво ва шакл якҷоя ҳаракат мекунанд ва ҳаргиз яке пештар аз дигаре буда наметавонад. Дар шеъри нав низ тасвир зарбу оҳанг ва ҳаракати шеърро ташкил медиҳад ва шоирон дар ин шакли шеърӣ ба тасвир таваҷҷӯҳ кардаанд.

Мусаллам аст, ки тасвир бояд расову пурра бошад, яъне мӯҳтаво, ҳис ва андешаро ба ҳам созиш диҳад. Дар шаклҳои тозаи шеърӣ бозёфтҳои шоирона ва хаёли шоир асоси бадеият ва заминаи шеъри ичтимоъгароро ташкил медиҳад. Зимни омӯзиши шаклҳои нави шеъри ичтимоӣ дарк мешавад, ки дар шеъри нав корбасти тахайюли бадеӣ нисбат ба санъатҳои бадеӣ бештар аст. Дар ин гуна нигоштаҳо шоир барои баёни тахайюл аз воситаҳои тасвири бадеӣ истифода мебарад. Дар шаклҳои нави шеърӣ санъати бадеӣ воситаи баёни фикр аст:

Дунё ачаб сафеду сиёҳ аст,
Оҳиста мечакад,
Дар ашки абр сурмаи чашмони осмон,
Оҳ, эй дарахти бараҳна,
Вақти намози шом шуд, бояд вузӯъ гирифт,
Бо барфи аввали зимистон.

Аз кӯча ғамолуд тобут мебаранд,
Кӣ андаруни қолаби чӯбӣ хуфтааст? (9, 10).

Дар ин шеър диди бадеии шоир ҷолиби диққат аст. Ӯ ба василаи тасвири ғайримунтазира олами тахайюлро боз мекунад. Дунёро сиёҳу сафед мебинад ва ин сафеду сиёҳиро ба абри сиёҳ нисбат медиҳад, ки аз он барфи сафед мерезад. Барфро ба сурмаи чашмони осмон ташбеҳ намудани шоир, бо барф вузӯъ гирифтани дарахтони бараҳна тасвирҳои шоирона анд. Ҳузури санъатҳои ташхис, ташбеҳ ва рамз тасвирро хеле ҷолиб намудаанд. Агар мутаваҷҷеҳ шавем, дарк мекунем, ки тасвирҳо яке дигареро пурра месозанд. Дунё аҷаб сафеду сиёҳ аст. Мисраи аввали шеър бо тасвири мисраи дувуму севум пурра мешавад. Ба андешаи мо, тасвир дар мисраъҳои «Оҳиста мечакад, Дар ашки абр сурмаи чашмони осмон» дарбаргирандаи ду мӯҳтаво аст:

а) Боридани барфи аввали зимистон;

б) Таъкиди он, ки дунё воқеан сиёҳу сафед аст (аз абри сиёҳ боридани барфи сафед).

Дар мисраъҳои чорум, панҷум ва шашум тасвир боз ҳам пурратар шудааст:

Оҳ, эй дарахти бараҳна (одатан дар фасли зимистон дарахтони бараҳна ранги сиёҳ доранд, ки ин ишора ба сиёҳии дунё аст).

Вақти намози шом шуд, бояд вузӯъ гирифт. Ҳодисаи одии нишастани барфҳо ба шохаи дарахт ва аз вазни онҳо сархам шудани он басо шоирона тасвир шудааст. Яъне, дарахт аз расидани барф пок шуда, сархам омодаи намоз аст. Мисраи «Бо барфи аввали зимистон» ишора ба ранги сафед дорад. Мӯҳтавои шеър аз ин лиҳоз низ муассир аст. Мисраъҳои «Аз кӯча ғамолуд тобут мебаранд, кӣ андаруни қолаби чӯбӣ хуфтааст?» мӯҳтавои фалсафии шеърро нерӯ мебахшад. Дар зеҳни хонанда фалсафаи ҳастӣ ва марг бедор мешавад. Маҳз ҳамин тасвир андешаи фалсафӣ-иҷтимоии шеърро чашмгир сохтааст. Комилан равшан меша-

вад, ки ҳар тасвир дар ин шеър ду вазифа дорад:

а) баёни пайдарҳами мӯҳтаво, яъне идомаи андешаи шоир;

б) муассир сохтани мисраъҳои аввалии шеър.

Ба ин тариқ, шеъри нави охири қарни XX аз шаклҳои нави шеъри ду марҳалаи аввал тафовути бештар дорад. Пеш аз ҳама ба шеъри иҷтимоии солҳои 90-ум андешаҳои фалсафӣ ва ирфонӣ ҳамроҳ гашт (аввалин падидаи вуруди андешаи фалсафӣ ба шеъри муосири тоҷикӣ дар оғози солҳои 60-ум асри XX мушоҳида мешавад), ки ин имкон дод дар мӯҳтавои шеър аз лиҳози маънӣ қадаме чанд пеш гузошта шавад. Ҳамзамон, «дар назми муосир тасвир ва тахайюл имкон медиҳад, ки барои баёни ҷанбаи иҷтимоӣ аз ҳар навъ шеър истифода шавад. Масалан, шеъри ирфонӣ, шеъри фалсафӣ ва шеъри манзара имкон дорад, ки андешаҳои иҷтимоиву сиёсиро низ мунъакис намояд». Яъне, дар шеъри иҷтимоӣ аз ҷанбаи фалсафиву ирфонӣ ва андарзҳо метавон истифода бурд ва ҳамзамон дар ашъори фалсафӣ низ андешаҳои иҷтимоиро метавон ҷой дод, ки бевосита ба тахайюл ва диди бадеии шоир марбут аст. Дар порчаи зерин тасвир ва тахайюл бо ҳам созиш ёфта, андешаи иҷтимоӣ ҷой гирифта, ва ба ин васила, поэтикаи шеър низ таъмин шудааст:

Ҷонамози сояшро бар замин густурда
маҷнунбед,
Дар суҷуд истода сархам.
Ин дарахт умре намозашро
Дар ҳамин як ҷонамози сояи худ мегузорад.
Ман ҳам аз авлоди ин бедам,
Сояи касро накардам ҷонамоз умре,
Доиман бар сояи худ саҷда кардам,
Доиман бар сояи худ саҷда хоҳам кард (7, 52).

Ба ин тариқ, бардоштҳои иҷтимоиву сиёсии шоирони ин давра орӣ аз ҷанбаҳои ирфониву андешаҳои фалсафӣ

нестанд. Вуҷуди андешаҳои фалсафӣ, созиши андеша ва ҳис каломи шоирро мавзунтар месозанд.

Дар баробари ин, мӯҳтавои фалсафӣ ва андешаи ирфонии шеъри нав аз оҳангу мазмуни иҷтимоӣ баҳравар аст:

Шояд фурсате ҳам намондааст
барои аз ҷаҳолати хеш озод шудан,
барои сафед кардани девори гиландуд,
барои пероҳани доғи иҷтимоъро
бо фитрати мунаввари худ шустан,
барои ба хонаҳои хоб ангушт задан
ва қавми бефардоро ба самти бедорӣ бурдан.

(10, 126)

Гӯянда дар ин мисраъҳо аз ғуруб меандешад ва андешаҳояш ӯро ба хулосаи фалсафӣ мебаранд. Меандешад, ки магар ғуруб аввалин навиди рӯзи дигар нест? Оё танҳо хулосаи як рӯз пиндоштани ғуруб дуруст аст? Ин мисраъҳо аз фалсафаи оптимистонаи муаллиф дарак доранд, зеро ӯ ғурубро низ ба фардо, ба равшанӣ пайванд мезанад. Фалсафаи шоир аз иҷтимоъ сарчашма мегирад.

Метавон натиҷа бардошт, ки вуруди андешаҳои ирфонӣ ва оҳангҳои фалсафӣ ба шеъри иҷтимоӣ хусусиятҳои сифатан наверо ато намуд, ки аз зумраи дастоварди шеъри иҷтимоии марҳалаи охири қарни гузашта маҳсуб мешавад. Пас, дар солҳои 80-90-уми асри гузашта ҷанбаи иҷтимоӣ дар қолаби нави шеър, яъне дар шаклҳои шеъри нав, шеъри озод ва ё шеъри сапед бештар эҷод шудаанд. Ин пеш аз ҳама ба имкониятҳои сохтори шеър алоқаманд аст, зеро чунон ки таъкид шуд, дар шеъри нав шоир дар ҷодаи офариниш ва ҷанбаҳои ҳунарӣ як қадар озодтар аст. Ҳамзамон, хонандагон низ ба ин навъи шеър таваҷҷӯҳ доранд, зеро воситаҳои тасвир дар шеъри муосир бар сухани бадеӣ рӯҳи тоза бахшида, ҷанбаҳои лирикиро вусъат дод.

Суоле ба миён меояд, ки се навъи шаклҳои тозаи шеъ-

рӣ аз ҳам чӣ тафовут доранд? Сирус Шамисо дар китоби «Сабкшиносии шеър» ин се шеваи шеъри навро бад-ин гуна шинохтааст:

Шеъри озод – вазни арӯз дорад, аммо қофия мушаххас нест;

Шеъри сапед – ҳарчанд оҳангин аст, аммо вазни арӯз надорад ва ҷои қофия ҳам мушаххас нест.

Шеъри мансур – на танҳо арӯз надорад ва қофия ҳам нест ва фарқи он аз наср маъмулан дар ироаи матлаб ва навъи хоси баён мебошад, ва ба таври куллӣ, тахайюли шеърӣ аст.

Муҳаққиқи номии шеъри нав В. Б. Кляшторина дар ин маврид ақида дорад, ки метавон шеъри навро ба гунаи шеъри озод, шеъри сапед ва шеъри ҳиҷоӣ муаррифӣ кард, яъне ӯ шеъри сапед ва шеъри озодро яке аз шаклҳои шеъри нав мешиносад ва мегӯяд: «По нашему мнению, не следует отождествлять «шеъри ноу» со свободным стихом, ибо последний является лишь разновидностью формы «новой поэзии»…» (25, 7).

Бо назардошти хусусиятҳои шакливу сохтории шаклҳои шеъри нав метавон гуфт, ки дар шеъри иҷтимоии Тоҷикистон дар марҳалаи охири қарни ХХ «асосан ду шеваи аввалӣ – шеъри нав, яъне шеъри озод ва шеъри сапед» бештар ба кор рафта, бо ҷасорати эҷодии Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ «рӯҳ ва ҷони тоза» гирифтааст. Шеъри озоди Тоҷикистон таърихи таҳаввулро аз сар гузаронидааст. Чунонки шоир ва мунтақиди амиқназар Доро Наҷот таъкид менамояд, ҷанбаи иҷтимоӣ-оммавӣ, ҷанбаҳои публитсистӣ ва сиёсат яке аз омилҳои инкишофи равишҳои шеъри нав мебошанд. Бинобар он, шеъри озод ва ҷанбаҳои сиёсиву иҷтимоӣ бо ҳам пайванди наздик доранд ва инъикоси вазъияти иҷтимоии давр боиси афзудани маҳбубияти ин навъи шеърӣ байни хонандагон гардидааст. Таҳаввули

шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷикӣ аз навиштаҳои С.Айнӣ ва тарҷумаҳои А.Лоҳутӣ, ашъори П.Сулаймонӣ ва Ҳ.Юсуфӣ оғоз гардида, дар солҳои 60-уми асри XX дар сохтору таркиб тағйири ҷиддиро аз сар гузаронид ва баъди солҳои 90-ум ба авҷи таҳаввул расид ва дар ҷодаи тасвиру тахайюл тозакории зиёдеро соҳиб шуд:

1) Шеъри иҷтимоии ин давра бо тарзи баёни мӯҳтаво аз шаклҳои нави шеъри ибтидои асри XX фарқ дорад. Яъне, мӯҳтаво бо диди шоиронаи ҷадид ва бадеияти олӣ пешкаши хонанда мегардид:

Суст гашта панҷаи пӯлодии нангам,
Дар гиребони разилу паст.
Ин Ватан –
Ин сангари сангини бӯронҳо,
Ин Ватан –
Ин лангари киштии тӯфонҳо
Маркази таҷрибаи Аҳриманон будаст (3, 51).

Ин гуна бадеияти олӣ ва тасвири тозаву хотирмон ва муассирро шоири охири қарн сурудааст, яъне, дар шаклҳои нави шеърӣ бар хилофи шеъри нави аввали қарн, тасвир, тахайюл ва диди шоирона василаи баёни мӯҳтаво нест, балки мӯҳтаво дар тахайюли шоир ҳал мешавад. Дар ин навъ шеър хонандаро тахайюли озоди офаранда ва тасвир, ки ба василаи санъатҳои бадеӣ ва ҳузури унсури асотирӣ эҷод шудааст, мутаваҷҷеҳ мекунад. Тасвирҳои маҳзи шоиронаи «панҷаи фӯлодии нанг», «лангари киштии тӯфонҳо», «маркази таҷрибаи аҳриманон» мӯҳтавои иҷтимоиро ба хонанда ба таври рангин пеш мекашад.

2) Дар шеъри нави даҳсолаи охири асри мозӣ тасвир ба хотири тасвир нест, балки тасвирҳои тозаи шеърӣ бо ҳадафи муайян ба вуҷуд омадаанд. Масалан, ҳадафи аслии шоир аз тасвир дар ин шеър баёни вазъи баҳдиҷангии Тоҷикистон ва ғаму андӯҳи мардум мебошад. Маҳорати офарандагии шоир имкон додаст, ки вазъи воқеии ҷомеа

бозгӯ шавад ва ба хонанда ошкор гардад, ки бар асари ҷанг Ватан ба макони таҷрибаи аҳриманон табдил ёфтааст. Шоир маъниро аз қолаби калима берун мекашад ва бо мазмуни фарохтаре пешкаш мекунад, зеро «шеър растохези калима» аст, шоири асил низ ҳамон касе аст, ки калимаро аз маънии луғавияш берун орад ва ба тасвир табдил диҳад.

Пас аз омӯзиши вуруди ҷанбаи иҷтимоӣ ба шеър ва таъсири он ба қолабҳои шеърӣ ба ин хулоса мерасем, ки ҷойгоҳи иҷтимоиёт ҳам дар шаклҳои суннатӣ ва ҳам дар шаклҳои нави шеърӣ мушаххас буда, аммо, бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бозтоби ҷанбаи иҷтимоӣ дар қолабҳои тозаи шеърӣ бештар сурат гирифта ва ҷойгоҳи хосе ба даст овардааст. Ба андешаи мо, рушди шеъри нав ба омилҳои зер пайвастагӣ дорад:

1. Бардошта шудани қавонини вазнҳои арӯз;

2.Озод шудан аз тарзи қофиябандии суннатӣ;

3.Густурда гаштани домани тасвир.

Ин омилҳо барои баёни пурвусъати андешаи иҷтимоӣ созгор омадаанд.

ҶАНБАИ ҲУНАРИИ ШЕЪРИ ИҶТИМОӢ

Шеъри иҷтимоӣ бо далелу санад ва даъвату хитоба сарукор дорад ва шоирро лозим аст, ки масоили сиёсию иҷтимоиро бо муҳокимаҳои амиқу дақиқ ва ҷамъбастҳои воқеӣ ба хонанда пешкаш намояд. Тасвирҳои тоза ва истифодаи ҳунармандона аз аносири тасвирсоз имкон медиҳанд, ки ҷанбаи иҷтимоӣ ва аносири шеърӣ ба ҳам оянд. Албатта, шеър новобаста ба навъи он (ошиқона, ирфонӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ) бояд дархури ниёзҳоии хонанда бошад. То имрӯз муҳаққиқон дар нақди адабӣ асосан ба мавзӯъву мундариҷаи шеъри иҷтимоии муосир диққат дода, ба бадеияти шеър ва сохтори ҳунарии он – сабки бадеӣ, қонунияти жанрӣ, зарбу оҳанг, тасвиргарӣ кам таваҷҷӯҳ намудаанд. Таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои ҳунарии шеъри иҷтимоӣ ковишҳои амиқу дақиқро тақозо дорад, зеро дар даҳсолаи охири қарни гузашта асоси рушду такомули шеъри иҷтимоӣ ба нерӯманд шудани ҷанбаҳои ҳунарии шеър тавъам мебошад.

Иқтидори ҳунарии ҳар шоир дар рангину пурмӯҳтаво шудани шеъри иҷтимоӣ муассир аст. Вусъати тасвиргарии шоир аз чигунагии сатҳу савияи ҳунари ӯст. Таваҷҷӯҳ ба тасвирҳои тоза, дар қолаби таркиб ва ташбеҳҳо ғунҷонидани маъниҳои баландарзиш имкон фарҳам овард, ки шеъри иҷтимоӣ-сиёсии Тоҷикистон дар сатҳи муайян қарор гирад. Албатта, даврони дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар камрангиву урён шудани шеър беасар нест. Ин зуҳуроти адабиро академик Муҳаммадҷони Шакурӣ чунин ба мушоҳида гирифтааст: «Аз ибтидо, ба вежа аз нимаи дувуми даҳаи бистум сухани одӣ ба пеши по афтода, вориди шеър шуд ва батадриҷ шеърро аз асолати хеш дур кард ва мӯҳтавои маънавӣ, андешаи фалсафӣ, панду андарз, мазмунофаринӣ ва биниши хоси шоирона аз шеър берун рафт ва бидуни тартиб «шеъри сармақола» пайдо шуд, ки мӯҳтавои мақолот, таблиғ ва тавзеҳи рӯзномаҳои ҳизбиро ба назм

мекашид ва низомномаашон ҳам тиҳӣ аз вежагиҳои шеърӣ ва дар сатҳи бисёр паст буд».

Адабиётшиносон Худоӣ Шарифов, Абдунабӣ Саттор-зода, Шоҳзамон Раҳмонов, Матлубаи Мирзоюнус, Алиасғари Шеърдӯст ва дигарон низ ба ин нукта ишора кардаанд.

Дар қарни XX мо шеъри фаровоне доштем, ки масоили муҳими иҷтимоиро дар бар мегирифтанд, вале шеъри хуби иҷтимоӣ чандон зиёд набуд. Фикр мекунем, иллати асосӣ дар он аст, ки дар шеъри иҷтимоии марҳалаи аввал асосан ба мазмун ва мӯҳтаво диққат дода мешуд ва ҳунармандӣ дар шеър назди шоир камтар эътибор дошт. Шоирон ба ҷои он ки замонро ба шеър биёваранд, шеъри замонӣ месуруданд. Масалан, дар пораи зер ҳадафи шоир ва мавзӯъ бартарӣ дорад, ки тараннум ва тарғибу ташвиқ аст:

Эй Хуҷанд, эй болшевики номдор,
Фатҳи нав кардӣ, муборак, офарин!
Аз таги дил, аз даруни ҷон ба ту,
Ҳурмати комил, саломи оташин.

А.Лоҳутӣ

* * *

Ту дар ин раҳ сафар кардаӣ,
Ба ҳаққонӣ ин ҷанг сар кардаӣ.
Туро аз таҳи дил, мубориз рафиқ,
Ба монанди як дӯст ҳастам шарик.

Албатта ин мисраъҳо баёнгари вазъи фикрии ҷомеа аст, вале моҳияти иҷтимоии онҳо барои ҳамон замон арзиш дошт, яъне, метавон ин сурудаҳоро чун шеъри замонӣ шинохт. Чунин шакл гирифтани ашъори иҷтимоӣ сабабҳои айниву зеҳнӣ дорад:

1. Вусъати бемонанди усули том ва ягонаи тасвир – реализми сотсиалистӣ, ки дар адабиёти шӯравӣ расмият пайдо кард.

2. Ташвиқи зисту зиндагии нав, ки дар адабиёт, бахусус шеъри иҷтимоӣ ҷойгоҳи умда пайдо кард ва боиси ба

миён омадани шеъри «урён» гардид.

3.Ҳадафи ба мардум наздик бурдани адабиёт ва ормонҳои адабӣ барои ба вуҷуд омадани шеъри замонӣ сабаб шуд.

Ин нукта набояд чунин пазируфта шавад, ки шеъри давраи шӯравӣ саросар шеъри хушку берӯҳ ва орӣ аз санъатҳои бадеиву тахайюли ғанӣ аст. Шеърҳои нағзи иҷтимоиеро метавон дарёфт, ки ҷанбаи ҳунарии пурқувват доштанд. Ашъори Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Убайд Раҷаб, Аминҷон Шукӯҳӣ ва дигарон аз нигоҳи мақоми ҳунариашон ҷолиб ҳастанд, маҳорати нигорандагии бархе аз шоирон ҳам то ҷое шоистаи таҳсин аст, вале боз ҳам дар ин ҷо таъсири идеологӣ ва «халқӣ» намудани адабиёт бадеияти шеъриро аз таваҷҷӯҳи хонанда ба навбати сонӣ мегузорад.

Бо бовар метавон гуфт, ки дар охири қарни гузашта ва ибтидои қарни кунунӣ шоирони иҷтимоъгаро ба поэтикаи шеъри иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карданд. Тахайюл, тасвир, образ ва аносири тасвирсоз василаҳои баёни мӯҳтавои иҷтимоӣ гардиданд. Тасвир мӯҳтавои шеърро муқтадир ва назаррасу муассир ба ҷилва оварад.

Мусалламан, тасвир дар бозтоби мӯҳтаво ва иҷтимоиёт бояд расову пурра бошад ва мӯҳтаво ҳиссу андешаро ба ҳам созиш диҳад. Шеъре, ки дар он эҳсос аз мӯҳтаво бартар аст, ҳеҷ гоҳ дархури хонанда шуда наметавонад. Бахусус, шеъри иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ин самт диққати бештарро тақозо дорад. Шоир набояд дар бозтоби ҷанбаи иҷтимоӣ ба шахсият ва эҳсосот дода шавад, зеро «шеър шахсият нест, балки фирор аз шахсият аст». Андешаҳои хушку холиро ба шеър пайванд кардан дуруст нест. Ин матлабро муҳаққиқи эронӣ Ризо Бароҳанӣ низ таъкид кардааст: «Ҳаргиз набояд як андешаи фалсафиро ба таври сареҳ вориди шеър кард, балки эҳсоси як андешаро гирифт ва нохудогоҳона дар миёни ашё партофт» .

Ба офариниши шеъри нағзи иҷтимоӣ танҳо мазмуни олӣ кифоя намекунад ва, гарчанде, асоси шеъри иҷтимоӣ маънист, баёни зебову муассири мӯҳтаво комилан ногузир аст. Ин зарурати шеърӣ пеш аз ҳама тасвири хаёл ва забони шеър аст. Албатта, таваҷҷӯҳ ба бадеияти шеър дар адабиёти муосири тоҷикӣ бесобиқа набуд, зеро аллакай солҳои 60-70-уми асри гузашта унсурҳои мухталифи тасвирсоз дар эҷоди шоирон ба назар мерасад. Кӯшиши адабиёти моро ба асолати шеърӣ наздик бурдан аз шоироне мисли Мӯъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ, Аскар Ҳаким, Доро Наҷот, Фарзона, Сиёвуш, Суруш ва боз чанд тани дигар рух додааст. Дар авохири асри ХХ ҳунармандӣ, тасвир ва, бахусус, тахайюли шоирона мӯҳтавои шеърро фаро гирифт, бадеияти шеър бартарӣ пайдо кард ва тасвир ба ҷуз унсури поэтикаи шеър буданаш ба сифати василаи баёни матлаби аслӣшинохта шуд.

Бидуни шак, ҳама гуна шеър дар ҷараёни инкишофи хеш бурду бохти чашмгир дорад. Шеъри иҷтимоӣ низ дар қатори ашъори ошиқонаву орифона ва фалсафӣ аз ҳама ҷиҳат дастоварди лоиқи таваҷҷӯҳе дарёфт. Дар ин миён таҳаввули ҳунар ва ҳунармандӣ дар шеъри иҷтимоӣ бештар ҷолиби диққат аст. Ба ин васила имкон фароҳам омад, ки дубора асолат ба шеъри тоҷикӣ бозгардад.

1. Таваҷҷӯҳ ба дину мазҳаб

Дар бозтоби андешаи иҷтимоӣ ва баррасии масоили рӯз шоирон ба унсурҳои диниву мазҳабӣ эътибори махсус зоҳир карданд. Дар шеъри иҷтимоии поёни асри ХХ ҳузури ирфон ва дин мӯҳтаворо муассир ва ҷанбаи ҳунарии шеърро қавитар намуд:

Худовандо,
Чӣ мешад, гар зи рӯи меҳр
Дари васлам ба рӯи асл бикшоӣ?… (29, 236)

Ҷавҳари матлаб худогоҳиву хештаншиносӣ аст ва

шоир хоҳони он аст, ки миллати тоҷик ба асли хеш бирасад, хешрову Худоро бишносад. Ҳамин маънӣ ба василаи муроҷиат ба Худованд пешкаши хонанда гардидааст. Бегумон чунин тасвири тоза, ки дар шеъри иҷтимоии ибтидои асри гузашта ба назар намерасид, ба поэтикаи шеър таъсири хуб гузоштааст:

Худоё,
паноҳам деҳ!
Ки чун балои охирзамон
Метарсонад
Ҳароси инсони муосир
аз шеър
ва имон! (29,215)

Инъикоси ҷанги шаҳрвандиро аксар шоирон тавассути ҳамин хусусият равшану муассир сохтаанд:

Шайтон балад буду имони хешро
Бо куфр ҳамеомехт! (9,9)

* * *

Аҷал аз хуни кирдораш пушаймон нест,
Фариштa аз сияҳкории шайтон низ ҳайрон нест. (3,45)

* * *

Хуштар аз ин ҷаннати дӯзах…

* * *

Тарс дорам балки аз қаҳри Худоям…

2. Тавъам омадани фалсафа ва иҷтимоиёт

Сабз хоҳад гашт
Боғи суми аспи ҷаҳлхурда.
Боз хоҳад кард чашми меҳр
Хуршеди намурда…
Хешро ҳамчун кулоҳи куҳнаи дарвеш
Бардоранд аз хоки ҳақир
Ворисони сарсупурда (4,76).

Фалсафаи инкори инкор, тағйирёбанда будани ҳоди-

сот бисёр шоирона ба шеъри иҷтимоъ пайванд ёфтааст:

Зиндагӣ узр бинеҳам, ки зи худ менолам,
Андар-ин фосилаи байни салому падруд.

3. Мавқеи бориз касб кардани асотир ва ривоятҳои халқӣ

Маркази таҷрибаи аҳриманон будааст… (4,51).

Шоирон барои инъикоси вазъи ҷомеа рӯ ба ривояту асотир оварда, тасвирҳои ҷолиб офариданд. Аз миёни шоирони ин марҳала ашъори Лоиқ, Гулрухсор ва Фарзона бо зиёд будани аносири асотирӣ имтиёз доранд. Шоирон ба василаи тимсоли асотир ёдрас мешаванд, ки мардуми тоҷик бо пои худ ба коми нестӣ роҳ мегирад. Зардушт, Ҳурмузд, Фариштa – қувваи некӣ ва Аҳриман, Шайтон, Иблис – қувваи бадӣ аз маъмултарин тимсоли асотирии шеъри иҷтимоии ин давра мебошанд. Воқеоти замони ҷангро ба амалҳои шайтонӣ нисбат додани шоирон ва, ба ин васила, эҷоди тасвирҳои ғайримунтазира ашъори ононро ҷолибу хондanӣ месозад, ба мисли

Шайтон қаҳ-қаҳи мастона мезанад,
Дар базми Аҳриман.
Ҳурмузд лахча рӯи каф арғушт меравад,
Дар марги хештан (3,18)

Мӯҳтавои шеър ҳодисоти манфури замон, бесарусомонӣ, беҳувиятӣ, теша бар решаи хеш задани миллати тоҷикро дар даҳсолаи охири асри ХХ дар бар мегирад. Мебинем, ки мӯҳтаво хеле иҷтимоӣ аст, ҳатто иҷтимоитар аз шеъри ибтидои асри ХХ. Василаи баёни мӯҳтаво-тасвир дар порчаи мазкур ғайримунтазира аст. Маҳз ҳузури асотир бадеияти шеърро афзун ва таъсирнокии шеърро бештар намудааст. Воқеан, диди шоирона аз диди иҷтимоӣ мачро гирифтааст. Шоир бесарусомониҳои диёрро ба базми Аҳриман (қувваи бадӣ) нисбат медиҳад ва бовар дорад, ки шайтони зард мардумро зери тасарруф гирифтааст. «Шайтони зард» гуфтани шоир низ беҳадаф нест. Маъму-

лан ранги зард нишони ҷудоист ва дар зеҳни хонанда эҳсоси манфӣ бедор мекунад. Шайтон бадкирдор аст. Пас, Шайтони зард боз ҳам бадкирдортар, қаҳ-қаҳи мастона задан ҳам бадкирдории Шайтонро таъкид менамояд.

Дар марги хеш лахча рӯи каф арғушт рафтани Ҳурмузд (Худои некӣ) бо дасти хеш ба коми нестӣ бурдани миллати тоҷик аст. Тасвирҳо шоирона, тахайюли шоир низ ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад. Бешубҳа, чунин тарзи баёни маталиби иҷтимоӣ боиси рушди ҷанбаи ҳунарии шеър шудааст.

Намунаи чунин тасвирҳои шоирона дар шеъри ин марҳала фаровон пайдо мешавад, ки ҳунари нотакрори шоирро намоён кардааст.

Метавон гуфт, ки шоирон дар даҳсолаҳои охири қарни мозӣ дар эҷоди шеъри иҷтимоӣ ба комёбиҳо ноил гардиданд. Бардоштҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳунар ва маҳорати нигорандагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ошноӣ бо тамаддун ва адабиёти ҷаҳонӣ ба шоирон имкон додааст, ки зимни эҷоди тасвир ва самбулҳо ҳақиқати бартар аз худи шеър, воқеият ва ҷанбаи иҷтимоиро ташхис диҳанд ва ба созиши иҷтимоёт ва шеър мусоидат намоянд, ки ин нукта то нимаи савуми асри XX аз камбудиҳои аслии шеъри тоҷикӣ шинохта шуда буд. Маҳз истеъдоди фитрии шоирон дар марҳалаи нав шеъри иҷтимоии муосири тоҷикиро аз таназзули «маҷбурӣ» раҳо кард. Шоирон ниёзҳои аслии хонандагони шеъри иҷтимоиро дарк намуданд, зеро шоири сиёсӣ ҳангоме дар кори худ муваффақият меёбад, ки арзу ниёзҳои замони худро шиносад. Шеъри даҳсолаҳои охири асри XX иҷтимоитар ва инқилобитар аз шеърҳои иҷтимоии мароҳили пешини асри сипарӣ буд, вале шеъри хушку берӯҳ набуд аз он сабаб, ки шоирони иҷтимоъгарои тоҷик тавонистанд иҷтимоиёт ва шеърро созиш диҳанд, мӯҳтаворо бо бадеияти кул баён намуда, андешаи шоирро дар шеър эҳсос бибахшанд. Ҷустуҷӯҳои шоирон тадриҷан ба шеъри иҷтимоӣ сабку услуб ва бофти тозатаре оварда.

Пайнавишт:

1. Атоӣ З. Ситораи муштарӣ.–Душанбе: Адиб, 1998.–125 с.
2. Гулрухсор. Оташи Суғд.–Душанбе: Ирфон, 1981.–160 с.
3. Гулрухсор. Тахти сангин.–Душанбе: Адиб, 1992.–160 с.
4. Гулрухсор. Дар паноҳи сояи худ (китоби шеър).– Москва: Академия, 1998.–256 с.
5. Меҳринисо. Шароби нур.–Душанбе, 1996.–158 с.
6. Собир Б. Чашми сафедор.–Душанбе:Адолат, 1991.–116 с.
7. Собир Б. Симхор.–Москва: Трансдорнаука, 1999.–80 с.
8. Собир Б. Шоиру шеъре агар ҳаст (Шеър ва мақолаҳо).–Душанбе: Адиб, 2006.–328 с.
9. Фарзона. Ояти ишқ – Душанбе: Адиб, 1994. 17 с.
10. Фарзона. Мӯҳри гули мино.–Хуҷанд: Ношир, 2006.– 400 с.
11. Ҳофизи Шерозӣ Куллиёт.–Душанбе:Ирфон,1983.–672 с.
12. Хрестоматияи адабиёти тоҷик.–Душанбе: Маориф, 1985.–337 с.
13. Хатлонӣ С. Сапедасолори булӯр.–Душанбе: Ориёно, 1991.–96 с.
14. Ҳабиб Юсуфӣ. Сатрҳои нотамом. Китоб I.–Душанбе: Адиб, 1987.–336 с.
15. Шаҳрия. Шамими нур.–Душанбе: Адиб, 1992.–144 с.
16. Шералӣ Л. Фарёди бефарёдрас.–Душанбе, 1997.–238 с.
17. Шералӣ Л. Куллиёт (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди якум (китоби якум).–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001.–720 с.
18. Шералӣ Л. Куллиёт (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди якум (китоби дуюм).–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001.–712 с.
19. Шералӣ М. Борони сабз.–Душанбе: Ирфон, 1983.–208 с.
20. Абдусаттор А. Асрори шеъри марғуб. Мақолаҳо.– Душанбе: Адиб, 2004.–112 с.
21. Акбаров Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър (Баъзе масъалаҳои лирикаи муосири тоҷик).–Душанбе: Ирфон,1980.–196 с.
22. Бароҳанӣ Р. Тилло дар мис. Дар се ҷилд.–Теҳрон: Фирдавсӣ, 1371.
23. Бечка И. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон / Мутарҷимон М. Ибодиён, С. Ҳичрондӯст.–Теҳрон: Маркази мутоилот ва таҳқиқоти фарҳанги байналмилал, 1372.
24. Келдӣ Г. Равандҳои тоза дар шеъри муосири тоҷикӣ // Адабиёт ва санъат.–2002.–20 декабр.–№51.
25. Кляшторина В. Б. Новая поэзия в Иране.–Москва: Издательство «Наука», 1975.–256 с.
26. Маниёзов А. Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ.–Сталинобод, 1958.
27. Мирзоюнус М. «Бе ту хокам бо ту афлок Тоҷикистон» // Хуҷанд.–

2005.–№12.–С. 93-98.
28. Муваҳҳид З. Шеър ва шинохт.–Теҳрон: Марворид, 1377.–292 с.
29. Наҷот Д. Рӯиш аз сукут. (Гулчини ашъор). Душанбе: Деваштич, 2005. – 152 с.
30. Носир М. Шеъри муосир, маънову мавзӯъ ва таҳаввул.–Теҳрон, 1382.
31. Отаҳонова Х. Пайванди ҳис ва андеша.–Душанбе: Ирфон, 1982.–224 с.
32. Раҳмонов Ш. Шеър ва Айнӣ (Дигаргуниҳои сифатию созмонӣ дар лирикаи муосири тоҷикӣ).–Душанбе: Маориф, 1994.–192 с.
33. Сатторов А. Нуқтаи пайванд.–Душанбе: Ирфон, 1982.–240 с.
34. Сатторзода А. Кӯҳна ва нав (Дар шеър, нақд ва забон).–Душанбе: Адиб, 2004.–254 с.
35. Сафар У. Мусофири ҷодаи Хуршед.–Душанбе, 2005.–152 с.
36. Хоҷаева М. Масъалаҳои сабкшиносӣ.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1994.–223 с.
37. Ҳакимов А. Шеър ва замон (Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик).–Душанбе: Ирфон, 1978.–252 с.
38. Ҳотамӣ А. Таърихи адабиёти Эрон дар давраи бозгашти адабӣ. Ҷилди аввал ва ҷилди дувум.–Теҳрон: Ормон, 1373.
39. Ҳуқуқӣ М. Адабиёти имрӯзи Эрон. Ҷилди 1.–Теҳрон, 1379.–370 с.
39. Ҳуқуқӣ М. Шеъри нав (аз оғоз то имрӯз).–Теҳрон, 1377.–Ҷ. 1.–903 с.; Ҷ. II.–1184 с.
40. Шамисо С. Сабкшиносии шеър.–Теҳрон, 1380.
41. Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик.–Душанбе: Адиб, 1997.–272 с.
42. Шукуров М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик.–Душанбе: Ирфон, 1976.–273 с.
43. Шукуров М. Пайванди замонҳо ва халқҳо (Маҷмӯаи мақолаҳо).–Душанбе: Ирфон, 1982.–224 с.
44. Шакурии Бухороӣ М. Шеъри тоҷикӣ ба кадом сӯ меравад? // Рӯдакӣ.–2004.–№5.–С. 105-119.

ТАСВИРИ ИҶТИМОӢ ВА ЗАВҚИ ИСТИҚБОЛИ ШЕЪР

Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеър аз масъалаҳои муҳими суханшиносии муосири тоҷикӣ буда, дар ин замина баҳсу мунозираҳои доманадор сурат гирифтааст, зеро ин ду маҳфум-шеър ва иҷтимоъ аз рӯи хусусиятҳои хеш муқобили ҳам қарор доранд. Агар иҷтимоъ зиндагӣ ва воқеоти замон бо фарогирии асноду далелҳои мухталиф бошад, шеър-тимсоли зебоӣ, тахайюл ва тасвирҳои ҳайратангез аст ва ба қавле дурӯғи зебост. Аммо бо ин ҳама шеър ва иҷтимоъ ба ҳам пайванд ёфтаанд ва ин омезиш марҳала ба марҳала қувват мегирад.Чунончи дуктур Иржи Бечка мегӯяд: «Ба сиришти шеър низ имкон дода шуда, ки нисбат ба вазъияти сиёсӣ ба суръат вокуниш нишон диҳад». Воқеан, бо вуҷуди он ки иҷтимоъ ва шеър дар муқобили ҳам қарор доранд, шеъри тоҷикӣ аз оғоз бо иҷтимоъ пайванд дорад ва ин пайвастагӣ аз сарчашмаи пурбори адабиёти классикӣ ва адабиёти бостонии тоисломии форсии тоҷикӣ маншаъ ва реша мегирад. Шеъри тоҷикӣ аз даврони бостон бо зиндагии иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар барҳӯрд ва пайвастагии комиле қарор дошт. Ва ин пайвастагӣ дар қарни мозӣ хеле шиддат гирифта, боиси ба миён омадани шеъри иҷтимоӣ гардид. Дар интиҳои асри гузашта бошад, шоирон ба ҷуз тахайюл ва тасвир ба таркибсозиву маъниофарӣ ва мусиқии шеър низ таваҷҷӯҳ намуданд ва мазмуни иҷтимоиро дар ин ибораву таркибҳои тоза ҷой доданд, ки аз ҷанбаҳои ҳунарии шеъри иҷтимоии охири асри мозист.

Бидуни шак, ҳама гуна шеър дар ҷараёни инкишофи хеш бурду бохтҳои чашмгире дорад. Шеъри иҷтимоӣ низ дар қатори шеърҳои ошиқонаву орифона ва фалсафӣ дастовардҳои лоиқи таваҷҷӯҳро ноил шуд. Дар ин миён таҳаввули ҷанбаи ҳунарии шеъри иҷтимоӣ бештар шоис-

таи диққат аст, зеро дар ин марҳала ҷанбаи ҳунарии шеъри иҷтимоӣ он қадар пурқувват гардид, ки тавонист асолати ростини шеърро дубора ба шеъри иҷтимоии тоҷикӣ бозгардонад.

Шоирон дар эҷоди шеър он қадар ба масоили иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ намуданд, ки дар аксар маврид иҷтимоиёт ҳамчун воситаи тавсир барои баёни мӯҳтаво хизмат кард. Масалан:

Офтоби дерпайғоми дами пешин
Ҳамчу пире, ки саҳаргоҳон намозашро қазо карда,
Зери лаб худро маломат мекунад…

Фарзона

Эй об, эй мураккаб
Аз ду ҳуҷайра ҳидрожен
Ва як ҳуҷайра ҳаво,
Нигоҳи зеҳни башар
Туро ба ҳарф даровардааст: H2O
Чи саҳлу сода кори зеҳни одамизода!
Ман аз ҳақиқати зоҳир паноҳ ҷустаам,
Эй об ба батни маъно (5,27).

Боз пойиз.
Чеҳраи ғамзадаи боғ – инъикоси дард,
Вазиши бод – таровидани мусиқии яъсангез.
Дар дилам андӯҳе
ҳамчу кирми себ
Аз дарун мехурадам:
«Ҳайфи зебоӣ» (5,19)

Суруш

Мушоҳида мекунем, ки масоили иҷтимоӣ амсоли «дар шохи себи ҳамсоя печидани турнаҳои коғазӣ», «зери лаб худро маломат намудани пире, ки намозашро қазо намудааст», «вазидани бод», «чеҳраи ғамзадаи боғ», «кирими себ» дар шеър ба сифати воситаи тасвир истифода шуда,

бадеияти кулли онро таъмин намудаанд. Аслан дар зиндагӣ дидани тасвире, ки кирм себро мехӯрад чандон дилпазир нест, аммо тахайюли ғайриодии шоир ҳамин тасвирро ба шеър чунон ворид намудааст, ки ба поэтикаи шеър ва таъсирнокии мӯҳтаво ба касрат боло рафтааст. Яъне шоир масоили иҷтимоъро воситаи тасвири бадеӣ қарор додаст:

Гӯё буд момодояи ман
Момоборонаки баҳоронаш.
Гӯиё гаҳвораам биҷунбондаст
Малахи гаҳвораҷунбонаш.

Бозор Собир

Нидои шодии зоғон
Чу бонги ваҳшии авбошҳои шабгарде
Сиёҳу нофор аст.
Замин зи дарди ҷудои хомӯш менолад-
Даруни бистари абр офтоб бемор аст.

Фарзона

Ба андеша мо, ба сифати воситаи тасвири бадеӣ интихоб шудани масоили иҷтимоӣ дар шеъри муосири тоҷикӣ ба омилҳои зер алоқамандӣ доранд:

1. Аз он боис ки тӯли ҳазорсолаҳо шоирон шеър эҷод мекунанд ва қариб тамоми тасвирҳо гуфта шудаанд, шоирони муосир ба хотири эҷоди тасвири тоза сухани нав масоили иҷтимоиро воситаи тасвир қарор додаанд.

2. Рушди чаҳонбинии ҳам шоирон ва ҳам хонандагони муосир боиси эҷоди чунин тасвирҳои ноб гардиданд.

3. Ошноии бештар бо адабиёти ҷаҳон ва рушди техникаи муосир.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки иҷтимоиёт чун воситаи тасвир ҳам дар шеъри иҷтимоӣ ва ҳам дар шеъри ғайрииҷтимоӣ, аз ҷумла ишқиву фалсафӣ ва ахлоқӣ истифода мешавад. Дар шеъри ғайри иҷтимоӣ истифода шудани иҷтимоиёт ҳамчун василаи тасвир далолат аз вуруди бемайлони ҷанбаи иҷтимоӣ ба шеъри муосири тоҷикӣ дорад.

Дӣ рафқе пурсид
– Ҳой, устод Суруш!
Орзуят чист?
– Ханда кардам, ки ба ҷуз дорӣ орзуи дигарам нест.
Сахт ҳайрон шуд.
Шарҳ додам, ки агар марди тавонгар будам,
Аз зану фарзанд
Нақди танҳоии худро мехаридам.
Ӯ табассум кард:
Яъне, ки туро фаҳмидам. (5,56)

* * *

Як коса донишам буд;
аз зовияи нуҷум гузар мекардам,
афлок дар сарам мечархид,
Фалсафа дар деги тафаккурам меҷӯшид,
ҳандаса арзу тӯли тафаккурамро гом мезад…

Зиёданд мавридҳое, ки шоирон муаммо ва мушкилоти аввалиндараҷаи ҷомеаро ба таври мустақим вориди шеър мекунад ва бадин васила ҷанбаи бадеии шеъро ғанитар месозад, ин тарзи тасвирофарини ба шоира Фарзона бештар аз ҳама даст додаст. Дар маҷмӯаи «Мӯҳри гули мино» чунин тасвирҳои ғайримунтазира ва дилпазирро зиёд пайдо кардан мумкин аст. Чунончи:

Ишқ? Яъне чӣ?
Пули манзилу об, пули чароғу газ? (6,15)

* * *

Намунаи дигар:

Бечорае бо қатораи кӯҳнаи беоина
ба Русиё меравад… (6,8)

* * *

Касе фикр мекунад, ки боз ҳам пулро аз кӣ
бояд қарз гирад…. (6,8)

Мутаваҷҷеҳ мешавем, шоир тавонистааст дар ҳамин як мисра чанд масоили иҷтимоии замонашро дар шеър ҷой

кунад. Шоир дар баробари баррасии муаммои ба мусофират барои дарёфти ризқу рӯзӣ рафтани мардум, бо маҳорат аз проблемаи дигар – фарсудаву ҷавобгӯи талабот набудани қатораҳо низ ёдовар мешавад. Бешак, ба шеър ворид кардани чунин проблемаҳои доғи рӯз ва нигоҳ доштани латофат аз шоир маҳорат ва малакаи хосаро тақозо мекунад.

Ҳамзамон, дар ин марҳала шоирон ба ҷуз тахайюл ва тасвир ба таркибсозиву маъниофарӣ ва мусиқии шеър низ таваҷҷӯҳ намуданд ва мазмуни иҷтимоиро дар ин ибораву таркибҳои тоза ҷой доданд, ки яке аз ҷанбаҳои ҳунарии шеъри иҷтимоии охири асри мозист.

Таркибу иборот бо калимаи ***Иҷтимоъ***

Ғубори иҷтимоъ, нафрини иҷтимоъ, фарши иҷтимоъ, иҷтимои фосид, иҷтимои золим, иҷтимои олуда, иҷтимои сияҳ, пироҳани доғи иҷтимоъ, дарди иҷтимоӣ…

…Бояд дар ҳошияи кӯча гул нишонам
Бояд аз фарши иҷтимоъ ғуборро рӯбам (6,69)

* * *

Бори дигар шикаст ёфтаам дар бархурд
бо иҷтимои фосид (6,85).

Дар шеъри иҷтимоӣ ва ҳатто ғайрииҷтимоӣ, барои офаридани тасвир, истифодаи касрати таркибу ибороти ба василаи вожаи «иҷтимоъ» эҷодшуда, далели вуруди бемайлони ҷанбаи иҷтимоӣ ба шеъри муосири тоҷикӣ аст. Таваҷҷӯҳи шоирон ба ҷанбаи иҷтимоӣ ба гунаест, ки ҳатто дар тасвири зебоии табиат, аз масоили иҷтимоӣ истифода мекунанд. Чунончи, дар порчаи зер шоир барои тасвири шаб ба масоиле рӯовардааст, ки бо иҷтимоъ робитаи мустақим доранд:

Осмон варзишгаҳи хеле бузург аст.
Як тараф
абрҳои барқчавгон аз паси кӯи ситора тундтозӣ мекунанд.
Сӯи дигар

Моҳи комил дар фазои шохсорон мечарад.
Шаб ба шаб он ҷо сафедорони наврастӯббозӣ мекунанд.
(67, 207)

Мушоҳида мешавад, ки дар шеъри иҷтимоӣ вожаҳои баёнгарӣ иҷтимоъ низ зиёд ба кор рафтаанд. Ба шеър ворид шудани калимаҳои компутар, роёна, тайёра, магнитофон, телевизор, телефон, мансаб, мошин ва ғайра далели иҷтимоитар гаштани шеъри муосири тоҷикӣ аст. Бахусус, дар ин фурсат истифодаи истилоҳҳои ҳарбиву ҷангӣ ва сиёсӣ дар шеъри иҷтимоӣ бештар ба назар мерасад. Ин омил, бешубҳа, ба вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар марбут аст. Сар задани ҷанги дохилӣ низ вуруди ин истилоҳотро ба шеър зиёд намуд. Чунончи:

Калимаҳои марбут ба ҷанг:

Сипаҳсолор, генерал, яроқи қатли ом, бомбаи атом, тайёраҳои маргбор, гулӯла, танк, фалакнаварда, шаҳид, тобут, тиру сипар, маҳбус, асир, асри атом;…

Дар кафи тифлон аҷалро – тӯпро
Дар намуди бомбаи атом бинам! (11а),126)

* * *

Яроқи қатли ом ихтироъ не,
Интиҳои мост (11 а)127).

Калима ва ибороти марбут ба сиёсат:

Мансаб, раиси собиқи ҷумҳур, маҷлис, депутат, давлат, сарвар, ҳизб, ҳукумат, бозсозӣ, курсии мансаб, боркаши бозор, беобӣ, бечароғӣ, бегазӣ…

Тифлаки даридакафше бо китфҳои хамзадааш
боркаши бозор аст (6,23)

* * *

Калимаҳои марбут ба фановарӣ;

Кампутар, телефон, мошин, факс, тайёра, радио, магнитофон, истгоҳи мошинҳо, сутунҳои эълон, телефонҳои ҷайбӣ, пул, моҳвора, тарабхонаи шабона, наворбардор, симфониё, солун, одрес…:

Ҳой қавми мутамаддин!
Аз сари кампутер бархезед.
Баҳор шуд. Тапиши саҳроро мешунавед?
Бори дигар бояд гандум кишт (6,104).

* * *

Саҳаргоҳи хазон аст,
Валекин чашми мошин фурӯзон аст (6,28).

Мебинем, ки касрати масоили иҷтимоӣ ба бадеияти шеър таъсири манфӣ нарасонидааст.

Шеъри маъшуқи фаннӣ намунаи шеъри ошиқона аст, ки шоир ҷанбаи иҷтимоӣ, масоили иҷтимоии замонашро ба сифати воситаи тасвир интихоб кардааст.

Ишқро
тасвир мекунӣ
бо тафаккури
компутерӣ
Ҷое намонда дар зеҳнат
Аз эҳсоси санавбарӣ,
кабӯтарӣ…

* * *

Шигифто,
Мебоядам тохт
Аз паси рафтори мошинворат.
Бозиҳои электронии ишқатро,
Бояд акнун сими гесуятро
Бо чараёни барқ бипайвандам
То ломпи чашмонат
Даргирад
Ва рӯшноие ба дилам резад.

* * *

О ваҳ
Ҳастии атомро мемонӣ.
Ману чанд шайдои мангуна
Парастуҳои беқарору саргардонем.

Дар майдони оҳанрабои васлат,
Бо насибае
Аз шайтанати вокуниш
Ва зиндаҳои ларзоне
Дар эҳтимоли таркиш.

Ҷанбаи иҷтимоӣ воситаи тасвир:

Он сӯи шарёни телефун
Шевотарин таронаҳои эҳсос,
Муждагони медиҳад
Омадани баҳорро
Дар зимистони танҳоӣ…

* * *

Нигоҳи тифлонаш чароғи аввалишабмурда

Дар мавриди омӯзиши тасвирҳои иҷтимоӣ дар шеъри муосири тоҷикӣ суоле сар мезанад, ки посухи он хеле душвор аст. Истиқболи воситаи тасвир қарор гирифтани ҷанбаи иҷтимоӣ ва вуруди бемайлони он ба ба поэтикаи шеър аз ҷониби хонандагон муосир чи гуна аст?

Дар мавриди посухи ин суол фақат метавон гуфт, ки алҳол хонандагонро ба ду қисмат дастабандӣ кардан лозим аст, зеро пазириши тасвирҳои иҷтимоӣ дар шеърҳои иҷтимоӣ ва ғайри иҷтимоӣ ба ду гуна аст. Гурӯҳе вуруди иҷтиморо ба сифати воситаи тасвири бадеӣ ба шеъри муосир аз падидаҳои тоза ва василаи баланд бардоштани ҷанбаи ҳунарии шеър дониста ба маҳорат ва тасвирҳои ғайримунтазираи шоирон аҳсан, мехонанд. Гурӯҳи (хонандагон) дигар бошанд, ин тарзи тасвирро чандон хуш надоранд ва таъкид ба латифии шеър мекунанд.

Ба андешаи мо, ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ қарор гирифтани масоили иҷтимоӣ тозакориву навпардозӣ ва аз дастоварди мусбати шеъри муосир шуда метавонад. Вале чигунагии тасвирҳо пеш аз ҳама ба маҳорат, тахайюл ва завқи шоир алоқамандии зич дорад.

Пайнавишт:

1. Гулрухсор. Оташи Суғд.–Душанбе: Ирфон, 1981.–160 саҳ.
2. Гулрухсор. Тахти сангин.–Душанбе: Адиб, 1992.–160 саҳ.
3. Гулрухсор. Дар паноҳи сояи худ (китоби шеър).–Масква: Академия, 1998.–256 саҳ.
4. Начот Д. Рӯиш аз сукут. //Гулчини ашъор.–Душанбе: Чопхонаи Пайванд, 1375.–280 саҳ.
5. Суруш. Салиби сафед.–Хуҷанд: Наргис, 1999.–152 саҳ.
6. Фарзона. Мӯҳри гули мино.–Хуҷанд: Ношир, 2006.–400 саҳ
7. Фарзона. Паёми ниёгон. Гузидаи ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ.–Теҳрон: Интишороти Суруш, 1375.–129саҳ.
8. Собир Б. Чашми сафедор. -Душанбе: Адолат, 1991.–116 саҳ.
9. Собир Б. Симхор.–Москва: Трансnаука, 1999.–80 саҳ.
10. Ҳаким А. Боз мерасад Хуршед.–Душанбе: Адиб, 2002.–288 саҳ.
11. Шералӣ Л. Куллиёт (иборат аз ду ҷилд). – Ҷилди якум (китоби якум ва дуюм).–Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2001.–720 + 712 саҳ.

дар ин боб шеърҳо бе саҳ

ДАР НАқДИ ШЕЪР ВА ШОИРОНИ МУОСИР

АФКОРИ ИҶТИМОӢ ДАР АШЪОРИ ПАРВИНИ ЭЪТИСОМӢ

Парвини Эътисомӣ аз зумраи он шоирони ширинсухани эронӣ аст, ки қалбаш андар вожаҳои каломаш метапад ва ҳар ҳарф дар шеъри ӯ ҷон дорад.

Дар Тоҷикистон низ Парвини Эътисомӣ ҳаводорони зиёд дорад. Хонандагони тоҷик андешаҳои ошиқонаву тасвирҳои зебо ва афкори ирфонии ӯро хуб дарк намуда, аксар ӯро чун шоири иҷтимоъгаро мешиносанд,.

Гарчанде муҳити хонаводагии Парвин аз душвории иҷтимоӣ дар канор буд, вале, бо вуҷуди ин аҳли хонавода, бахусус, Парвин аз иҷтимоиёт ва дардҳои мардуми хеш бисёр меандешид. Ин аст, ки «ишқ ба мардум», дифоъ аз ҳуқуқи зани эронӣ, ғуссаву андӯҳ аз нодории мардуми заҳматкаш ё ба таъбири Парвин «ранҷбарон», зиндагии ятимон, хору зории пиразанон ва умед ба ояндаи неки Эрон асоси мавзӯоти шеъраш гардиданд:

Бар қатраи сиришки ятимон назора кун,
То бингарӣ, ки равшании гавҳар аз куҷост?!

Аксаран Парвини Эътисомиро ҳамчун тасвиргару тарбиятгар шинохта, бар он ақидаанд, ки ӯ шоири мубориз набуд ва инро ба табиати орому шахсият ва муҳити хонаводааш нисбат медиҳанд. Ба андешаи онон, «ҷомеае, ки Парвин бар он тааллуқ дошт, аз шароити иҷтимоӣ дуруст ва комил бархурдор набуд». Омӯзиши ашъори ӯ ба ин бовар мерасонад, ки Парвин андешаҳои иҷтимоиро дар шеърҳояш фаровон ҷой дода, таҳқиқи ин ҷанба яке аз беҳтарин шоирони иҷтимоъгаро будани ӯро собит мекунад.

Омӯзиши ашъори Парвин ба чунин натиҷаҳо расонид, ки воқеан ҳам ӯ шоири мубориз будааст ва ашъори иҷтимоиашро метавон бад-ин гуна шинохт:

1. Шеърҳои сирф иҷтимоӣ (нигоштаҳое, ки мӯҳтвоя-

шон фақат ва фақат афкори иҷтимоиро дар бар мегиранд).

2. Афкори иҷтимоие, ки дар шеърҳои ғайрииҷтимоӣ тарсим шудаанд.

Ба далели он ки Парвини Эътисомӣ фақат дар қолаби аҷдодӣ шеър мегуфт ва «дар рӯзгори мо ба шеъри классик тавлид ва зоди дигар бахшид ва ба ҷони шефтагони ин ҳунари арҷманд шӯру шубоби тозае ҳадя кард» (4), метавон гуфт, ки мавзӯъ ва муҳтавои шеъри иҷтимоъгароёна ва афкори сиёсии Парвин дар қолаби суннатӣ аз рӯи тарзи баёни мӯҳтаво ба ин навъ фарқ мекунанд:

а) Баёни ошкорои афкори иҷтимоӣ;

б) Баёни ғайриошкорову самбулӣ.

Парвин дар офаридани ашъор ба ақидае содиқ буд, ки «шеър бояд оинаи макон ва таҷассуми аср бошаду забони шоир ҷонибдори ҳақиқат…» (4). Аз ин рӯ, офаридаҳояш касро шефтаи ҳунари волои нигорандагиаш мегардонад, ӯ дар офариниш бештарин такяро бар саноеи бадеӣ ва авзони шеърӣ мекунад.

Бахусус, аз санъати тамсил ба касрат истифода кардааст. Дар истифодаи ин санъати бадеӣ дар адабиёти муосири Эрон инқилоберо рӯи кор оварда. Ин аст, ки дар шеъри ӯ «гулу шабнам, гулу хор, гулу хок, кӯҳу коҳ, гургу саг, булбулу ҷуғз, сару санг, дарахту об ва ғайра ба забон меоянд ва бо ҳам гуфтугӯ доранд. Парвин дар шеъраш ҳамаро ҷон ва забон мебахшад ва аз зоҳири ашё ба асли ҳақиқат роҳ мепаймояд. Аксар истифодаи санъати тамсил ба шоир имкон додааст, ки андешаҳои иҷтимоиашро дар қолаби самбулҳои хеле олӣ тасвир кунад ва ба хонанда аз муаммоҳои рӯзгор сухан гӯяд:

Шунидаед миёни ду қатра хун чӣ гузашт
Гаҳи мунозира як рӯз бар сари гузаре!
Яке бигуфт ба он дигаре: Ту хуни кӣ?
Ман афтодаам ин ҷо зи дасти тоҷварӣ,
Бигуфт: Ман бичакидам зи дасти хоркане,
Зи ранҷи кор, ки рафта ба по чу нештаре.

Гуфтугӯи ду қатра хун дар шеъри «Мунозира» яке аз беҳтарин сурудаи Парвин аст, ки бо истифода аз санъати бадеӣ, пеш аз ҳама тамсил, мӯҳтаво – ҷанбаи иҷтимоиро ба хонанда ғайриодӣ ва таъсирбахш расонидааст. Ҷанбаи иҷтимоӣ дар сар то сари шеъри мазкур ҷой гирифтааст, шоир ду қатра хунро бо ҳам ошно мекунад ва аз забони онҳо дар бораи ҳаёти ду табақа – подаад ва ранҷбар ҳарф мезанад ва ба воситаи суҳбати онҳо хонандаро ба дарки аслии мақсади ниҳоии худ мебарад:

Ба ханда гуфт: Миёни ману ту фарқ басест,
Туӣ зи дасти шаҳе, ман зи пои коргаре,
Барои ҳамраҳиву иттиҳод бо чу мане,
Хуш аст ашки ятимеву хуни ранҷбаре. (6,261)

Мақсади ниҳоӣ нишон додани ҳаёти мардуми заҳматкаш ва нафрин бар ҳаёти осоиштаи ашроф мебошад, ки тавассути «оташи оҳу оби чашми тар»-и мазлумон ба даст омадааст. Парвин дар симои қатраи хуни мардуми хоркан аз дарди тамоми меҳнаткашон сухан карда, намехоҳад, ки бо қатрахуни тоҷвар (табақаи ашроф) омезиш ёбад. Дар ашъори шоира бо вуҷуди оҳанги баланди эътироз яъсу ноумедӣ низ ҷой дорад:

Агарнабуд зи сабру сунаташ асаре (6,261),
Сипеҳри пир намедӯхт ҷомаи бедор…

Ҳамин гуна мунозира байни «Мӯру мӯр», «Оинаву шона», «Масту ҳушёр», «Гуҳару санг», «Гуҳару ашк» сурат мегирад, ки ҳар кадом дар батни худ афкори иҷтимоиро нуҳуфта, дар жарфи ҳар калом ҷанбаи иҷтимоъ ва эътироз ба зиндагии сангини мардум ҷой гирифтааст:

Бигӯ ин нукта бо гавҳарфурӯшон,
Ки хун хурду гуҳар шуд санг дар кон (6,225).

Чунон ки мебинем, Парвин дар ашъори ғайрииҷтимоиаш аз иҷтимоиёт фаровон сухан кардааст. Ба назари аввал ин нигоштаҳо шеъри ҳакимонаву фалсафӣ менамояд ва ин ақида дуруст ҳам ҳаст, ки бешак, Парвин дар

ашъораш басо ақидаҳои фалсафиро овардаву аз маънии зиндагӣ, маргу ҳастӣ фаровон андеша кардааст. Бурди Парвин ҳам дар он аст, ки ӯ тавониста ҳамин фалсафаро бо ҷаҳони иҷтимоӣ пайванд занад ва танҳо баъди ошноӣ бо воқеияти зиндагӣ натиҷабардорӣ кунад. Маҳмуди Муродӣ низ ин нуктаро таъкид намуда, мегӯяд, ки «шеъри ӯ хоҳ қасида бошад, хоҳ маснавӣ, қитъа, хоҳ ташкилшуда аз мунозираи ду ё чанд шахсияти хаёлангез ва ё ҷондор, хоҳ як ривояти сода аз таҷрибаҳои кашфшуда дар арсаи зиндагии башарӣ, аз тасовири хос, маъниҳои баланди ахлоқӣ ва инсонӣ холӣ нест» (3, 214). Воқеан, шоир ба маъниҳои ахлоқиву иҷтимоии шеъраш зиёд таваҷҷӯҳ дорад. Маҳорати нигорандагӣ имкон медиҳад, ки ин маъниҳо хеле воло тасвир шаванд.

Дар эҷодиёти Парвини Эътисомӣ нигоштаҳои сирф иҷтимоӣ кам нестанд, ки аз шоири мубориз будани ӯ далолат мекунанд. Сурудаҳои «Ашки ятим», «Тифли ятим», «Қалби маҷрӯҳ», «Зан дар Эрон», «Дузд ва қозӣ», «Сапеду сиёҳ» аз зумраи шеърҳоеанд, ки ақидаҳои иҷтимоии Парвинро ошкоро рӯнамо намудаанд.

Имрӯз устод ба дарсам нигаҳ накард,
Моно, ки ранҷу сайъи фақирон самар надошт. (6,182)

Парвин аз зиндагии мардум бисёр меандешид ва хасоиси ахлоқии хонаводаи ӯ ва вазъи ҷомеаи он рӯзро метавон муҳимтарин омиле донист, ки бар зиндагӣ ва, пеш аз ҳама, ба мӯҳтавои ашъораш таъсир доштааст.

Ӯ дар шеъри «Тифли ятим» андӯҳи ятимон ва фақру нодориро дигаргуна тасвир мекунад ва мегӯяд:

Кӯдаке кӯзае шикасту гирист,
Ки маро пои хона рафтан нест.
Чӣ кунам, устод агар пурсад?
Кӯзаи об аз ӯст, аз ман нест…

Аз забони кӯдаки ятим баён намудани нодориву бечораҳолии мардум ба шеъри мазкур таъсири бештар до-

дааст. Бахусус, мисраъҳои зерин ҷанбаи иҷтимоии шеърро дучанд намудаанд:

Лаъли ман чист? Уқдаҳои дилам,
Уқди хунин ба ҳеҷ махзан нест.
Ашки ман гавҳари баногӯшам,
Агарам гавҳаре ба гардан нест.
Кӯдаконро кулеҷ ҳасту маро
Нони хушк аз барои хурдан нест (6,168).

Аслан шеъри иҷтимоӣ бояд шеъри уқдакушо, шеъри роҳнамо бошад ва дар баробари баёни вазъи иҷтимоии ҷомеа роҳҳои ҳалли муаммо ва мушкилоти иброзшавандаро низ нишон диҳад. Яъне, шоири иҷтимоъгаро на танҳо мушкили мардумро баён мекунад, балки дар бисёр маврид роҳи чорароро бояд пайдо бикунад. Вазифаи шеъри иҷтимоӣ ҳам дар он аст, ки дарди ҷомеаро нишон диҳад ва, дар баробари ин, дармонро бозгӯ кунад. Ва муваффақ шоире аст, ки метавонад ин ду амалро дар шеъри хеш ҷой диҳад. Парвин низ дар шеъраш кӯшиш дорад, то дар кашокаши иҷтимоъ раҳнамоӣ кунад, ба бовари доктор Воҳиди Сабзиёнпур «бо воқебинӣ инсонро масъулу муттаҳид медонад, ҳама ҷо ӯро ташвиқ ба кору талош мекунад» (2,57).

Парвин дар замони табаддулоти куллӣ, режими диктатории Ризохон зиндагӣ кардааст. Сохтори ҷомеа дархури розу ниёзи мардум шуда наметавонист ва, ба таври кул, дар мавқеияти иҷтимоии занони замони зиндагии Парвин тағйироти қобили таваҷҷӯҳ падидор гашт. Парвин тарафдори ҳуқуқи занон ва озодии эшон буд. Ашъораш баёнгари мухолифи режими Ризохон будани шоира аст. Тақозои Ризохон бештар ба ғарбӣ намудани зоҳири занон равона буд. Парвин дар ақлу хиради занон озодиву инқилоб мехост, на дар симои эшон.

Шоира аз муаммоҳои зиндагии модарони танҳо ва кӯдакони ятим бисёр дар шигифт буд ва аксар баёни ин мавзӯъро аз забони ятимон ба хонанда расонидааст. Дар

ҳар сӯҳбати модару фарзанд бо андешаи ятими танҳо ва ашки эшон, бо ҳар тору пуди эҳсос Парвин ранҷу рози онҳоро эҳсос мекунад:

Атфолро ба суҳбати ман аз чӣ майл нест,
Кӯдак магар набуд, касе, к-ӯ падар надошт? (6,182)

Ё

Ҷуз ман миёни ин гилу борон касе набуд,
К-ӯ мӯзае ба пову кулоҳе ба сар надошт. (6,182)

Пас аз мутолиаи чунин мисраъҳои пурдарду пурэътироз дар баробари вазъи иҷтимоӣ метавон ба хулосае расид, ки шеърҳои иҷтимоии Парвин пеш аз ҳама бозгӯи шоири ширинсухан ва мубориз будани ӯ ҳастанд. Ӯ баҳри ободии хонадони мардуми «ранҷбар» ва хурсандиву шодкомии занону кӯдакон, пирону фақирон, ҷумла шаҳрвандони ғарибу бекасу кӯи Эрон бо қалами хеш мубориза мебурд, вале, мутаассифона, умри кӯтоҳ имкон надод, то гомҳои худро дар ин самт мустаҳкамтар бардорад. Бо ин ҳама, дар чунин фурсати кӯтоҳ низ Парвин навҷӯӣ карда ва ба воситаи тамсил ба хонандагон рӯ ба рӯ шудааст. То Парвин ҳеҷ кадом шоире ба ин дараҷа дӯстдори тамсил набуд.

Хидмати бузурги Парвини Эътимсомӣ дар он аст, ки ҷанбаи иҷтимоиро бе он ки ба сохтори қолаби ҳазорсола осеб расонида бошад, ба шеър ҷой диҳад ва бар ақидае, ки баёни ҷанбаи иҷтимоӣ дар қолаби суннатӣ чандон имконпазир нест, муқобил барояд.

Пайнавишт:

1. Аҳмад Гулчини Маонӣ. Мактаби вуқӯъ дар шеъри форсӣ.–Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсӣ, 1374.–782 с.
2. Воҳиди Сабзиёнпур. Рӯйкарди динӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Парвини Эътисомӣ // Дубора борон: Мунтахаби мақолоти нахустин кунгураи шеъри иҷтимоӣ.–Теҳрон: Интишороти Хуршедборон, 1387.–С. 51-71.
3. Муҳаммади Муродӣ. Рӯйкардҳои иҷтимоӣ дар шеъри Парвини Эътисомӣ // Дубора борон:. Мунтахаби мақолоти нахустин кунгу-

раи шеъри иҷтимоӣ.–Теҳрон: Интишороти Хуршедборон, 1387.–С. 214-251.
4. Надимӣ С. Парвини Эътисомӣ – шоири ширинсухан ва муборизи хомӯш / Тарҷума аз англисӣ ба форсӣ аз доктор Атоуллоҳи Надимӣ // Китоби субҳ.–Шумораи шашум.–Баҳори 1329.–С. 8-17.
5. Парвини Эътисомӣ. Девон.–Теҳрон: Нашриёти «Ривоят», 1371.–384 с.
6. Парвини Эътисомӣ. Девони комил.–Теҳрон: Интишороти «Пирӣ», 1387.–317 с.

ОШИҚИ ШАЙДОИ ҶОНОНЕ
Дар нақди шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ

Асри XX аз ибтидо барои адабиёти тоҷик давраи дастовардҳои тоза ва марҳалаи нав гашт, ки бешак ба тағйироти куллии иҷтимоиву сиёсии ҷомеа сахт марбут буд. Ба раванди ташаккули адабиёти муосир ва шеъри он рухдодҳои сиёсии кишвар таъсири муассир гузоштанд. Замони нав дар ҳаёти адабии кишвар падидаҳои тоза ба тозаеро рӯи кор оварда, ки аз ҷониби адабиётшиносону мунаққидони тоҷику рус муфассал баррасӣ шудаанд.

Адабиётшиноси номвари тоҷик Худоӣ Шарифов дар зимни арзёбии марҳалаҳои мухталифи густариши адабиёти муосири тоҷик шеъри солҳои сивум то ибтидои солҳои шастумро аз назари шакл, банду баст ва тарзи махсуси маърифати бадеӣ тамиз карда, онро «шеъри ҳодиса ва воқеа» номидааст. Ҷанбаи иҷтимоӣ ва публитсистика ба тору пуди шеър ҷо гирифта, аксар меҳнату кори одамон ва рӯйдодҳои дигари зиндагӣ тасвир мешуданд. Муҳаққиқ ба як нуқтаи ҷолиб диққат додааст, ки маҳорати шоирию қудрати суханварӣ дар ин маврид муҳим буд, зеро мавзӯъ аксар барои шоирон муштарак ва, аз ин рӯ, тафовуту тозагӣ ба қудрати суханвар вобастагӣ дошт (3, 108).

Худоӣ Шарифов дар ин замина ба ҷойгоҳи шоир Аминҷон Шукӯҳӣ ва шеъри ӯ чун падидаи наву тоза, дастоварди нек ва дорои маҳорати шоирию қудрати суханварӣ таваҷҷӯҳ кардааст: «Дар чашмандози адабиётшинос шеърҳои лирикии Аминҷон Шукӯҳӣ дар шакли тарона суруда шуда, онҳо дар гӯшу ҳуши шунаванда чизи наверо ба миён оварданд» (3, 108). Бо вуҷуди комёбиҳо вуруди бемайлони публитсистика ба шеър ва тарзу назари нигоҳи иҷтимоӣ имконоти тасвир, алалхусус имконоти шеъри лирикиро маҳдуд мекард. Ин истеъдоди Шукӯҳиро Аскар

Ҳаким низ таъкид кардааст: «Шукӯҳӣ беҳтарин сурудаҳои худро бо суханварии тамом ва ниҳоятан табиӣ гуфтааст. Ба ҳам омехта тавонистани маҳорат ва табиият кори осон нест. Ин хусусияти истеъдод аст» (2,14).

Аз мутолиаи як силсила маҷмӯаи шеърҳои «Ватани сулҳ» (1952), «Рӯзҳои мо» (1954), «Садои дил» (1956), «Кӯчабоғи ошиқон» (1962), «Нафаси гарм» (1964), «Арзи қалам» (1971) мушоҳида мешавад, ки шоир чӣ пурмаҳсул ва ҳунармандона аз китоб то китоб рушд карда, истеъдоди фитриаш сайқал ёфтааст. Сирри муваффақияти Шукӯҳӣ дар чист? Ӯ чун шоир, рӯзноманигор, нависанда ва драматург дар дили ҳазорҳо ҳаводори шеър маъво гирифтааст.

Шоир дар нигоштаҳояш ба тараннуми табиати зебо ва манзараҳои дилкаши кишвар, меҳнат, ишқи пок, оила ва оиладорӣ пардохтааст. Шеърҳои Шукӯҳӣ дили хонандаро ба ҷӯш меоранд, ғизои маънавӣ мебахшанд, мардумро ба ватандӯстию инсондӯстӣ даъват мекунанд.

Пайдост, ки сарчашмаи илҳоми шоир аз меҳри Ватан об мехӯрад, ин аст, ки ҳарфу суханаш дар тараннуми меҳри Ватан, обу хоки диёр муассир аст, чун аз дил бармехезад, бар дилҳо менишинад:

Ман ба ин хоки Ватан дил бандам,
Ба рухи поки Ватан дил бандам.
Ба ҳамин рӯз, ки ин дам дорам,
Сари таъзим фурӯ меорам.

Ҳамин гуна муҳаббати беандоза ба Ватану диёр дар сурудаи «Ёди Ватан» низ ҳунармандона иншо шудааст:

Ба сар орам агар ёди Ватанро,
Ҷилои нав диҳам ҳарфу суханро.
Агар дар сӯхтан бошад муҳаббат,
Зи ман омӯз доим сӯхтанро.

Ва:

Ватан ҳаргиз зи ёди ман нарафтаст,
Шукӯҳи шуъла аз гулхан нарафтаст.

Аксари сурудаҳои Аминҷон Шукӯҳӣ он замон аз тарафи ҳофизон ба оҳанг дароварда шуда, имрӯз вирди забонҳо гаштаанд:

Биё, чун ҳофизи хушхон ба гуфтор, эй суруди ман,
Намо рози диламро аз нав изҳор, эй суруди ман.

Аскар Ҳаким симои Аминҷон Шукӯҳиро асосан ба сифати шоири эҳсосот ва таассурот офаридааст ва таъкид менамояд, ки дар эҷодиёти ӯ аз аввалин шеърҳои ишқиаш муҳаббат, ҳиссиёти самимӣ ва баъзан драматикӣ доимо аз ниҳоди шоир ба он дастаи нуре равона мешавад, ки онро шӯълаи умедворӣ ва равшаноӣ мебахшад.

Шукӯҳӣ шоири мушоҳидакорест, ки дар офариниши тасвирҳои зебои ба зеҳни хонанда ошно истеъдоди шоистаи таҳсин дошт. Албатта, имрӯз ин сурудаҳо то як андоза сода ба назар мерасанд, аммо вақте воқеъбинона мебинем, дар ҳамон марҳала, ки дар шеър ҷанбаи публитсистӣ бештар мушоҳида мешуд ва мавзӯъҳо мушаххас буданд, ин офаринишҳо тасвирҳои ҷолиб доштанд ва бо тозакориҳои ҳунармандона шинохта мешуданд:

Шунидам наргиси шаҳлои ту бар шаб сиёҳӣ дод,
Ситора хандае карду бар он ин гувоҳӣ дод.
Аз он рӯзе, ки аз дарёи Сир ту об нӯшидӣ,
Булӯрин соиди ту акси худ бар ширмоҳӣ дод.

Ин мисраъҳои лирикӣ дар баробари тараннуми зан ва тасвири зебоиву назокати занона унсурҳои ҳазорсолаи суннатии адабиётро фаро гирифтаанд. Таносуби наргис, шаб, сиёҳӣ, ситора ва булӯрин соид, ширмоҳӣ назокат ва латофати шеърро таъмин кардааст. Тасвир бо истифода аз саноеи бадеӣ хеле зебо баромада, рӯҳи хонандаро навозиш мекунад. Шоир аз хониши булбул, зебоии гул, суруди чашмасорони диёр, ҷилваи себаргаҳои канори ҷӯйбор ба шавқ меомад ва ин зебоиро бо диди шоирона ва баёни нав ба шеър пайванд мезад.

Дидам, ки чӣ гуна тоз-тозон
Дарёчаи шӯх меравад поён.
Вай ҳамчу сафири ишқбозон
Шод аст зи мавҷу ғайрати хеш…

«Баҳорони сарсабз», «дарахтони гулбасар», «насими мушкбез», «шибир-шибир розгӯии баргҳои шамшод», «гиребон чок кардани» ғунча ва «ҳусннамоӣ» кардани «садбарги сурхи донаи шабнами ба рӯяш нишаста», шабнами «чун марворид дурахшида» торҳои қалби шоири пурэҳсосро ба чӯр меоварданд. Шоир мегӯяд:

Гул ба оби чӯй вақте ки хуморӣ мешавад,
Барги ҳар як ғунча чашми интизорӣ мешавад.

Ва низ зебо тасвир мекунад:

Аз куҷо ҳаст ба ёди ту, ки дар обаки чӯ
Коғази қанд, ки партофт касе, заврақ шуд.

Дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ андешаи фалсафии зиндагӣ, панду андарз ва хулосаҳои ҳакимона низ зиёд ба чашм мерасанд ва хонанда метавонад маъниҳои баландеро пайдо кунад. Шоир бо истеъдоди баланд дар ситоиши хоксорӣ андешаҳои нобро бо шеър ба хонанда мерасонад:

Дона то дар хок н-афтад, кай ба боло қад кашад?
Қадри одам ҳам баланд аз хоксорӣ мешавад.

Ва низ:

Қадамро рост мону рост раҳ рав,
Ки бадгӯҳою бадхӯҳо зиёданд.

Аминҷон Шукӯҳӣ обро муқаддас дониста, бо завқи зиёд ба суруди рӯҳбахши чашмасорон гӯш медиҳад ва он суруди форам қалби пурэҳсоси шоирро ба вачд меоварад. Фалсафаи шоир он аст, ки бе ишқу бе об зиндагӣ нест ва ин ҳар дуро муқаддас бояд дошт:

Медонам аз чавонӣ
Ин ҳикмати чаҳонӣ:
Бе ишқ дил набошад,
Бе об – зиндагонӣ.

Қалби шоир саршори меҳру вафо аст. Ин аст, ки ҳамвора ҷоришавии чашмасорро ба дарёи вафо шабеҳ медонад, ки аз он сад чаман гул мекунад:

Ҳамон тавр аз даруни оби ҷӯбор
Намоён аст акси он ситора,
Ки онро ту ба ман биншаста ҳар бор
Чу рамзи ишқ мекардӣ ишора.
Ба ёдат ҳаст оё, як шаб ин ҷо
Чиҳо гуфтем мо ҳар ду нишаста?!
Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,
Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста.

Шоир аёми шукуфоии умр – ҷавониро ба оби софи ҷӯйборон ташбеҳ карда, аз гузашти рӯзгор ва яклаҳза будани умри инсонӣ таассуф мехӯрад ва мегӯяд:

Агар рӯзе ҷавонӣ чун баҳорон боз меомад,
Ба мисли об андар ҷӯйборон боз меомад.
Чу марҷони гул андар шохсорон боз меомад,
Туро меҷустаму меёфтам аз нав,
Ба мӯят қиссаҳо мебофтам аз нав.

Шаршараҳо бо шавқу таманнои шоирона ба дарёчаи шӯхи пурталотуме табдил меёбанд. Шоир файзу баракати замин, боғу чаманро аз ҷӯши изтироби ин дарёча медонад. Вай бо завқи том бо ин дарёчаи гумном, ки аз ҳастиаш ба вачд омадааст, ном мечӯяд:

Дарёчаи шӯхи пурталотум,
Ман номи туро намудаам гум.
Ин айби ман аст, дор маъзур,
Аммо ту зи хотирам наӣ дур.
Ҳар гоҳ биёяд оби шаффоф,
Шодоб кунад тамоми атроф.
Бар боғу чаман тароват орад,
Бар ташна ҳузуру роҳат орад.

Шоир Нурмуҳаммад Ниёзӣ дар пешгуфтори китоби Амничон Шукӯҳӣ таҳти унвони «Баргҳои тиллоӣ»,

ки соли 2003 шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба чоп омода сохтааст, бар ин назар аст, ки «қимати ҳар адиб аз эҷодиёти ӯ вобаста аст. Қаламкаши ноарзандаро ҳар қадар пеши чашми мардум болонишин гардонанд, асарҳои пасташ ӯро зуд ба ҷои мувофиқ бурда мешинонанд.

Шукӯҳиро мақом баланд аст. Ин мақомро ба ӯ ҳама гуна асараш – шеъру достон, ҳикояву қиссаву роман, либреттову таронаҳо ба вуҷуд овардаанд, ки он дар дили мардум устувор аст».

Воқеан, ин андеша дуруст аст, маҳз истеъдоди фитрӣ ва донишу малака, завқи хуби шоирӣ метавонад ба шоир маҳбубияти ҷовидонро насиб созад. Ин муҳаббатро Аминҷон Шукӯҳӣ барои ҳамеша соҳиб гаштааст.

Навовариву тозапардозиҳои ин шоири ширинсухан дар он замон аҳли адаб ва хонандагонро шефта карда буд ва имрӯз низ ҳаводори зиёдеро мафтун месозад. Бештари таъбирҳое, ки шоир эҷод кардааст, дар баробари ифода кардани рӯҳи замон хеле зебо буданду аз тахайюли ғании шоир дарак медоданд. Таркибҳое чун «телефони хаёл», «замини сабзи махмалпӯш», «хуршедрӯи ман», «баҳори дӯстӣ», «ҷавҳари меҳри Ватан», «кӯдаки якрав – дили ман», «майсаи шабнамрасида», «оби нуқравори ҷӯйборон», «марҷони гул», «равоқи дил», «тоқи абрӯ», «лаби соғари маҳтоб», «баҳри чашми хушнигаҳ» хеле моҳиронаанд.

Тасвирҳои шоир бо истифодаи тахайюли ғайриинтизору истифодаи ҳунармандона аз воситаҳои тасвирсоз дар ёдҳо монданианд. Чунончи, шоир мегӯяд:

Насим имшаб кунад дар кӯчабоғи ишқ фаррошӣ,
Ба қасдаш буттаҳои гул кунанд оҳиста гулпошӣ,
Маҳи пур баргҳои сабзи рақсанда
Зи рангубори фикри ман кунад бар сабза наққошӣ.
Чӣ мешуд дар чунин шабҳо, шабе, ҷоно, ба ман бошӣ?

Фаррошӣ кардани насим дар кӯчабоғи ишқ ва ба қас-

ди насим оҳиста гулбошӣ кардани буттаи гул-ин манзараи ҳамарӯзаи шабҳои зебои баҳоронро шоир чӣ сода, вале зебо бо тахайюли ғайриинтизор ба шеър ворид кардааст, ки бешубҳа, далели маҳорати баланд аст. Таъбирҳои «рангубори фикр, кӯчабоғи ишқ, баргҳои сабзи рақсанда» ба маънии шеър рӯҳи тоза бахшидаанд.

Ё ҷои дигар боз ҳам мегӯяд:

Саҳар як зарра барфи нав ба мижгони сияҳ афтод,
Аз он ҷо сарнагун дар баҳри чашми хушнигаҳ афтод.

Аминҷон Шукӯҳӣ ҳамчун публитсист ва нависандаи хушбаён низ шинохта шуда буд ва аксари таълифоти ӯ марбут ба ҳаёти бачагон таҳти унвони «Об аз куҷо меояд?», «Асад ва Самад», «Боғи шакарханд», «Заврақчаи шиновар», «Ил-18 омад», «Дарёи Варзоб» дар инкишофи публитстика ва синамои тоҷик нақши муҳим доранд. Ин адиби ҳунарманд ва вассофи зебоӣ имрӯз дар дилу дидаи хонандагон ва дӯсторони каломи мавзун чун шоири ширинбаён, рӯзноманигори оташинсухан ва нависандаи маъруф маъво гирифтааст.

Пайнавишт:

1. Акбарзода Ю. Давраи тозаи инкишофи шеъри тоҷик.– Душанбе, –2012.–№8.–С. 128-148.
2. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан.– Душанбе: Ирфон, 1982.–224 с.
3. Шарифов Х. Мазмун ва ифода дар шеъри имрӯзаи тоҷик // Садои Шарқ.–1983.–№3.–С. 107-113.
4. Шукӯҳӣ А. Баргҳои тиллоӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2003.–136с.
5. Шукӯҳӣ А. Мунтахаби ашъор.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001.–32 с.

БАҲСЕ ДАР ЧИГУНАГИИ ШЕЪРИ ИҶТИМОӢ:
Ҷилваҳои ҳунарӣ ва мазомини иҷтимоии ашъори Фарзона

Оид ба шеъри иҷтимоӣ ва чигунагии табиати он дар адабиётшиносии муосир то ҳанӯз баҳсҳо идома доранд. Аксар ба хулоса расиданд, ки шоир фарзанди иҷтимоии замони худ аст ва чун шеър инъикоси халлоқонаву ҳунарии зуҳуроти замон мебошад, пас як ҷараёни иҷтимоӣ аст ва як иҷтимои ҷараёндор метавонад барои шеър бошад.

Мусаллам аст, ки ҳама иҷтимоъ фазову замони махсуси худро дорад, ҳар шоири замоне бо таваҷҷӯҳ ба фазои иҷтимоии он давра ва дархури дарди ҷомеа шеър гуфтааст.

Ин аст, ки иҷтимоиёт дар шеъри шоири як аср аз шоири асри дигар ба куллӣ фарқ мекунад. Мавзӯъ ва муҳтавои иҷтимоии ашъори Мирзо Турсунзода ва Фарзонаи Хуҷандӣ аз ҳам хеле тафовут доранд. Омили нахусти ин тафовут, пеш аз ҳама, замон ва муҳити иҷтимоиву сиёсии замони зиндагии эшон аст, ки аз ҳам дур аст. Ҳар кадом барои инъикоси масоили замони худ кӯшиш ба харҷ додаанд.

Дар боби ҷойгоҳи шеъри иҷтимоӣ дар адабиёти муосири форсӣ муҳаққиқи эронӣ Монӣ Амин бо адабиётшинос Гулбаёнӣ – муаллифи мақолаи «Шеъри сиёсӣ, иҷтимоӣ ба ин ном аслан вуҷуд надорад» (шумораи понздаҳумини маҷаллаи интернетӣ) ихтилофи назар дошта, ба баҳс меояд.

Аз назари Гулбаёнӣ «сиёсӣ будани шеър, яъне, он чи ки мӯҷиботи таҳаввулот ва бурузи наҳзатҳои ҷадиди шеъриро фароҳам меоварад ва низ ба хусуси он чи ки саликаву соиқаи зебоишиносии оммаро шаклбандӣ мекунад, дар робитаи мустақим бо қудрати иҷтимоӣ аст».

Ин хулосаҳои Гулбаёниро Монӣ Амин бад-ин гуна тафсир мекунад: «чунончи мӯҷиботи таҳаввулот ва бурузи наҳзатҳои ҷадиди шеъриро фароҳам меоварад ва саликаи

ву зоиқаи зебоишиносии оммаро шаклбандӣ мекунад, дар робитаи мустақим бо иҷтимоъ аст, **шеър ҳамвора амри сиёсӣ-иҷтимоӣ ва куниши сиёсӣ аст**, бинобар ин, ҳамаи шеърҳо сиёсианд ва дар натиҷаи мушаххасаи сиёсӣ будан хислати оми тамоми шеърҳост ва ин хислат чунон зотӣ ва сиришти шеър аст, ки наметавон онро ба унвони сифати хоси баъзе аз шеърҳо ба кор бурд ва шохае аз шеърро ба тавре иҷтимоӣ-сиёсӣ номид».

Монӣ Амин бо эътироз ба хулосаҳои Гулбаёнӣ ғалат будани натиҷагириҳои ӯро ба исбот расониданӣ мешавад. Аз назари ӯ «иштибоҳи фоҳиши Саъди Гулбаёнӣ дар ин аст, ки решаро бо шоха як фарз кардааст ва бо ин фарзи нодуруст ба ҳукми ботил расидааст». Шеър мисли бахшҳои дигари адабиёту ҳунар ва ҳавзаҳои фаъолияти назарӣ ва амалии башар дар ҷомеаву таъриху зиндагии иҷтимоӣ реша ёфтааст, вале ин дарахт шохаҳои мутафовит дорад ва яке аз шохаҳои аслии он шохаи шеъри ғиноӣ аст, ки эҳсосу отифаҳои башариро баён мекунад. Ин шохаи шеър ба чор зершохаи аслӣшинохта шудааст:

Шеъри ҳамосӣ, ки ҳикоятгари ҳамосаҳо ва рамзҳои қаҳрамонони ҳамосӣ аст, *шеъри миллӣ*, ки эҳсоси мубориза бар зидди ситамгарони хориҷиро бармеангезад, *шеъри халқӣ*, ки аз зиндагии мардум ба забони мардум сухан мегӯяд, *шеъри инқилобӣ*, ки шуури таҳаввул, талаби сиёсиву иҷтимоиро дар ҷомеа бедор мекунад.

Шеър ба унвони падидаи иҷтимоӣ ҳамчун дигар падида ва ниҳодҳои иҷтимоӣ аз тағйир ва таҳаввули сиёсӣ таъсир мепазирад. Ва ин таъсир робитаи мутақобилаи байни ин дуро барқарор месозад ва ба рушди навъи хосе бо номи адабиёти сиёсӣ кӯмак мерасонад. Ашъори сиёсӣ анвои гуногун дорад, дар баъзеи онҳо сиёсатмадорон ё гурӯҳҳои сиёсӣ ҳаҷв карда мешаванд, Дар навъи дигар ҳодисаи муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар қолаби шеър баён мешавад.

Муҳаққиқ Ҳамид Расо муътақид аст, ки шеъри иҷти-

мой-сиёсӣ, бояд масъулияти иҷтимоӣ-сиёсӣ дошта бошад. Ин назарияи муҳаққиқ тарафдори зиёд дорад. Шеъре, ки аз авзову аҳволи иҷтимоӣ дур аст ва қоркарди иҷтимоӣ надорад, хаёлбофие беш нест. Ахавони Солис бар нақши инсонӣ ва ҷойгоҳи иҷтимоии шеър арҷ мегузорад, рисолати инсонӣ ва иҷтимоиро вазифаи адабиёт медонад ва асареро пешрав медонад, ки аҳдофи инқилобӣ ва инсонӣ дорад.

Дар адабиёти муосири тоҷик нигоштаҳои иҷтимоӣ дар ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ ҷойгоҳи шоистаи тақдир дарёфтааст.

Дунёи зеҳнӣ ва фикрии Фарзона бепаҳност, агар мушахассоти фикрии шеър ва таъсирпазирии ӯро аз ҷаҳони иҷтимоӣ ба тамом шинохтан хоҳем, бояд таъсири иҷтимоиётро дар шеъраш ҷустуҷӯ кунем.

Шеърро бо иҷтимоиёт омезиши зебо додан на ба ҳар кас муяссар шудааст. Баъд аз фалсафаву ирфон иҷтимоиёт дар сохтмони шеъри Фарзона муҳимтарин унсури муҳтавову тасвир аст.

Шоир дар пазириши иҷтимоие, ки дар шеъраш эҳсос мешавад, бар он мекӯшад, ки гиреҳҳои печ дар печи рӯзгори мардумро дар қаламрави андешаҳояш бо хулосаву бардоштҳои ҳакимона боз кушояд. Шоир тавонистааст шеър ва, ба вежа, шеъри иҷтимоиро ба асолати худаш бирасонад ва шарафёб ба аҳдофе гардад, ки дар зимни сурудани ин мӯҳтаво бар назар гирифта буд:

Лек ҳоло ба ҷои савғотӣ
ба кӯдакони интизорам
На чуппа-чупсу твиксу рафаэлло,
Балки халта-халта зуғол хоҳам бурд.
Ба осмон аломати савол хоҳам бурд. (3,48)

Дар ин пора андешаи ҳакимонаи гӯянда таҷассум ёфтааст. «Ба осмон аломати савол» бурдан баёни ҳунармандонаи вазъи иҷтимоии ҷомеа аст. Рӯҳи замон дар мисраъҳои «Лек ҳоло ба ҷои савғотӣ ба кӯдакони интизорам на

чуппа-чупсу твиксу рафаэлло, Балки халта – халта зуғол хоҳам бурд» ғунҷоиш ёфтааст. Вожаҳои «чуппа-чупс», «твикс» «рафаэлло» дар ҷомеаи имрӯз корбуди зиёд доранд, аммо ҳатто ду даҳсола пештар барои ҷомеа ин вожаҳо чандон ошно набуданд. Ба шеър ворид намудани ин гуна вожаҳо рӯҳи замонро ифода мекунанд, ки аз нигоҳи шоир ва диди тозаи ӯ дарак медиҳад. Дар зимн бояд гуфт, ки шоир як ҳаводиси хеле содаи ҳар рӯз мушоҳидашавандаро ғайриинтизор ба шеър ворид мекунад ва, бад-ин васила, тасвирро дар зеҳни хонанда тоза ба ҷилва меорад.

Дар шеъри дигар ҳамин гуна тасвири ҷолиб чунин манзур шудааст:

Бас. Кифоя,
Баъд аз ин дар дили худ диски дигар мемонам,
Диски масрури туро ()3,10

Ин ҷо низ аз навоварии фаннӣ ва рӯҳи замон дар офариниши тасвир бо камоли ҳунарварӣ баҳрачӯӣ шудааст.

Дар зери барфи зимистон ором ва хоб будани табиатро бо баҳрамандӣ аз тасвири модернӣ ба таъсири «наркоз» (ки бешак дастоварди илмии садсолаи охир аст) ташбеҳ мекунад, ки шоистаи таваҷҷӯҳ аст:

Хок бо таъсири наркози шадиди барф мехобад,
Беҳиссу беёду бехотир,
Бехабар аз аввалу охир (3,196).

Дар баробари таҷассуми ҷанбаи иҷтимоӣ Фарзона талош дорад ба рӯҳи замон ва иҷтимоиёт таъсир гузорад, аз ин рӯ, ашъори ӯ аз андешаҳои ҳакимонаву андарзҳо саршоранд:

Гулфурӯши бехаридор
Бо таассуф сар меҷунбонад:
Магар имрӯз зодрӯзи касе нест?
Дар сутунҳои эълон
аксҳои даридаи ҳунармандон
хабари фавти рӯҳ мегӯянд (2,73).

Дар ҷои дигар мушаххасоти полиграфӣ ба риштаи тасвир омада, тахайюлро борвар кардааст

Шабнамаки нинимарг:
Чакидаҳои чаман
дар ҷаридаи гули садбарг
дар ҳудуди ҳазор нусха интишор аст (3,54).

Воқеан, тасвир тозаву ҷолиб аст. Тасвири ғайриинтизори ҳангоми субҳ ба рӯи гулҳо расидани шабнам аз тозагии баён ва нигоҳи нави шоир аст. Таркибҳои «шабнамаки нинимарг», «чакидаҳои чаман», «ҷаридаи гули садбарг» бадеият мисраъҳоро таъмин намудаанд. Ин гуна тасовир дар мисраъҳои зер хеле ҷолибанд:

Чашми ту муаллифи баҳор аст,
Қалби ту сардабири даймоҳ.

Дар байти:

Раҳ ба раҳ боз кунам ҷойнамози коғаз
Ишқ бархез, ки ҳангоми рукӯъи қалам аст (3,173).

бо маҳорати хос ҷанбаи иҷтимоӣ василаи баёни матлаб қарор гирифта, тахайюл ба ҳадди болову ниҳоӣ расидааст. Мисраъҳо дар ин байт андешаву эҳсос ва отифаҳоеро, ки рӯйдодҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд овардаанд, бозтоб медиҳанд ва ба василаи тасвири иҷтимоӣ гӯянда ба баёни матлаб наздик мешавад. Аз истифодаи зиёди вожаи иҷтимоъ бори дигар собит мешавад, ки муаллиф дар тасвирсозӣ муаммои мардумро ҳаллу фасл карданист. Шоир мегӯяд:

Бори дигар шикаст ёфтаам
дар бархурд бо иҷтимои фосид.
Дилам мутаҳҳар нест
Дар ин ғуруби иҷтимоъ,
Дар ин фазои ғализи тафаккуру эҳсос,
Дар ин зулмати андешаҳои бехуршед,
Дар ин роҳи ношинос
дилам мутаҳҳар нест (2,99).

Таҳлилу баррасии аносири ҳунар ва тасвири ҳунармандонаи масоили иҷтимоӣ ба ин натиҷа мерасонад, ки тафаккури ин шоири хушзавқ вусъати хос дорад ва таваҷҷӯҳаш ба масоили иҷтимоӣ пурпаҳно аст. Чунончи, со-

даву самимӣ мегӯяд:

Ман чӣ одӣ мешавам, вақте биандешам,
ки фардо соати даҳ
Боядам дар маҷлисе ширкат намудан (2,89).

Гоҳе дигар аз гирудорҳои зиндагӣ бадард мегӯяд:

Ҳар киро дар кӯча мебинӣ, суоле медиҳад:
-Манзили он фолбини номвар ку?
-Аз куҷо медонам, эй мардум?
Фолбини шумо бо устухони мурда суҳбат мекунад,
Ё ки бо рӯҳи шабу бо кавкаби думдор (2,92)

Мисраъҳои фавқ оганда аз масоили иҷтимоӣ аст, ки пешорӯи ҷомеи имрӯз қарор дорад. Шоири хушсалиқа ҳамин муаммои рӯзгори имрӯзро одӣ, вале ҷолиб тасвир мекунад. Сирри ҷолибии ин мисраъҳо дар одӣ будани онҳост.

Дар порчаи дигар шоир масоили рӯзгори сангинро латиф ба шеър пайванд мекунад:

Мебинӣ, дар ин беобиву, бечароғиву бегазӣ
Чӣ қадар ҷомеа чиркин шудааст? (2,130)

Шоир баробари василаи тасвир қарор додани ҷанбаи иҷтимоӣ дар боби пайдо намудани роҳи ҳалли мушкилот, пеш аз ҳама, сарчашмаи пайдоиши ин муаммоҳо меандешад ва зиёд кӯшиш дорад, ки ба ҳаллу фасли мушкилоти ҷомеа роҳ пайдо шавад:

Рӯ ба рӯям пирамарде ногаҳон пайдо шуд,
Як халта хокрӯба бар сари дӯш (3,125)

Ва гоҳе дигар пур аз дард менигорад:

Боғ, эй боғчаи хуррами сари кӯча,
Фикри моро раҳо кун аз шумори пулҳо! (3,86)

Ва ҷои дигар мегӯяд:

Бод чун мошини партовкашон
Меравад кӯча ба кӯча,
Шаҳр ба шаҳр
Тундсуръат медавад қитъа ба қитъа,
Даҳр ба даҳр

– Хоҳарҷон, вусмаи тар намехарӣ?
Ва ман нигоҳ мекунам. Устодам.
Ин зани жандапӯш дӯш ба мо дарси кимиё медод.
– Устод , шумо ҳам ба бозор омадед?
– Зиндагӣ…

Сурудаҳои шоири хушзавқу хушсалиқа ба таври воқеӣ ба тозатарин тамоюлҳои шакливу мавзӯӣ ва ҳунарии масоили иҷтимоии ҷомеа пайванд хӯрда, шоистаи зикр аст, ки инъикоси масоили иҷтимоӣ ба сурати тоза ва диди модерн дар ашъораш бознамо шудааст.

Мавзӯъҳои асосии шеъри иҷтимоии Фарзонаро ҳисси худҷӯиву худшиносӣ, нафрат ба беадолатии иҷтимоӣ, андешаи имрӯзу фардои мардуми кишвар фаро гирифта, асарпазирӣ аз шеъри классик ва шеъри муосири кишварҳои ҳамзабон ҳунари шоирро ҷилваи хосе бахшидааст.

Дар кӯтоҳтарин фурсат шоири пешгоми тоҷик Фарзона барои зуҳури чеҳраи ростини адабии худ ва гуфтани шеъри муассири тоҷикӣ дар ҳама қолабу шакл эҳтимоми лозим ба харҷ дода, дар рушди шеъри иҷтимоӣ саҳми бориз гузоштаву хоҳад гузошт.

Пайнавишт

1. Абдунабӣ Сатторзода. Кӯҳна ва нав (Дар шеър, нақд ва забон).–Душанбе: Адиб, 2004.–254 с.
2. Дубора борон: Мунтахаби мақолоти нахустин кунгураи шеъри иҷтимоӣ. – Теҳрон: Интишороти Хуршедборон, 1387.
3. Келдиёров Т. Раванди шеъри муосир. – Паёми Суғд. – №2. – 2003. – С. 40-45.
4. Озарахш. Ҷӯйбори сари хирман. - Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2011. - 494 с.
5. Райҳонӣ М.Сипеҳрӣ муфассири ояҳои қадимӣ: забон, андеша, сабк.- Машҳад: Оҳанги қалам, 1385.-224с.
6. Хоҷаева М. Масъалаҳои сабкшиносӣ.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1994. – 223 с.

7. Шамисо С. Сабкшиносиишеър.–Теҳрон, 1380.

БИЁ, ЭЙ ШЕЪР, ЭЙ ОВОЗИ ФАРДО!

Фурӯғи Фаррухзод мегӯяд, ки «шеър аз зиндагӣ ба вуҷуд меояд. Ҳар чизи зебо ва ҳар чизе, ки метавонад рушд кунад, натиҷаи зиндагист» ва илова мекунад, ки «шоир будан, яъне, инсон будан» аст ва «касе, ки кори ҳунарӣ мекунад, бояд аввал худашро бисозад ва комил кунад, баъд аз худаш берун биёяд ва ба худаш мисли як воҳид аз ҳастӣ ба вуҷуд нигоҳ кунад, то битавонад, ба тамоми дарёфтҳо, фикрҳо ва ҳисҳояш як ҳолати умумӣ бибахшад».

Ба ин натиҷагирии Фурӯғ розӣ нашудан наметавон. Воқеан, шоир будан рисолати бағоят вазнин бар дӯш гирифтан аст. Заҳмати онро сарбаландона ба ҷо овардан на бар ҳар кас даст медиҳад. Хушбахтона, дар адабиёти муосири тоҷик аз шумори чунин шоирони воқеии замон нафаронеро ном метавон гирифт, ки Фарзона дар ин сархат ҷойгоҳи вежа дорад.

Алиризои Қазва зимни баҳогузорӣ ба ҳунари шоир таъкид кардаст, ки «Фарзона ба шаҳодати осори хубу навовариҳояш дар ин асл воқеият дорад ва Фарзона яке аз пурфурӯғтарин чеҳраҳои адабии муосири Тоҷикистон аст. Фарзона илова бар он ки дар Тоҷикистон чеҳраи машҳурест ва ҳатто алорағми ҷавонӣ ҷавоизи мӯътабари кишвари Тоҷикистонро ҳам ба даст овардааст, шоири мутавозеъ низ ҳаст» (2,5).

Фарзона аз зумраи нафаронест, ки мафоҳимро қурбони вазн намекунанд ва дар навиштаҳои ӯ маъниву мантиқи калом дар қолабҳои суннатӣ бо маҳорати хос рехта шуда, маъниҳои тозаву ғайриинтизорро ба бор меорад:

Ҳазор абр гиристам, такон нахӯрд, нахӯрд
Ба зери шонаи чап хорасанги хомӯшат (1,213).

Аз ин байти шоир хонанда маъниро осон дарк ме-

кунад. Шоир бо истифодаи унсури тасвирсоз – санъатҳои муболиға, такрор, ташбеҳ ҳунармандона маънии маъмулӣ (бепарвоии ёр аз ғаму ғуссаи дилдор)-ро ба ҷилва меорад. Шоир маъниеро, ки ҳазорсола дар адабиёти классикӣ ба риштаи назм кашида шудааст, бо баёни тозаву тасвири ҷаззоб ба хонанда мерасонад, ки, албатта, аз маҳорати шоир дарак дорад.

Масалан, шоир дар ин байт метавонист гӯяд, «ҳазор бор гиристам», аммо тахайюл ва диди шоиронааш имкон додааст ин маъниро бо истифодаи муболиға ва тахайюли ғайриинтизор «ҳазор абр гиристам» бигӯяд, ки андозаи дарди баёншавандаро бештар нишон медиҳад. Ҳамзамон санъати ташбеҳ ҳунармандона эҷод шудааст, мусалламан манзури шоир аз «хорасанг» «дил» аст, ки ин ҷо шоир бераҳмии ёрро ба «хорасанг», ки маҳкамтарин навъи санг аст, нисбат медиҳад. «Зери шонаи чап» ишора ба дили инсон аст, ки бо бадеияти хос, ҳунармандона гуфта шудааст. Дили инсон дар тарафи чапи қафаси сина ҷойгир аст, ин одитарин воқеият бо диди муаллиф баёни шоирона ёфтааст.

Дар ин ғазал Фарзона боз ҳам содатарин ҳаводиси рӯзгор – аз «вазифа сабукдӯш шудан»-ро дар тасвир бадин зайл истифода мекунад:

Ба иштибоҳ туро соҳиби дилам хондам,
Аз ин вазифаи зебо кунам сабукдӯшат (1,213).

Аслан вожаи «сабукдӯш» ва ибораи «сабукдӯш кардан» маънии начандон хушояндро ифода мекунад, аммо маънии ҳамин вожаро бо василаи тасвири зебо ба қолаби ғазал рехтан ғайриинтизор ва шоирона сурат гирифтааст.

Фурӯғ чанд даҳсола пеш қайд кардааст, ки «чизе, ки шеъри моро хароб кард, ҳамин таваҷҷӯҳи зиёд ба зарофат ва зебоӣ аст». Ба андешаи ин шоири тавоно дар замони муосир шеър ба вожаҳои ғайришоирона эҳтиёҷ дорад, то ҷони тоза ёбад. Фарзона ин маъниро хеле хуб дарк карда,

ҳунармандонаву шоирона аз чунин вожаҳои «ғайришоирона» истифода мекунад:

Куҷо равам, ки раҳо ёбам аз ҷаҳолати хасм?!
Маро бигиру ба сандуқи сина пинҳон кун (1,21).

Вожаи «сандуқ» ба назар ғайришоирона аст ва кам даст медиҳад, ки бо ин вожаи дур аз зебоӣ маънии зебову шоирона эҷод шавад, аммо Фарзона бо камоли ҳунарварӣ аз ин вожа ибораи зебои «сандуқи сина»-ро интихоб мекунад, ки он миёни мардум ба ҷои «қафаси сина» ва ё «оғӯш» роиҷ аст. «Сандуқи сина» дар ин байт вожаи калидиест, ки бадеият ва тасвири ғайриинтизорро эҷод кардааст. Вожаҳои «ҷаҳолат» ва «хасм» (вожаи ғайришоирона) маънию тасвирро пурра кардаанд.

Дар ғазали дигаре мегӯяд:

Кай маро барандозад санги лаънати душман,
Дӯст мекушад моро бо кулӯхе аз доман (1,53).

Дар ин байт аз вожаи «кулӯх» ва ибораи «санги лаънат» ҳунармандона баҳрамандӣ шудааст. Маъниву тасвир дар сурудаҳои Фарзона ба ҳам омезиши зебо ёфтаанд.

Дар ҷои дигар вожаи «таяммум» ба баёни зебои маънӣ ноил гардонидааст:

Ҷӯйборам, бар таяммум карданам,
Марҳамат кун, гарди поятро фирист (1,52).

Ва низ

Гунаҳ кардӣ, ки бар ман дил надодӣ,
Гунаҳҳои туро парванда кардам (1,71).

Вожаи «парванда» аз диди густурдаи шоирона дарак медиҳад.

Дар байти зер вожаҳои «ҷамъ» ва «икс» (х) дар таркиби «Ман ҷамъи ман баробари икс» бо тахайюли шоирӣ ҷони тоза пайдо карда, ба ғазал тасвири нав бахшидааст:

Ман ҷамъи ман баробари икс аст дар ҳисоб,
Сад файласуф хира шуд аз «зуфунуниям» (1,123).

Дар байти дигар шоир вожаи «ҷалоҷин»-ро ҳунармандона чун калидвожаи тахайюли хеш қарор медиҳад:

Ба куҷо, ки по намонам, биниҳад фалак тилисме,
Зи фиреби ин ҷалоҷин биравам, дигар наёям (1,41).

Ҷои дигар вожаи ғайришоиронаи «собун» тобиши зебои шоирона ёфтааст:

Собуни барф доғи чаманро равондааст,
Собуни вақт, рӯҳи маро беғубор кун (1,355).

Шумори чунин ибораву таркибҳое, ки ба василаи вожаҳои ғайришоирона эҷод шуда, бадеияти кулро таъмин кардаанд, хеле зиёд буда, ба шеър навиву тозагӣ бахшидаанд. Чунончи, дар перомуни таъбиру мисраъҳои «парҳез аз истеъмоли ғам», «одреси худ навис», «туро марзбон кунам», «зи ҷаҳони пуршаётин», «нур шикор мекунам», «атсаи ёсуман шунав», «зи ишқ намесӯзад устухони наям», «решаи имон ба умқи шаб дорам», «чашми шаболуди ман», «ту чаратсаи баҳорӣ», «зону мазан, ҳақорати худро виқор кун», «гиребони субҳ атр занад ёсуман», «ҷурмам рашки ҳусн аст», «мӯ ба мӯ ҳарфи чигил бишнав», «хуфта зери сандуқам орзуи таҳ бар таҳ» эҷод намуда, тасвирҳои оҳарии ноб нуҳуфтаанд.

Дар асл, шеъри ҳақиқӣ аз омезиши ҳис ва ақл тавлид мешавад. Шоир нафарест, ки аз дигарон бештару беҳтар ҳис ва андеша мекунад, ҳамин гуна созиши зебои ҳис ва андешаи шоирро дар мисраъҳои зер мушоҳида мекунем:

Ҳолиё, дарди тиҳӣ будан намедонӣ, ки чист,
Эй дил, эй гулдони пурхун, хуш ба ҳоли шоди ту.
Нола кам кун, бин, ки бо ноландагон гардун чӣ кард,
Мурдагон дар гӯр механданд бар фарёди ту.
Шеър, чун мӯи фаришта бар наҷоти ман шитоб,
Исии ман, осии ман, садқаи имдоди ту (1,274).

Фарзона дар ҷузъиёти мавзӯии ғазал низ навовару тозакор аст. Ошноӣ бо ғазалҳояш бори дигар инро собит мекунанд, ки дар баробари умри дубора бахшидани мактаби анъана шоири тозакору навгаро аст ва диду назар ва андешаҳояш аз дигарон ба куллӣ фарқ доранд. Ӯ аз нафаронест,

ки бо ҳунару истеъдоди хос кӯҳнагӣ надоштани қолабҳои суннатӣ, бавежа, ғазалро исбот намуданд. Чунончи, мегӯяд:

Биё ба чашми ғизолам, набераи Маҷнун,
Маро ба бар кашу хушбахт чун биёбон кун (1,21).

«Ёр», «дилдор»-ро «набераи Маҷнун» гуфтани шоир аз камоли тахайюли шоир дарак медиҳад ва «хушбахт чун биёбон кун» бошад, тасвири ғайриинтизор аст.

Ғазалҳои шоир ба манзури мавзӯъ, мазмуну мӯҳтаво ва аз лиҳози хаёлбофӣ ҳунармандона эҷод шудаанд. Бо диду андешаи фалсафӣ баён шудани хулосаҳои рӯзгор дар ғазалҳои Фарзона шоистаи омӯзиш аст. Аз нигоҳи мавзӯъ ғазалҳои Фарзона арзишҳои фарҳангҳои қадимаро нигоҳ доштаанд:

Ба қалби ман, ки чун мамнӯъгоҳ аст,
Иҷозатномаат додам, гузар кун.
Биё, эй шеър, эй овози Фардо,
Ба марги ман, ба марги ман зафар кун! (5,150)

Бояд гуфт, ки аз оғоз то имрӯз ғазал маъруфтарин жанри адабӣ аст, ки миёни шоирон ва алоқамандони шеър маҳбубияти хос дорад. Сабаби ин ҳама муҳаббатро метавон ба хусусиятҳои жанрии ғазал нисбат дод, ки барои баёни ҳиссу ҳаяҷон ва андешаву афкори шоир хеле мувофиқ аст, зеро «асоси ғазал баёни ишқ ва муҳаббат аст». Профессор Шарифҷон Ҳусейнзода гӯяд: «Ғазал аз вақтати ҳис ва ақл-идрок иборат аст» (1,172). Ҳис ва ақл дар ғазал ҳамдигарро такмил медиҳанд. Ҳис ва ҳаяҷони баланд фикр ва андешаҳои баландро ба вуҷуд меоваранд. Дар ҳақиқат ғазал жанри ба ҳама мақбул аст, хушоҳангии авзони ғазал маҳбубияти жанрро бештар кардааст. Нуктаи дигар, ғазал имкон медиҳад, ки шоир баробари ҳиссу тафаккур афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқиро ҳамҷоя бо эҳсос ба хонанда расонад. Назокати нуҳуфтаи калом дар қолаби суннатии шеъри Фарзона, бавежа, ғазал дар он аст, ки дар баробари ҳиссу тафаккур тасвирҳои нотакрор дорад.

Мазмуни асар на танҳо предмети тасвир, балки фаҳмишу идроки муаллиф ва баҳои ӯ ба объективияти тасвир аст», ки ин нуктаро Фарзона хеле хуб дарк намудааст:

Шамими ишқ меояд зи себистони субҳоғӯш,
Шафақ дар шохи миноӣ шакарсебест атласпӯш.
Шаби дӯшин нигаҳ кардам, ки дар гулгашти маҳтобӣ
Фалак ҳам як сабад себи ситора мебарад дар дӯш.

Ва низ гӯяд:

Ба шукри шеър, ба ҳаққи Худо, ба ҳурмати Ишқ,
Тапиш бикун, тапиши тоза, боз, боз, эй дил! (1,180)

Намунаи чунин тасвирҳои шоиронаро дар ашъори Фарзона фаровон пайдо кардан мумкин аст, ки аз ҳунари нотакрори шоир дарак медиҳад. Латофати каломи Фарзона ҳам дар ин аст, ки шоир эҳсоси як андешаро ба шеър мерезад, бо ҳунари хеш ба андеша эҳсос мебахшад ва ҳисро андеша меомӯзад.

Вусъати тасвиргарии ҳар шоир аз чигунагии сатҳу савияи ҳунари ӯст. Таваҷҷӯҳ ба тасвирҳои тоза, дар қолаби таркиб ва ташбеҳҳо ғунҷонидани маъниҳои баландарзиш низ ба истеъдоди гӯянда бастагӣ дорад. Бардоштҳои сиёсиву иҷтимоии ӯ, ҳунар ва маҳорати нигорандагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ошноӣ бо тамаддун ва адабиёти ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки зимни эҷоди тасвиру самбулҳо ҳақиқати бартар аз худи шеър – воқеиятро ташхис диҳад. Муҳаммадризо Муҳаммадӣ – муҳаққиқи эронӣ бар он ақида аст, ки «шеъри хуб нишон аз як таҷрибаи зистии комил дорад ва шеъри бад нишон аз як таҷрибаи зистии нокомил ва норасо». Ба андешаи ин мунаққид таҷрибаҳои ҳаётӣ ва шахсият низ бар чигунагии шеъри шоир таъсиргузор аст.

Фарзона шоири ҳассос ва оинаниҳод аст ва хуб медонем, ки авотифи дарунии шоир таъсироти хуб ба мухотаб мегузоранд. Ӯ бо ҳамин роҳ ба қалби хонанда роҳ мекушояд ва дар ин самт аз шоирони пешгоми адабиёти мост:

Воқеан, ақл, ишқ, ирфон, сиёсат, марг ва зиндагӣ,

андеша, хулоса ва бардошт аз зиндагӣ дар шеъри Фарзона инъикоси зебо доранд. Пайванди дину оин ҷозибаи ашъорро бештар кардаанд. Истифодаи зиёд аз вожаи «Худо» бозгӯи ин андеша аст. Фақат вожаи «Худо» дар китоби «Себарга» 63 маротиба, дар «Садбарги ғазал» 27 маротиба, дар «Мӯҳри гули мино» 59 маротиба ҷой дорад.Ҳамзамон, Худо бо чандин шева хеле зебо нидо мешавад: «Таъоло», «Ҳақ Таъоло», «Худоё», «Худоҷон», «Аллоҳ», «Ҳазрати Ҳақ», «Худованди Карим», «Ёр», «Ҳазрати Дӯст».

Шоир бо ин вожа ибора ва таркибҳои ҷолиберо эҷод мекунад, ки «Табассуми Худо», «Чашми Худо», «Навтарин сунъи Худо», «Сунъи мутабаррики Худованд», «Хашми Худой», «яктои худодод», «Танҳо Худост он ки бадалношавандааст» муште аз хирвори тозакории Фарзона мебошанд. Шоира аз оғоз ба офариниши тарокиби тоза таваҷҷӯҳ дорад. Аслан шоири воқеӣ ҳамин гуна бояд бошад. Таркибҳову иборот бо маъниҳои зебо, дар ин сурудаҳо имтиёз доранд.

Шеърҳои Фарзона баёнгари андеша, эҳсос, эътиқод, одобу русум ва ҷомеияти ӯст ва адабиёти муосири тоҷикро дар сатҳи воло ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд.

Ҳунару истеъдодаш дар дилу дидаи хонандагон маъво дорад. Шоир арзишмандтар аз муҳаббати хонандагон подошеро намешиносад ва, ҳамзамон, аз муҳаббати мухлисон сарфароз асту нисбат ба онон низ муҳаббати беандоза дорад. Мутмаинем, ки тасвирҳои шоирона, хулосаҳои аҷиб, андешаҳои мондагори Фарзона мӯҷиби ифтихору шоистаи таҳсини натанҳо имрӯзиён, балки ояндагон низ хоҳад буд, зеро беҳуда нагуфтаанд: ҳар он чӣ аз дил барояд, ба дилҳо нишинад!

Пайнавишт:

1. Фарзона. Мӯҳри гули мино. – Хуҷанд: Ношир, 2006.– 400 с.
2. Фарзона. Садбарги ғазал. - Хуҷанд: Ношир, 2008

3. Фарзона. Себарга.-Хуҷанд:Ношир,2011.-436 с.
4. ФурӯғиФаррухзод. (ТаҳияиМуҳиддинОлимпур).Шоирбудан //Садоишарқ//№3, 1988.- саҳ. 100- 105
5. Ҳусейнзода Ш. Баҳсваандеша. - Душанб: Ирфон,1964.-264 с.

ДАР ОЛАМИ МАЪНО ДИГАРӢ

Баррасии олами маънӣ ва маъниофариҳои Аҳмадҷони Раҳматзод

Адабиётшинос Тоҷибой Келдиёров шеърро «беҳтарин ва латифтарин зодаи тафаккури инсонӣ» медонад, ки «ба иттифоқи гавҳаршиносони баҳри маонӣ бо перояи хаёл зиннат ёфтааст». Бино ба таъкиди ӯ «ҳазорсолаҳост, ки шеър як ҷузви муҳими ҳаёти мадании мардуми форсро ташкил додаву меҳру муҳаббат ва дарду дармонеро аз насл ба насл интиқол медиҳад. Беҳтарин арзишҳои умумибашарии мардуми форс маҳз тавассути шеър дар ҳофизаи адабии таърих сабт шудааст» (3,40). Шеъри муосир инъикоси ҳаёти маданию фарҳангӣ ва сиёсию иҷтимоии мост, ки пайваста бо соҳаҳои дигари санъат пеш меравад.

Шоирон дар ин замина нафаронеанд, ки рисолати зебоиофариро бар дӯш доранд ва ба василаи истеъдоду ҳунари офариниш арзишҳои инсониро арҷ мегузоранд. Ҳар шоире, ки ин рисолатро дарк мекунад ва мутаваҷҷеҳ мешавад, ки дар шеър баёни андеша ва эҷоди маънии нав аз мавзӯъ муқаддамтар аст ва бояд мӯҳтаворо дар перояи тозаи хаёл баён кард, нафароне ҳунарманд шинохта шуданд, ки барои рушди шеъри замони хеш саҳмгузор будаанд.

Тибқи бардошти Юсуфи Акбарзода «дастовард ва хусусияти шеъри имрӯз аз он иборат аст, ки ҳар шоир – чӣ хурду чӣ бузург мекӯшад, ки ба дунёи ботинию бепоёну мураккаб ва пурасрору пурсарвати инсон сар фурӯ бурда, ӯро дар лаҳзаю ҳолатҳои мухталифу мушкил ва пуршиддат бинад ва тасвир намояд» (1, 113).

Шоир Аҳмадҷони Раҳматзод, ки аз даҳсолаҳои охири асри гузашта ба арсаи адабиёти тоҷик ворид шуд ва имрӯз чун шоири соҳибсабк эътироф гаштааст, ҳамин рисолати шеърро пайгирӣ кардааст. Манзумаҳои «Зуҳури ҳазрати инсон» ва «Наврӯзнома» бо андешаву тасвири зебо ҳар хонандаро ба олами маъниву зебоӣ ҳидоят мекунад ва маҳорати хуб, диди тоза ва мунири муаллифро бозгӯ мекунанд. Дар ин нигоштаҳо муаммоҳои ҷаҳони куҳан, таърих ва тамаддуни маънавии инсоният, тазодҳои олами муосир мавриди андеша қарор гирифтаанд ва бо тахайюли ноб ба тасвир кашида шудаанд. Ба ин васила, шеър рисолати ҳамешагиашро ба ҷой оварда, «беҳтарин арзишҳои умумибашарӣ»-ро сутудааст.

Шинохти асолат ва ҳастии инсон ва тараннуми миллату Ватан аз муқаддамтарин мавзӯоти шеъри шоир аст. Ҳувияти миллӣ, меҳру муҳаббати поку самимӣ нисбат ба Ватан дар ашъори Аҳмадҷони Раҳматзод бештар ҷой гирифтаанд. Эҳсос мегардад, ки ин муҳаббатро шоир дар донистани таърихи сарзамини хеш, ошноии комил бо қиссаву ривоёт ва асотири аҷдодӣ мешиносад. Худи шоир низ як нафари огоҳ аз таъриху тамаддуни кишвар аст, ки ин нукта дар офариниши шеър ва тасвирҳои ҷолиб ба ӯ кӯмак кардааст. Шоир бар ин бовар аст, ки дӯст доштани Ватан, дӯст доштани таъриху тамаддуни хеш, ифтихор аз миллату мардуми сарбаланди худ аст:

Чист Истиқлол, донӣ, рӯзи тавлиди Ватан!
Рӯзи тавлиди умеди миллати афгори ман!
Рӯзи эҳёи тафаккур, балки эҳёи замон,
Рӯзи нусрат,
Рӯзи Ваҳдат
Субҳи бедорист дар афкори ман! (5, 6).

Тасвири ифтихори ватандорӣ дар шеъри шоир зиёд ба назар мерасад. Дар шеъри «Ватан» шоир бо ифтихор мегӯяд:

Чӣ шараф хоки туро бӯсидан,

Чӣ шараф оби туро нӯшидан!
Сари худ монда ба рӯи сангат,
Нафасе набзи туро бишнидан! (5, 4).

Афзун бар ин андешаҳои хештаншиносӣ, асолати таърихиву фарҳангӣ, бозшиносии мероси ниёгон, худчӯӣ ва худшиносӣ бо диди ҷудогона тасвир шуда, ҳарчанд, бештари таваҷҷӯҳ ба ҷанбаҳои ҳунарӣ равона аст, аммо дарунмоя ва мавзӯи шеър аз назари шоир дур нарафтааст. Воқеан, шоир дар тафаккур ва андеша истиқлоли фикрӣ дошта, навпардозии Аҳмадҷони Раҳматзод дар шеъри нав ба шакли шеър-дарозу кӯтоҳ кардани мисраъҳо маҳдуд намешавад. Аз марҳалаи аввали эҷод дар қолаби нав новобаста аз мавзӯи баррасишаванда падидаҳои тоза ва ниёзҳои хоси шинохти асолату рисолати шеър дар батну матни ашъор ҷойгоҳи хос пайдо кардаанд. Метавон гуфт, сапедгунаҳои шоир дар шаклгирии шеъри нави тоҷик бетаъсир набудааст, ки ин нуктаро намунаҳои ашъори сапеди шоир тақвият мебахшанд. Чунончи, шоир мегӯяд:

Зи ту ман боз мехоҳам мадад, эй модари ҷонам,
Ки дар гардун намози фарз мехонӣ,
Ба рӯи ҷонамози абрҳои дур
Дигар маъзур дор, эй модари ғамхор,
шоирзодаи танҳотарини хушзабонатро,
ки бишкастам намози ҷовидонатро (4, 61).

Дар марҳалае, ки аксари мунтақидони ватаниву хориҷӣ маърифати шеъри нави тоҷикро ба инҳисори мафкураи сиёсии замони Шӯравӣ пайванд бахшида, адабиётро ба сурати шиор ё шеъри холӣ аз қареҳаи ҳунарӣ ва берӯҳмуаррифӣ менамуданд, ба шоироне чун Аҳмадҷони Раҳматзод, ки аз мактаби Мӯъмин Қаноату Лоиқ , Бозор Собир ва монанди инҷо тарбият гирифтааст, муяссар шуд, то бо саликаву истеъдоди фитрияш тарҳи нави андешаи шеършиносиро дарандозанд. Барои густариши ин раванди шеър ва шинохти он ба шоир чанд омил кӯмак кардааст. Нахуст,

таваҷҷӯҳ ба мероси қадим ва асолати адабиёти гузашта. Баъдан, истиқлоли андеша, назар, тафаккур, сабк дар шеъри нав ва истиқлоли комил. Дигар, огоҳии бештар аз адабиёти ҷаҳон, махсусан, ошноӣ бо адабиёти муосири Эрону Афғонистон барои таҳаввули шаклу дарунмояи шеър таъсир гузоштаст. Шоир мегӯяд:

Миёни дашти фарохи асрҳои куҳан
Бируст ҳамчу дарахте
шаҳидшаҳри шукуфо,
Ки шохаҳои пур аз барги зумуррад
тавони ваянд,
ки наҳрҳои ба ҳар реша тапида
равони ваянд…
Дарахти сабз, бигӯ,
Зи қарнҳои куҳан
Чӣ меваҳои хирадро расонда, афшондӣ,
Ки аз ту дар ризо Имом Ризост?! (4, 133).

Дар эҷоди достони «Зуҳури ҳазрати инсон» дониш, истеъдод ва диди шоирона хеле таъсир гузоштааст. Шоир хеле зебо мегӯяд:

Офтобам сӯхта,
Шамъу фонусу чароғам бесабаб н-афрӯхта,
Сӯзани килкам ба сатри ришта-ришта
Бахяи лабҳои хомӯши маро нодӯхта…
Хилқатам бегонапарвар буд,
Тоқатам тоқи баланди лонаи холии кафтар буд.
(5, 241)

Дар бозтоби андеша ва баррасии масоили рӯз шоир ба унсурҳои диниву мазҳабӣ эътибори махсус зоҳир мекунад, ҳузури ирфон ва дин мӯҳтавои шеъри Раҳматзодро муассир ва ҷанбаи ҳунариро қавитар намуда, барои таваҷҷӯҳи амиқ ба тасвирҳои тоза ва дар қолаби таркибу ташбеҳҳои дастнорас гунҷонидани маъниҳои баландарзиш имкон фароҳам овардааст. Ин омил шеърҳоро дар сатҳи боло қарор

додааст. Ҷаҳонбинии муаллиф дар ин самт аз ҷаҳонбинии ирфонӣ сарчашма дорад. Андешаҳо дар батни хеш ваҳдати вуҷудро пойдор кардааст:

Дар нойгулаш суре, дар найча навое хуш,
Дунё ҳама сар то сар масрури Худованд аст (5, 148).

Нигоштаҳои солҳои охири Аҳмадҷони Раҳматзод ин нуктаро равшан мекунад, ки шоир ҷаҳонбинии худро аз шеър то шеър густариш медиҳад. Дар шеърҳояш ба василаи андешаи дунявиву моддӣ аз ҳастиву марг ва фалсафаи зиндагӣ роз мегӯяд. Андешаҳои фалсафӣ дар шеъраш ҳувияти тоза мегиранд:

Чу ишқи Ҳақ бишуд ҷо дар равони ман,
Пари парвозҳо дарёфтам дар ҷои пои хеш.
Аҷаб шуд мунтаҳои гирудорам бо ҳамоқатҳо,
Ки акнун бозмегардам чу ошиқҳо ба пои ибтидои хеш.
(5, 45)

Ва низ:

Зиндагӣ субҳи висолу зиндагӣ шоми видост,
Дӯсттар дорам варо дар рӯзи тӯю мотамаш (5, 46).

Сабки шоир дар тасвирофарӣ хосу мустақил аст ва нигоҳи модернӣ зиёд дорад. Чунончи мегӯяд:

Офтоб об шуду рехт зи пешонии ман,
Шафақи таршудаи субҳ гиребони ман аст (5, 76).

Ҷои дигар шоир ин маъниро ба тасвир мекашад:

Бари гардун нишастам, охирин парвоз кай бошад?
Зи хатти роҳ мехонам ба гарди мӯй мазмунро.
(5, 160)

Ин тасвир ки аз батни тахайюли ғайримунтазира тавлид шуда, хотири хонандаро навозиш мекунад:

Мушти кӯракшуда бар сина бизан,
Кафи ту боз шавад пуртилло (5, 36).

Аҳмадҷони Раҳматзод эҷоди иборот ва таркибҳои тозаро дар рушди ҷанбаи ҳунарии шеър омили муҳими таъмини бадеияти шеър мешиносад ва ашъораш бо афзу-

нии истифодаи тарокиб имтиёз дорад, ки «гулҳои хандонлаб», «тугмаи бӯса», «асои қалам», «нохуни шукуфаҳо», «парраи мавҷ», «нигористони ёд», «ситораи изтироб», «хонаи чашми фариштa», «шӯълаи фарёд», «асалмаст», «хӯша-хӯша мавҷ», «дили тиллоӣ», «гиряхандаҳо», «силсилакокули шаб», «синаи субҳи ширгун», «синамавҷи изтироб», «барги шамъ», «дафтари зулфи парешон», «сари дегҷӯши шавқ», «сари сабзи хаёл», «бӯсаи хуршед», «резишгоҳи зулф», «шабнамҳои кӯҳистон», «мушти кӯракшуда», «чашми ситора» намунае аз ин хаёлоти рангинанд. Ин тарокиб аз диди модернӣ ва тахайюли ғании шоир ва аз вусъати имконоти сабки ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Пур аз ҳавову дилтиҳӣ сарҳуйшишаҳо,
Сарводамаст шишаи сарво шикастаам.

Дар байти мазкур бар иловаи тахайюл ва дид, ки ба зеҳни хонанда тасвири зебоеро дармеоварад, офариниши вожаҳои «сарҳуйшишаҳо» ва «сарводамаст» хеле ҳунармандона аст, ки инро метавон идомаи суннатҳои адабиёти классик шинохт. Чунин вожаву таркибҳоро ба вежа шуарои сабки ҳиндӣ фаровон ба кор мебурданд. Бедил мегӯяд:

Ба ҳуд оташ занам то гарм созам синаи сарде,
Зи бас афсурдатабъиҳо танӯри сардро монам.
Далели корвони ашкам оҳи сардро монад,
Асарпарварди дардам, ҳарфи соҳибдардро монам.

Вожаҳои «риштабапопеч», «ҷабинбастагиреҳ», «мураккабҳавасӣ», «гумкардагесӯ» дар коргоҳи тахайюли шоир Раҳматзод ба каломи мавзун хушоҳангии бештар зам намудаанд.

Унсури тасвирофар, аз ҷумла саноеи бадеиро шоир омили муҳимтарини офариниши зебоӣ мешиносад ва дар ин ҷода маҳорати шоистаи таҳсин нишон додааст. Ҷойгоҳи ҳунармандонаи санъати ташбеҳ, ташхис ва такрор дар байти зер метавонад ба унвони далели ин гуфтаҳо бошад:

Баъди поиз чун гадое ин дарахти даство,
Ба кафи ҳар шоха резад тангаборон барф-барф.

Дарахтро ба гадо ташбеҳ додану ба василаи ташхис офаридани ибороти «дарахти даство», «кафи шоха», «тангаборон» ва такрори вожаи «барф» тасвирро зебову дарёдмонданӣ кардаанд. Бешак, ин обшори ҳунар аз малакаву истеъдод мачро гирифтааст:

Сураташ ҳусни ҳама дунёст,
Ин фаришта чун Худо зебост (5, 160).

Ба василаи санъати талмеҳ тасвиркории ҷолиб шудааст, ки намунаи беҳтарини он дар ғазали «Ба нохун меканад ҷӯ Кӯҳкан дар хораи дилҳо» ба назар мерасад. Дар ҳар байт аз санъати талмеҳ тасвир падид омадааст:

Ба нохун меканад ҷӯ Кӯҳкан дар хораи дилҳо,
Вале дар пои хусравҳо нагун шириншамоилҳо.
(5, 135)

Шоир ба калимаву ибороти рехтаи халқӣ зиёд таваҷҷӯҳ мекунад ва ин ибороту калимот аз солҳои аввали эҷод дар шеър имтиёз пайдо кардаанд:

Ишқ, ишқ гуфтам, ваҳ, барфи лаклакӣ борид,
Ё ба шӯри пешонӣ ба шавкату шонам.
(5, 103)

Меноламу аз нола суде натавон бардошт,
Тагрез шуда борам, нахлам зи самар гашта.
(5, 69)

Мо хоки сиёҳро ба хун оғуштем,
Фарёд кашида боз бар ҷумла ҷаҳон.
(4, 128)

Аҳмадҷони Раҳматзод дар эҷоди шеър аз оғоз ба комёбӣ ноил гардида, имрӯз чун шоири соҳибсабк шинохта шудааст. Бардоштҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳунар ва маҳорати нигорандагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ошноӣ бо тамаддун ва адабиёти ҷаҳонӣ ба шоир имкон додааст, ки зимни эҷоди тасвир, самбулу образҳо ҳақиқати бартар аз шеър, воқеият ва асолати

шеърро ташхис диҳад. Истеъдоди фитрии шоир маҳбубияти ӯро миёни хонандагон афзудааст.

Имрӯз шоири маҳбуб дар рушди адабиёти муосири мо ва тарбияи насли ҷавони он саҳми бориз дорад.

Пайнавишт:

1. Акбарзода Ю. Давраи тозаи инкишофи шеъри тоҷик. – Садои Шарқ. – №12. – 2012. – С. 110-129.
2. Давронов А. Нақди адабӣ ва равандҳои адабиёт.–Душанбе: Шаҳпар, 2012.–260 с.
3. Келдиёров Т. Раванди шеъри муосир. – Паёми Суғд. – №2. – 2003. – С. 40-45.
4. Раҳматзод А. Номаи сарво. – Хуҷанд: Ношир, 2008.–313 с.
5. Раҳматзод А. Номаи мӯҳрбанд. – Хуҷанд: Андеша, 2010.–313 с.

МАН АЗ ШАҲРИ БУЗУРГИ ИШҚ МЕОЯМ

Неъмат Оташ аз ҷумлаи шоироне аст, ки худро озод ва содиқона дар ойинаи шеъраш ба хонанда ошно месозад. Бино ба таъкиди Шораи халқии Тоҷикистон Фарзона «шоири оташзамири покрав ҳам, ки ба ҷустуҷӯи инсони комил водиву иқлимҳои ниҳониву маҷозиро месипарад, оқибат ойинае меёбад, ки ба ӯ инсони комилро муаррифӣ мекунад». Дар пешгуфтори китоби «Мусофири шаҳри борон» низ шахсият ва истеъдоди фитрии Неъмат Оташ, огоҳии ӯ аз шеъри ниёгон, омӯзиш аз ашъори бузургони Ғарбу Шарқ бозгӯ шудаанд. Аз диди ноқидонаи Фарзона «Неъмат Оташ дар исму ҷисми худ оташи Ҳурмуздро ҳифз кардааст ва шеъраш низ чун маҷмараи пуроташ фазои тафаккури моро муанбар мекунад. Ӯ аз он инсонҳои камназирест, ки шахсият ва шеъраш арзиши баробар доранд ва ҳамдигарро комил мекунанд ин ҳама бардоштҳо кифоят намекунад, ки ҳунарманди воқеӣ ба арсаи сухан ояд ва бо фурӯғи бемонанд симою маънои худро боз кунад». Ин ҷо ба ҳузури оташи ғайб ба сифати манбаиилҳоми «суханҳои равшани пуршаъшаа» ва «каломи субҳнисору мондагор» ишора мешавад.

Неъмати Оташ дар «кӯчабоғи шеър чун миршаб табли баланд намезанад, нақораҳои тиҳиро намекӯбад, ҳарфҳои размандаву бонгҳои тӯфонӣ намезанад, балки нарму ором чун насими зардолузори деҳаи Рӯмон ба мо латифаҳои рӯҳонӣ мехонад, чакомаҳои боронӣ мавзун мекунад, ғазалҳое меофаринад, ки чун дарёи Сайҳун маъсумияти азалии худро нигоҳ доштааст».

Чунин арзиш ва баҳогузории шоири соҳибмактаб ба Фарзона шахсият ва ҳунари қаламкаши барнодил шоиставу арзанда аст ва хонандаро ба андешаҳои амиқ раҳнамун месозад. Неъмат Оташ, воқеан, солҳост, ки дар арсаи

журналистика ва адабиёти муосири мо мавқеи устувору мондагорро соҳиб аст ва ба василаи килки ҳунарвараш ба дилу дидаҳои мардум ҷой гирифта. Рӯзноманигоре аст ҳақиқатгӯву оташинсухан ва шоире аст соҳибсабку соҳибдил. Ишқ, зиндагӣ, иҷтимоиёт, сулҳ ва нафрат ба ҷанг дар ҳамаи марҳалаи зиндагӣ аз ҷараёни шеъри шоир берун нарафтаанд ва ӯ ҳамеша ҳамдаму ҳамнафаси хонанда буду ҳаст.

Аз диди адабиётшинос Тоҷибой Келдиёров шеъри Оташ «фарёди бесадои дил аст рӯи сафҳа, ки аз лобалои он чеҳраи мунаввари касеро рӯнамо мекунад, ки каломаш зоҳиран ором аст, аммо дар ботин туғёни рӯдхонаи Сирро нуҳуфтааст». Воқеан, шеъри Оташ дар замираш туғёнҳои хонданиву гуфтанӣ дорад. Ҳамзамон адабиётшинос Келдиёров зимни ошноӣ бо ашъори маҷмӯаи «Мусофири шаҳри борон» муҳимтарин хасисаи шеъри Неъмат Оташро марбут ба забон, нигоҳу тасвири шоирона ва тарзи баёни вай медонад: «Забони шеъри Оташ сода, самимӣ ва тасвирҳояш ба зеҳн наздик, заминӣ ва воқеӣ ҳастанд. Шоир ҳеҷ вақт ба худ иҷоза намедиҳад, ки тасвирҳои аз зеҳн ва хаёлу қиёсу гумону ваҳм дурро ба кор бигирад» (5,4). Муҳаққиқ «аз ҷанбаҳои дигари шеъри Неъмат Оташ, ки ҳам дар қаволиби шеъри суннатӣ ва ҳам дар ашколи дигари шеърии мавриди истифодаи шоир ба назар мерасанд, яке равонӣ ва малеҳии сухан»-ро ёдоварӣ мекунад, ки «аз онҳо гоҳо бӯи каломи Саъдии ширинсухан ва гоҳо роиҳаи сухани Мавлоно ба машом мерасанд». Байти зер далели ин мулоҳиза аст:

Гаҳ мебарӣ сӯи хаёл, гаҳ мекашӣ сӯи висол,
Тунду малеҳу дилнишин чун шеъри Мавлоностӣ» (4,137).

Шоири ширинсухан ҳанӯз аз нахустин маҷмӯаи ашъораш «Шукуфа», (Адиб,1989) ба дили хонандаи нозуктабъ роҳ пайдо кард ва сипас бо маҷмӯаҳои «Садои сабзи шукуфтан» (1999), «Мунтахаби ашъор» (2001) ва «Ба ишқ бовар кун» (2003) ин муҳаббат сарсабзтар гашт. Шоир мегӯяд:

Ман аз шаҳри бузурги ишқ меоям,
Зи даргоҳи Худомарде, ки бо ишқу иродат
корвони шеъри зеборо
Ба дашту кӯҳу ҳомунҳои таърих бо ҳавас меронд
Ва чун қосид
аз асре ба асре
номаи пурдарди шоҳонро
Ба пайвандони онон армуғон мебурд (5).

Шеърҳои Неъмат Оташ армуғон аз он медиҳанд, ки муаллиф дар ҷодаи офариниш соҳиби сабки вежаи хеш аст ва талош дорад дар офариниш навгӯву навпардоз қарор гирад. Ин ҷо суоле метавонад пеши хонанда биёяд, ки кадом шоирро метавон соҳибсабк унвон кард?

Мусаллам аст, ки дар шеъри шоирон аносири мушаххасшудаи умумӣ сабаби аз сухани одӣ тафовут пайдо кардани эҷоди эшон мегардад ва ин нукта низ равшан аст, ки истифодаи шоирон аз ин аносир яксон нест.

Масалан, хаёл яке аз унсурҳои амудии баёни шоирон аст ва ҳама шоирон дар канори унсурҳои забон ва мусиқӣ аз ин унсури шеърофарин истифода мекунанд. Аммо, ба бовар метавон гуфт, ки ҳар кадом шоир аз ин унсур шеваи бардошти худро дорад, агар нафаре ба ташбеҳ зиёдтар таваҷҷӯҳ дошта бошад, дигаре ба такрор майл дораду севумӣ ташхисро дар шеъраш фаровон истифода мебарад. Ва вежагиҳои сабки ҳар кадом шоир ба шеваи бардоштҳои ӯ аз аносири шеърӣ алоқаманд аст. Ба бовари муҳаққиқ Шомили Солор «манзур аз сабки як шоир маҷмӯи он вежагиҳое аст, ки шеъри ӯро аз оммаи шоирони он рӯз мутамоиз созад». Ба таъкиди муҳаққиқ сабк ду шохаи умда дорад, яке инҳироф аз ҳинҷор ва, дигаре, басомади ин инҳироф. Дар шаҳри Шомили Солор манзур аз ҳинҷормаҷмӯи вежагиҳое аст, ки ба таври табииву маъмулӣ дар шеъри як давра вуҷуд дорад ва инҳироф аз ҳинҷор, яъне хориҷ шудан аз ин қавоиди куллӣ мебошад.

Ҳамзамон авотифи инсониро муҳаққиқон дарунмояи амудӣ барои шеър шинохтаанд. Воқеан, ҳар инсон соҳиби як низоми фикрӣ аст ва, мусалламан, эҳсоси ҳар нафар аз навъи нигариши ӯ ба атроф ва ҷаҳонбиниаш сарчашма мегирад. Андешаи шоир низ ба ҷаҳонбинии ӯ алоқаманд аст, ки бо диди шоирона дар шеър таҷаллӣ меёбад ва андеша аз унсури созандаи сабки ҳар офаранда аст. Ҳис (отифа) дар офариниши сабки шоир нақши амиқ дорад. Унсури ҳисси шоир чӣ хуб - шодӣ, тараб, умед ва чӣ бад - ғаму андӯҳ, яъс, ноумедӣ, хашмро рӯйдодҳои зиндагӣ дар зеҳни шоир падид меоранд ва шоир ин ҳиссеро, ки дар худаш таҷриба кардааст, ба шеъраш мутааллиқ мекунад ва ба ин васила ба хонанда мерасонад. Пас, ҳис низ муҳимтарин унсури созандаи шеър аст, чун хонанда таъсири аввалияро аз ҷанбаи отифии шеър мегирад ва ҳис ба шакли зоҳириву зеҳнии шеър таъсиргузор аст.

Ба бовари шеършиносон, «таъсири отифӣ он гоҳ сурат мегирад, ки шеър битавонад намоиши ростин ва содиқе аз ҳолати дарунии шоир бошад». Андешаи ноб ҳисро дар ин замина созиши зебо медиҳад.

Мутаассифона, имрӯз дар адабиёти муосир шоирони соҳибандеша кам дорем. Аммо Неъмат Оташ аз зумраи шоироне аст, ки ӯро метавон соҳибандеша унвон кард, чун дар қаламрави андешаву диди шоирона қадамҳои устувор гузошта, дар ин раванд ба тарбияти насли ҷавон низ саҳм дорад.

Мутаваҷҷеҳ мешавем, ки андеша чӣ қадар дар ин шеър тасвири зебо офаридааст:

Нишоти омаданатро,
Ман аз насим шунидам, ки бо фараҳ мегуфт:
– Варо ба боғи муҳаббат чу дилрабо дидам,
Ба ноз рафтаму гесӯи мушкборашро,
Ба боғҳои гули ёсуман раҳо кардам…
Ҳар он чӣ мушк биовардаам дар оғӯшам,
Зи гесувони ӯст (5).

Ва ё ҷои дигар**:**

Сукут варзидем
Ва он парандаи зебо, ки вожа номаш буд
Ба маҳбаси тани мо нолае заду хобид (4,28).

Ин андешаҳои ҷолиб бо тасовири дилнишин шеъри Оташро мутамоиз аз шеърҳои шоирони дигар мекунад, ки аз далоили соҳибсабкии шоир аст. Маҷмӯи дигаре аз вежагиҳои шеъри Оташро мавриди омӯзиш қарор дода, бо як баррасии иҷмоливу сода метавон дарёфт, ки шоир ба мусиқии даруниву берунӣ, шакли зеҳнии шеъраш таваҷҷӯҳи хос дорад.

Ормон дигар бувад доғи таманно дигар аст,
Чашми дидан дигару завқи тамошо дигар аст (4,130).

Дар афзоиши ҷанбаи ҳунарии шеър иборот хидмати шоиста доранд ва ин нуктаро шоир хуб дарк карда, дар эҷоди шеър ба таркибу ибороти гӯшнавозу пурмаъно диққат медиҳад. Ибороте, ки зеҳни шоир эҷод кардааст, хотирмону дилнишинанд. Офаридаҳое чун «деви бадкораи ин шоми сияҳ», «гулдони тиҳимонда», «нафасҳои таболудаи ин деви сияҳ», «зулоли чашмаи хуршед», «мурғи зебои муҳаббат», «шаҳри сабзи чашмонат», «шабнами рӯи гул», «пештоқи булӯрини шаҳри ишқ», «гулбарги ғам», «булӯғи васвасаи хуни дил», «кишвари сабзи муҳаббат», «чилчароғи меҳр», «қуллаи кӯҳи умед», «шарораборон», «оташи зардуштии мазори ту», «сарманзили хубони ҷаҳон», «парниёни мавҷи Сир», «шоиронатарин дарди тоҷикона», «ашки сари мижгони дарахтон» ва ғайра дар тасвирпардозии шоирона хидмати чашмгир доранд.

Унсурҳои тасвирсоз ва саноеи бадеӣ низ аз ҷониби шоир корбурди ҳунармандона пайдо кардаанд. Ташбеҳ, такрор, талмеҳ тазоду муқобала аз санъатҳои бадеиеанд, ки шоир бар онҳо таваҷҷӯҳи аввалия дорад.

Ташбеҳ:

Абри сияҳ чу моми гумкарда тифли маъсум
Аз дида мефишонад пайваста ашки борон (4,110).

* * *

Аз таҷаллии рӯят нур дар дилам ҷорист,
Шамси пурзиё ҳастӣ, эй зан, эй зани тоҷик! (4,94)

* * *

Шамсе ба зуҳур омад, чун ҳолаи нур омад,
Кошонаи мо пур шуд аз нуру сафо имшаб. (4,122)

Такрор:

Шукр кун, ишқи ту сабз асту хаёлоти ту сабз,
Набз дар набзи ту, хуни шараёнат сабз аст.

* * *

Ман қатра-қатра обаму дарё нагаштаам,
Ман зарра-зарра хокаму саҳро нагаштаам (4,96).

* * *

Талмех:

Ки рӯзе биравад ин мард
Ва нӯшдору бирасад пас аз марги Сӯҳроб (4,14).

* * *

Ҷаҳон зи хуни Сиёвуш мешавад лабрез,
Зи фитнае, ки зи Афросиёб мехезад (4,124).

Шеърҳои Неъмат Оташ «Дӯст», «Шиканҷи фасли танҳоӣ», «Садои сабзи шукуфтан», «Зиндагӣ зебост», «Хобам намебарад», ғазалҳои «Шукр кун», «Ба бод саҷда маовар», «Кафк аст ғунчаи гул», « Ҳомии лафзи дарӣ», «Боли садоқат», « Зани тоҷик» аз ҷумлаи шеърҳои хонданӣ мебошанд, ки ба осонӣ ба дили хонанда маъво мегиранд.

Яке аз вежагиҳои сабки шоирии Неъмат Оташ таваҷҷӯҳи бештар ба мавзӯоти иҷтимоӣ мебошад. Дар ҳар се маҷмӯаи шоир ин мавзӯъ бештар матраҳ шуда, шоир дар инъикоси ҷанбаи иҷтимоӣ ва дарду доғу муаммои ҷомеа истеъдоди фавқулода дорад. Ба вежа, шеърҳое, ки солҳои 90-уми асри гузашта эҷод шудаанд ва масоили ҷанги шаҳрвандии кишварро бозгӯ ҳастанд, хеле пурэҳсос ва пурдард эҷод шудаанд. Бешак, метавон Неъмат Оташро шоири иҷтимоъгаро унвон кард:

Вой бар ман, ки агар мехоҳам,
Қабри бобоямро,

Дар Бухорою Самарқанд зиёрат бикунам,
Бояд аз ҳавлии ҳамсояи худ ҳуҷҷати визо бихарам.
Зеро,
Рӯ ба рӯи ману ҳамсояи деринаи ман симхор аст
Аз сиёсат,
Зи диле то ба диле девор аст… (5)

Ғолибан гумон мекунанд, ки шеъри иҷтимоӣ абзорест дар дасти ҷомеашиносон барои шинохтан, шиносондан ва эҳтимолан ироаи роҳи ҳалли масоил ва мушкилот ва ҳаводиси иҷтимоӣ. Ҳол он ки қоидамандии дусӯяии шеър низ дорои арзиши мустақил аст. Ин фоида дар ҳақиқат расидан ба як сохтори вежаи зебошинохтии фориғ аз мавзӯи матраҳи он аст. Агар дар фоидамандии яксӯя арзиши шеъри иҷтимоӣ танҳо дар расонагии он хулоса шавад (дар ҳақиқат шеърияти матн қурбонӣ мегардад), дар иваз дар фоидамандии дусӯя арзиши шеъри иҷтимоӣ дар гаронниғоҳи мӯҳтаво ва шакл қобили ҷустуҷӯст. Ин амр, ки бояд шеъри иҷтимоӣ дар баробари баррасии масоили иҷтимоъ ба зебоиофаринии шеър низ таваҷҷӯҳ кунад, дар шеърҳои иҷтимоии Оташ риояти воқеӣ пайдо кардааст:

Оҳ, эй Худои пок,
Бар модараш чӣ гуна расонам паёми марг,
Бар хоҳараш чӣ гуна бигӯям, ки ӯ бимурд?
Ман бо кадом дил,
Ман бо кадом чашм,
Ман бо кадом ҳастии бедард бингарам
Бар шамъи хирасӯз, ки хомӯш мешавад,
Бар модаре, ки зору сияҳпӯш мешавад (4,25)

Шеъри иҷтимоӣ дар ҳар ҳолат шеъри мардумӣ аст. Гурӯҳе дар тақсимбандии шитобзада шеъри иҷтимоӣ бо фоидамандии яксӯяро «шеъри иҷтимоии мардумӣ» ва шеъри иҷтимоӣ бо фоидамандии дусӯяро «шеъри иҷтимоии равшанфикрӣ» мехонанд. Асоси ин тақсимбандӣ, густардагӣ ва умумияти мухотабони шеър аст, аммо зимнан бояд бигӯем, ки асоси дақиқе наметавонад бошад.

Шеъри Роғун низ шеъри хуби иҷтимоӣ аст, ки аз муаммои замон ҳикоят мекунад:

Роғун,
Эй қасри пурҷалоли саодат,
Рӯзе туро муҳаббати беинтиҳои халқ,
Дар тангнои кӯҳ
Бо сад ҳазор мӯъҷиза бунёд мекунад.
Дар чор самти ту,
Бингар, ки коргар,
Ин паҳлавони аср
То садди оҳанин биниҳад пеши пои руд,
Путки гарон ба даст,
Бо бозуи матин,
Мардонагӣ чу Коваи ҳаддод мекунад.
То обро зи синаи кӯҳе кунад равон,
Дар корзор кор чу Фарҳод мекунад (5).

Ва ё

Чу рӯи тахт нишастӣ, зи хеш бут матарош,
Ки даври пурфараҳи «Зинда бод» мегузарад.

Мавзӯъҳои ҷанги шаҳрвандӣ, тараннуми сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, вазъи сиёсии замон, вазъи мухталифи ҷомеа дар нигоштаҳои иҷтимоии шоир ҳаллу фасли ҳамаҷониба пайдо карда, сурудаҳои «Калидсозе ку?», «Мурғи ҳақ оё?» «Баҳори хунин», «Боғбон намедонад» «Шаҳри ғуборолуд», «Киштишикастагон», «Аз ин ҷаҳон чӣ гӯям?», «Хобам намебарад» беҳтарин нигоштаҳои иҷтимоии Неъмат Оташ аст. Шоир дар ситоиши шахсиятҳои барӯманди миллат шеърҳои хуб сурудааст, ки дар гиромидошти рӯҳи эшон, ҳамчунин тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худшиносиву ватандӯстӣ бетаъсир намемонанд. Мо шахсиятҳои маъруфро аз ҷониби шоир ба ду даста тавсиф кардем, яке тараннуми шахсиятҳои шинохтаи таърихиву фарҳангӣ, мисли Рӯдакӣ, Исмоили Сомонӣ, дигаре шахсиятҳои маъруфи даврони муосир, ки шоир ҳамасру ҳамдаврони онҳост, ба мисоли Лоиқ, Фарзона, Сайрам Исоева, Матлу-

ба Хоҷаева, ки ин нафаронро хонандагон хуб мешиносанду дӯст медоранд:

Дар сӯгвории устод Лоиқ:

Ҳанӯз панҷараи чашми ман ба роҳи ту боз аст,
Ҳанӯз ин дили девона сӯи ту ба намоз аст,
Ҳанӯз ҷон ба гудоз аст…
Ту рафтаӣ, афсӯс
Ва аз набудани ту,
Ҳанӯз абри баҳорӣ зи сӯг мегиряд,
Ҳанӯз раъди баҳорӣ зи дард менолад…

Тараннуми зебоиҳои Ватан ва ифтихор аз миллату таъриху фарҳанги тоҷикон аз мавзӯъҳои иҷтимоии дигаре ҳастанд, ки дар шеъри шоир корбурди фаровон доранд.

Ба бовар метавон гуфт, ки шоир дар эҷоди шеъри иҷтимоӣ ва тасвиру самбулҳо ба комёбиҳо ноил гардида, бардоштҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳунар ва маҳорати нигорандагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ошноӣ бо тамаддун ва адабиёти ҷаҳонӣ барояш имкон додааст, ки бо ташхиси воқеият ва ҳақиқати ҷанбаи иҷтимоӣ ташхис диҳад ва ба созиши иҷтимоёт ва махсусияти шеърӣ мусоидат намояд. Хушбахтона, Неъмат Оташ аз зумраи шоироне аст, ки ниёзҳои аслии хонандагони шеъри иҷтимоиро дарк намудаанд. Шоири сиёсӣ ҳангоме дар кори худ муваффақият меёбад, ки ниёзҳои замонро шиносад ва шоирони иҷтимоъгарои тоҷик тавонистанд, иҷтимоиёт ва шеърро созиш диҳанд, мӯҳтаворо бо бадеият ба ҳам ованд. Ҷустуҷӯҳои шоир тадричан ба шеъри иҷтимоияш сабку услуб ва бофти тозатаре овардаанд.

Ишқ, муҳаббату садоқат ва васфи ёри бовафо низ аз доираи андешаҳои зебои шоири ошиқ дур нарафтаанд ва замзамаҳояш дар лабони ошиқон танин доранд:

Зебову дилоро буд, саршори таманно буд,
Афсунгари дилҳо буд он моҳлиқо имшаб (4,122).

Ҷои дигар ба хонанда бовари ишқро ҳадя мекунад:

Чаро ба банди сукутӣ

Ва қитъа-қитъа кашӣ раҳ ба шаҳри хокистар…
Сукутро бишкан.
Аз он ҷазираи танҳоият ба берун о,
Ба ишқ бовар кун… (4,48)

Ҷои дигар бовар бо ояндаи нек хеле самимӣ ва ҷолибу хонданӣ ба қолаби шеър рехта шудааст:

Чу фасли дигаре ояд,
Насимаш абри кинро аз фазои зиндагонӣ дур хоҳад кард.
Ва боронаш
Равонҳои зи хашму кина заҳрогини мардумро бихоҳад шуст
Ва ин фасли раҳоибахш,
Раҳе бар сӯи фардо боз хоҳад кард,
Писарро бо падар дамсоз хоҳад кард.
Ва инсон чун Худои сарнавишти хеш
Суруде аз барои зистан оғоз хоҳад кард (4,32).

Албатта, хулосаву натиҷагирии мо аз сурудаҳои шоири хушбаён иҷмолан сурат гирифт ва, бешак, Неъмат Оташ аз шумори шоироне аст, ки қаламаш арзандаи тавсифу ситоиш ва омӯзиш аст. Барои шоире, ки дар дилу дидаҳои хонандагон маъво дорад, арзишмандтар аз муҳаббати ҳаводорон подоше пайдо нахоҳад шуд, ки шоир ин муҳаббатро нисбат ба онон низ фаровон дорад.

Пайнавишт:

1. Муваҳҳид З. Шеър ва шинохт. – Теҳрон: Марворид, 1377.–292 с.
2. Фарзона. Мӯҳри гули мино.–Хуҷанд: Ношир, 2006.– 400 с.
3. Фарзона. Себарга.-Хуҷанд: Ношир, 2011.-436 с.
4. Фарзона. Ҳама гул ҳама тарона. Дар ду ҷилд.-Хуҷанд: Хуросон медиа, 2014
5. Шарифов Х. Шоир ва шеър. – Душанбе: Адиб, 1998.–218 с.
6. Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1997.–272 с.
7. Шумораи понздаҳуми маҷаллаи интернетии Адабиётшиносӣ.

МИСРАЕ ДАР ВАРАҚИ САБЗИ ХАЁЛ

Шоир Озарахш дар як сӯҳбат бо рӯзноманигор Салими Аюбзод хотиррасон карда буд, ки «як шоир, ба фикри ман, бояд ба дарё монанд бошад. Дарёвор равад, то ҷоеро сарсабз кунад. Албатта, ин дарё гоҳ-гоҳе аз соҳилҳои худ берун меравад. Шояд шоир ҳам ин гуна аст. Шеъраш, афкораш, рафтораш. Аммо дар ҳама ҳолат, шоир созанда аст ва паи ободии атрофиёни худ, ҳамсояи худ аст».

Озарахш дар бозгӯи рисолати шоир андешаи воқеиро гуфтааст. Ва чун худ ба унвони шоири ҳунарманди тоҷик шинохта шудааст, паи иҷрои ҳамин рисолат аст. Ашъори ноби ин марди ҳунар дар адабиёти муосири тоҷик, бешубҳа, ҷойгоҳи хосеро касб кардааст.

Навиштаҳояш дар ҳама сабк, ҳам сабки суннатӣ ва ҳам шеъри нав хеле ҷолибу хонданиянд ва бори шеъри муосирро бар дӯш доранд. Дар баробари он, ки дар қолаби аҷдодӣ хеле ҳунарвар аст, ба шеъри нав, шаклҳои шеъри нимоӣ, озод ва сафед низ таваҷҷӯҳи хоса дорад. Аммо дар эҷоди шеърҳои нав ба истиқлоли эҷодӣ расида ва андешаҳои бикраш дар сабки нави шеърӣ, бахусус, дар шеъри сафед зоҳир мешаванд.

Маълум, ки шеъри сафед аз вазну қофия озод аст ва ин танҳо як хусусияти содаи шаклии он ба шумор меравад. Муҳим он аст, ки баёни андеша дар қолаби шеъри нав имконияти фарохтари нигоришро соҳиб аст ва ин имконият бештар дар тахайюл ва тасвир ба мушоҳида мерасад, ки шоир Озарахш аз ин имконот хеле ҳунармандона истифода кардааст.

Ба Озарахш муяассар гашта, ки ин ҳама вежагиҳои сабкии шакли нави шеъриро дар ашъори сапедгунааш инъикос намояд ва, ба ин васила, дар рушди шеъри нави тоҷикӣ саҳм бигирад. Метавон гуфт, ки шоир дар айни ка-

моли эҷодист ва андешаву тафаккураш ба парвоз расида. Чунончи, ӯ мегӯяд:

Мисрае дар варақи сабзи хаёлам рӯид:
«Себзори падарам меросист».
Дар вуҷудам гули эҳсосу тафаккур хандид:
«Ҳуш дор, эй ошиқ,
ошиқи беработсухан,
Ин саҳар шеъри дигар меояд» (4,106).

Воқеан, мисраъҳои шоир дар варақҳои сабзи хаёлаш эҷод мешаванд, ки дар аксар маврид тозаанд. Ҳузури андешаҳои ирфонӣ, фалсафаӣ ва иҷтимоӣ арзиши шеърро боло мебаранд. Ҳамин майли андешидан ба шеърҳои нимоии ӯ рӯҳи тоза бахшидааст. Талоши пайваста барои баёни тоза ва бадеияти баланд лиризми шеърҳоро ҳифз намудааст:

Чаманҳо номи булбулро намедонанд,
ӯро мешиносанд аз садояш,
аз навояш,
аз суруди ошнояш…
Ошно будан чӣ хушбахтист, медонӣ?!
Даме бе чашм мебинӣ,
ки дар як гӯшае, дур аз нигоҳи ғайр
чашме интизори туст… (4,109)

Навиштаҳои шоир самимиянд ва, дар баробари ин, ҳама дар умқи ҳар калимот маъниҳои бикр нуҳуфта, ки бо тасвир ва тахайюли ғайриинтизор таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ мекашанд. Мисраъҳои «Ошно будан чӣ хушбахтист, медонӣ?! Даме бе чашм мебинӣ, ки дар як гӯшае, дур аз нигоҳи ғайр чашме интизори туст» хеле содаанд, аммо маънӣ олӣ аст, фалсафаи ошно будан дар кулли мисраъ ҷо гирифтааст, «бе чашм» дидан таркиби зебои «чашме интизори туст»-ро пурра мекунад. Баёни тозаи «чаманҳо номи булбулро намедонанд» ва хулосаҳои хуби бадеиву воқеиаш «ӯро мешиносанд аз садояш, аз навояш, аз суруди ошнояш» поэтикаи номукаррарро дар шеъри мазкур таъмин

намудааст.

Аз он вақҳ, ки Озарахш шоири зиндадилу ҳассос аст, ба масоили зиндагӣ назари нек дорад, ҳатто бо инъикоси пурдардтарин лаҳзаи зиндагӣ умед ба фардои босаодат дар шеъри ӯ зинда мемонад:

Мерасад атри гули себ зи Боғи Боло
Дар бараш накҳате аз олами тифлонаи ман,
Ки ба дунболи вай аз дарбачаи чашмонам
Ашки тар меояд.
Тифли дигар меояд… (4,106)

Ҷои дигар шоир мегӯяд:

Ман чашми хешро ба бало мондам
Гуфтам, сияҳнома гуноҳи туст,
Ашкам давиду рехт,
Хато кардӣ,
Рӯзи сияҳ айби нигоҳи туст…
Бахшой, иштибоҳи маро, бахшой,
Шаб номаи сиёҳ набуд, эй дӯст,
Шаб шеъри нонавиштаи хуршед аст,
Шири сафеди моҳ гувоҳи ӯст… (4,27)

Воқеан, дар тасвирҳои ӯ нигоҳи марди зиндагидӯст эҳсос мешавад ва дар ҷараёни баррасии масоили гуногун нигоҳи ӯ ба ҳаёт ва маънии зистан муайян мешавад. Шоир дар гузориши масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ аз шеър то шеър сабз мешавад.

Шеъри сафед «шеъри тафаккур аст, ки дар сатҳи баланди завку дониш қарор дорад». Озарахш ҳамин тафаккури маънавӣ ва орифонаро бо мазмунҳои моддӣ ва хулосаҳои бардоштааш ба ваҳдат расонида, ба қолаби шеъри нав мерезад. Дар баробари он ки шоири хаёлпардоз нест, ба тасвирпардозӣ зиёд таваҷҷӯҳ дорад. Тасвирҳои шоир мазомини бикру нозук ва дар ёдҳо монданиро ифода мекунанд. Решаи ин тасвирҳои ноб аз ҷаҳонбинии шоир об мехӯрад, ки бо ҷаҳонбинии ирфониву модернӣ ба ваҳдат

расидааст.

Соҳибсабк будан барои ҳар шоир нишони ҳунар ва истеъдод аст. Пеш аз он ки рочеъ ба соҳибсабк будани ин ё он шоир ва ё адиб баҳогузорӣ кунем, бояд донем, ки сабк чист ва дар адабиётшиносии муосир он чӣ маҳфумро ифода мекунад?

Вожаи «сабк»-ро то имрӯз басо муҳаққиқон таъриф додаанду шарҳ гуфтаанд. Дар ин маврид бояд аз Маликушшуаро Баҳор ёд кард, ки нахустин бор дар Эрон дониши сабкшиносиро таъриф ва тадвин намудааст. Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Матлубаи Мирзоюнус муҳимтарин вежагиҳои сабкшиносиро дар алоқа бо хулосаҳои пажӯҳишгарони шинохтаи дунё натиҷагирӣ мекунад.

Баррасии матни шеър дар се сатҳ -забонӣ, адабӣ, фикрӣ бояд сурат бигирад ва муҳаққиқ Маҳмуди Райҳонӣ мушахасоти ҳар сатҳро ин гуна шарҳ додаст:

Сатҳи забонӣ: (овоӣ, луғавӣ, наҳвӣ), ки дар он аносири мусиқии забон - анвои мусиқии канорӣ, дарунӣ ва берунӣ баррасӣ мешаванд. Вожаҳои захираи луғавии калидӣ, бегона ва маҳҷур (дурафтода, ҷудомонда -Ҳ. С.), вожаҳои бостонӣ ва кӯҳна ҷузъҳои ин баррасианд.

Дар сатҳи адабӣ басомади луғат, таркибот ва иборате, ки дар маонии сонавӣ (маҷозӣ) ба кор рафтаанд ва, ба таври куллӣ, ҳамаи инҳирофҳои ҳунарӣ, ки дар занҷираи забонӣ рух медиҳад, мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегиранд.

Дар сатҳи фикрӣ мушаххасоте чун ақл, ишқ, ирфон ва сиёсат, марг ва зиндагӣ, диндорӣ ва бединӣ, қазову қадар баррасӣ мешаванд (5).

Аз ҳамин дидгоҳ сабк ва услуби хоси шоири муосири тоҷик Озарахшро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додем.

Ба андешаи мо, шоир на танҳо бо хасоиси заминаҳои забониву адабӣ ба соҳибсабкиаш ишора мекунад, балки истеъдод ва маҳорати халқ намудани андешаҳои тозаву ноб низ дар ин самт ба услуби нигориш бетаъсир наметмо-

над.

Ҳамин гуна эҷоди андешаҳои бикрро дар нигоштаҳои Озарахш зиёд фарқ кардан мумкин аст:

…Ман паси тиреза
Ин ҳама манзараро медидам
ва ба худ мегуфтам:
Бояд имсол қаламро чу қаламча
Ба замин биншонам
То қалам сабз шавад.
Нахли уммеди дилам сабз шавад (4,14).

Дар ин шеър тасвир тоза нест, ин тарзи тасвир зиёд ба назар мерасад, аммо дар ин мисраъҳо тавлиди тафаккури тозаро мебинем ва, бешак, андешаи «бояд имсол қаламро чу қаламча //ба замин биншонам// то қалам сабз шавад» пазируфтанист. Фалсафаи ин маънӣ низ касро ба андешидан во медорад.

Пас вежагиҳои сабки Озарахш кадомҳоянд?

Сатҳи забонӣ: Шоир ба мусиқии забони шеър зиёд таваҷҷӯҳ дорад. Метавон гуфт, мусиқият яке аз вежагиҳои хоси ашъораш аст. Вожаҳои модерн шеърашро тобиши нав мебахшад ва истифодаи ҳунармандона аз калимоти бостониву ниёгон пайванди азалии сурудаҳои ӯро бо гузаштаи пурмӯҳтаво бозгӯ мекунад. Ҳар шоир дар шеъраш ба вожаҳои хосе дилбастагӣ дорад ва пайваста онҳоро дар сохтҳои гуногуни забонӣ ба кор мегирад, таркибҳои хосе ба вуҷуд меорад ва ба андешаи доктор Маҳмуди Райҳонӣ «мутолиа дар доираи вожагонӣ шоирон ва нависандагони моро ба самту сӯи зеҳну забон ва замирашон ошно мекунад. Ба ин васила метавон фаҳмид, ки аносири ташкилдиҳандаи дунёи воқеият ва тахайюли онҳо чист?»

Озарахш ба вожаҳои «офтоб», «субҳ«, «гул», «ишқ», «муҳаббат», «баҳор», «сапеда» зиёд муҳаббат дорад.

Муқоисаи истифодаи калимоти гуногун муайян мекунад, ки ӯ ба вожаҳои «зинда» ишқ меварзад.

Таваҷҷӯҳ мекунем, ки шоир калимаи «гул»-ро дар эҷодиёташ чӣ миқдор тасвир мебахшад. Аз гул эҷод намудани силсилатарокиби бесобиқа фаровон дар иншои шеър, чи дар қолаби суннатӣ ва чи дар шаклҳои нави шеърӣ ба кор рафтаанд.

ГУЛ: «гули эҳсосу тафаккур», «гули лабханди дигар», «гули себи гулобӣ», «гули бодом», «гули себ», «гули райҳони ман», «гули нози чаман», «пушти гули шарм», «гулхандаи нарм», «маҳфили гул», «гулхандаи зебанда», «гулбарги бари духтари бод», «гулчароғе зи дилфироғе», «гулу булбул», «навбаҳори гулафшон», «нафаси сабзи гули райҳон», «айни нозидани гул», «пероҳани гул»…

Шеъри зер гулполост:

Гули гелосу гули себу гули шафтолу
Ману занбӯри асал.
Чӣ нишастан, чӣ паридан,
чӣ висолу чӣ фироқ,
Чӣ мисолу чӣ масал?! (4,45)

Дар шеъри дигар шоири гулпараст мегӯяд:

Ки ба илҳоми гули себи гулобӣ омад,
Коргоҳи варақи субҳи саодат ин ҷост,
Ки ба авроқи китоби башарӣ
Офтобӣ омад (4,119).

Ҳамчунин менигорад:

Субҳи як сешанбе,
Айни нозидани гул,
Рӯзи перостани райҳон буд,
Гули бодом табассум мекард.
Хандаҳои гули себ
Дар паси барги лабаш пинҳон буд (4,13).

Вожаи «сабз» низ ҳунамандона ба кор рафтааст:

Калимоти «сабзбаҳор», «сабзидам», «сабзазор», «қаламсабз», «сабзидан», «сабзгуна», «сарсабз» зиёд шеъри шоирро ҷон мебахшанд:

Оҳ, эй чанори сабз, ки ҳамрешаи манӣ,
Бигзор, то даме биниҳам сар ба пои ту.
Сабз аст нахли навбари андешаҳои ман
Дар боғи сабзгунаи андешаҳои ту!

Ҷои дигар шоир менигорад:

Нам-нам биё,
биё, биё
дар мағз - мағзи ман,
Борони сабзи ман! (4,134)

Сатҳи адабӣ: Ин сатҳи шеъри Озарахш басо пурмаҳсул аст. Шоир ба вежагиҳои адабӣ – калимаву ибора ва санъатҳои бадеӣ бисёр алоқаманд аст. Истифодаи ҳунармanона аз ҷанбаҳои ҳунариву адабӣ шеъри шоирро хеле ноб ва дар аксар маврид шуниданӣ мекунанд.

Яке аз вежагиҳои барҷастаи адабии шеъри Озарахш эътиқоди шоир ба иборот ва таркибҳост:

Ман аз як деҳи орому як шаҳри пури ҳангомаи холӣ
Барои хеш як манзил бино кардам,
ки ҷояш дар ҳавои деҳаву шаҳр аст… (4,15)

Мебинем, ки хаёли шоир аз калимоти маъмул чӣ ибороти аҷибу зебо меофарад, деҳи орому як шаҳри пури ҳангомаи холӣ зеҳни хонандаро мутаваҷҷеҳи муҳтаво мекунад, ки дар сохтори шеър муҳимтарин омил аст.

Ё дар шеъри дигар таркибҳоеро мушоҳида мекунем, ки ба тасвир ва мӯҳтаво таъсири мусбат доранд:

Шеърҳоям
Як қалам аз шеваи ҳарфи нигоҳи туст
дар тасвири зебоӣ (4,121).

Ва низ

Нозанинмижгони Техронӣ,
Шеърҳоямро
Нашр кун дар интишороти нигоҳи хеш (4,121).

Ё ин ки

Ҳанӯз аз шабаҳи филмҳои даҳшатнок,
Зи шомҳои шаробии ғарби арбадаҳо,

Ба рӯзгори гулобии шарқи хотираҳо
Чу дискатекаву бисёртекаҳои дигар
Хабар наомада буд.
Ҳанӯз хаффоше
Зи роҳи санъати парвози кӯр-кӯрона
Ба шоми беситораи кӯрони хирафарҳангаш
Нагашта буд ситора! (4,136)

Маълум мегардад, ки ҳар мисраи шеъри боло аз як ибораи таркибӣ иборат мебошанд. Чунончи, «шомҳои шаробии ғарби арбадаҳо», «рӯзгори гулобии шарқи хотираҳо», «шоми беситораи кӯрони хирафарҳанг» ҳамагӣ як ибораи таркибианд ва як мисраи шеър. Намунаи чунин тарокиби дар ашъори Озарахш бо касрати хеле имтиёз доранд.

Шоири шеъри сапед бояд соҳиби забони мустақил бошад, бартарии зеҳнӣ ва отифӣ дошта бошад. Ана ҳамингуна бартарӣ дар шеърҳои сапедгунаи Озарахш ба чашм мехӯрад, ки вежагиҳои сабкии шоир аст.

Бархӯрди ҳунармандона бо санъатҳои бадеӣ низ аз муҳимтарин воситаҳои тасвирсоз дар шеър аст, зеро «ҳунари шоир қабл аз ҳама дар маҳорати тасвиргарии ӯ зуҳур мекунад, бинобар ин, ҷозибаи шеър низ дар тозагии тасвир ва зарофати эҳсос қобили таваҷҷуҳ аст. Ва воситаҳое, ки барои тасвирсозӣ ба кор мераванд, саноеи бадеӣ низ ҳастанд».

Адабиётшиноси маъруф Абдунабӣ Сатторзода бо қабули ин навъҳои санъатҳои бадеӣ ҳамзамон онҳоро ба сифати унсури шаклофари адабиёти бадеӣ ба ду бахш қисмат мекунад:

1. Васоили тасвири бадеӣ (ҳунарӣ) ё авзофи таҷассумӣ.

2. Васоили баёни сухан ё афзофи ифодаи сухан. Ба ақидаи муҳаққиқ, «васоили тасвири бадеӣ (ҳунарӣ) дар адабиёт бештар шомили саноеи бадеӣ мебошанд, ки аз онҳо шоирон

ва нависандагон ба хотири тасвирсозӣ ва офариниши симои ҳунарӣ истифода мекунанд», васоили баёни сухан бошад, «бештар шомили саноее мешаванд, ки аз онҳо аҳли қалам ва адибон, пеш аз ҳама, ба хотири равонӣ, хушоҳангӣ, латофат ва ачобати сухан истифода мекунанд» (1,182). Уламо ва донишмандони пешин Шамси Қайси Розӣ, Унсуралмаолии Кайковус, Рашиди Ватвот, Абӯалӣ ибни Сино ва дигарон зикр намудаанд, ки ҳузури санъати бадеӣ дар шеър манфиат ва асолати шеърро таъмин мекунад.

Бе ҳеҷ гумон, тасвирҳое, ки ба василаи воситаи тасвирсоз – санъати бадеӣ эҷод шудаанд, хеле дилпазир ва хотирмонанд. Чӣ гуна эҷод шудани ин тасвирҳо ба дид ва ҷаҳонбинии шоир алоқаманд аст. Эҷод ва тарзи истифода аз санъатҳои бадеӣ низ ба соҳибсабкии шоир далолат мекунад.

Ташбеҳ:

Шодиву ғамам шому саҳар буд, ки рафт,
Хуршеди гузар, абри гузар буд, ки рафт.
Бадбахттарин лаҳза маро мегӯяд,
Хушбахтарин лаҳза ҳамон аст, ки рафт.

Кӯшиши баёни ҳунармандонаи маъниҳои самимиву дилпазир ба василаи санъати ташбеҳ андешаҳоро тозаву ноб гардонидаанд. Дар порчаи зер эҷоди ҳунармандонаи ташбеҳ тасвирро ҷолиб сохтааст. Тозагии тасвирро дар пораҳои зер мушоҳида мекунем:

Лаълии осмон пури тармеваҳои нур,
Дар хонаи шом-сур,
Наздику дур-дур,
Чоши ситорақанди Самарқанд дар миён,
Оби даҳони хотираҳои равон-равон,
Дар домани саодати Урметани мо
Ширин чакида буд:
Маҳтоб
карчи

харбузаи
ногазида буд… (4,254)

«Лаълии осмон пури тармеваҳои нур» аз нигоҳи тозаи шоир башорат медиҳад. Ташбеҳи маҳтоб ба карчи харбузаи ногазида тасвирро хотирмон месозад.

Ин санъати бадеӣ бо тарзу тахайюли ҷолибу модернӣ зиёд ба чашм мехӯрад.

Истифодаи ҳунармандона аз санъати ташбеҳро мисраи зер собит мекунад:

Хунам ба ҷӯш омад чун хуни офтоб…

Такрор: Шоир барои боз ҳам саҳеҳ ва равшантар гардонидани ифода калима, таркиб ва ё ибораеро интихоб менамояд, ки фикри асосӣ бо он беҳтар зоҳир мешавад. Ин калима ба тарзи таъкид дар як байт гаштаву баргашта такрор меёбад. Дар асл такрори зиёд ба самимияти сухан ва салосати баён халал медиҳад ва хонандаро дилгир мекунад. Аммо такрори бамавқеъ боиси пурқувват шудани таъсири тасвир мегардад.

Дар аксар офаридаҳои Озарахш санъати такрор латофати баён ва зебоии каломро таъмин намудааст:

Эй хуш он рӯз, ки дар дафтари ман
Сояи дасти дарахтон афтод,
Сояи дасти сафедори баланд,
Сояи панҷаи ток,
Соядасти бодом.
Соядасти шаҳтут,
Зардолу,
Сояи дасти дуо,
Дасти Худо (4,8)!

Дар ин шеър санъати такрор василаи зебои тасвир мебошад. Такрор тасвирро ҷозибаи хос бахшидааст. Муҳим он аст, ки шоир мавқеаи истифодаи ин санъати бадеиро хуб дарк мекунад. Аз ин рӯ, метавонад, гӯяд:

Соядасти шаҳтут,
Соядасти зардолу

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки дар ҳамин чанд мисраъ шоир ба ҷуз такрор аз санъати ташхис низ зебо кор бурдааст, тасвирҳои «Панҷаи ток», «дасти дуо», «дасти Худо» аз санъати ташхис об мехӯранд.

Такрори вожаи «дӯст» ба тасвир ва мусиқии шеър таъсири ҷолиб расонидааст:

Дӯст буду дӯст омад, дӯст монду дӯст рафт,
Дӯстдорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо.

Дар шеъри дигараш шоир мегӯяд:

Шеърҳоям
Як қалам аз шеваи ҳарфи нигоҳи туст дар
тасвири зебоӣ,
Як қалам аз болҳои абрӯвонат,
Як қалам аз розҳои лаъли хомӯшат,
Як саломи бекаломи дастҳои меҳрубонат… (4,121)

Дар мисраи зер такрори калимаи дона низ хеле шоирона сурат гирифтааст:

…В-аз кафи бозаш ба мурғон дона-дона дона мепошид,
Аз нигоҳи роздонаш дона-дона ашк…

Бояд гуфт, ки шоир дар шеърҳои суннатиаш, ба вежа, ғазалҳояш ба санъати такрор таваҷҷӯҳи бештар дорад. Ғазалҳои шоир аз эҷоди ҳунармандонаи такрор мусиқӣ ва тасвири хотирмон ёфтаанд.

Тирамоҳи ман, ки мерезад ба роҳам барг-барг,
Меканад аз дафтари шому сабоҳам барг-барг. (4,276)

Тахайюли рангину ҳунари нигориши баёни ин байт низ хеле ҳунармандона аст. Шоир гулпӯш шудани ниҳоли бодомро ҳамин гуна зебо ба тахайюл гирифтаву эҷод кардааст:

Сапеда духтари бодомро пероҳани гул дод… (4,276)

Ҳамин як мисраъ тасвир метавонад бе ҳеҷ баҳсе аз маҳорати ҳунарии шоири тоҷикро дифоъ кунад. Ин гуна далоилро метавон зиёд аз ашъори шоир намуна оварда, вале бо чанде аз онҳо иктифоъ меварзем:

Чархболи офтоб
Аз Шарқ сӯи Fарб хоҳад рафт… (4,276)

* * *

Бишносем, ки шарёни дарахтони ҷаҳон
Набзи борони Илоҳӣ дорад.
Моҳ дар синаи дарёи равон
Қасди ҳамрозии моҳӣ дорад… (4,276)

* * *

… Ба охирин қаторае, ки мебарад
ғами шабонаро ба кишвари саҳар,
савор мешавам,
вале дар истгоҳи аввалини ёд
ту як чаман ситора дар бағал нигоҳ мекунӣ:
– Марав! (4,266)

Ҳамин гуна тасвирҳои шоистаи таваҷҷӯҳ, ки ҳар кадом аз завқ ва диди шоири зиндагидӯст бозгӯ аст, мутмаин месозад, ки воқеан Озарахш дар қаламрави шеъри муосири тоҷик пайроҳаи ҷолибе мекашад ва бардоштҳои вежа ва диди шоиронаи мансуб ба фардро дорад.

Ҳузури санъати лафзиву маънавӣ мавзунии оҳанги калом ва тасвири расои шеърҳои шоирро таъмин намудаанд. Истифода намудани чандин воситаи тасвир дар як байт низ аз маҳорати нигорандагии шоир дарак медиҳад.

Ман аз номи ҳаво афсонаҳои ишқ мехондам ба гӯши об
Ба побӯси замин аз осмон гулдастаҳои нур мечидам,
Чу аз маҳтоб бар моҳӣ паёми меҳр овардам,
Зи номи хокиён бо чашм бӯсидам… (4,15)

Решаи тасвир дар шеър аз чанд санъати бадеӣ об мехӯрад ва аз тахайюли ғайриинтизор сабз мешавад.

Дар сатҳи фикрӣ – бозгӯи муаммои ақл, ишқ, ирфон, сиёсат, марг, зиндагӣ, диндорӣ, бединӣ, қазову қадар низ шоир хеле комёб аст. Андеша, хулоса ва бардоштҳо аз зиндагӣ инъикоси зебо доранд. Тафаккури солим ва фалсафаи аҷиб дорад, омезиши фалсафа, дину оин, ишқу ирфон ба

шоир имкон додаанд, ки сатҳи фикрии шеъраш низ дар сатҳи аъло шинохта шавад. Озарахш фикрҳои ҷолибро ба василаи шеър ва тасвири воқеан хотирмон ба хонанда пешкаш мекунад:

Ман аз як тобиши хуршед,
аз як резиши маҳтоб,
аз акси ситора дар хаёли об,
аз тамкини кӯҳу шӯриши дарё,
нумӯи решаи гул дар бисоти хок,
ки дар андешаи абрест нопайдо.
фароҳам сохтам як олами зебо.
Аҷаб дунёи рӯъёӣ,
Дунёи танҳоӣ… (4,15)

Пайванди дину оин дар шеърҳои шоир ҷозибаи ниго-штаҳояшро боло мебарад. Истифодаи моломол аз вожаи Худо низ бозгӯи ин андешаҳо аст. Озарахш давоми зиндагии маънавӣ, дар паи тафаккур ва тааммули ҷомеашиносӣ, дар ҳар лаҳзае, ки ба пеш бардоштааст, мутаваҷҷеҳ шудааст, ки пайванди миёни инсонҳо бояд иттиҳод ва самимият бошад. Ин андеша аз шеър то шеър бештар ва амиқтар мешавад:

«Худо… Худо… Худо,
Марову мардуми марову
кишвари маро
Зи раҳматат макун, макун ҷудо!»
Замон замони кист, эй азизи дил,
Замони мову туст?!
Агар замони мост, бохабар шавем,
Ки бехабар гузаштанист аз ниёзи мо
Замони рози мо! (4,144)

Тафаккури фалсафаи ҳастиву марг ба шоир нигоҳ ва тасвирҳои тоза додааст:

Чашмаро баҳри чӣ мепурсед, динат чист,
Оби ҷӯйборонро чӣ оинест,
Зардолу намозашро ба дунболи кӣ мехонад

Бо габре?
Насорое?
Мусалмоне?!
Дар замину осмон
Чун дар тафаккурҳоятон сарҳад насозед (4,157).

Анешаҳои шоир дар шеъри зер бо тасвири бесобиқа ғайримунтазира бозгӯ шудаанд:

Аз дасти даст дод!
Дар бачагӣ ба тахтаи мактаб намерасид.
Дар навхатӣ ба домони дилдор,
Акнун ба ҳеҷ кор… (4,45)

Аз ин баррасӣ ба натиҷа мерасем, ки Озарахш новобаста бар он ки дар кадом қолаб шеър мегӯяд, кӯшиш дорад рисолати шеъри форсиро ба ҷо оварад ва шоири соҳибсабк ва соҳибҳунар бошад.

Пайнавишт:

1. Акбарзода Ю. Давраи тозаи инкишофи шеъри тоҷик.– Душанбе, 2012.–№12.–С. 110-129.
2. Аъзам Хуҷаста. Соярӯшан. Машҳад: «Домина», 2002.-48с.
3. Аъзам Хуҷаста. Чашмаи зулол. Машҳад: Оҳанги қалам, 2012.-145 с.
4. Аъзам Хуҷаста. Сапедаро салом. Хуҷанд: Меъроҷ, 2014.-128 с.
5. Белевердӣ Додо dadazolal1.blogfa.com
6. Ғуломризо Ризоӣ Нигоҳеба Ҳоҷибобои Исфаҳонӣ. Омӯзиши забон ва адабиёти форсӣ (Маҷаллаи омӯзишӣ, таҳлилӣ, иттилорасонӣ) №2, Теҳрон, 1383.- саҳ.32-40
7. Муҳаммадризо Сангарӣ. Кошифи фурӯтани андешву мазмун. Маҷаллаи Шеър:Теҳрон.-саҳ. 25-27.
8. Шарифов Х. Шоир ва шеър.–Душанбе: Адиб, 1998.–218 с.

АНДЕШАҲО ДАР ҲОШИЯИ «ДЕВОНИ ИШҚ»-И ОЗАРАХШ

«Девони ишқ»-и Озарахш аз шумори арзишмандтарин осорест, ки дар соли 2016 ба дасти хонандагон ва ҳаводорони шеъри ноб расид. «Девони ишқ» дар нашриёти «Ношир»-и шаҳри Хуҷанд ба табъ расида, ки шомили 250 ғазали шоир аст ва бо ду хат - кирилӣ ва форсӣ мураттаб шудааст.

Дурвожаҳо суфту ғазал гуфт

Озарахш аз шоирони соҳибноми адабиёти муосири тоҷик аст, ки баъди нимаи дувуми солҳои 80-уми асри XX ба майдони адабиёт ворид шуд ва аз аввалин навиштаҳояш худро чун шоири соҳибзавқу соҳибсабк муаррифӣ кард. Аз таъсири файзбори мактаби устод Лоиқ ва талошҳои пайвастаи ӯ буд, ки имрӯз яке аз шоирони саршиноси кишвар аст ва миёни дӯстдорони адабиёти форсу тоҷик маҳбуб.

Сурудаҳои Озарахш дар ҳама қолаби шеърӣ - ҳам суннатӣ, ҳам шакли наву модерн бо вежагиҳои хосашон фарқ мекунанд ва дар ҳама навъ шоир дасти ҳунарманд дорад ва истеъдоди фавқулода. Баъди ошноӣ бо ғазалҳои «Девони ишқ» бори дигар мутмаин гаштем, ки Озарахшро низ метавон яке аз устодони ғазали муосири тоҷик ном бурд. Воқеан, ғазал аз қолабҳои суннатиест, ки ҳам миёни шоирон ва ҳам хонандагон маҳбубияти хосеро соҳиб аст. Чандин садсолаҳост, ки ин қолаб қофиласолори қаволиби суннатист ва бо ҳама кӯҳнагӣ навиву ҷилои тозаро аз даст надода. Ва шоирони ҳунарманде, амсоли Озарахш дар тобишу ҷилоҳои рӯзафзуни ин қолаби дӯстдоштанӣ саҳми мууниру мондагор мегузоранд.

250 ғазале, ки дар девон гирд омадаанд, собит месозанд, ки созиши зебои қолаб бо ҳунару истеъдод метавонад

деворҳоро миёни кӯҳнагиву нав бардорад ва ҳанӯз ғазал иқтидори бардошти бори замонро дорад ва дили ғазал дар баробари набзи замон метапад. Фақат ҳунармандӣ мебояд, ки бишнавӣ ин тапиданрову бигӯӣ навтарин суханро:

Сухан ба бод мебарад лаби суханфурӯшро,
Чаман ба дор мекашад гули чаманфурӯшро.
Чӣ ҳикматест, эй Худо, зи домани шаҳу гадо,
Кафан халос мекунад кафи кафанфурӯшро (3,10).

Озарахш дар ғазалҳояш дар баробари он ки аз ишқу зебоӣ мегӯяд ва тараннуми ёрро нотакрор ба тасвир мекашад, аз маънии ҳастӣ, маргу зиндагӣ, шинохти асолати аслӣ, муаммои рӯзгор ва иҷтимоъ зиёд ва зебову муассир низ мегӯяд:

Дар олами сангиндилу бемеҳру мудоро,
Шоир ба чӣ кор ояду шеъраш ба чӣ коро?!
Ку гӯш, ки оҳанги писанде бишиносад?
Ку шавқ, ки девона кунад синаи моро?! (3,6).

Шоир мутмаин аст, барои рафъи мушкилоти рӯзгор бояд аввал хешрову Худоро шинохт, зеро расидан ба асли ҳастӣ боиси аз миён рафтани ҳама бӯҳронҳои равониву замонӣ метавонад бошад:

Бӯҳрони самоиву заминии замонӣ,
Афтода, ки бишнос ту худрову Худоро (3,6).

Дар ғазали дигар ин маъниро гуфтанист, ки ҳама бӯҳронҳо аз ношинохтани асли худ ва бехудоиҳост:

Бухрони бенавоӣ мебигзарад ҳамон дам,
К-аз мо гузар бисозад буҳрони бехудоӣ (3,225)!

Гоҳи дигар аз ин муаммоҳо ба танг меояд ва зам-зама мекунад:

Озарахшо, раҳи бигрехтан аз даҳр кучост?!
Шаҳр танг аст ба фарёди мани рустоӣ… (3,229)!

Маҳбубияти Озарахш дар он аст, ки ин сурудаҳояш ҳамагӣ сабзанд, дар вожа-вожаҳои ғазалҳои шоир зиндагӣ зиндагонӣ дорад. Муҳаббат ва эҳсоси латифу зебои дӯст доштан,

дӯстдоштанӣ будан дар батни ҳарфҳо ҷой гирифтаанд:

Фариштa чун қалам бизад ба номи ту, ба номи ман,
Навишта шуд ба номае паёми ту, паёми ман.
Калимаҳо ба ҳам шуданду қиссаҳо рақам шуданд,
Саломи ман алайки ту, алайки ту саломи ман…
(3,199)

Ҳамин шукргузорӣ, зиндагидӯстдорӣ, муҳаббат ба ишқу зебоиву шинохти хешу Худо дар ин ғазал низ тасвирҳои ҷолиберо ба вожаҳо рехтааст:

Шаби сияҳ сапед шуд, сипос, эй сапедаҷон!
Ғами замон умед шуд, сипос, эй сапедаҷон!
Нафас-нафас ба шаҳри ишқ,
бидам насими баҳри ишқ,
Ки кӯча-кӯча ид шуд, сипос, эй сапедаҷон!

Агар ба андешаи адабиётшинос Матлубаи Мирзоюнус, ки шеърро «розномаи инсони соҳибқалам тавассути каломи мавзун» (2, 382) унвон кардааст, такя бикунем, розномаҳои Озарахш басо ошиқонаву содиқона аст. Равшан аст, ки шоир ба ишқу муҳаббат имони комил дорад ва ҳамин бовaрро тавассути андешаи зебову каломи мавзун ба хонандагон интиқол медиҳад. Вожаҳо дар коргоҳи андешаҳо ва хаёлпардозиҳои шоир ба сони дуррест, ки суфтаву ба қолаби ғазал рехта мешаванд.

Тасвирҳои шоир дар ғазалҳо басо ҷолиб, нав ва ғайриинтизоранд. Алоқамандӣ ба таркибсозиву иборапардозӣ низ шоистаи зикру тавсиф аст. Чунончи, дар ғазале Озарахш хаёлоти рангинашро чунин ба тасвир мекашад:

Боре ба шавқ дастагули хоҳиши маро,
Пинҳон зи чашму гӯши чаманҳо шамидаӣ (3, 227).

Дар ғазали дигаре тахайюли шоир ин байтро ба гӯши қалам мерезад:

Сидқро ҷорӣ намудан мисли оби ҷӯйбор,
Дар вуҷуди боғи имкон шарбате бигзоштан.
Як замон аз соати дасти замон берун шудан,
Вақтро бо набзи ширинкори дил бингоштан (3, 193).

Бетакрор аст такрораш

Ҷолибтарин роҳе, ки Озарахш дар офариниши тасвир ба кор мегирад, истифодаи ҳунармандонаи санъатҳои бадеӣ, бавежа санъати такрор аст. Такрор дар ғазалҳои «Девони ишқ» аз серкорбурдтарин санъати бадеист, ки ҳунармандона ба кор рафтааст. Озарахш ошиқи ин санъати бадеист. Шояд натавонем ғазалеро аз «Девони ишқ» пайдо бикунем, ки дар офариниши он ин санъати бадеӣ ба кор наомада бошад. Такрорҳое, ки шоир эҷод мекунад нотакроранд. Дар баробари он ки ба мавзунии калом таъсири муассир доранд, ба барҷастагии маънӣ ва мӯҳтаво низ асар мегузоранд. Медонем, ки бо вуҷуди содагиаш ин санъат аз гӯянда ҳунари баландро тақозо мекунад, зеро такрори ноҷо метавонад ба тасвир ва маъниҳо таъсири манфӣ гузорад. Ҳам оҳанг ва ҳам мазмуну мантиқи каломро ба такрори вожаҳо созгор намудан ҳунари баланд ва нигоҳи ҷадидро мехоҳад. Озарахш аз шоиронест, ки дар эҷоди такрор дасти тавонманд дорад:

Бомҳо пасту баланд афтода дидам, бом-бом,
Номҳо пешу қафо истода дидам ном-ном (3,140).

Мебинем, ки дар оғози мисраъҳои байти мазкур шоир вожаи «бом» ва «ном»-ро оварда, ҳамин вожаро дар охири мисраъ низ такрор мекунад. Дар баробари ин, такрор дар охири мисраъ боз ду маротиба такрор мешаванд, ки аз ҳунамандии шоир ва алоқамандии ӯ ба ин санъати бадеӣ дарк медиҳад.

Гуфтанист, ки ин ғазалро аз оғоз то интиҳо истифодаи ҳунармандонаи санъати такрор зебо ва хушнамо кардааст. Ҷолибият ва вежагии дигаре, ки ҳангоми эҷоди ин ғазал ба кор гирифта шудааст, овардани ду қофия дар ҳар кадом байт аст. Дар ғазал вожаи «дидам» радиф аст:

Ҳеҷ кас аз сарнавишти хеш берун по намонд,
Ҳар сареро бар сари як ҷода дидам, гом-гом,

Чоҳкан дар зери чоҳу роҳзан дар рӯи роҳ,
Домафканро ба дом афтода дидам дом-дом (3,140).

Дар ин мисраъҳо «афтода», «истода», «ҷода» қавофии гурӯҳи аввал ва «бом», «ном», «гом», «дом» қофияҳои дастаи дувум мебошанд ва радифи «дидам» миёни ин қофияҳо пайванди мазомину мантиқро зебо ба ҷилва медиҳад. Такрор шудани қофияҳои дастаи сонӣ аз ҳузури мунири санъати такрор гувоҳӣ медиҳад, ки тахайюли шоир ба қолаб рехтааст.

Намунаи беҳтарин такрори ширинро дар байтҳои зерин низ дучор омадем:

Эй дӯст, биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,
Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст.
Дар пеши баландии баландии баландат
Ман паст шудам, паст шудам, паст шудам, паст (3,44).

Дар мисраи аввал вожаи «даст» се маротиба, дар мисраи дувум вожаи «маст» чор маротиба, дар мисраи баъдӣ калимаи «баланд» се даъфа ва дар мисраи чаҳорум вожаи «паст» чор маротиба такрор мешаванд. Вале ин такрорҳо дилгиркунанда нестанд, балки оҳанги мавзунеро эҷод мекунанд, ки дар баробари пуртаъсирии муҳтаво, рӯҳи касро навозиш медиҳад. Дар эҷоди тасвири ин мисраъҳо баробари такрор мо санъати тазоду муқбаларо низ мебинем. Шоир барои баёни андешаҳо ва муассирии маънӣ «баланд»-ро бо «паст» муқобил мегузорад.

Ҳамин гуна такрорҳои зеборо дар ин байтҳо низ метавон пайдо кард:

Эй гули шому саҳар, шому саҳар ташнаи туст,
Ташнаи шамсу қамар, шамсу қамар ташнаи туст.
Ҳар куҷо чашм равад, рӯи туро мебинад,
Манзари нури назар нури назар ташнаи туст (3,45).

Ҷолибтарин падидае, ки ҳангоми ошноӣ бо ғазалҳои «Девони ишқ» моро мутаваҷҷеҳи хеш сохт, он аст, ки шоир такрори калима ва ё ибораву таркибро дар оғози ҳар байти

ғазал аз оғоз то интиҳо мебарад. Яъне, агар радиф дар интиҳои ҳар байт такрор шавад, ин ҷо шоир радифгунаи дигаре эҷод мекунад, ки дар оғози ҳар мисраъ такрор мешавад. «Шоме, ки мебиёӣ, ойинаҳо ҷавонанд», «Вақте ки танҳо мешавӣ, ойина ёдат мерасад», «Агар ту боз наоӣ, хумор мемирад» ва чандин ғазалҳои дигар ба ин шева суруда шудаанд:

Вақте ки танҳо мешавӣ, ойина ёдат мерасад,
Ҳамсуҳбати беминнату бекина ёдат мерасад.
Вақте ки танҳо мешавӣ, рӯ мениҳӣ бар хотира,
Ғамгинтарин афсонаи дерина ёдат мерасад (3,73).

Ҳамин тавр, таркиби «Вақте ки танҳо мешавӣ» то охири ғазал дар оғози байт такрор мешавад. Ҳамин гуна офаниши нобу ғайриинтизори Озарахш тавассути санъатҳои бадеӣ ба ғазалҳояш рӯҳу равони тоза мебахшад ва онҳоро хондaниву шуниданӣ месозанд.

Ҳамрадифашро надидам дар радиф

Дар ғазалҳо Озарахш ба радиф эътибори хос медиҳад. Радифҳое, ки шоир меофарад, бо содагиву самимияташон тафовут доранд. Шоир кӯшиш дорад аз ибороти маъмулӣ радифҳои зебо офарад ва, ба ин васила, мазмунро хубу хотирмон ба хонанда расонад. Самимияти радиф хонандаро аз зоҳир ба зеҳни шеър мекашад:

Гуфтиям, дар чашм ҷо шав, чашм, ҷонам, чашм, чашм,
Чашм шав в-аз чашм во шав, чашм, ҷонам, чашм, чашм.
Аз назар то бар назар худро бубин, моро нигар,
Аз ману ту хез, мо шав, чашм, ҷонам, чашм, чашм.
(3,156)

Дар ин ғазал «шав, чашм ҷонам, чашм, чашм» радифе аст, ки хушоҳангии калом ва баёни зебои андешаи шоирро таъмин кардааст.

Дар «Девони ишқ» бисёр радифҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки аз соҳибсабкӣ ва тахайюли мунҳасир ба фарди Озарахш гувоҳӣ медиҳанд. Оҳно содаву самимӣ ва

мардумианд. Чунончӣ радифҳои «то омадан, то омадан», «миёни зиндагиву марг», «аз номи ҳар гул дар забон», «омаданат ба ҷони ман», «аммо надонем ишқ чист», «гуфто, ки салом, эй ёр», «нагунҷад, айби кист», «эй ёр, ба ёдат ҳаст», «маро бо худ бибар», «боз биё, боз, боз», «паноҳат бар Худо, модар», «бо ман гиря кард», «пур шавам, холӣ шавам», «ёрон, муборак бод ишқ», «бигзашт, мо ҳам меравем», «сипос, эй сапедаҷон», «дидам, ки дидам», «субҳат хушу шомат ба хайр», «аз боби ишқ гуфт», «гиря-гиря, ашк-ашк», «як шеър, як тарона», «ман нестам, ту ҳастӣ» ва бисёр дигарҳо дар шаклгирии зоҳир ва зеҳни ғазал нақши бориз гузоштаанд:

Чашме ба чашме боз шуд, ёрон, муборак бод ишқ,
Дил бо диле дамсоз шуд, ёрон, муборак бод ишқ! (3,133).

Ҳунар натиҷаи кори зеҳни ҳунарманд аст. Ба чигунагии ҳунарманд рӯҳи замон таъсиргузор аст. Озарахшро муяссар шудааст, ки ҳамин ҳунармандии зеҳни худро ҳамқадами замон созад. Самимият ва оростагии ғазалҳояш буд, ки «Девони ишқ» дар як муддати кӯтоҳ миёни дӯстдорони каломи мавзун ҳаводори зиёдеро пайдо кард.

Сурудаҳои Озарахш ба мисли осори устод Лоиқ Шералӣ вежагии зуд мардумӣ шуданро доранд ва ба дили хонандагон роҳ меёбанд. Каломи Озарахш ширинии каломи Камол, самимияту маҳбубияти сурудаҳои Мирзо Турсузода ва мавзуниву дилрабоии шеъри Лоиқ Шералиро ба мерос гирифтааст.

Пайнавишт:

1. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан (Илми бадеъ ва мухтасари арӯз).- Душанбе: Ирфон, 1978.-328 с.
2. Мирзоюнус М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо.- Хуҷанд: «Ношир», 2016.-516 саҳ.
3. Озарахш. Девони ишқ.- Хуҷанд: «Ношир», 2016.-519 саҳ.
4. Шамисо С. Нигоҳи тоза ба бадеъ.- Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1370.- 362 с.

ДИЛ ЧУН САДАФ АЗ БАҲРИ МУҲАББАТ ДОРАД…

Нигоҳе ба ҷилои шеъри Ҷило

Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона боифтихор аз устод Сайидамин Ҷило сухан карда, эшонро аз посдори шоистаи суннатҳои ниёгон медонад. Ва, албатта, ин баҳогузории Фарзона ба далелҳои бебаҳс такя дорад, зеро Сайидамин Ҷило аз хонаводаи равшанфикрон ва мутафаккирони бузург, амсоли шайхулмашойих Ҳиҷрии Хуҷандӣ, Туробии Хуҷандӣ ва Сайидумари Хуҷандӣ бархостааст. Ҳифз намудани ному насаби баланди аҷдоди хешро Сайидамин Ҷило аз рисолати аввалини худ шинохта, дар идомаи роҳи эшон боифтихор қадам мегузорад. Маҳз, шинохти ҳамин рисолат буд, ки Ҷило хешро дар арсаи адабиёти муосир чун шоири ҳунарманду мондагор муаррифӣ карда тавонист. Шеъри Ҷило ин тавфиқро касб кардааст, ки миёни дӯстдорони шеъри форсӣ ҳаводорони чашмгире дошта бошад. Ӯ дар вазну мазмуни осораш хеле комёб аст. Имрӯз яке аз донандагони хуби вазни арӯз ҳам ҳаст. Ба шогирдоннозукиҳои қаволиби аҷдодиро меомӯзад.

Ин огоҳии устодона имкон дода, ки мусиқияти шеъри шоир зеҳни хонандаро навозиш кунад. Адабиётшинос Атахон Сайфуллоев ҳамин нуктаро таъкид намуда, қайд кардааст, ки «аз навиштаҳояш пайдост, ки Сайидамин Ҷило дар мактаби ғазали анъанавии форсӣ-тоҷикӣ тарбия ёфта, дар эҷодиёти худ ин жанри маълуму машҳур ва қадимаи адабиёти миллиро бомуваффақият идома медиҳад. Шоир хусусиятҳои ғазал – содагӣ, равонӣ, мусиқият, мавзунӣ, таносуби шаклу мазмун, муносибати сухан ва амсоли онҳоро хуб риоя мекунад, санъатҳои лафзию маънавиро дар мавқею мақоми худашон ба таври табиӣ моҳирона корбаст менамояд» (3,4). Дар идомаи ин андешаҳо Фарзона низ ёдрас

мекунад, ки «ғазалҳои шоир ҷилову ҷарақаи тозае доранд, оинаи софҷавҳаре ҳастанд, ки зангор намепазиранд. Ҳар шеъри ӯ маъние андаруни маъниҳо дорад, чун гавҳари нобе, ки андаруни дурҷи нозанин зиндагӣ мекунад ё дар батни садаф ва ё чун зару зарҳали гул, ки зери пардаи гулбарг ниҳон аст» (4,3).

Ҳамзамон муҳимтарин маҳорати шоирии Ҷило бо паҳлӯҳо ва тобишҳои гуногун ҷилва дода тавонистани забони рангину шевои тоҷикӣ мебошад. Албатта, дастёбии шоир ба забони содаву пероста ва маҳорати истифодаи он дар сурудани ғазал ба сувари хаёл таъсир мегузорад. Худи шоир мегӯяд:

Ҷило, нақши сухан сарбаста нанмо чун сароби дашт,
Ба мавқеъ бояд он ҳар дам ҳақиқӣ ошкор ояд.

Пайдост, ки яке аз хусусиятҳои шеъри суннатӣ мустақил будани тасвир ва мӯҳтавои ҳар байт аст, яъне ҳар банди ғазал тасвир ва мазмунеро хулоса мекунад ва ҷудо аз матни шеър буданаш имконпазир аст. Эҳсос мешавад, ки Сайидамин Ҷило аз ин имконот ва зарфияти забон дар тасвирофаринӣ ба хубӣ ошност. Аз нигоҳи андеша Ҷило шоире аст, ки метавонад, аз зоҳири ашё ба асли ҳақиқатҳо раҳ паймояд. Яъне, шоир таваҷҷӯҳи хос ба шакли зоҳирӣ ва зеҳнии шеър дорад. Ҳам дар қаволиби суннатӣ ва ҳам дар шаклҳои нави шеърӣ ҳунармандона эҷод мекунад. Маълум аст, ки таснифи шеъри форсӣ асосан дар заминаи қолабҳо сурат мегирад. Омӯзиши таҳаввули қолаб дар ҳамбастагӣ бо дарунмоя, вазн, сабк ва ҷанбаҳои ҳунарӣ мувофиқи мақсад аст.

Аз қадим классикони мо барои ифодаи панду ҳикмат ва мазмунҳои фалсафӣ аз қасида, ғазал, мухаммас, мусаддас, рубоиву дубайтӣ истифода мекарданд. Дар адабиёти муосир низ рубоиву дубайтӣ ва ғазал аз дӯстдоштатарин ва фаъолтарин жанрҳо маҳсуб меёбанд. Ҷило дар баробари эҷоди шаклҳои нави шеърӣ ба идомаи жанрҳои мухаммасу мустазод таваҷҷӯҳ дорад. Бавежа, мухаммасоти Ҷило ҳунармандона эҷод шудаанд. Дар осори шоир мо мухам-

масҳоеро бар ғазали шоирони номвар –Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофиз, Ҳилолӣ, Бедил, Ҷомӣ, Сайидо, Лоҳутӣ, Раҳӣ, Ҳушанги Ибтиҳоҷ мушоҳида кардем, ки аз шумори беҳтарин шоҳкорҳои шоир аст.

Мусаддасе ба ғазали Ҷомӣ низ ба осонӣ ба дили хонанда роҳ пайдо мекунад:

Баски ҳастиро бақову нури осорам туӣ,
Меҳрубони меҳрубонон, беҳтарин ёрам туӣ,
Дар ду олам як нигори шӯху маккорамтуӣ,
Дилнавозу рӯҳбахшу зеби ашъорам туӣ,
«Баски дар чони фигору чашми бедорам туӣ,
Ҳар кӣ пайдо мешавад аз дур, пиндорам туӣ!»

Дар офариниши рубоӣ низ Сайидамин Ҷило қалами сабз ва андешаи ноб дорад. Сурудаҳояш дар ин қолаб зуд ба дили хонанда маъво мегирад, шоир ошиқона мегӯяд:

Дил чун садаф аз баҳри муҳаббат дорам,
Андар садафам икди садоқат дорам.
Ҷуз қатраи чоҳи зақану кулчаи рӯт,
Дигар талабам нест, қаноат дорам.

Ин ҷо тахайюли шоирона тасвири мондагореро падид овардааст: «Ҷуз қатраи чоҳи зақану кулчаи рӯт». Ин мисраи калидӣ дар офариниши шакли зоҳирии рубоӣ аст, ки меҳвари тасвирро дар хеш ҷой дода.

Яке аз вежагиҳои сабки шеъри Ҷило дар он аст, ки шоир дар баробари риояи таносуби уфуқӣ ба риояи таносуби амудии калом низ таваҷҷӯҳ дорад. Шоир дар баробари риояи таносуби меҳвари амудӣ, яъне риояи таносуби байт ба таносуби байниҳамдигарии байтҳо аҳамият медиҳад. Натиҷаи риояи таносуби амудиву уфуқӣ аз ҷониби шоир аст, ки сурудаҳо, бавежа ғазалҳои ӯ дар сатҳи забонӣ, адабӣ ва фикрӣ арзиши баланди ҳунариро соҳиб мешаванд.

Сайидамин Ҷило аз шоирони соҳибсабки замон аст, ки истеъдоди худодод ва саликаи хуби шоирӣ дорад. Идроки шоир равиши хоси худро дошта, барои баёни ан-

дешаҳояш аз тарокиби тозаву бикр, ки зодаи тахайюли зебопарасти ӯст, истифода мекунад. Ҷаҳонбинӣ ва дониши мукаммал дар шинохти сухану адаб ба шоир имкон дода, ки сабки хоси нигорандагиро эҷод кунад.

Вежагиҳои сабки шеъри шоир, пеш аз ҳама, густариши ҷанбаи ҳунарӣ дар шеъри ӯст. Ҷанбаи ҳунарии шеъри шоир дар истифодаи ҳунармандонаи унсурҳои тасвирсоз – санъати бадеӣ шоистаи омӯзиш ва баррасӣ аст. Ҷолиб он аст, ки дар тасвирҳои шеъри Ҷило қариб тамоми навъи санъатҳои бадеӣ ба кор гирифта шудаанд. Ҷолиб он аст, тасвир ва андешаронии шоир бо риояи ҳамаи санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ, бо камоли балоғат ва фасоҳат гуфта шудааст. Шоир талмеҳро, ки аз серистеъмолтарин навъи санъати бадеииадабиёти форсист, ба гунаи хос истифода мекунад. Яъне, тасвирҳое, ки ба василаи ин санъати бадеӣ эҷод шудаанд, дар баробари идомаи анъанаҳои ниёгон бозгӯи нигоҳи наву замонавии шоир мебошанд. Диди шоирона, ки аз ҳамқадами замон будани шоир об мехӯрад, ба ӯ имкон додаст, ки тасвирҳои тозаеро дар заминаи талмеҳ халқ кунад. Шоир мегӯяд:

Даруни шаҳри худ вомонда ин бемори маҳзунат,
Ба саҳрое равӣ, Лайло, ки он ҷо нест Маҷнунат.

Аз қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» дар байти зерин маъниофаринии зебову тасвири ҷолиберо ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Шоир ба равиши ин қисса аз дигар самт нигоҳ мекунад ва мегӯяд, ки замони давлати Юсуф дар кишвари ишқ ба поён расид ва кунун фармонраво Зулайхост. Тасвири шоиронаи талмеҳи мазкур хеле ҷолиб омадааст:

Дар мулки ишқ давлати Юсуф гузашта рафт,
Фармонравои нози Зулайхо расидааст.

Чунин талмеҳи зебое бо ба кор гирифтани достони Бежан ва Манижа низ қобили зикр аст:

Таманнои Манижа дар дили Бежан намеғунҷад,

Бисоти кӯҳ андар нуқтаи арзан намеғунҷад.

Таҷнис низ аз ҷумлаи фаъолтарин навъи санъати бадеӣ дар осори Сайидамин Ҷило аст:

Дилёбии инсон ба ҳама айни савоб аст,
Инкор макун ҳеҷ, ки ин кор ғанимат!

«Инкор» ва «ин кор», ки аз лиҳози талаффуз ба ҳам монанданд, маънии гуногунро ифода карда, барои баёни мӯҳтаво хизмат кардаанд. Шакл ва талаффузи яксони ин ду вожа тасвири ҷолибу шоиронаро ба ҷилва овардааст.

Дар ғазалҳои шоир таҷниси том, таҷниси ноқис, таҷниси зоид ва мураккабро ба мушоҳида гирифтем, ки барои офариниши тасвирҳои нобу мондагор хидмат кардаанд.

Дар мақтаи яке аз ғазалҳои тозааш ӯ овардааст:

Чун дучори чеҳраи шабнам шудам,
Рӯз хушкидам, вале шаб нам шудам.

Ташбеҳ низ аз ҷумлаи дӯстдоштатарин санъати бадеист, ки дар офариниши тасвирҳои шоирон корбурди фаровон ва дар баёни тозаи идроки сухангӯ нақши бориз дорад. Шоир Сайидамин Ҷило бо дарки мавқеъ ва мақоми ин санъати бадеӣ ба ташбеҳ таваҷҷӯҳи вежа зоҳир кардааст. Ӯ дар офариниши тасвир аз ин санъат бисёр ҳунарнамоӣ мекунад. Шоир мегӯяд:

Басо «ман-ман» бигӯяд ин замон дар маҳфили хубон,
Лабони миму чашмони хуморолудаи нунат.

Шоир басо латифу зебо лабони ёрро ба ҳарфи алифбои арабиасоси «мим» ва чашмони ӯро ба ҳарфи «нун» монанд мекунад. Дар мисраи аввали байт овардани «ман-ман» низ аз тахайюли ғайриинтизори шоир дарак медиҳад. Агар диққат кунем, бо хати форсӣ «ман» бо ҳарфҳои «мим» ва «нун» навишта мешавад. «Ман - ман» кардан маъмулан ба сифати худнамоӣ кардан, аз худ дарак додан фаҳмида мешавад. Ин киноя шоир бо идроки шоирона ва истифодаи санъати ташбеҳи киноят ба тасвири ноб табдил медиҳад ва аз чашмону лабони дилбар ситоиш мекунад.

Дар офариниши тасвир шоир аз ташбеҳҳои мутлақ, машрут, тавсия, киноят, акс, измор, тафзил ва мулоғата фаровон истифода кардааст. Истифодаи ҳунармандона аз тамоми навъҳои ташбеҳ домани тасвироти ашъори шоирро густурда сохтааст. Чунончи, ташбеҳ андар ташбеҳро дар мисраи зер ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки шоир чашмони ёрро мисли чашмони «ҳинду» медонад ва онро боз ба «чашма» шабоҳат медиҳад ва бо эҷоди таъбири тоза онро ба «доруи ишқ» монанд мекунад. Дар баробари чашмонро ба чашма нисбат додан санъати таҷнисро ба кор мегирад, ки ба хушоҳангии калом мусоидат кардааст. Дар мисраи баъдӣ бошад, шоир «мижгон»-ро ба «наштар» монанд мекунад:

Доруи ишқ – чашмаи чашмони ҳиндуяш,
Мижгони тоҷиконаи ӯ мисли наштар аст.

Қобили зикр аст, ки агар санъати такрор ба мавқеъва аз ҷиҳати мусиқии ҳарфҳо хушоҳанг бошанд, аз ҷузъи ороёҳои лафзии илми бадеъ аст. Аммо, дар сурати аз ҷониби шоир ба дурустӣ истифода наёфтанаш ин санъат метавонад боиси костагии тасвиру маънӣ шавад. Чунончи, такрори ноҷо ва ё нохушоянди калима ё калимоте дар матн ё абёт аз уюбест, ки метавонад ба осонӣ фасоҳати каломро аз байн барад. Бо дарки ин маънӣ шоирон дар истифодаи ин унсури тасвирсози каломи бадеъ бояд маҳорати хоси тасвир ва маъниофаринии хешро ба кор гиранд.

Корбарии санъати ирсоли масал дар шеърҳои шоир хушоянд аст. Шоир барои баёни андеша ва тасвири ноб аз зарбулмасалу мақол бомавқеъ ва бо равишу биниши хоси худ истифода мекунад.

Гандум бинамояд ба туву ҷав бифурӯшад,
То кай диҳад он бӯқаламун фанди харанда?

Маънӣ ва андешаи ин байт аз мақоли халқии «гандумнамои ҷавфурӯш» об мехӯрад, ки шоир онро ба гунаи тозатаре ба ришгаи назм мекашад ва, ба ин васила, ба

шакли зеҳнии байт ҷаззобияти хос мебахшад.

Яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвироти бадеӣ муқобил гузоштани ду фикр ба таври муқоиса аст. Яъне, шуаро ба василаи овардани лафзҳои зидди якдигар таъсири баёни андешаро дучанд месозанд. Ҳамзамон, ба кор гирифтани ин санъати бадеӣ имкони тасвирофариниро бештар мекунад. Ҷило бо як диди хос ин санъатро барои баёни маънӣ истифода кардааст. Дар байти зерин шоир маънии баландро бо василаи тазоду муқобилгузорӣ бо тавсири ҷолиб ба хонанда пешкаш мекунад:

Баски бо кирдору рафтораш бувад баръакси ту,
Ғам хурӣ – шодӣ кунад ӯ, шод бошӣ, ғам хурад.

Шоир барои баёни маънӣ вожаҳои «шодӣ» ва «ғам»-ро дар муқобили ҳам мегузорад. Агар мутаваҷҷеҳ шавем, мебинем, ки шоир ин вожаҳоро ду карат муқобили ҳам гузошта, ба василаи ин тазод таъсири андешаро бештар сохтааст. Мисраи дувуми байт «Ғам хӯрӣ – шодӣ кунад ӯ, шод бошӣ, ғам хӯрад» намунаи хуби тазод дар тазод аст, ки, албатта, аз балоғат ва фасоҳати каломи Сайидамин Ҷило башорат медиҳад.

Дар мисраъҳои зер низ муқобил гузоштани вожаҳои зидмаънои «мушкил» ба «осон» таъсирнокии тасвирро бештар сохтааст:

Охир дили ман шуд банд дар ҳалқаи гесӯят,
Ин мушкили печида осон натавонам кард.

Истифодаи ҳунармандона аз тамоми санъатҳои лафзиву маънавӣ аз ҷониби Сайидамин Ҷило доманадору серпаҳлӯ буда, пажӯҳиши вежаву алоҳидаро тақозо мекунад, биноан, ин ҷо бо овардани чанд намуна ҳамчун муште аз кӯлвор иктифоъ мекунем.

Албатта, дар баробари тасвир мавзӯъ низ дар шаклгирии зеҳну зоҳири калом бетаъсир нест. Ин аст, ки домани мавзӯоти ашъори шоирон низ густурда аст. Ҳамзамон, дар чигунагии шакли зеҳнии шеър таъсири замон ва вазъи иҷтимоъ эҳсосшаванда аст. Сайидамин Ҷило бо

замон ҳамқадам аст. Дар баробари арҷгузориву тақвияти суннатҳои шеърӣ, шеъраш аз дастовардҳои замон низ бебаҳра нест. Навиву тозагӣ, пеш аз ҳама, дар зеҳни шеъри шоир эҳсосшаванда аст ва дар аксар маврид чун унсури маъниофару тасвирсоз хидмат кардааст:

Эй, ки лофи қарни бистум мезанӣ, дил ёфтан,
Не ба роҳи кимиёву не ба роҳи ноқилӣ!

Ва ҷои дигар низ бо баҳрагирӣ аз ҳаводиси иҷтимоъ мегӯяд:

Сарсону бесаропост ин сар зи нобарорӣ,
Тӯби фасурдаҳоли футболи дигарон шуд!

Дар девони ғазали устод як баҳория ҳаст, ки он ҳам саршори санъатҳои бадеист. Ба далели гуфтаҳои худ танҳо як байти ин баҳорияро меорем:

Холе ба тоқи чашми ту ҳуснат фузудааст,
Бар айн нуқта чун биниҳодӣ, ҳазор шуд.

Дар ин байт ба ҷуз санъатҳои бадеии ташбеҳу муқобила як санъати бисёр нозуке низ истифода шудааст, ки он санъати ҷумал (истифодаи абҷад дар ҳуруф) мебошад. Чашм ба арабӣ айн мешавад. Ҳарфи айн ба ҳисоби абҷад ҳафтод аст, ҳангоме ки ба айн як нуқта изофа мекунем, он ғайн, яъне ҳазор мешавад. Шоир дар ин байт гуфтанист, ки ба соне, ки як нуқта айнро ба ғайн табдил медиҳад, як нуқтаи хол дар болои чашм ҳусни туро ҳазор маротиба боло бурдааст.

Шеърҳои замонавии муаллиф низ саршор аз санъатҳои бадеист. Масалан, як шеъри бахшида ба бофандадухтари комбинати абрешим «Даҳумин дастгоҳ» бо чунин байт ба поён мерасад:

Ба дастат гир, ёри хушгили ман,
Даҳумин дастгоҳи ту-дили ман.

Зоҳиран, ин шеър ба бофандаи пешқадаме бахшида шудааст, ки нӯҳ дастгоҳи бофандагӣ дорад, аммо ҳадафи асоси шоир, ба андешаи мо, дар дигар ҷост. Як шоири

классик гуфтааст:

Нӯҳ фалак дар вусъатободи дили пуршӯри мо,
Ҳамчу халхоле, ки дар пойи магас тангӣ кунад.

Ин шоир дар ин ҷо нӯҳ фалак гӯён ба тамоми дунё ишора дорад. Нӯҳ фалакро ба ибораи дигар «дастгоҳи сунъ» низ мегӯянд. Дар ин шеър Ҷило ба офарандаи офарандаҳо, ки «нӯҳ фалакро офаридааст», муроҷиат мекунад. Яъне, шоир мехоҳад, гӯяд, «Ту, ки нӯҳ фалакро офаридаӣ (муроҷиат ба Холиқи Якто), даҳумин дастгоҳ дили манро низ бигир. Дар ин шеър санъати иҳоми пӯшида корбаст шудааст, ки камназир мебошад. Бо истифодаи ин санъати бадеӣ шоир муҳаббати беҳудуди хешро ба офаридгори олам тасвир месозад. Ин ҷо сухани шоира Фарзона ба хотир мерасад, ки гуфтааст: «Ҳар шеъри ӯ (Сайидамин Ҷило,-С.Ҳ) маъние андаруни маъниҳо дорад»… Зиҳӣ ҳунари воло!

Мусалламан ҳар шоир дар эҷод талош дорад, то аз таркибу ибороти зебо, ки маҳсули тахайюли зебопарастии ӯст, истифода кунад. Ва чунон ки зикр кардем, эҷоди чунин тарокиби ноб аз ҷумлаи мушаххасоти сабкии шоир ба шумор меояд. Дар сурудаҳои Сайидамин Ҷило гунаҳои басо дилнишину ғайриинтизори таркибҳоро пайдо кардан мумкин аст, ки «пойи дил», «пешонии гул», «дастгоҳи умр», «шомгоҳони мурод», «садбарги висол», «чашмаи алфози шакарбор», «гулқанди лабон», «шамими ишқ», «борони ашк», «калиди нури чашм», «рӯзи таваллуди ишқ», «биҳишти орзу», «мулки муҳаббат», «шаҳроҳи умр», «сароби дашт», «гулшани хаёл», «мулки таманно», «бӯи вафо», «маҷоли сухан», «мулки ишқ», «пайки масеҳо», «панҷаи ситам», «хотироти сабз», «матои ғамза», «хазинаи роз», «осмони балоғат», «китоби ниёз», «баҳмани айём», «дастури қазо», «раҳоварди ғазал» донаҳое аз хирман аст.

Дар баробари баёни маъниҳои гуногун дар сурудаҳои шоир панду андарз яке аз шаҳсутунҳои асосии бинои маънию андешаи шеър аст. Агар, аз як тараф, ин падида таъсирпазирии хубе аз осори классикон бошад, аз сӯи дигар, натиҷаи

идрок ва маърифати шоир дар ҷодаи зиндагист. Шоир мегӯяд:

Шукуфон бош чун гул, нест боке ҳар замоне гар
Ҳасудони хуносо хушдимоғат дида натвонанд!

Ва ҳамзамон аз таҷрибаи ҳаёт ба хулоса мерасад, ки:

Дил хун макун ба панди разилону сифлагон,
Пеши харон марез ту лӯлӯи шоҳвор.

Аз байти зер хонанда панди хуберо барои шинохти худ ва дигарон пайдо мекунад:

Огаҳдилон мазаммати мардум намекунанд,
Обе нахӯрда, таънаи ҳар хум намекунанд!

Албатта, панду андарз ҳосили таҷрибаи зиндагӣ, дониши андӯхта ва ҷаҳонбинии шоир аст. Ва ин донишу биниш ва таҷриба бо ҷаҳони иҷтимоъ сахт тавъам мебошанд. Ин аст, ки дар ашъори Сайидамин Ҷило ҳузури фаровони ҷанбаи иҷтимоӣ ба назар мерасад. Мо медонем, ки шеъри сиёсӣ танҳо падидаи рӯзгори мо нест. Ин навъи шеър ҳамеша вуҷуд дошт. Шоирони равшанфикр пайваста шеъри сиёсӣ сурудаанд, ки Ҷило аз ин зумра истисно нест.

Тараннуми муҳаббати Ватан, ободии диёр, рушди рӯзафзуни кишвар, сулҳу субот, ваҳдату ягонагии Тоҷикистон, тараннуми зан-модар аз ҷумлаи мавзӯъҳои ашъори шоир мебошанд, ки бо баён ва андешаи тозаву ноб ба хонанда пешкаш шудаанд.

Таҷаллии Қуръон ва ҳадисҳо дар шеъри Ҷило мавзӯи сӯҳбати вежаест, ки пажӯҳиши мӯшикофонаро тақозо дорад, аммо ин ҷо овардани чанд намуна аз байтҳои дилнишини шоирро, ки аз ин аносири тасвирсоз серобанд, ҷоиз медонем:

Бибояд инқилобе дар тариқи Одаму Ҳавво,
Зи нав эъҷози гандум ё ки себе кай шавад пайдо?

* * *

Ҳам Саъиру ҳам Лазову ҳам Ҷаҳаннам, ҳам Сақар,
Ҳам Биҳишти адну ҳам Хулди барин бо як сабаб.

Бо ин назари иҷмолӣ ба ашъори Сайидамин Ҷило метавон гуфт, ӯ шоире аст тавассути ҳунар ва истеъдоди фитрӣ, нигоҳу ҷаҳонбинии нав дар арсаи адабиёти муосири тоҷик

мавқеъ ва мақом пайдо намуда, ба рушду нумӯи назми муосир саҳм гузоштааст. Ӯ аз зумраи шоирони маҳбуби кишвар аст ва шеъраш низ ҳаводори зиёд дорад.

Пайнавишт:

1. Абдусаттор А. Асрори шеъри марғуб. Мақолаҳо.- Душанбе: Адиб, 2004.-112 с.
2. Акбарзод Юсуф. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав. Мақолаҳо. - Душанбе: Адиб, 2004.-198 с.
3. Сайидамин Ҷило. Гулбонги ғазал. - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1994, 1995.-60 с.
4. Сайидамин Ҷило. Дар водии боронҳо (Девони ғазал).-Хуҷанд: Ношир, 2001.-300 с.
5. Сайидамин Ҷило. Нақвои дуродур. - Хуҷанд: Ношир, 2003
6. Шукурӣ М. Шеъри худшиносӣ ва худшиканӣ. Рӯдакӣ, соли дуюм, шумораи дуюм. 2001.
7. Ҳуқуқӣ М. Шеър ҷода ва ҳаракат.-//Китоби субҳ//, Шумораи шашум, баҳори 1329. -С. 27-33

«ҲАР САТРУ ҲАРФУ ВОЖА БОЛ ШУД…»

Чанд андеша аз ҷозибаи ҳунарии ашъори Аъзами Хуҷаста

Шоир нафаре ҳаст, ки бо истеъдоди фитрӣ, бо мутолиаи афзун ва таҷрибаи ҳаёт, мушоҳидаҳои андешаварзонаи амиқ метавонад дар бисёр маврид бо андешаву андӯхтаҳо ва сурудаҳояш ба ҷомеа таъсир гузорад. Яъне, шоир аз нафарони пешгоми ҷамъият аст, нафаре аст, ки гузаштаро ба имрӯз ва имрӯзро ба фардо пайванди азалӣ медиҳад. Бори ин гуна масъулиятро ба дӯш гирифтан саҳлу сода нест ва ҷиддияти хос, дар баробари ин маҳорати хуби гӯяндагиву нигорандагиро тақозо дорад. Ба ҷо овардани ин рисолат на ба ҳама шоирон муяссар мешавад. Ва муваффақҳамон шоире аст, ки гӯянд, ашъори ӯ хонданӣ ва мондагор аст. Ҳамзамон, шеъри шоир он вақт хуб аст, ки мӯҳтавояш ҳис ва андешаро созиш дода тавонад. Хонандаи муосир дар шеър эҳсоси зиёдро намепазирад. Маълум аст, ки дар эҷоди ҳамагуна шеър шоир набояд ба шахсият ва эҳсос дода шавад, дар баробари ин, андешаҳои хушку холиро вориди шеър кардан низ мувофиқи мақсад нест. Тасвирҳои дилпазир ва тозаву ноб асоси бурди бадеияти шеъранд. Воқеан, тасвир мӯҳтавои ҳама гуна шеърро муқтадир, назаррасу муассир ба ҷилва медиҳад. Мусалламан, барои инъикоси мӯҳтаво тасвир бояд расову пурра бошад ва мӯҳтаво ҳис ва андешаро ба ҳам созиши зебо диҳад. Шеъре, ки дар он эҳсос аз мӯҳтаво бартарӣ дорад ва ё мӯҳтаво муқаддамтар аз эҳсос аст, ҳеҷ гоҳ дархури ниёзҳои хонанда шуда наметавонад. Бояд тазаккур дод, ки созиш додани эҳсос ва андеша дар шеър кори саҳл нест ва гоҳе шоирон дар эҷоди шеър танҳо ба эҳсос ва ё танҳо ба андешаҳои хеш пойбанд мегарданд ва, дар натиҷа, шеъри эҳсосӣ ва ё шеър-андеша офаридаанд. Албатта, шеъри хуб бидуни эҳсос эҷод намешавад,

вале аз ҳад зиёд эҳсосӣ будан дар шеър ба бинои мӯҳтаво осеб мерасонад. Вақте шоир ба эҳсос дода мешавад, аз паи суханпардозӣ меравад, дунболи тавсиф ва ё танқиди болохонадор равона шуда, аз инъикоси воқеӣ дур мемонад. Тасвир зери пардаисуханпардозӣ ва эҳсосҳои муаллиф ноаён мемонад, қимати аслии хешро гум мекунад. Ҳар шоире, ки ҳис ва андешаро ба созиш оварда, шеър сурудааст, миёни хонандагон маҳбубияти бештареро соҳиб гаштааст.

Аъзами Хуҷаста, ки имрӯз дар адабиёти муосир чун шоири пешгом шинохта шудааст, кӯшиш дорад паи иҷрои ҳамин рисолат бошад. Метавон гуфт, ӯ низ дар шумори шоироне аст, ки тавониста дар шеъраш ҳис ва андешаи шоиронаро созиши зебову хуб диҳад.

Дар шеъри зер созиши эҳсос ва андеша баръало мешавад:

Баъд аз ин манро баред бар пои дор
Ё ки зинда бифканед бар чоҳи тор.
На азизон!
Ман наям Ҳаллоҷи сонӣ
Ё Азизи пири Канъон,
Ман фақат ин ҷо гунаҳкорам,
Ки будам … дар хилвати шаҳзодаҳо,
Зери по бинмуда аслу суннати озодаҳо
Аз Худову худ буридам
В-он чӣ медидам, нагуфтам,
Он чӣ мегуфтам, надидам!

Дар ин суруд шоир хулосаҳои зиндагӣ ва ҷанбаи иҷтимоии андешаҳояшро бо эҳсоси ҷолиб дар андешаи тоза ба хонанда мерасонад. Шеърият низ риоя шудааст. Яъне, созиши ҳис ва андеша мушоҳида мешавад, ки пеш аз ҳама бурди шеър аст. Мусаллам аст, ки чигунагии ҷанбаҳои ҳунарии шеър пеш аз ҳама ба иқтидори ҳунарии шоир алоқаманд аст. Маҳорати тасвиргарии шоир муайянгари дараҷаи ҳунари ӯст. Таваҷҷӯҳи беш ба тасвирҳои

тоза, дар қолаби таркиб ва ташбеҳҳо ғунҷонидани маъниҳои баландарзиш, диди тозаву тахайюли ҷолиб омили муҳимтарин дар таъмини бадеияти шеър аст. Чунончи:

Ало шукуфаҳо ва сабзаҳо
Дилам, ки ҷуз фиреби нокасон надидааст,
Зи ҳарфҳои ину он рамидааст
Ва мурғи эътимоди лонаҳои чашми ман паридааст…

Хонанда тавассути тахайюл ва тасвир дар оғоз, авҷ, анҷом ва хулосаву натиҷаи мӯҳтавои ашъор ҳузур пайдо мекунад. Ин аст, ки ҷанбаи ҳунарӣ дар ҳама гуна шеър аз аносири муҳиму созанда ба ҳисоб меравад ва тахайюли шоир дар офариниши шакли зеҳнии шеър нақши муайян дорад. Агар шакли зеҳнии шеър хубу олӣ бошад, зоҳири он низ дилпазир хоҳад буд. Зебогии шакли зеҳниву зоҳирӣ дар ғазали мазкур эҳсос мешавад:

Ба чашми нимамасти ҳуд ба ман нигоҳ мекунӣ,
Маро ба ғамза мекушӣ, чаро гуноҳ мекунӣ?
Дар ин замона хандаро ба дорҳо кашидаанд,
Ту ханда медиҳӣ ба ман, чӣ иштибоҳ мекунӣ?
Чу мерасӣ ба хилватам, ба лутфи бӯсаҳои ҳуд
Вуҷуди хастаам пур аз ҷалолу ҷоҳ мекунӣ.
Ба марзи боғи пайкарат ба бӯса гул шинондаам,
Ҳанӯз дар хаёли ман ту «оҳ – оҳ» мекунӣ.
Маликаи ғаюри ман, надорӣ бим аз касе,
Ба тахт мешинониям, маро ту шоҳ мекунӣ.

Решаи тасвири ин ғазал сероб аст, бавежа тасвири «Дар ин замона хандаро ба дорҳо кашидаанд», «Ба марзи боғи пайкарат ба бӯса гул шинондаам», ва ғ.

Маълум аст, ки таснифи шеъри форсӣ асосан дар заминаи қолабҳо сурат мегирад. Таҳаввули қолаб дар ҳамбастагӣ бо дарунмоя, вазн, сабк ва ҷанбаҳои ҳунарӣ сурат мегирад. Ва дар қолабҳои суннатии муосир ҷанбаи ҳунарӣ бештар ба сурати мушаххас ворид мешавад. Хонанда метавонад, ки тавассути мӯҳтаво ва натиҷагириҳои шоир ба

хулоса ояд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ғазалҳои шоир дар инкишофи шеъри муосири тоҷикӣ нақше гузоштаанд, зеро дар тарзи баёни маънӣ, сувари хаёл тасвирҳои шоиронаи ғазалҳои Аъзами Хуҷаста тозагиву таҳаввул ва оҳанги замон эҳсос мешавад:

Ёди ту хоби ман рабуд, имшаб чу шабҳои дигар,
Бар ман дари рӯъё кушуд, имшаб чу шабҳои дигар…

Андешаҳои ирфонии шоир низ дар қолаби ғазал тобиши зебо ёфтаанд ва шоир мегӯяд:

Ин ҷо ману танҳоӣ шабҳо ҳама шаб ё ҳу,
Аз ҳаҷри рухи он дӯст афсӯсбалаб ё ҳу.
Ин мулки харобистон як пораи ин кайҳон
В-ин чархи чу ман ҳайрон афтода аҷаб ё ҳу…

Ба офариниши шеъри хуб танҳо мазмуни олӣ кифоят намекунад ва гарчанде асоси шеър маънист, баёни зебову муассири мӯҳтаво комилан ногузир аст. Ин зарурати шеърӣ пеш аз ҳама тасвири хаёл ва забони шеър аст.

Шеъри Аъзами Хуҷаста саршор аз чунин бадеият ва тахайюл аст. Ва худи ӯ низ мегӯяд:

Шеър шоир мешавад
Вақте ту бо сеҳри сухан
Байтҳои ноб иншо мекунӣ.
Шеър шоир мешавад
Вақте ту бо наҷвои гул
Розҳои сина ифшо мекунӣ.
Шеър шоир мешавад
Вақте ки ту
Медиҳӣ бар вожаҳо умри абад
Ҳарфҳоро солики дунёи мантиқ мекунӣ.
Менавозӣ пайкари эҳсосҳо,
Ишқро бар ошиқон шайдову ошиқ мекунӣ.

Дар шеъри дигар бо ҳамин наҳв мехонем:

Ин зимистон табассум дар лабони духтарон сармо хурд

Ва эҳсос дар коби чашмҳо тагарг шуд
Ва шӯшаҳои яхӣ дар ҷангалҳо барг шуд,
Кош ин барфи охирин бошад,
То сабри гандида
Дар пайванди нур ва гармӣ об шавад
Ва дар шохаҳои хушкида
Гӯшвора хандаи офтоб шавад.

Дар шеъри фавқ ҳар мисраъ намоде аз тасвир аст ва нигариши тоза, мӯҳтавои тоза, баёни тоза, ҳарфи тоза ба назар мерасад. Яъне, тобиши ҳунарии шоир хеле ҷилои хубу хуш дорад.

Ба вусъати ҷанбаи ҳунарии шеъри Аъзами Хуҷаста ҳузури вежагиҳои зер низ таъсири мусбат гузоштааст:

1. Ҳузури фаровон ва истифодаи ҳунармандона аз санъатҳои бадеӣ:

Тасвирҳое, ки бунёдашон ташбеҳ аст, дар ашъори шоир зиёд ба чашм мехӯранд.

Ҳузури фаровони санъати ташбеҳ ва эҷоди ҳунармандонаи ин санъати бадеӣ дар ашъори шоир лоиқи таваҷҷӯҳ аст. Маълум аст, ташбеҳ навъҳои гуногун дорад ва дар адабиёти муосири тоҷикӣ «ташбеҳи равшан», «ташбеҳи пӯшида», «ташбеҳи акс», «ташбеҳи баробар», «ташбеҳи таркибӣ», «ташбеҳи тафзилӣ»-ро фарқ мекунанд. Дар осори шоир ҳамаи навъҳои ташбеҳ барои офариниши тасвир хидмат кардаанд. Ташбеҳҳои шоир хубу хотирмон ва хеле ҷолиб ҳастанд. Шоир бо маҳорати хос андешаҳояшро ба хонанда расонидааст:

Маро шукуфаҳо ба боғҳо садо заданд
Ва сабзаҳо ба роғҳо садо заданд,
Вале дили шикаставу ғамини ман,
Ки аз фиреби лолаҳо рамида буд,
Ба даъват эътино накард
Ва аз насими навбаҳор мегурехт
Зи банди кӯҳу даррaҳо

Чу обшор мегурехт.

Ҳамчунин шоир ба василаи ташбеҳ чунин тасвирро ба вуҷуд овардааст:

Шамими ёди дилбаре чу атри ахтарон
Ба мӯя – мӯяҳои олами сукути ман давидааст.
Дарахти бенавои пайкарам ҷавонаҳо зада,
ба шоху барги тар
Навиди сабз буданам дигар зи боғҳо расидааст.

Далоил бар он бовар мерасонанд, ки шоир санъати ташбеҳро барои муассирии андешаҳо низ ба кор бурдааст. Масалан, дар мисраъҳои зер санъати ташбеҳ дар баробари василаи тасвирсоз буданаш дар муассир сохтани маънӣ низ хидмат кардааст:

Бо бӯи сифлагон шуда олуда муаттар баҳори ту,
Инак, муроди ишқ маҷӯ аз дили кавир.

Ё дар шеър (зулол)-и дигар ба василаи ташбеҳ муассирии калом ин гуна таъмин шудааст:

Ҷоми Ҷам лабрез шуд,
Рустами достон зи чо нимхез шуд,
Ибни Сино дар Бухоро набзи беморе гирифт,
Нолаи най шуду ба по чун ҳалқае дар гӯшҳо овез шуд.
Ҳофизи Шеърозу Саъдӣ масти ашъори Камол
Лаҳзае қалби замон Табрез шуд
Кафши ман Шабдез шуд.

Тасвире мондагор ва устодонаро дар шеъри Аъзами Хуҷаста, шоири эронӣ Абулфазли Додо зимни баҳогузории як зулоли шоир таъкид карда, маҳорат ва истеъдоди фитрии ин эҷодкори хушсалиқаро қоил гашта, гуфтааст: «ҷаноби Хуҷаста аз ҷумлаи зулолсароёне ҳастанд, ки саъй дар пардозиш, пероиш ва ороиши калимот дар чунин қолаби ҳассосро дошта ва дар зулоли арӯзӣ ширинисуханро ба ҳадди камол мерасонанд».

Ростӣ, пазироии шоир аз сабки ҷадид чун зулол бозгӯи ҷустуҷӯи пайваста ва андешаву нигоҳи тозаи шоир ба

шеър ва замон аст. Варна миёни суханварони эронӣ лоиқи таваҷҷӯҳ шудан осон нест. Чунон ки мегӯянд,«Бародарҷон, Хуросон аст ин ҷо. Сухан гуфтан на осон аст ин ҷо!».

Воқеан, ҳузури пайвастаи рӯҳи замон дар шеъри Хуҷаста зиёд эҳсос мешавад. Шеъри ӯ ҳамқадами замон ва меросбари ниёгон аст:

Як замон гашта мункири Хайём,
Тахти Ҷам фурӯхта бо як ҷом.
Карда шаҳри Хуҷандро гумном,
Муддате шармсор гардидем.

Ҳузури санъатҳои лафзиву маънавӣ мавзунии оҳанги калом, тасвири расои байтро таъмин намудаанд. Истифодаи чандин воситаи тасвир дар як байт низ аз маҳорати нигорандагии шоир дарак медиҳад, яъне тасвир, тахайюл ва диди шоирона дар сурудаи зер василаи баёни мӯҳтаво нест, балки мӯҳтаво дар тахайюли шоир ҳал мешавад. Дар ин шеър хонандаро тахайюли озоди офаранда ва тасвир, ки ба василаи санъатҳои бадеӣ ва ҳузури унсурҳои дигар эҷод шудааст, мутаваҷҷеҳ мекунад:

Дар шабе, ки осмони шаҳри мо
Моҳро гум карда буд.
Пардаи торикӣ бо амвоҷи худ
Кӯчаҳоро холӣ аз ҳайҳои мардум карда буд.
Ман тани танҳо дар ин хилватсаро
Дар миёни ҷодаҳои шабнаво,
Таксавори заврақи андешаҳо,
Мазраи историро пай мезадам.
Дар миёни растаҳои Каҳкашон най мезадам.
Ногаҳон дар лобалои ин зуҳури камназир
Аз карони хаймаи гардуни пир
Дидам ин ки моҳи дар ҳоли сафар
Дар бари ман буду ман бехабар.

Тасвирҳое, ки бунёдашон бар санъати ташхисанд, дар таъмини бадеияти офаридаҳои Аъзами Хуҷаста нақши

боризро соҳибанд.

Чунон ки таъкид шуд, ҷозибаи шеър ба тозагии тасвир вобаста аст. Дар офариниши тасвирҳои тоза мавқеи ташхис, ки сифати инсониро ба ғайри инсонҳо додан мебошад, муҳим аст. Шоир дар офариниши тасвирҳо аксаран ба ибороту таркибҳои хотирмон такя кардааст, ки бунёдашон бар санъати ташхис аст. Ин навъи санъат аз ҷумлаи фаъолтарин санъати бадеӣ дар ашъори Аъзами Хуҷаста ба шумор меравад:

Дар коргоҳи соат
Вақт бо панҷаи сонияҳо
Бо тори рӯзҳо, ҳафта мебофад
То
Моҳҳо барои ҳар фасли сол
Либосҳои ба рӯз дошта бошанд.

Дар сурудаи зер бунёди тасвир дар мисраи аввал бар ташхис аст:

Ишқе даруни синаи ман роҳ меравад,
Ғаввоси рӯди дил суи моҳ меравад.

Ба байти зер мутаваҷҷеҳ мешавем:

Ин «ман»-и ман «мо» нашуд, аз худи танҳо нашуд,
Чашми дилаш во нашуд, дар қафаси ин бадан.

Ҷои дигар шоир санъати ташхисро чунин зебо истифода мекунад ва мегӯяд:

Дарахтон ҳамчунон бо дастони урён
Ба роҳи чӯҷаҳо дар сояи сукут хуфтаанд
Ва интизор дар соқаҳояшон чавона задааст.
Ин зимистон таманнои гармӣ
Дар шохаҳои дарахтон ях зад
Ва насими рӯидан тӯфон шуд.

Ҳамчунин:

Вақте ки субҳ ханда мекард
Ва теғи хуршед пардаи торикиро медарид,
Ин абри баҳорӣ буд, ки гиря мекард

Ва зулоли дидагонаш
Гунаҳои заминро мешуст, ки мешуст.

Бунёди тасвири ин шеър аз ташхис сероб аст. Мебинем, ки дар ҳар мисраъ шоир санъати ташхисро тасвири тоза бахшидааст. Ин гуна бадеияти хотирмон дар ашъори шоир имтиёзи зиёд доранд.

Чунончи, дар ҳар мисраи шеъри «Бод меояд чӣ сокит» санъати ташхис ғунҷоиш ёфтааст. Тахайюл ва диди модерни шоир дар эҷоди тасвир таъсири нек гузоштааст:

Бод меояд чӣ сокит
Бесадо, хомӯши хомӯш.
Аз қадамҳояш хазоне меналарзад,
Аз нафасҳояш насиме менахандад,
Панҷааш дарвозаҳоро менакӯбад,
Доманаш гарду губори кӯчаҳоро менарӯбад.

Ҳамчунин, тасвири ғайриодии ин мисраъҳо шоиста ба таваҷҷӯҳ аст. Яъне, шоир ба бод хислати ғайриқобил сокит будanро нисбат медиҳад ва мегӯяд: «Бод меояд чӣ сокит». Аслан, бод табиатан ором нест, аммо онро шоир «бесадо, хомӯши хомӯш» меорад. Вожаҳои ғайриинтизори «меналарзад», «менахандад», «менакӯбад», «менарӯбад» тасвири зеҳнии шеърро хеле хотирмон сохтаанд.

Баргҳо чун пару боли хуршед
Бозии бод шуда сӯи ба сӯ,
Гӯй дар мотами айёми баҳор
Ашки ахтар бичакад кӯи ба кӯ.

Дар байти фавқ санъати ташбеҳ «Баргҳо чун пару боли хуршед» ва ташхис-«Ашки ахтар бичакад» дар офариниши тасвири ноб хидмат кардаанд.

Тасвирҳое, ки бунёдашон бар санъати талмеҳ аст, хеле ҷолибанд:

Биё, гули баҳориям
Суроғи ман бигир, ки фурсати дубора рустан аст
Ва фасли интизори сабзро маҷоли ҷустан аст.

Биё, ки Юсуфи умедро зи чоҳ берун оварем,
Азизи Мисрро ба дашту ҳомун оварем
Ва хуни лоларо ба гургҳо диҳем,
Ки пераҳан зи атри ишқ лолагун шавад
Ва чоҳи кина сарнагун шавад.

Шоир дар ин шеър ба василаи санъати ташбеҳ андеша ва тасвирҳои хеле ҷолибу шоирона ба қалам овардааст. Тарокиби «фурсати дубора рустан», «фасли интизори сабз», «Юсуфи умед» паҳнои зебои тахайюли шоирро бозгӯ аст.

Дар шеъри дигараш ӯ шоирона, замзама мекунад:

Фарри Каён пар-пар шуда дар хиттаи номоварон,
Мадҳе намегӯяд касе аз Рустаму аз Золҳо,
Лайлӣ зи Маҷнун хаста шуд, Вомиқ зи Узро дур гашт,
Ҳусну малоҳат рафтааст, аз ин хату ин холҳо…

2. Таваҷҷуҳи вежа ба фалсафа ва ирфон

Ҷаҳонбинии Аъзами Хуҷаста дар шеърҳояш аз ҷаҳонбинии ирфонӣ маҷро мегирад. Андешаҳои ӯ дар паҳнои хеш ваҳдати вуҷудро ғунҷоиш медиҳад. Шоир бад -ин василa ҷаҳони берунӣ ва ботиниро густариш додааст. Дар шеърҳояш ӯ ба василаи андешаи дунявиву моддӣ аз ҳастиву марг ва ирфон зиёд мегӯяд. Андешаҳои фалсафиву ирфонӣ дар шеъри Аъзами Хуҷаста ҳувияти тоза дарёфтааст. Сабкаш низ хосу мустақил аст ва нигоҳи модернии зиёд дорад. Чунончи, шоир мегӯяд:

Аз хона бадар равед,
Бошад, ки раведу бар худ оед,
Худрову худии хешро ёбед.

Дар ин пораи хеле содаву самимӣ фалсафаи будану худро шинохтан шоирона ва бо самбули хеле аҷиб ба хонанда пешниҳод шудааст:

«Омаданам рафтан аст, рафтани ман омадан»,
Зиндагиам чист, чист? Дору гири мову ман.

Ин «ман»-и ман «мо» нашуд , аз худӣ танҳо нашуд,
Чашми дилаш во нашуд, дар қафаси ин бадан.
Кӯшиши баҳри бақо – фалсафаи буданам,
Бардагие беш нест ин ҳама бардору зан.

Ҳамин гуна андешаи фалсафӣ дар мисраъҳои зер низ ба назар мерасад:

Чӣ сахт аст, чӣ сахт аст?
Барои шохаҳо зи баргҳо ҷудо шудан
Ва сахттар аст барои баргҳо зи ҷамьи шохаҳо
ҷудо шудан……ба зери по шудан
Чӣ сахт аст, чӣ сахт аст?
Барои чашмаҳо зи кӯҳ сарнагун шудан,
Фурӯ шудан ба коми мавҷҳои рӯд
Ва гум шудан,
Ҳасрато,
К-андар ин оламаки бӯқаламун
Гиряву ханда дурӯғ,
Мурдаву зинда дурӯғ,
Ишқу ормон дурӯғ,
Тавба, тавба,
Худи инсон дурӯғ
Ва агар хоҳӣ бисозӣ бо кизб
Ту биё, вақт бикӯш,
Ту биё, вақт фурӯш,
Зиндагӣ кун,
Бардагӣ кун!

Ин нигоштаҳо дунёи ботиниву андешаҳои фаслафии шоирро равшан бозгӯ намудаанд.

3. Таваҷҷӯҳи вежа ба масоили иҷтимоӣ

Мусаллам аст, ки инсон бидуни зиндагии иҷтимоӣ наметавонад ниёзҳои моддӣ ва маънавии худро бартараф кунад ва бидуни он аз таи ҳатто ибтидоитарин дараҷоти камол ва тараққии худ оҷиз мемонад. Ин аст, ки масоили иҷтимоии рӯзгор наметавонад ба шеър ворид нашавад.

Балки ҷанбаи иҷтимоӣ аст, ки мӯҳтавову маъно ва ҳатто тасвири шеърро ба таҳрик меорад. Дар шеъри иҷтимоии шоири оташинсухан андешаи адолати иҷтимоӣ муқаддамтар аз ҳама чиз аст. Олами андешаҳои шоир тунду тез асту хулосаҳояш қатъӣ, тасвирҳояш бесобиқаву монданӣ. Барои баёни ақоид ва эҷоди шеър Аъзами Хуҷаста дар ашъори суннатӣ ва ҳам дар сурудани «шеъри нав»-и ба истилоҳ «шеъри нимоӣ», ҳамзамон сабки ҷадиди зулол маҳорати беандоза дорад. Хуҷаста дар роҳи эҷод ва баррасии масоили иҷтимоӣ ҳамеша баҳри дарёфти ҳақиқати зиндагӣ гом мебардорад. Воқеан, бардоштҳои сиёсиву иҷтимоии Аъзами Хуҷаста, ҳунар ва маҳорати нигорандагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ошноӣ бо тамаддун ва адабиёти ҷаҳонӣ ба шоир имкон додааст, ки зимни эҷоди тасвир ва самбулҳо ҳақиқати бартар аз шеър, воқеият ва ҷанбаи иҷтимоиро ташхис диҳад ва ба созиши иҷтимоёт ва хусусиятҳои шеърӣ мусоидат намояд. Чунончи, дар шеъри зер шоир мегӯяд:

«Хаста шуд таърих аз такрорҳо»,
Хаста шуд уштур ба зери борҳо.
Корвон дар нимараҳ раҳгум бизад,
Сорбон мардуд шуд аз ёрҳо.
Ваъдаро дигар харидоре намонд,
Холӣ шуд аз муштарӣ бозорҳо.
Охирин тарфанди ин айёши пир,
Рӯз бо тасбеҳу шаб-зуннорҳо.
Ғофил аз он мисли ин «навхоҷагон»,
Дида олам борҳову борҳо.
Мерасад акнун садои Офриқо,
Кас наметарсад зи ҳабсу дорҳо.
Рӯҳи озодӣ чу як эхёгаре,
Қад алам бинмуда аз оворҳо.

Агар мутаваҷҷеҳ шавем, дарк мекунем, ки дар ин шеър ҷанбаи иҷтимоӣ ва тасвир яке дигареро пурра месозанд. Ҳадафи аслӣ дар ин шеъри иҷтимоӣ баёни мӯҳтаво-

ест, ки баррасии чандин масоили рӯзро дар хеш ҷой додааст. Яке аз бурдҳои шеър он аст, ки ба шоир даст додааст, чандин мазмуни иҷтимоиро дар шеър ҷойгир кардан аст. Тасвир ва тахайюли шоирона ва маҳорати офарандагии шоир, дар нигориши мӯҳтавои олӣ мавқеи муҳиму созандаро соҳиб аст. Сувари хаёли шоир низ фалсафаи хуби зиндагиро инъикос мекунад. Ҷолиб он аст, ки сурати зеҳнии шеърро шоир бо истифода аз тасвир ва тахайюл хондани намудааст, ки аз вусъат ва паҳнои андешаву тафаккури ӯ дарак медиҳад.

Дар шеъри «Дар моварои ёс» андешаҳои иҷтимоӣ ва вазъи замон (бахусус даҳаи охири қарни XX) чунин тасвир шудааст:

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Кишвари афсонаҳо.
Ҳолиё, вайронаҳо рамзи бақоят гаштаанд,
Бехудоён нохудоят гаштаанд.
Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Маҳзари эҷодҳо…..
…. Эй ба ёди Оли Сомон,
Модаронат синабирён,
Кӯдаконат ашкрезон,
Орифонат зору ҳайрон,
Сад дареғо…

Муҳтавои шеър баёни ҳодисоти замон, бесарусомонӣ, беҳувиятӣ, теша бар решаи хеш задани миллати тоҷикро дар даҳсолаи охири асри XX дарбар мегирад. Мебинем, ки муҳтаво хеле иҷтимоӣ аст, ҳатто иҷтимоитар аз шеъри ибтидои асри бистум. Унсурҳои тасвир, истифода аз санъатҳои бадеӣ ба шоири нуктасанҷу борикбин имкон додааст, ки латофати шеъри иҷтимоиро нигоҳ дорад ва шеъраш ба асолати шеър ҷавобгӯ бошад.

Василаи баёни муҳтаво – тасвир дар порчаи мазкур ғайримунтазира аст. Маҳз ҳузури тахайюл ва тасвири

воқеӣ бадеияти шеърро афзун ва таъсири шеърро бештар намудааст. Диди шоирона аз диди иҷтимоӣ маҷро гирифтааст. Бадеиятро ҷудо аз матни шеър омӯхтан нашояд, зеро шакли зеҳнии бандҳои шеърӣ ҳаракати муҳтаво, якпорчагӣ ва ваҳдати маънӣ алоқаманд ба ҳамдигаранд. Бо чунин тарз офаридани маъниро дар шеърҳои Аъзами Хуҷҷаста зиёд дучор меоем. Дар шеъри «Дар моварои ёс» дарди миллату меҳан бозгӯ шудааст.

Шоир зиёд ба масоили иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ дорад. Таваҷҷуҳи шоир ба гунаест, ки ҳатто дар тасвирҳо ҷанбаи иҷтимоиро истифода мекунад. Масалан, дар шеъри зулоли мазкур чунин тасвир ҳаст:

Меҳр
Дар қалби мо
Ҷавона мезанад
Қарордоди ишқро.
Ману ту бо нигоҳи гарми худ
Таъйид карда будем
Ва бӯсаҳои мо
Дар ин санад
Муҳр

Маълум аст, ки дар зиндагӣ ҳар муносибат ва қарордоде таъйид мешавад ва ҳастии мӯҳр воқеияти қарордодро таъкид мекунад. Ин ҳаводиси зиндагӣ ва иҷтимоиро василаи тасвир дар шеъри зулол интихоб намудани шоир тахайюл ва маънии нигоштаро нобу шуниданӣ сохтааст. Шоир мегӯяд, мо қарордоди ишқро бо нигоҳи гарми хеш таъйид кардем. Ва боз илова мекунад ва бӯсаҳои мо дар ин санад мӯҳр аст. Бо вожаи «меҳр» оғоз ва калимаи «мӯҳр» (ду вожаи аз лиҳози оҳанг наздик) анҷом ёфтани тасвир низ ба нигоҳи модернии шоир ишорат мекунад.

Дар шеъри зулоли «Чӣ шуд» низ ҳамин гуна тасвиру тахайюл мушоҳида мешавад:

Сигор лаб гирифт

Ва хилвате бар абри шаб гирифт
Озод карда халқа - ҳалқа дуд дар осмон
Гӯё ба ҳабси оҳ дарафтоду зи дил сӯзу таб гирифт…

ва мисли ҳамин зиёданд тасвири шоирона.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки шоир дар офариниши шеър ба ҷуз тахайюл ва тасвир ба таркибсозиву маъниофарин̄ ва мусиқии шеър низ таваҷҷӯҳ дорад:

Биёву аз вучуди ман хазонро бирон,
Баҳорро биёвару канори ман бимон.
Биёву накҳати баҳориро ба қалби ман бирез
Ва хайли яъсро, ки ҳастии маро асир кардааст,
Маро даруни жолаҳои ҳарза пир кардааст,
Зи ман зудо,
Ҷавонаҳои эътимоду эътиқодро дубора
рӯҳи ишқ биде(ҳ),
Дами масеҳие бизан,
Маро зи «ман» бикун ҷудо!..

Муҳимтарин омиле, ки дар шеър боиси таваҷҷуҳи хонанда мешавад, мусиқии калом аст. Тарокиби аҷиби «Баҳорро биёвару канори ман бимон», «даруни жолаҳои ҳарза», «ҷавонаҳои эътимоду эътиқод» ва маънии содаву самимии онҳо савтиёти каломро пурра мекунанд.

Ҷои дигар мусиқии калом ба тасвири мисраи зер таъсир расонидааст:

Ҳамсояи мо шеър намехонаду лек,
Қонуну фани зулол медонаду лек.

Ё ҳамчунин шоир менигорад:

Маро ту сарзаниш макун,
Ки сарнавишт сарзаниш намешавад.
Чаро ки сарнавишт дар сиришт ҳак шуда,
Барои ҳастӣ дар сиришт
Маҳак шуда,
Ба шеърҳо ишораам макун,
Зи дурҳо назораам макун.

Дигар маро марон,
Маро бихон,
Ба морҳои бозуят ба беди пайкарам бипеч,
Дигар ҳеч,
Дигар ҳеч,
Дигар ҳеч!

Дар ин шеър ҳузури зиёди ҳамсадоҳои «с», «ш», «ч» дар хушоҳангии оҳанги дарунии мисраъҳо таъсири мусбат гузоштаанд. Вожаҳои «сарзаниш», «сарнавишт», «сиришт» мусиқии шеърро таъмин кардааст. Ин ҳунарварӣ аз мухтассоти вежаи забонии шоир далел аст.

Шеъри «Биё, гули баҳориям» низ аз лиҳози мусиқияти калом хеле дилнишин аст:

Биё, гули баҳориям,
Маро ба боли бодҳо нишон,
Зи ёли ёдҳо раҳон,
Ки хаста шуд дилам зи хотирот,
Ки дар замирашон ба ҷои зиндагӣ мамот,
Ҳама пур аз дареғу нолаанд,
Чу киштиҳои по ба гил,
Ки «оҳ» нохудояшон
Ба ҳукми як зуболаанд.
Биё, гули баҳориям,
Биё, ки дер мешавад,
Биё, ки шохаҳои сарви интизор
Ба сина тир мешавад,
…Хуҷаста пир мешавад.

Аз чунин назари иҷмолӣ ба ашъори Аъзами Хуҷаста метавон матлабҳои зеррро натиҷабардорӣ кард:

Аввалан, бояд эътироф кард, шеъри Аъзами Хуҷаста тозатарин тамоюлҳои шакливу мавзӯӣ ва ҳунариро пазируфтааст. Ва ин омилро метавон аз ошноии бештари шоир бо адабиёти қадиму муосир ва шиносоӣ бо шеъри ҳамзабонон маҳсуб донист.

Дувум, дар ин замина талошҳои худҷӯиву худшиносӣ ва пазиромӣ аз дастовардҳои ашъори классикӣ ва шеъри муосир аз ҷониби Аъзами Хуҷаста лоиқ ба таъкид аст.

Савум, омили дигари таҳаввул ва бурди шеъри ӯро метавон ба таъсири вежаи муҳити адабии эронӣ нисбат дод, ки шоир зиёд аз онон баҳрабардорӣ кардааст.

Чаҳорум, ҷустуҷӯҳои шоир тадриҷан ба шеъри ӯ сабку услуб ва бофти тозатаре овардааст. Яъне, шоир пайваста дар ҷустуҷӯ ва бозёфти шоирона аст.

Охиран, бо ин ҳама далоил метавонем бигӯем, ки дар дарозои ҳунармандиаш дар ҷодаи шеър, ки чанд даҳсоларо дар бар мегирад, шеъри Аъзами Хуҷаста андак-андак шакл гирифт ва имрӯз мақбули аҳли завқу сухан қарор дорад, ҳаводоронаш зиёданд ва саҳмгир аст дар таҳаввули шеъри муосири тоҷик.

Пайнаишт:

1. Акбаров Ю. Шеъриэҳсосватафаккур.-Душанбе:Ирфон, 1985.-240с.
2. Зеҳнӣ Т. Санъатисухан (Илми бадеъ вамухтасариарӯз).-Душанбе: Ирфон, 1978.-328 с
3. НеъматиОташ.Шукуфа.-Душанбе: Адиб,1989
4. НеъматиОташ. Ба ишқбовар кун.-Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи РаҳимҶалил,2003.-152 с.
5. НеъматиОташ. Мусофиришаҳри борон.-Хуҷанд: Ношир, 2015
6. РаҳмоновШ.Таҳаввуливоҳидҳоилирикӣ.-Душанбе: Адиб, 1988.- 144 с.

ШОИРИ ШӮРИДА БО ТӮФОНУ ИСЁНИ ШЕЪР

Нигоҳе ба шеъри Озар

Шӯру шари қалби хешро ба қалби ҳазорон нафар интиқол додан танҳо ба касоне муяссар мешавад, ки Худованд баҳрашон ҳунар ва истеъдоди фитриро ато кардааст. Бешак, шоир нафари соҳибназар аст ва шеър омӯзиши зебои эҳсосу шуур ва ба қавли шоири саршиноси тоҷик Гулрухсор, он метавонад зодаи тӯфону исён, рӯҳи ношикебу саркаш бошад.

Ҳар шоир шеърашро барои фардо месарояд. Шоир Озар, ки адабиёти имрӯзи тоҷик ӯро ба сифати шоири тавонову хушсалиқа ва ҳунарманд шинохтаву пазируфтааст, бо тӯфону исёни шеър роҳ ба сӯи фардо дорад.

Мусаллам аст, ки шоирон ҳамеша дарунмояи шеърро аз аносири асили сиёсат, иҷтимоиёт ва фарҳанги ҷомеаи худашон интихоб мекунанд ва дар эҷоди як шеър аносири мухталиф, ба мисли хаёл, забон, мусиқӣ, эҳсос ба кор мебаранд. Ин нукта низ қобили зикр аст, ки ҳар шоир метавонад бо дид ва шинохти худаш ба ҳар кадоми ин аносир алоқамандӣ дошта бошад. Мунаққидон таъкид кардаанд, ки як шеъри муваффақ шеъре аст, ки дар он ҳамаи аносир ба тарзи муносиб канори ҳам қарор гирифта бошанд ва ағлаб, агар яке аз онҳо набошад, шеър ба як пайкараи номутаносиб ва ноҳамоҳанг табдил мешавад.

Зимни ошноӣ бо намунаи ашъори Озар мӯътақид шудем, ки шоир ин нуктаро ба хубӣ дарк ва дар амал татбиқ кардааст. Дарунмояи шеърҳои шоир хеле пуркувват буда, онро тараннуми зебоиҳои табиат, манзараҳои Ватан, васфи ишқ оро медиҳад. Мушоҳида шуд, ки дарунмояи шеъри ошиқонаи шоирро дар аксар маврид ситоиши зебоиҳои ёр, вафодориҳои саршори ошиқ, ҷафокории маъшуқ, дарду

ҳасрати ҷудоӣ, шукргузорӣ аз ҳастии ишқ дар тасвир ва баёни нав ташкил медиҳад:

Чашми ман, оре, намози ишқ мехонад
Дар қиёму саҷдаи мижгон
Сӯи он чашмони бефанд.

Ҷои дигар ҳасрати ошиқ ин гуна ба қалам кашида шудааст:

То гӯр орзу ба раҳат интизор буд,
Мо сӯхтему ин ҳавасолуда хом монд.

Шоир ҳасрату дардашро ба василаи тахайюли ғайриинтизор – «орзу»-ро «интизор» гузоштан (дар ин ҷо тахайюли шоир орзуро ба сифати як нафар тасвир мекунад) ва санъати бадеии тазоду муқобила-«сӯхтан»-у «хом» монданро муассир тасвир карда, шакли зоҳириву зеҳнии байтро ороиши зебо додааст, ки ин ҳунарварӣ дар тамоми ғазал риоя шудааст. Мусаллам аст, ки шеър як воҳиди муташаккил ва ба ҳам пайваст аст ва ин ҷост, ки дар баробари аҳамияти зебоии ҳар байт, иртиботи ҳар кадом байт бо ҳамдигар ва таносуби онҳо ба кулли шеър (ғазал) аз масоили муҳиму созанда аст.

Пайдост, ки фарҳанги ҳар миллат адабиёти онро ғанӣ месозад ва дар ин замина, адабиёт боиси ҳифзу сабти ҳамин фарҳанг мегардад. Ин нуктаро аз дарунмояи шеъри Озар дарк кардан мушкил нест.

Аз ҷолибияти дигари ҳунари шоир ҳам дар ин аст, ӯ ҳамин фарҳанг, мазҳаб ва тамаддуни миллатро бо латофати табъ ва зарофати каломи тоза ба шеър пайванд мезанад:

Шукӯҳи сабзи дарахтон ҷамоли ислом аст,
Ба ҳарфи барг дигар мусҳаф интишор кунем.

Таваҷҷуҳ ба дину ирфон шеъри Озарро дилработар сохтааст:

Ба шоми ваҳшати «ло»-ам раҳо макун, эй дӯст,
Бигир дастаму то субҳи «ло илоҳ» биёр.

Ғолибан шоир дину мазҳаб ва фалсафаи зиндагиро

чун унсури тасвир низ ба кор бурда, василаи пуртаъсири баёни ғоя интихоб кардааст:

Эй ки абрӯи ту ҳусне зи хати Қуръон дошт,
Дилат оё хабар аз ҳоли мусулмонон дошт?!

Ва низ:

Навбаҳорро, эй дӯст, эҳтиром бояд кард,
Ин ки сабз мепӯшад, бешак, аз мусулмонист.

* * *

Қуръони боз дасти дуои имом буд,
Ислом бе футуввати ӯ нотамом буд.

Андешаҳои фалсафии шоир низ идомаи тозакориҳои шоиранд:

Салом ҳасрати падруд дар бағал дорад,
Нишоти васл ҷудо аз ғами ҷудоӣ нест.

Адабиётшинос Шоҳзамон Раҳмонов мегӯяд, ки «ҳар давраи шеър нисбат ба гузашта нав аст... Шеър дар замони муосир дар шаклу маънӣ як бори дигар нав шуда, сифатҳои тозаи худро дарёфт» (3). Сифатҳои тозае, ки дар ашъори Озар, пеш аз ҳама, хонандаро ба худ мутаваҷҷеҳ мекунад, тозагии тасвир аст, шакли нави баёни отифа ғазалҳои Озарро хондани ва ёднишин сохтааст. Шоир бо мушоҳидаҳои дақиқ ва диди хос дар тахайюлаш ин тасвирро меофарад:

Маснавии боронро нест як каломи хушк,
Гӯӣ, абр ҳамоҳи шоири хуросонист.

Дар назари аввал ба назар мерасад, ки шоир чизе навро ба тасвир наовардааст: аз оҳу фиғони шоирони Хуросон мегӯяд ва боз ҳамон резиши боронро. Аммо ҷозибаи ҷадиду шадид хонандаро ба тасвири дилпазири байт мутаваҷҷеҳ мекунад. Дар ин байт «маснавии борон» ибора ва тасвири тоза аст ва каломи «хушк нест» гуфтани шоир андозаи нигоҳи муаллифро нишон медиҳад, яъне шоир борони «тар»-ро бо вожаи «хушк» хушоянд кардааст. Ҳамзамон муаллиф абрро ба шоири хуросонӣ нисбат додааст, на

шоирро ба абр. Ин диди нави шоир аст, ки завқи хонандаро хуш меояд.

Дар байти зер Озар боз ҳам шоиронатар мегӯяд:

Дар ҳеҷ вазн вожаи қалбам наёфт ҷой,
Эй шеъри ишқ, сайри низоми ту омадам.

Дар намунаҳои зер низ тасвири ҷолибро пайдо карда метавонем:

Пас аз ҳисоби гули боғ метавон дарёфт,
Шумори шеър, ки кардаст интишор баҳор.

* * *

Чу шамъ по шуда будам ба ҷустуҷӯи саҳар,
Умеди омадани офтоб гум шуда буд.

Шоир инсони соҳибназар аст, нигоҳи ӯ дар батни ғазал тасвиру манозиреро эҷод мекунад, ки дар баробари бозгӯи воқеияти зиндагӣ будан, дар худ сеҳри суханро нуҳуфта медорад. Вақте байти зерро мехонем, дарк мекунем, гӯянда хеле нозукбину нозукандеш аст, тасвирҳои ғайриинтизор ва нобаш воқеан хондан ҳастанд:

Талоши умри абад, Озар, сапед кард сари моро,
Сапед парчами таслим аст, дигар ба
марг намеҷангам.

* * *

Адои хизмати мом аз нигаҳ биёмӯзед,
Ки он чӣ ҳаст ба дасташ, нисори чашм кунад.

Яке аз вежагиҳои дигар тасвири ҳунармандона бо истифодаи вофир аз санъатҳои бадеӣ аст.

Тачнис. Эҷоди ҳунармандонаи ин санъат - таркиби овозии якхелаи дорои маънии мустақил аз ҷониби шоир дар тасвирофарин шоистаи таҳсин аст:

Агар ки ишқи маро найранг рақиб гуфт, ҳалолаш бод!
Ба ранги най ҳамагӣ оҳам, дуруст гуфт, ки найрангам.

Калимаи «найранг» дар мисраи нахуст хислати инсониро бозгӯ шавад, «найранг»-и мисраи сонӣ ба сифат ишора мекунад.

Дар байти зер таҷниси лафзии ноқис зебо ба кор рафтааст:

Ва ба устураи зебои қадимӣ савганд,
Ки дигар <u>бодфурӯшем</u>, на он <u>бодафурӯш</u>.

<u>Тазоду муқобала.</u> Бешакку тардид тазоду муқобала аз ҷумлаи пуртаъсиртарин воситаҳои тасвири бадеӣ шинохта шудааст ва қалами Озар ин санъатро ба маҳорат ҷозибаи дигар мебахшад:

Назъи равон ба хандаи ҷонон хулоса шуд,
Душвори ман бубин, ки чӣ осон хулоса шуд?!

Дар ғазали дигар гиряву ханда ба ҳам муқобил омада, бо тазоду муқобала маънӣ ба байт рехтааст:

Бепанаҳтарин мардам, такя бар сухан дорам,
Гиряи ниҳон дорад хандае, ки ман дорам.

<u>Талмеҳ</u> аз ҷумлаи санъатҳост, ки кулли шоирон дар ҳар давру замон бар он таваҷҷӯҳи хос доранд ва ҷодаи тасвир ба василаи ин санъати бадеӣ аз шоир диди тозаву баёни навро тақозо мекунад. Озар бо назардошти он ки адабиёти классикиву муосири мо аз намунаҳои талмеҳҳо шоҳбайти зиёд дорад, кӯшиш кардааст, ки бо ишора ба қиссаву ривоёт нисбатан камтар ба талмеҳ муроҷиат кунад. Чунончи:

Сарам ба ҳалқаи оғӯши дор менозад,
Аналҳақиву чу Мансур дӯстат дорам.

Ва низ:

Умедҳои дилам куштаи ҷафои ту буд,
Замини синаи ман дашти Карбалои ту буд.

<u>Ташбеҳ.</u> Таваҷҷуҳ ва маҳорати офарандагии шоир ба василаи ташбеҳ низ қобили ситоиш аст:

Монанди маҳ, ки мераваду боз мерасад,
Эй осмони ман, ба саломи ту омадам.

Ва:

Дилам дар сина мехушкид мисли ранг дар тақвим,
Ту ҷои фаслҳои яъс фасли бовар овардӣ.

Чунонки таъкид шуд, ҷозибаи шеър ба тозагии тасвир алоқаманд аст. Дар офариниши тасвирҳои тоза мавқеи ташхис, ки сифати инсониро ба ғайри инсонҳо додан мебошад, хеле муҳим аст. Бояд гуфт, ки шоир дар офариниши тасвирҳо аксаран ва ҳунармандона ба ибороту таркибҳои хотирмон такя кардааст, ки бунёдашон бар санъати ташхис аст.

Адабиётшиноси шодравон Абдувалӣ Давронов зимни пажӯҳиши вазъу равандҳои адабиёти муосир ба хулосаҳои ҷолиб расида, қайд мекунад, ки «яке аз падидаҳои муҳими замони нав дар ҳаёти адабӣ, алалхусус дар шеъри тоҷикӣ, ривоҷи равияи суннатии шеъргӯӣ ва рӯ овардан ба қолабҳои суннатии тоҷикӣ» (1) аст. Ӯ ҳамзамон дар ин замина шикоят кардааст, ки ағлаби шоирони ҷавон гирифтори вазну қофия шуда, дар нигоштаҳояшон ба тақлиду умумигӯӣ ва образофаринии кӯҳна роҳ додаанд.

Боиси хушнудист, ки ба Озар, яке аз шоирони ҳунарманди насли имрӯз, муяссар шуда, ҳамин мушкили аксари ҷавонони адабиёти муосирро паси сар партояд. Воқеан, Озар ба қолабҳои суннатӣ зиёд муҳаббат дорад ва ҳамзамон, сурудаҳояш бозгӯи онанд, ки дар ғазал аз ҷумлаи ҳунармандтарин шоирони имрӯз аст. Муҳимтарин омили дастболо будани Озарро дар сурудани ғазал метавон ба дарки рисолати аслии ғазал аз ҷониби ӯ донист. Чунон ки Қайсари Аминпур шоир ва мунаққиди эронӣ таъкид дорад, асари ҳунарӣ набояд маҳсули «суннатгароии сирф ва на навгароии маҳз» бошад, «балки натиҷаи барҳурди навоварӣ ва суннат аст» Аминпур зикр мекунад, ки таҳаввул ва такомули кулли асар маҳсули иртибот ва таъсири мутақобилаи ҳамин суннат ва навоварӣ аст. Шоир Озар ин нуктаро низ хуб дарк кардааст, ки суннат ва навоварӣ дар ҳунар ва адабиёт бояд ҳамвора дар иртибот бо якдигар мавриди назар қарор гиранд, зеро, бидуни шак, таъсири мутақобила ва нақши муштараки ин ду дар бунёди шакли зеҳниву зоҳирии асар таъсиргузор аст.

Ҳамзамон мусаллам аст, ки суннат ва ҳам навоварии имрӯз аз суннат ва навоварии дирӯз фарқ мекунад ва ин маънӣ дар таҳқиқоти зиёди муҳаққиқон бозгӯ шудааст. Агар ба андешаҳои Қайсари Аминпур такя кунем, дар гузашта «ғолибан аз зовияи суннат ба навоварӣ менигаристанд ва бар асоси суннат бар арзёбии он мепардохтанд ва дар давраи ҷадид ғолибан аз дидгоҳи навоварӣ ба суннат менигаранд», аммо Озар кӯшиш дорад, бо истеъдод ва ҳунари хеш суннат ва навоварии адабиро сурат ва мазмуни хос бахшад. Масалан, истифода аз вожаҳо ва истилоҳоте, ки дар фанни шеършиносӣ роиҷ аст, амсоли «қофия», «вазн», «радиф», «маснавӣ», «ғазал» ҳазорсолаҳост, ки дар адабиёти муосири мо барои тасвир ва маъниофаринӣ ба василаи тасвири бадеӣ истифода мешуданд, ба мисли:

Қофия андешаму дилдори ман
Гӯядам м-андеш ҷуз дидори ман.

Румӣ

Имрӯз идомаи ин суннати ниёгон дар ғазалҳои шоир Озар хеле зебову тоза ба ҷилва омадааст. Бавежа, истифодаи зиёди вожаи «ғазал» дар ғазалҳои шоир хотирмон аст. Тасвири нав ва ғайриинтизор ба василаи ин вожа ба касрати истифода дар сурудаҳояш имтиёз дорад. Ин маъниофаринӣ, аввалан, муҳаббати шоирро нисбат ба ин жанр нишон медиҳад:

Набурд шеъри сапед аз дилам хаёли ғазал,
Ки бори токи азал хӯшаҳои тавфӣ аст.

Ва ҷои дигар низ мегӯяд:

Ғазал кабӯтари зебост, ҷои тасдиқ аст,
Дилам бидуни ғазал мубталои тазйиқ аст.

Сониян, ин тарзи офариниш ба диди наву модернии шоир ишора мекунад, мутаваҷҷеҳ мешавем, ки тахайюли шоир чӣ тозакориҳо кардааст:

Ғазал зи вусъати ранҷи кашида хоҳам гуфт,
Ду маснавӣ зи ду ашки чакида хоҳам гуфт.

Ва:

Таровати ғазали шабнамӣ гувоҳ бувад,
Абас насӯхта шамъи ситора дар шаби мо.

* * *

Шаб, ки меомаду маҳтоб ба пояш мерехт,
Ғазале аз лаби ҳамранги ҳиноям мерехт.

* * *

Мусофирест, ки меояд аз диёри ғазал,
Ба ғайри ишқ надорад ба кӯлбор баҳор.

* * *

Суроғи мо биё боре ба дунёи гирифторон,
Тараннум карда зери лаб ғазалҳои раҳоиро.

* * *

Наёфтам ба баёзи нигоҳи маҳрӯён
Ғазалкарашма, ки дар чашми сурмасои ту буд.

Нуктаи дигари қобили зикр ин аст, ки Озар дар эҷоди шеъри нав ба меҳвари амудии он, ки аз муҳимтарин омил ва воситаи шинохти имконоти шеъри нав аст, таваҷҷӯҳи вежа дорад. Зимнан бояд гуфт, ки муҳаққиқон дар мавриди меҳвари амудии шеър андешаҳояшонро иброз доштаанд ва агар бо хулосаҳои Абдулфазли Гулзорӣ ин маъниро баён созем: «манзур аз меҳвари амудӣ аз оғоз то анҷоми шеър аст, чи дар забон, чи дар хаёл, чи дар мусиқӣ ва чи дар аносири маънавии шеър». Шоир хуб медонад, ки вақте шеър меҳвари амудӣ дорад, ҳар яке аз аҷзои он идомаи ҷузъи қабливу муқаддимаи ҷузъи баъдӣ аст. Шеърҳои «Аллаи шаҳтутӣ», «Сарви дуо», «Падарам гандумаки гумшуда», «Гули бодом» ва дигарҳо бо ҷозибаи меҳвари амудии хеш бештар бадеият доранд. Дар ин шеърҳо эҳсос мешавад, ки шоир дар бунёди маънӣ ва тасвир пайдарҳамии зебоеро риоя дорад, ба тавре ки бо бардоштани тағйири ҷои бандҳои шеърӣ дар бинои кулли шеър раҳ пайдо мешавад. Мутаваҷҷеҳ мешавем, таъсирнокии маъниву тасвири шеъри зер бо риояи меҳвари амудӣ бештар эҳсос мегардад:

Модари ман
Дилашро рӯи дастархонаш мегузошт.
Ҳанӯз ҳам
Машоми ёдҳоям
Аз бӯи доманаш лабрез аст
Ва садои кафшҳояшро
Аз он сӯи фосилаҳо мешунавам.

Гулбастии рӯмолаш
Шукуфоии дарахтро дошт
Ва ман дар хобҳоям
Аллаи шаҳтутӣ мехӯрдам.
Ҷунбиши гаҳвора мавзун буд,
Аллаҳои модарам низ,
Пас, чӣ гуна ман бояд
Шоир намешудам?!

Модарам дар куҷо будани
Хушҳолиро медонист
Ва ҳар гоҳ, ки аз дар меомад,
Қадре аз он ба дастам медод.
Эй вой, модарам,
фаромӯш кардӣ, ки бигӯӣ
Он макон кадом аст?!

Мебинем, ки воқеан, агар дар ин шеър пайдарҳамии тасвир риоя нашавад, таъсирнокии мӯҳтаво камтар мегардад.

Яке кӯдак
Ба дасташ латтаи андӯҳ
Ғубор аз кафши бенангии мардум пок месозад.
Нигоҳаш пур бувад аз яъс,
Нигоҳаш пур бувад аз дард
Ва андешад ба ҷои қавмсолорон:
Чӣ бояд хӯрд?
Чӣ бояд кард?

Андешаҳои иҷтимоии Озар дар шеъри мазкур хеле равшан баён шудааст. Бешак, шоир нафаре аст, ки аз дарди ҷомеаву миллати хеш меандешад ва ин шӯру исён ва норизояти хешро ба шеър мерезадубо шеър мегӯяд.

Метавон гуфт, дар замони истиқлол шоирони тоҷик дар шеърашон баёни вазъи ҷомеа ва душвории замонро бо аёнҳои иҷтимоӣ фаровон ҷо додаанд. Албатта, ин падида аз рисолати шеър аст, ки дархури дарду ниёзҳои ҷомеа бошад. Ва Озар низ ин рисолати шеърро бо камоли ҳунарварӣ ба ҷо овардааст:

Шер дар ҳар қиссае, ки зикри номаш рафт,
Аз заифон пуштибон будаст.
Шер дар устураҳои куҳнаи мо ормон будаст.
Лек, эй шерони саггардида, ман дидам
Ҳайбати шериятон, афсӯс,
То ба назди устухон будаст.

Он чи гуфта шуд, нигоҳи иҷмолӣ ба намунаи ашъори шоири хушсалиқа Озар буд, ки албатта, таҳқиқи мӯшикофонаеро тақозо мекунад, аммо дар ҳошияи ин назари иҷмолӣ метавонем гӯем, ки Озар аз ҷумлаи шоиронест, ки шеъраш метавонад, аз худаш дифоъ кунад. Аз он шоиронест, ки талош дорад, рисолати воқеии шоир будан ва шеър гуфтанро ба ҷо орад.

Пайнавишт:

1. Давронов А. Нақди адабӣ ва равандҳои адабиёт.–Душанбе: Шаҳпар, 2012.–260с.
2. Озар. Ирфони ҳино.–Душанбе: Истеъдод, 2006.–112с.
3. Раҳмонов Ш. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ.–Душанбе: Адиб, 1988.–144 с.
4. Сатторзода А. Кӯҳна ва нав (Дар шеър, нақд ва забон).– Душанбе: Адиб, 2004.–254 с.

ШАБИ МАН ХИТТАИ ЛАБРЕЗИ ЗАР АСТ!
Нақди шеъри Адибаи Хуҷандӣ

Шеър аз зершохаҳои ҳунар аст, ки бо созиши ҳиссу андеша эҷод мешавад ва ҳунари интиқоли эҳсос аз тариқи каломи мавзун аст. Дар баробари ин, наср ҳунари интиқоли андеша ба тариқи каломи мавзун мебошад. Дуруст аст, ки дар ҳар ду офариниш андешаву эҳсос ба кор гирифта мешавад, аммо таърихи адабиёт собит кардааст, ки дар шеър эҳсос муқаддамтар аст ва дар наср андеша бештар мавқеъ дорад. Истеъдоди ба ҳам омадани эҳсосу андешаро дар ҷаҳони шеър уламо ҳунар унвон кардаанд, ки ин маҳорат ба чигунагии ҷаҳони шоир, нигоҳи ӯ ба шинохти воқеият ва дарки андешаҳои солим алоқаманд аст, зеро адабиёт инъикоси воқеияти зиндагӣ аст.

Чунон ки адабиётшинос ва мунаққиди шинохтаи тоҷик Сафар Абдулло мегӯяд, «шеъри нағз ҳамрози дили инсонҳост, ба дарди ҳар кас даво мешавад, мушкили ҳар касро осон мекунад» (1, 20).

Шояд аз ин ҷост, ки меҳру пайванди халқи тоҷик ҳазорсолаҳо ба шеъру адабиёт гусаста намешавад ва ин пайванд рӯз то рӯз бастагии дучандеро ба бор меорад.

Воқеан, шеъри хуб чист ва шоири хуб кист? Дар ин маврид низ Сафар Абдулло андешаҳои ҷолибе дорад: «Суоли шоир кист ва шеъри хуб чист? – суолест, ки ҳамеша пешорӯи андешамандон қарор дошт ва ба эътирофи ағлаб шеъри хуб ҳамон аст, ки завқи инсонӣ онро пазирад» ва, ҳамзамон, дар идомаи ин андешаҳо хулоса мекунад, ки шеъри хуб чизест, ки аз эҳсосот, авотифу инфиолот ва ҳолати рӯҳии соҳиби худ, аз фикри дақиқи пурҳаячон ва хуни гарми таҳрикшудаи як мағзи пурҷӯш ҳикоят кунад» (1, 41).

Воқеан, ба ин хулосаҳои ҳакимона дар мавриди шеъри воқеӣ наметавон розӣ нашуд. Бешак, шеъри нағз ҳамоне

аст, ки завқи инсонӣ онро бипазирад. Шоири хуб нафаре ҳаст, ки метавонад шеъри хуб эҷод кунад. Барои шоири хуб будан ба ҷуз истеъдоди Худодод ҳамзамон диду нигоҳ ва ҷаҳонбинии тоза лозим аст. Шоир бояд ҳамқадами замон бошад. Тавонад ҷомеаро ба дунболи хеш бибарад ва дар андешаҳои мардум таъсиргузор бошад. Таъсир гузоштан дар андешаи мардум кори саҳлу сода нест. Масъулият ва фидокорӣ мехоҳад. Дарки ҳамин нукта шоираи тозабаён Адибаи Хуҷандиро водор месозад, ки нисбат ба хеш сахтгир бошад. Нигоҳу назари худро дар баробари ташаккули ҷомеаи муосир тарбия кунад ва бозгӯи розу ниёзу дарду армони мардум гардад. Ин талоши шоира аз китоби «Ғунчаборон» (2012) ба хубӣ эҳсос мешавад. Камолоти маънавии шоира аз китоб то китоб эҳсос шуда, шоистаи таҳсину ифтихор аст.

«Ғунчаборон» китоби ҳаштуми шоира аст, ки ашъори солҳои охирро ба хонанда пешкаш месозад. «Пайғоми саҳар» (1994), «Гиряи ишқ» (1999), «Ситорачин» (2001), «Ҳичрони офтоб» (2003), «Хокистари хуршед» (2005), «Фарёди хотираҳо» (2005), «Накҳати гулҳои гумшуд» (2008) маҷмӯаҳои шеърие ҳастанд, ки то ин дам дастраси хонандагони шеъри ноб шуданд.

Ошноӣ бо шеърҳои китоби «Ғунчаборон» моро бар он бовар ҳидоят намуд, ки Адиба талоши шоири хуб шудан ва шеъри нағз гуфтанро дорад. Хурсандиовар он аст, ки ин талошҳо беҳуда нестанд:

Аз риёзоти гунаҳ меоям,
То ба ибҳоми ҳарос
Ва ба садбарги сапед, илтивои шабнам.
Ҳолиё, фурсати як чашма гиристан дорам
Аз кавири соат
Чашми ман ташнаи дидор омад (3, 50).

Чунон ки гуфтем, шеър баёни эҳсос аст, ба василаи каломи мавзун ва ироаи андеша бояд бо эҳсос омезиши зебо дошта бошад. Дар ин пораи шеър ҳамин эҳсоси ба-

ланд ва андешаи солим бо каломи мавзун хеле зебо ба ҳам омадааст. Шоира аз дарду интизориву танҳоӣ хулосаҳои ҳакимона дорад:

Мантиқи умр нигоҳ аст
ба дидори бурун аз пиндор,
дур аз ойина.
Ишқ овораи роҳи ирфон
То фалак танҳо буд.

Омезиши фалсафа ва ирфон дар ин мисраъҳо гувоҳи он аст, ки воқеан Адиба дар шинохти фалсафаи зиндагӣ ва аҳдофи ирфон қадами устуворе гузошта, дар ин росто комёб ҳам шудааст.

Дар китоб намунаи чунин руҷӯъҳои ирфонӣ ва андешаҳоии фалсафиро фаровон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст:

Пушти сар дирӯзи реҳлат карда аз дунё
Рӯ ба рӯи чашм фардо нонамоён аст (3, 96).

Ва низ мехонем:

Бомдоде, ки пур аз бобунаи ирфон аст,
мешукуфад ҳама тасвир бар он як дидор
Ва пазиройтарин оина
чӣ қадар бехабару бадбахт аст (3, 41).

Муҳаққиқ Сиёмаки Баҳромпур мегӯяд, ки пайванди ғам бо адабиёт ва, бавежа, шеър чизест, ки бисёр-бисёр ба он ишора шудааст. Воқеан шунидаем, ки адабиёт аз раҳими ранҷ зоида мешавад ва наметавон инкор кард, ки барҷастатарин ашъори ҷаҳон аз пистони ғам шир нӯшидаанд.

Ва ҳамин эҳсоси дард дар нигоштаҳои Адиба низ ба шеъраш ҷаззобӣ ато намудааст. Ҳар сатри шеър аз дили шоир руста, ба дили хонанда менишинад. Хонанда ба дард бетараф буда наметавонад. Ҳамзамон, таъкиди ин нуктаро низ зарур медонем, ки чӣ гуна баён шудани дарди шоир ва дарди ҷомеа низ дар сохтори шеър таъсиргузор аст:

Осмон реҳлат намуд аз вожаҳои чашм,
Офтобе нест,

Баъд аз ин тор аст афкорам.
Баъд аз ин нақше надорад
Оина аз килки пиндорам.
Эй саҳар, то кай намеоӣ? (3, 159).

Шоира ба хубӣ мушоҳидаашро бо андешаҳояш ба ҳам меомезад. Ӯ дардро аз маънои зоҳириаш берун кашида, ба зеҳни шеър мерезад ва, ба ин васила, ба зеҳни хонанда роҳ меёбад ва дар идома мегӯяд:

Ҳеҷ кас бар ҷангали мармузи ашъорам намеояд,
Ҳеҷ кас то осмони сабзи пиндорам нашуд боло.
(3, 161)

Ва ё ҷои дигар:

Лаҳзаҳои умри шабнам дар канори гул,
Ҳаҷми умри бовар аст, эй дӯст! (3, 107).

Мушоҳида шуд, ки шоира ба тасвир таваҷҷуҳи вежа дорад, кӯшиш мекунад тасвирҳои тоза, ҷолиб ва дар зеҳни хонанда мондании офарад. Дар ин кор барояш диди шоиронаву завқи баландаш кӯмак мекунанд. Агар гӯем, ки Адиба дар ин маҷмӯа шоираи тасвиргарост, хато нахоҳем кард. Шеърҳои ин маҷмӯа оганда аз тасовири ҷолибу хондании анд. Кӯшиши офаридани тасвирҳои ғайриинтизор ва ноб низ ба чашм мерасад ва ин кӯшишҳо то ҷое беҳуда нестанд:

Навишта номаи ёдат дилам дар сад варақ садбарг,
Бихон тасбеҳи шабнамро, куҷо субҳу куҷо шом аст.
(3, 62)

Тасвирҳои модернӣ хонандаро ба шавқ меоранд:

Торҳои анкабути набз,
Ҷони моро баста дар ин маъсият
то чанд медоранд? (3, 155).

Ва низ

Меравам рӯ-рӯи беҷода,
То ҷавори азрақи андешаи ҳичрон.
Меравам дар бистари заррини оташ
Мисли парвона.

Мефурӯзам қандили гиря,
Дар шабистонҳои макрӯҳи хаёли ту (3, 157).

Ин тасвир низ хеле ҷолиб аст ва зеҳнро менавозад:

Бод,
Риштаи умри пур аз оҳанги баргонро
мезанад микроз.
Баргҳо барчош чун тасбеҳи барканда (3, 194).

Ҳунари тасвирофарӣ ва тахайюли офариниш ба шоира имкон додааст, ки хазонрезро чунин зебо бо каломи мавзун ба завқи хонанда тақдим кунад.

Шоира аз оғози фаъолияти эҷодиаш ба офариниши таркибҳои тоза таваҷҷуҳ дорад. Аслан шоири воқеӣ ҳамин гуна бояд бошад, пайваста дар ҷустуҷӯву омӯзиш. Дар ин маҷмӯа низ бо эҷоди таркибу ибороти дарози зебо маънии дилпазир офарида шудаанд. Ба унвони намуна ба чанд таркиби офаридаи шоира мутаваҷҷеҳ мешавем: *«иблисҳои сокини қалби муҳаррамат», «шомдидори андӯҳи ту», «дар саҳоби ёдҳоям номи ту борон», «тарҷумони сухани сабзи чанорам», «нақши пои ману мо», «байти зарринвожаи мижгон»*. Мебинем, ки вожаҳо мисли занҷираи зебо пайвасти ҳунармандона ба ҳам ёфтаанд ва ин иборот ҳар кадом маънии ноберо дар худ нуҳуфта, дар офариниши тасвир хидмат мекунанд: *Зиндагӣ дар паргор, гирди худ гаштани мост; Саҳфа-саҳфа дили садбаргро медиҳам ба кафи бод; Бомдоде, ки пур аз бобунаи ирфон аст; Ресмони оҳ баста дар шохи дарахти шаб; Фасли сарди пиряхҳои дили инсон, дурдасти бекаси имон; Мешукуфад ин қадар садбарги оёт андар фитрати сабзи нигор; Чашма-чашма чашмасори меҳрубон аз нигоҳи чашм дорам; Сарҳади соат дур аз хушбахтии гулранги дидор аст*. Бешак, ин таркибҳо дар сохтори тасвири шеъри адиба нақши муаззам дорад.

Ва боз далели ин ҳама андешаи ҷадид дар қолаби куҳан:

Офияте надоштам аз дили офатофарин,
Гул ба гул аз нигоҳи ту ахтари вожа чидаам.

Дар афзоиши ҷанбаи ҳунарии шеър иборот хидмати

шоиста дорад. Дарки ин маънӣ ба Адиба имкон медиҳад, ки дар ин росто навгониҳои тоза ба тозаро тақдим созад. Офариниши ибороте, амсоли *«сураи дидор», «илтивои ранг дар соат», «даҳшатии шаб дар канори барф», «роҳи беирфони нақши пой», «оби чашму шӯрахоки роҳи танҳоии андеша», «гунбади дайҷури раҳдурӣ», «гулбаргҳои бехазони ашк», «фасли сарди пиряхҳои дили инсон», «диёри гавҳарини мазҳаби моҳӣ», «замини оҳанини дил», «дарахти гулфиони зикр», «сумани маҳтоб», «гули садбарги боғи ёд», «сураи дидор», «масеҳи офтоб», «фазои лоҷуварди дард», «боли товуси хирад»* аз маҳорат ва истеъдоди муаллиф башорат медиҳанд:

Рафтаму бо ноз гуфтам: – Шаҳриёри ман!
Роҳро бар сӯи шабҳои хиёнат мебарӣ то кай?
Гуфт: – Аъмоли ту аз ту, аз ман аст аз ман.
Гӯрҳои мо ҷудо ҳастанд!

Гуфтанист, ки андешаҳои иҷтимоии Адиба низ то ин китоб рушд ва тобиши тоза ба даст овардааст. Шеърҳояш дар қолаби зебову мунир ба иҷтимоиёт пайванд мехӯрад. Аслан шеър дар иҷтимоъ сурудаҳое аст, ки ба миёни мардум рафта ва рафторҳоро таҳти таъсир қарор медиҳад, ба нигоҳу андешаи мардум таъсир мегузорад.

Адабиётшиносони муосир бар онанд, ки шеър дар бораи иҷтимоъ, шеър аз иҷтимоъ ва шеър дар иҷтимоъ бо хусусиятҳояшон аз ҳам тафовут доранд. Чунон ки хулоса мешавад, «шеър дар бораи иҷтимоъ – шеъре, ки дар бораи мардум аз забони мардум бо забони мардум ва вежагиҳои ҷомеа суруда шудааст» (1, 8).

Воқеан, кам нестанд сурудаҳое, ки ба ҳар далел шоирон барои мардуми хеш сурудаанд. Ин сурудаҳоро метавон ба чаҳор ҳавза тақсим кард:

1. Накӯҳишу сарзаниши зиштиву нооромии ҷомеа;
2. Сарзаниши рафтори бузургманишон;
3. Таҳрики мардум ба созандагӣ ё мубориза бо зиштиву зишткорон;

4. Ҳамдардӣ бо мардум дар ғам ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ.

Аз ин дидгоҳ шоира дар «Ғунчаборон» бештар ба сурудани шеърҳои иҷтимоии дастаи дувум ва чаҳорум майл дорад. Офаридаҳояш дар мавриди сарзаниши рафторибузургманишон ва ҳамдардӣ дар ғам ва, ба ин васила, бозгӯи ҳаводиси иҷтимоӣ хеле хонданианд:

Саҳнаи холии толор ғамангез аст,
Ба назар менарасад,
Рақсҳое, ки зарангез аст
Ва тамошобинон ҳама дар бозоранд (3, 220).

Ҷои дигар барои баёни ҷанбаи иҷтимоӣ аз тасвири масоили иҷтимоӣ истифодаи ҳунармандона кардааст:

Оҳ, аз ахбори ҳавосанҷон шунидастам,
Чеҳраҳо барфию боронист,
Хиттаи ҷонҳо сияҳсард аст (3, 90).

Дар ҳақиқат андеша дар ин нигоштаҳо дар зеҳн нишинанд. Чунончи, шоира хеле содаву самимӣ мегӯяд:

Хостам дар банди худ гирам нигоҳатро,
Ҳасрато, чилкокули абрешимӣ кам буд.

Дар ин сатрҳо маънии куҳан дар тарзи баёни тоза ва, сониян, тахайюли модерну ноб ҷой дода шудааст. Ҳамин гуна тасвир ва баёни дақиқи андеша дар пораи зер низ эҳсос мешаванд:

Эй ҳанӯз аз чашмасори покии имон нишони
музтару маҳзун,
Эй ҳанӯз исми шарифи ту шараф дар хотири савганд.
(3, 190)

Ва ҷои дигар:

Як интизор дар дили шаб гиря мекунад
– Чун шамъ мемурему намеояд офтоб (3, 90).

Ва:

Биёбоне, ки дар он мақдами Маҷнуни маҳзун
Мисли девони ғазалҳо ҷовидон монда
Зи себистони хомӯшӣ

насими атрии зебоӣ
Мисоли нома меояд (3, 129).

«Мерасад хуршеди фардоҳо», «Расадхонаи ирфон», «Наҷот», «Ҳиҷрати дарё», «Нақшҳои соати дайҷури танҳоӣ», «Сӯҳбати барги сапедорӣ», «Ғуруби шишаҳои сабз» ва ғайра аз ҷумлаи ашъори хуби маҷмӯа ва намунаи маҳсули фикру табъи баланди шоирии Адибаанд.

Дар баробари ин ҳама маҳорату истеъдоди хуб мушоҳида мешавад, ки чанд пораи шеърии ин маҷмӯа ба ҷуз тасвир чизи дигар надорад, ҳол он ки дар ибтидо созиши эҳсосу андеша будани шеър таъкид шуда буд. Масалан, пораи:

Духтарак оинаро гум кард
Дигар ӯ худро намедиду намедонист.
Гул, ки беоина бемаъност, –

чандон ҷавобгӯи он андешаву фалсафае нест, ки шоира мехост баён дорад. Мақсади муаллиф низ ба хонанда мармузу печида боқӣ мемонад. Зимнан ин нуктаро мунтақидон таъкид доранд: «Шеъри хуб он аст, ки хонанда барои дарки матлаб суроғи шоир наояд». Аммо, ин нукта ба он маънӣ нест, ки бояд ба андозае сода навишт, ки хонанда ба суроғи шеъри шоир наояд. Албатта, агар шоира ин шеъри кӯтоҳро такмил медод, хубтар мебуд.

Ҷои дигар низ («Матрук») айнан ба ҳамин вежагӣ бармехӯрем:

Ғунчаҳо
гулҳо,
хазонҳо,
Аз раҳи оинаву соат гузар карданд.
Рангҳо тарки назар карданд.
Тоирон парвоз, инсонҳо сафар карданд.
Абрҳо хуршедҳоро дарди сар карданд
Ибтидоро интиҳо кардему
З-он оташ хабар карданд.

Ин сурудаи кӯтоҳ низ дар пояи он тасвиру андешаву

эҳсосе нест, ки дар шеърҳои дигари маҷмӯа аз диду ҳунари волои шоира сар задааст.

Ин андеша ба ҳеч вақҳ қимати маҷмӯаро паст намекунад. Баъди ошноӣ бо сурудаҳои «Ғунчаборон» бар он бовар расидем, ки дар воқеъ, Адиба аз маҷмӯаи «Накҳати гулҳои гумгашта» то «Ғунчаборон» ба камолоти тозаи эҷодӣ расидааст. Бахусус, дар самти тасвир дастовардҳои аҷибу ноб ва хонданиро соҳиб шудааст, ки бешубҳа, натанҳо комёбии шоира, балки дастоварди тозаи шеъри муосири тоҷикӣ аст.

Дар баёни андешаҳои ирфонӣ ва фалсафӣ низ ин китоб шоҳиди такомули ҷиддии муаллиф аст. Истифодаи ҳунармандона аз каломи бадеъ ва аносири созандаи тасвир низ қобили тазаккур аст.

Чизи дигар, ки мушоҳида шуд, тафовути сатҳи забонии ин маҷмӯа аз маҷмӯаҳои дигар мебошад. Бояд бигӯем, ки забони баъзе аз шеърҳои шоира аз ҳад зиёд академӣ шудааст. Дар баробари нигаҳ доштани рӯҳу равони забони ноби тоҷикӣ дар баъзе ашъор истифодаи вожаҳои арабӣ хеле зиёданд…

Воқеан, танҳо талош ва ҷустуҷӯҳои шоира буд, ки имрӯз маҳсули эҷодаш писанди аҳли назар гардид ва ӯро метавон чун яке аз шоираҳои соҳибсабку соҳибназар ва соҳибэҳтироми адабиёти муосири тоҷикӣ шиносем.

Пайнавишт:

1. Абдулло С. Нури сухан.-Олмоти: Дайк-пресс, 2005. – 232 с.
2. Адибаи Хуҷандӣ. Накҳати гулҳои гумгашта. – Хуҷанд: Ношир, 2008.–200 с.
3. Адибаи Хуҷандӣ. Ғунчаборон. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2012.–344 с.
4. Дубора борон: Маҷмӯаи мақолоти нахустин кунгураи шеъри иҷтимоӣ. – Теҳрон: Хуршедборон, 1387.

БО БОЛИ ПАРАСТУҲОИ ШЕЪР
НАҚДИ ШЕЪРИ ГУЛНОЗ

Чунон ки исбот шудааст, адабиёти ҳар қавму миллат баёнгари андеша, эҳсос, эътиқод, одобу русум ва ба иборате, ҷомеияти он аст, ки дар раванди замон бахше аз ҳувияти он қавму миллатро ба худ ихтисос медиҳад, яъне адабиёт аз бахшҳои муаррификунандаи ҳар миллат шинохта шудааст. Ва бо ин хулосаҳо наметавон розӣ нашуд, зеро воқеиятеро дар худ нуҳуфтаву баён месозанд.

Китоби тозаи шоира Гулноз зери унвони «Шаб дар паси ман буд» маҷмӯи шеърҳои солҳои охир эҷодшударо фаро мегирад, ки зери назари Мубашшири Акбарзод дар нашриёти «Адиб», соли 2011 интишор ёфтааст.

Ошноӣ бо ин китоби шоири ҷавони тоҷик бар он андеша мӯътақид мекунад, ки шоир талошҳои пайваста дорад, то дар адабиёти муосири тоҷик баҳри пешбурди шеър саҳм дошта бошад. Бахшҳои «Баъди як аср ту меоӣ» – дафтари шеъри сапед, «Шаб фазои гумшуданҳо нест» – дафтари чаҳорпораҳо, «Бодбонакҳои бепарво» – намунаҳо аз дафтари ғазал, «Шабамро сояи маҳтобзан буд» – намунаҳои дубайтҳое, ки хонандаро ба дунёи зебоӣ ҳидоят мекунад ва ҷаҳони ботиниву дунёи хаёлоти шоираро бозгӯ ҳастанд. Хонандаи ин китоб андаруни байт – байти шеърҳое, ки бонигоҳи тоза ва диди модерни шоир офарида шудаанд, ба дунёи муаллиф, ки саршори отифаву зебоиҳост, роҳ меёбад:

Ҳама чиз кӯчак шуд
бидуни ишқ, ки меафзуд (2,15).

Тасвирҳои шоиронаву хулосаҳои аҷиб ва андешаҳои мондагори Гулноз дар ин маҷмӯа зиёд ба чашм мерасанд. Чунончи, хеле самимӣ мегӯяд:

Хобҳо низ мураккаб шудаанд, афсӯс
Ва ба ин партави испеди сукут
Низ кам меоӣ.
Ман дигар хоб нахоҳам кард (2,14).

Бо вуҷуди содагии баён дар ин мисраъҳо хонанда самимияти хосро эҳсос мекунад, ки ин маънӣ аз зебоишиносии шоира маншаъ мегирад:

Боз танҳо будам
Ба ҳамон шакл, ки дӯстам доштӣ,
Ба ҳамон ҳаҷме, ки оғӯш накардӣ боре (2,16).

Андешаҳои Гулноз дар ин мисраъҳо андозаи танҳоиро бо ташбеҳ ба хонанда мерасонад, ки дар зеҳн монданӣ аст ва тарзи тасвир мӯҳтаворо дар зеҳн мондагор месозад. Мисраи «Ба ҳамон ҳаҷме, ки оғӯш накардӣ боре» андозаи танҳоиро баён медорад, ки воқеан ҳам шоирона ва бозгӯи ҳасрати муаллиф аст.

Тасвир дар шеър, бавежа дар шеъри нав, аз аносири муҳиму созандаи мӯҳтавост. Чигунагии тасвир ба чӣ гуна расонидани мӯҳтаво алоқаи зич дорад, ки ба сохтори шеър пайванд аст. Дар айни замон сохтори шеър ба мавзӯъ ва мавзӯъ ба вазъи иҷтимои ҷомеа вобаста аст, офариниши тасвир ба тахайюл ва маҳорати нигорандагии шоир. Ин аст, ки дараҷаи ҳунари офариниши ҳар шоир сатҳи шеъри ӯро муайян мекунад. Дар ин замина, донишу ҷаҳонбинӣ низ мавқеи аввалдараҷа дошта, дар офариниши шеър кӯмак мекунад:

Ва ҳамон қуббаи тасбеҳ, ки сад дил дорад,
ахтарон буданд (2,15).

«Ҷонам пур аз тирамаҳ аст, дастам пур аз интизорӣ» гуфтани шоира ҳам хеле ҷолиб омадааст.

Дар шеърҳои шаклан нав бозёфтҳои шоиронаро зиёд мушоҳида мекунем, ки шоиста ба таҳсинанд.

Дар ин гуна шеърҳо мӯтавову шакл бо ҳам созиши зебо пайдо карда, маънӣ дар умқи вожаҳо ҷой гирифта-

аст. Хонанда барои дарки маънӣ ва ҳикмати сатрҳои шеър бояд андеша қунад ва муҳим он аст, ки бардоштҳои ҳар нафар ба андозаи дид ва дониши худаш хоҳад буд. Гулноз дар мавриди фалсафаи зиндагӣ зиёд андеша ронда, бардоштҳои хубу хотирмон ба қалам медиҳад ва мегӯяд:

Умед
аз гузаштаҳои сабз
ҳанӯзҳои лоҷувардӣ
ва ояндаҳои беранг
Тирукамон сохт (2,28).

Ҳамин диду назарҳо ҷое чунин тасвирро офарида:

Анҷири хуршед
Дар шохсори дури уфуқ
Ғизои аккаи шаб аст (2,36).

Ин тасвири хеле дилпазир аст, бо вуҷуди кӯҳнагии саҳнаи тасвир, яъне ғуруб, ки ҳазорсолаҳо аз ҷониби шоирон ҳазор гуна ба риштаи тасвир кашида шудааст, Гулноз тавонистааст тасвири ҷолиберо пайдо кунад, ки бо тозагии хеш зеҳни хонандаро мафтун сохта тавонад.

Ҳамин гуна зебоиро дар мисраъҳои зер низ метавон мушоҳида кард:

Тоблуи ҷони ширинам
даруни зарфи чини сапедии об меларзид (2,62).

Ва ё :

Савсани намози ёд атри шаб намуд эҷод,
Эй сабо, куҷо бурдӣ мушки беҳтаринамро? (2,85)

Дар аксари шеърҳои маҷмӯа матлаб ҳаракат дорад ва аслан шеъри воқеӣ худ ҳаракат аст. Ҳаракати мӯҳтаво аз зоҳири ашё ба асли ҳақиқатҳо. Ин аст, ки гӯиши шоир ҳамвора дар матни шеър дар ҳаракат аст:

Истгоҳи сабзи як ишқ аст
Орзуи бурдани ором
Дар ҷони сабо доғ аст (2,62).

Ибрози ин нукта муҳим аст, ки дар сапедгунаҳои Гул-

ноз таъбирофариҳои ҳунармандона ва иборасозиҳо касро мутаввақҷеҳ месозанд. Чунончи, «ҷилваи абр», «соати фурсатшумори умр», «нафасгумгаштагиҳои ту», «партави испеди сукут», «партави ойинаҳои осмон», «нигоҳи хоб аз авҷи само», «ҷабри сиёҳи манҷаниқи ҳачр», «чуғрофиёи шишабанди гарми телефон», «танаффусгоҳи марги худ – даруни чашмҳои ӯ», «рӯи фикри мунаввари субҳ», «оҳанги чакидан», «ситораҳои ишқ», «дасти дурушти даҳр», «наҷоти сабз», «бистари мавҷ», «тарашшуҳи фурӯғи кӯҳсорони сапед», «чархболи ёди ту», «парниёи шом» тарокиб ва иборoти зебоеанд, ки зеҳнро завқ мебахшанд. Ва шумори намунаҳоро метавон зиёд қатори ҳам чид, ки аз фаросат ва камолоти андешаҳои Гулноз хабар медиҳанд. Ва низ:

Ҷонам пур аз тирамоҳ аст
Дастам пур аз интизорӣ (2,26).

* * *

Моҳро медонам – нусхаи танҳоии ман (2,47).

Назокати нуҳуфтаи калом дар навиштаҳои қолаби суннатӣ, бавежа ғазал низ моро ҷолиб ба назар расиданд:

Эй дуртарин хаёли ширин, наздиктарин таборат астам,
Дурию валек рустаи ту дар ҳавзи сукути чашми нобам.

Талошҳои тозагӯиҳои шоира дар ин шакли шеърӣ низ аз назарҳо пинҳон наемонанд:

Туро, ки мечакам ҳанӯз ба ибтикори ёдҳо,
Ҷаҳон ба ғам гузошта, гузаштаанд шодҳо (2,82).

Дар баробари офариниши маънӣ дар қолаби таобири ғайриинтизор набзи замон ва нигоҳи нав дар ғазалҳои шоира эҳсосшаванда аст, ки мегӯяд:

Дасту пои фурсатро бастаму сафар кардам,
Самти безамоният бо қатораи шабҳо.

Ҷанбаъҳои ҳунарии ғазалҳои Гулноз, ташбеҳоту тамсилоту кинояву рамз ва таъбироти дилангезаш аксаран нав ва ҷаззобанд, ки дар зеҳни шоира бо тахайёли нав ва диди модернӣ тарҳрезӣ шудаанд:

Он бастаи пуффаке, ки рафт аз дастам,
Тифлист, ки маҳнаварди ҳасратбор аст (2,90).

Бисёре аз ин намунаҳо, ки дар ҳақиқат шоёни таваққуф ва таваҷҷӯҳ дар ҷодаи шинохти шеъри Гулноз ҳастанд, моро ба дунёи зебову мунири шоираи тозакалому тозанигоҳ ошно сохта, бар он андеша мӯътақид мекунанд, ки Гулноз дар қаламрави шеъри муосир гомҳои устувору умедворкунанда мегузорад.

Пайнавишт:

1. Абдунабӣ Сатторзода. Куҳна ва нав. – Душанбе: Адиб, 2004. – 254 с.
2. Гулноз. Шаб дар паси ман буд. – Душанбе: Адиб, 2011. – с.
3. Муваҳҳид З. Шеър ва шинохт. – Теҳрон: Марворид, 1377. – 282 с.

ҶУСТУҶӮЕ АЗ МИСРАИ РӮЪЁ ТО РАҲГУЗОРИ ҲАҚИҚАТ

Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммади Райҳонӣ мегӯяд, ки «шоир пайёмбари мулки вуҷуд аст». Воқеан, шоирон нафароне ҳастанд, ки бо ақлу дилу нигоҳу назар эҳсоси имрӯзро ба фардо мебаранд, аз дирӯз ба имрӯз ва аз имрӯз ба фардо паём мефиристанд.

Шояд шоиреро натавон пайдо кард, ки шеъраш аз хоки асолат ва шинохти ҳастиву миллат маншаъ ва реша нагирад. Шояд шоире набошад, ки шеърашро барои фардо насуруда бошад. Ва чуноне Аскар Ҳаким хулоса мекунад, «шеър кори дил аст… он қудрате дорад ба ниҳонхонаи дилу нияти инсон раҳ ёфта, онро во намояд ва бо меъёри садоқат ба ахлоқи инсонӣ бисанҷад, ки ин кор аз дасти ҳеҷ додгустаре намеояд. Ва он ҳукми ҳамеша ва ҳукми ҳаққонист» (6, 7).

Ба назари мо, шоири хушқареҳа Нуралӣ Нурзод ҳамин масъулияти бошариро хеле хуб дарк намудааст. Ӯ шеъре месарояд, ки аз гузашта ба имрӯз омада, аз имрӯз ба фардо сафар дорад. Ва шеъраш дар ин сафари азалият муаррифии шинохти асолати воқеии шеърро ба дӯш дорад.

Ба дасти ҳаводорони шеъри ноби форсӣ расидани маҷмӯае бо унвони «Меҳроби шукуфаҳо» аз ҷустуҷӯи пайвастаи шоири ҷавони тоҷик дарак медиҳад. Мутолиаи китоби мазкур маълум намуд, ки дар ҳақиқат шоир аз «Азони танҳоӣ» (аввалин маҷмӯаи шеърҳои шоир) то «Меҳроби шукуфаҳо» ба камол расидааст ва басо талошу кӯшишҳои судманди шинохти шеъру шоириро ба ҷо оварда, қадамаш дар мулки шеъри Аҷам устувортару қаламаш бурротар ва тасвиру тахайюлаш ғанитар шуда, дар рушд ва такомули назми муосир саҳме гузоштааст.

Дафтари шеъри «Меҳроби шукуфаҳо» офаридаҳои

тозаву ноби Нуралиро ба сони «гулвожаҳои шукуфтаи гулбони шеър» ҳам дар қолаби суннатӣ ва ҳам дар шакли шеъри нав фаро гирифтааст. Ӯ кӯшидааст «дар ҳамоиши ишқ», «дар боғи бечароғи шаб» «тақтеи садо» занад ва ба «инқилоби нур» расида, «шеъри сапеди шодӣ» хонад.

Маълум аст, ки сурат ва шакли шеър ба мӯҳтавои шеър марбут аст. Алиасғари Шеърдӯст мӯҳтаворо «яке аз аносири аҷзои ташкилкунандаи шеър» медонад ва мегӯяд, ки «бо таваҷҷӯҳ ва такассури (бисёрии) мавзӯоте, ки метавонад андаруни шеър бошад, мӯҳтаво тағйири ҷузъ дар сохтмони шеър ба ҳисоб равад» (7, 75).

Муҳтавои шеър аз ду аносири асосӣ – эҳсос ва андеша сохта мешавад. Ба эътиқоди Ризо Бароҳанӣ ҳар шеър аз се унсур ба вуҷуд меояд. «Ин се амал шакли зоҳирии шеър, шакли зеҳнии шеър ва мӯҳтаво ба якдигар марбут ҳастанд ва ҳаргиз наметавон ба диққат онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кард» (2, 96).

Шеърҳои маҷмӯаи «Меҳроби шукуфаҳо» аз он ки ҳамин се унсури воқеии шеърро риоя кардаанд, хеле ҷаззоб ва хонданӣ эҷод шудаанд.

Шакли зеҳнии шеър мӯҳтавои шеър нест, балки ҳаракати мӯҳтавост, таъсири мазомини шеър ба шакли зеҳнии сурудаҳо аст. Шеър он вақт хуб садо медиҳад, ки мӯҳтавояш ҳис ва андешаро созиш дода тавонад. Нуралии Нурзод кӯшиш кардааст, ки аз зоҳири ашё ба асли ҳақиқат роҳ ҷӯяд ва дар шеъраш ба созиши эҳсосу андеша мушарраф шавад. Ӯ мегӯяд:

Шаби зимистонӣ
Шаби сукути шодиям
канори ҷилвазори зулмати
ғамистони хобҳо.
Шабе, ки
беди сармохӯрда меларзид
танҳоиро

ва ранҷ
фарёди маро то кӯчаи абрҳо мебурд…. (4, 4).

Мутаваҷҷеҳ мешавем, ки чӣ гуна дар саропои ин мисраъҳо эҳсос ва андеша бо ҳам созиши зебо доранд ва ҳеҷ яке муқаддамтар аз дигаре нест. Ва ин созиш дар коргоҳи хаёли шоир бо тахайюли ғанӣ ба ҳам рехта шудааст. Бахусус, мисраъҳои «Шабе, ки беди сармохӯрда меларзид, танҳоиро ва ранҷ фарёди маро то кӯчаи абрҳо мебурд…» шоиронаанд ва метавон гуфт, ки мисраъҳои калидии шеъри фавқ мебошанд. Сеҳри тахайюли ин мисраъҳо дар он аст, ки метавон аз онҳо чанд маънӣ бардошт.

Вусъати тахайюли шоир аз бод ҷунбидани дарахтро дар шаби зимистон бар он маънӣ расонидааст, ки дарахт на аз боди сард, балки аз тарси танҳоӣ меларзад. Шоир ба василаи чунин тасвир даҳшати танҳоиро ёдрас мешавад. Ба андешаи мо, дарахти бед гуфтани шоир ҳам ишора бар таъкиди танҳоӣ аст, зеро дарахти бед ниҳолест, ки бор намеоварад, вале аз чӯби он гавҳора месозанд ва дар баробари ин чӯби бед асои рӯзи азост. Яъне, ҳамеша танҳо будани бед таъкиди мӯҳтавои асл аст. Мӯҳтавову маънӣ ва шакл дар ин мисраъ ҳамҷоя ҳаракат мекунанд. Хулосаи ин мисраъ низ дар ёд монданист, зеро шоир мегӯяд, «ранҷ фарёди маро то кӯчаи абрҳо мебурд». Маънии «*ранҷи танҳоӣ маро гирён мекунад*» ҳамин гуна зебо тасвир шудааст. Маҳорати шоир ҳам дар он аст, ки бе истифодаи вожаи «гиря» ишора ба «гиря кардан» мекунад. Маълум аст, ки аз абр борон мерезад ва боронро гиряи абр ҳам мегӯянд ва шоир бо баёни ҳамин матлаб аз гиря кардан ва ғами беандоза сухан мегӯяд.

Ҳамин гуна тасвири зебои ин маъниро дар шеърҳои зер низ пайдо кардан мумкин аст:

Мерезам
аз шаршараи фарёд
бар дӯши бехудии худ… (4, 8).

Ва:

Барф меборад
ғуссаборишро зи чашми осмон
ба ҳоли ман бо дард,
дар мурури соати беинтиҳои буданам
дар кӯчае аз боғи танҳоӣ (4, 19).

Дар шаклҳои тозаи шеърӣ бозёфти шоирона ва хаёли шоир асоси бадеият ва заминаи шеърро ташкил медиҳад. Дар анвои шеъри нав корбасти тахайюли бадеӣ нисбат ба санъатҳои бадеӣ бештар аст ва дар ин гуна нигоштаҳо шоир барои баёни тахайюл аз воситаҳои тасвири бадеӣ истифода мебарад:

Ин соат
Лабрез мешавам
Чакра-чакра паймонаи интизориро
менӯшам ҷуръа-ҷуръа гулоби фароғатро…(4, 9)

Ё

Зиндагӣ сурати як навъ хурӯши дард
Кӯчабоғи яъс,
хонаи беишқ,
кулбаи торики танҳоӣ…

Дар ин шеърҳо санъати такрор ва ташбеҳ дар эҷоди тасвир корбурди зебо пайдо карда, «шеъри нав» равиши зебое ёфтааст.

Борҳо таъкид кардем, ки ҷанбаи иҷтимоӣ-оммавӣ, ҷанбаҳои публитсистӣ ва сиёсӣ яке аз омилҳои инкишофи равишҳои шеъри нав мебошанд. Бинобар он, шеъри озод ва ҷанбаҳои сиёсиву иҷтимоӣ бо ҳам пайванди наздик доранд ва инъикоси вазъияти иҷтимоии давра боиси афзудани маҳбубияти ин навъи шеърӣ байни хонандагон гардидааст. Намунаи чунин шеърҳо низ дар эҷодиёти шоир зиёд дида мешаванд:

Фосиларо мехезам
Аз коргоҳи худ

То ба хона
Он ҷо ки фаромӯшии рӯшанӣ
Ва хомӯшии газу барқ аст.
Субҳони Аъзамзод ҳам мегӯяд:
Нафаси лӯлаҳои хонаи ман ҳам ях кардаанд
Яъне, зиндагӣ бе об аст
Одат кардам (4, 33).

Масоили иҷтимоӣ, ҳаводиси иҷтимоӣ ҳамчун унсури тасвирсоз дар шеъри Нуралии Нурзод зиёд истифода мешавад. Чунончи:

Ин ҷо
нишемани осмони ғамҳост
ва фурудгоҳи ҳавопаймои андӯҳ.

Ё

Фанни ишқро додам бо баҳои ду санҷиш,
Аҷзи кашфи ирфонам бурда фарри мактабро.
(4,78)

Ва низ

Садои занги мобилам
маро… бар манзили хуршед мехонад.

Дар шеъри дигар

Нав шудан мечархад замонаро
дар тафаккури роёна (4, 18).

Ин гуна намунаҳои шеърӣ, ки бунёди тасвираш бар масоили иҷтимоӣ асос ёфтааст, дар маҷмӯаи мазкур бо касрати истифода имтиёз доранд.

Беҳтарин намунаи ҳунармандонаи ҷанбаи иҷтимоӣ барои офариниши тасвири ғайримунтазира шеъри «Тӯфони Нӯҳи пиндор» аст. Дар шеъри мазкур шоир барои баёни андешаи фалсафиаш ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ рӯй овардааст. Тасвири иҷтимоӣ шакли зеҳниву зоҳирии шеърро ҷозибаи бештаре додааст:

Саҳар бо фикри ширин нӯш кардан
як қадаҳ чойи кабуди талх

Ва як финҷони пур аз қаҳваи андӯҳи танҳоӣ
Ба умеди чароғонии зулматшоми озармоҳ
Раҳи бозор мегирам…
Даруни вусъати бозори Паншанбе
ба рӯи растаҳо сад гуна қанду курс,
яъне омили ширин намудан зиндагӣ доранд
бо пероҳани чиниву эронӣ (4, 54).

Ҷанбаи иҷтимоӣ дар вожа-вожаи шеъри «Тӯфони нӯҳи пиндор» эҳсос мешавад ва шояд то имрӯз зиёда шоирон ҷанбаи иҷтимоиро ба сифати василаи тасвири шеър истифода мекунанд. Чунин тасвирҳои шоиронаву ҳунармандона ба василаи истифодаи масоили иҷтимоъ дар шеъри Доро Наҷот, Фарзона ва Гулноз зиёд ба чашм мехӯранд, ки далели вуруди бемайлони иҷтимоиёт ба шеъри муосир аст. Чунончи, Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона мегӯяд:

Гармии бозор аст.
Гуна-гуна сухани зарби қадамҳову нафасҳо
ба ҳам омехтаанд.
Лек якбора аз анбӯҳи садо
Як садои шиносу нарм ҷудо шуд, ба гӯши ман омад:
– Хоҳарҷон, вусмаи тар намехарӣ?
Ва ман нигоҳ мекунам. Устодам.
Ин зани ҷандапӯш дӯш ба мо
Дарси кимиё медод.
– Устод, шумо ҳам ба бозор омадед?
– Зиндагӣ…
Посухи ӯ содаву кӯтоҳ аст… (5, 107).

Маҳорат ва завқи баланди шоирии Нуралии Нурзод имкон додаст, ки ҳамин гуна воқеоти одитарин ва мушкилоти рӯзмарраи мардумро зебо ба тасвир кашад ва гӯяд:

… Занги телефун аз фаросӯ медиҳад ово:
Баркро куштанд…
Чои талхи ғуссаам бо қаҳваи андӯҳ
Бе қанди садоқат сард мемонад…

Рӯшании охирини фонуси боварро
Мири шабҳои замона мекунанд хомӯш…(4, 55).

Албатта, ҷанбаи иҷтимоӣ ва истифодаи нодурусти он ҳамчун василаи тасвир метавонад шеърро аз нигоҳи бадеияти кул ва мӯҳтавои олӣ ба сатҳи поён фарорад, аммо бояд таъкид кард, ки чунин ҳолат танҳо дар сурате рух медиҳад, ки шоир шеър ва иҷтиморо бо ҳам созиш дода натавонад ва ҷанбаи иҷтиморо ба хитобаву даъватҳои бемаврид бадал намояд, зеро ҳаяҷоне, ки тавассути хитоба ангеза меёбад, зудгузар аст.

Дарки ҳамин маънӣ ба Нуралии Нурзод имкон додааст, ки шеърҳои хуби иҷтимоӣ эҷод кунад ва гӯяд:

…Торикӣ тасвири изҳори таҷаллои Худовандӣ
дар хати пиндорҳои сӯфиёни қарни бисти як
Фикри мо занҷирбаста
дар хаёли тугмаҳои гунгу беэҳсоси роёна.
Ишқи колое даруни растаи оинабанди
маркази савдои Номус аст… (4, 14).

Шеърҳои «Тақтеи садо», «Инқилоби нур», «Занги фаромӯшии дард», «Завқҳо пир шуданд», «Дареғи ҳанӯз», «Дар боғи бечароғи шаҳр», «Шинохти модернӣ», «Адами садоқат», «Нӯшбоде ба милоди гули баҳман» дар маҷмӯа аз беҳтарин ашъоре ҳастанд, ки бо ҷолибии тасвирҳои шоиронаашон имтиёз доранд.

Бахши дигари маҷмӯаи «Меҳроби шукуфаҳо»-ро ғазалҳои тозаэҷоди шоир фаро гирифтаанд. Ин қисматро муаллиф «Рӯзи шанбе боз борон мерасад» унвон гузоштааст, ки фарогири 58 ғазали ноб аст. Маҳорати шоирии Нуралӣ Нурзод дар ин бахш низ шоистаи таваҷҷуҳ аст. Шоир дар ин самт низ кӯшиш дорад, ки бо риояи қавонини ҳазорсола дар эҷоди ғазал тозакорӣ намояд. Агар ба бовари муҳаққиқ Муҳаммади Носир такя намоем, «шеъри куҳани порсӣ дар ҳудуди ҳазор сол қабл дарун ва беруни худро аз ҳар навъ тағйиру таҳаввул ҳифз карда, бар се пояи аслӣ

устувор будааст:

1. Сурат ва қолаб ё сохтори берунии шеър, яъне қолабҳои махсус ва риояи авзони арӯз ва низ қофияву радиф.

2. Забони махсуси адабӣ, ки шеърро аз забони рӯзмарра ва илмӣ мутамойиз месохт.

3. Маънидор будан, бояд шеър маъниву мафҳум дошта бошад» (3, 13).

Дар ғазалҳои Нуралии Нурзод дар баробари риояи ин се пояи аслии бунёд ҷустуҷӯҳои фардии муаллиф эҳсос мешавад. Шоир ба бадеияти тахайюл ва образ, тасвир ва диди шоирона таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа дорад, мӯҳтаворо дар тасвир омезиш додааст, аз санъатҳои бадеӣ фаровон истифода бурда, ба хасоиси жанрии он зиёд таваҷҷӯҳ намудааст. Вазн, қофияпардозӣ, офариниши радиф дар офаридаҳои ин қисмат риоя шудаанд.

Ғазалҳои «Даруни ҳуҷраи шаб ҳайрати чашми саҳар дорам», «Ҳасрати ёди ту ойинабадасти саҳар аст», «Ё зиёда медонам, ё ки сахт нодонам», «Як нафас дилро ба ишқ омил кунам», «Як ғазал сафар кардам рӯи роҳи оянда», «Турнаи вақт мепарад сӯи адам чи бошитоб», «Ғазал мегиряд андӯҳи бахуноғуштаабгорам», «На ҳавои гиря дорам, на дареғи шодмонӣ»-ро метавон намунаи беҳтарин офаридаҳои дафтари ғазали ин маҷмӯа унвон кард. Ошноии беш бо ашъори шуарои классики форсу тоҷик ва пажӯҳиши мӯшикофона дар ин самт дар эҷоди ғазалҳои тоза таъсири мусбат гузоштаанд. Шоир ғазали «Фурсати андешаро таҳрики нав шояд дигар»-ро бо матлаи «Як мижа роҳ аст аз мо то ба айвони фалак, Шавқ бар домони ҳиммат даст месояд дигар» (4, 77) ҷамъбаст мекунад.

Мӯҳтавои кӯтоҳии умрро ҳазорсолаҳост, ки шоирон тасвир мекунанд. Беҳтарин тасвирро дар ин маънӣ Бедил офаридааст, ки мегӯяд:

Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст,
Фурсати умр ҳамин миқдор аст.

Нуралии Нурзод бо ишора ба ҳамин тасвир тасвири тозаи дигаре офаридааст. Бешак, мисраи «Як мижа роҳ аст аз мо то ба айвони фалак» то ҷое ба матлаби Бедил қаробат дорад, аммо тарзи ифода дигар. Шоир кӯшидааст, ки ҳамин тасвирро бо шеваи зебое идома диҳад.

Ҳамин гуна ишора ба тасвир дар байти зер ҳам мушоҳида мешавад:

Дарки рафтанат, эй дӯст, осмони фарёд аст,
Кӯҳсори ғамҳоям бесутуни Фарҳод аст (4, 75).

Дар бахши «Баҳори сабзи истиғно фаро рас…» рубоӣ ва дубайтиҳои дар солҳои охир эҷодшудагирд омадаанд ва далолат бар он доранд, ки шоири тоҷик Нуралии Нурзод ҳам дар эҷоди шеърҳои модернӣ ва ҳам дар эҷоди қолабҳои суннатӣ муваффақ аст ва аз маҷмӯа то маҷмӯаи дигараш ба комёбиҳои хуби эҷодиву камолоти ҳунарӣ расидааст.

Дар дафтари эҷоди Нуралии Нурзод талош ва кӯшишҳои муваффақона барои сароидани шеъри воқеӣ эҳсос мешавад, ки шоистаи таҳният ва ифтихор аст.

Пайнавишт:

1. Акбарзод Ю. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав. Мақолаҳо.–Душанбе: Адиб, 2004.–198 с.
2. Бароҳанӣ Р. Тилло дар мис. Дар се ҷилд.–Теҳрон: Фирдавсӣ, 1371.
3. Носир М. Шеъри муосир, маънову мавзӯъ ва таҳаввул.–Теҳрон, 1382.
4. Нурзод Н. Меҳроби шукуфаҳо.–Хуҷанд: Ношир, 2010.–140 с.
5. Фарзона. Мӯҳри Гули мино.–Хуҷанд: Ношир, 2006.–400 с.
6. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан.–Душанбе: Ирфон, 1982.–224 с.
7. Шеърдӯст А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик.–Душанбе: Адиб, 1997.–272 с.

ЯК ЧАМАН АНДЕШАҲОИ САБЗ
Дар нақду баррасии маҷмӯаи Нуралӣ Нурзод «Такрори таронаи борон»

Ин маҷмӯа шеърҳои тозаэҷоди шоири хушзавқро фаро гирифта, бо мутолиаи он хонанда метавонад бо сисилаи ашъори сапед ва ғазалҳову чаҳорпораҳои дилнишини муаллиф ошно шавад. Зимнан бояд гуфт, ки «Такрори таронаи борон» савумин маҷмӯаи шеърҳои шоир баъд аз «Азони танҳоӣ» (Хуҷанд, 2005) ва «Меҳроби шукуфаҳо» (Хуҷанд, соли 2010) аст.

Номи Нуралӣ Нурзод ва ҳунару истеъдоди зотии ин шоири хушсалиқа аз ҷониби мутахассисони соҳа дар даҳсолаи ахир тавсиф шудааст. Ӯ ҳамчун шоири умедбахш, вориди адабиёти тоҷик шудааст. Аз нахустин маҷмӯааш «Азони танҳоӣ» миёни хонандагон маҳбубияти хосро соҳиб шуд, зеро чунонки Суруш мегӯяд: «Замони Нуралӣ дар шеъраш пайванд бо имрӯзу дирӯзу дигаррӯз аст» ва душвор аст розӣ нашудан бо ин гуфтаҳои Суруш, ки «андешаҳои ӯ (Нуралӣ Нурзод) масали мурғи хонагӣ мунҳасири фазову замони танге нест, балки чун паррандаи хуршед баландпарвоз ва нурбору нурболу равшаноивусъат аст» (4, 3). Шеъри Н. Нурзод бо баёни модерн ва тахайюли ғайриинтизору ноб хонандаро мафтун сохта, зеҳни зебоипарасти ӯро навозиш мекунад. Шоир мегӯяд:

Мушти дилам барои ту афшурда мешавад,
То фурсате, ки даст диҳад раҳми Кирдугор (4, 64).

Мусалламан дарунмояи шеърро ҳар шоир аз аносири фарҳанги ҷомеаи худаш ихтиёр мекунад ва албатта, чигунагии вазъи ҷомеа ба чӣ гуфтани шоир сахт таъсиргузор аст, ин аст, ки шеъри ҳар шоир хонандаро бо фазои иҷтимоии замони худ ошно месозад.

Дар шеърҳои маҷмӯаи нави Нурзод низ рӯҳи замон

инъикоси воқеӣ пайдо кардааст ва шоир кӯшиш дорад, ки дар хаёл, забон ва аносири маънавии ашъораш замонӣ бошад:

Бо худу лабтобу танҳоӣ
Дар миёни хучраи сокит
Мебарам поён ҳамон коре, ки медонӣ.
–Хез маҷмӯи васоилро ба худ бардору боз о
ҳолиё, то дафтари кории ман.
Як пиёла чои сабзи вақтро ҳамроҳ менӯшем (4, 17).

Медонем, ки шеър маҳдудияти мавзӯӣ надорад ва метавонад тамоми мазомини мавриди назари шоирро дар бар гирад ва муҳим нест шеър дар кадом қолаб гуфта шудааст. Агар шоир ҳунарманд аст ва истеъдод дорад, метавонад ҳам дар қолаби суннатӣ ва ҳам дар шаклҳои нави шеър мазомини гуногунро бо баёни тоза ба хонанда расонад. Ин гуна баёни ҳунармандонаро дар силсилаи шеърҳои маҷмӯаи «Такрори таронаи борон» зиёд мушоҳида кардан мумкин аст:

…Аз барои лаҳзаҳое, ки ҷавонмарганд
Сӯгнома менависам.
Ҳайф аз фурсат!
Оҳ аз марги замон!
Дар интишори як чаман андешаҳои сабз рӯи мавҷи бод,
Боз ҳам сад оҳ! (4, 26)

Ва низ шоир маънии баландро бо баёни тоза дар қолаби суннатӣ чунин гӯяд:

Як рӯз он мусофири андешаҳои сабз
Бар деҳаи муҳаббати ман мир мешавад (4, 65).

Шоир дар маҷмӯаи севуми худ аз яъсу дард, ки дар ду маҷмӯаи қаблӣ ҳузури бештар доштанд, канорачӯӣ карда, ба дарки фалсафаи ҳастӣ талош намудааст, ки умеди шоир сабзтар гардад.

Агар дар «Меҳроби шукуфаҳо» бо дард ин мисраъҳоро зам-зама кунад:

Нигоҳат мехарошад осмони шодии дилро,
Кунун аз дидагони абри ҳасрат ғусса мешорам.
Ба марги лаҳзаҳо аз дасти ишқи хеш мегирям,
Надорам боварӣ гӯӣ дили нуроние дорам (3, 67).

Дар «Такрори таронаи борон» мегӯяд:

Эй беҳтарин таҷассуми рашки ситораҳо,
Бар он чӣ нест, ғам махӯр, фардост интизор (4, 64).

Бо ин ҳама навҷӯиву навгӯиву навпардозиҳо шоир тамоми эҳтиромро бар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ қоил аст ва аз нигоштаҳои намояндагони он илҳоми тоза мегирад ва дар пайравӣ ба қалами устодон замзама мекунад. Чунончи, шикоят аз бевафоиҳои даҳр ва номеҳрубониҳои бонуи зиндагӣ зиёд аз ҷониби устодони сухан бозгӯ шудааст. Аз ҷумла, Хоҷуи Кирмонӣ гуфта:

Дил дар ин пиразани ишвагари даҳр мабанд,
К-ин арӯсест, ки дар ақди басе домод аст.

Ҳамзамон ҳамин маъниро Хоҷа Ҳофиз чунин гӯяд:

Мачӯ дурустии аҳд аз ҷаҳони сустниҳод,
Ки ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст.

Авҳадии Мароғаӣ дар ин маънӣ чунин тасвир мекунад:

Мадеҳ ба шаҳди дунё инони дил зинҳор,
Ки ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст.

Бо илҳом аз ин суханварони мумтоз Нурзод мегӯяд:

Арӯси даҳр мепӯшад сари ҳар лаҳза тӯри нав,
Шумори ҷумла домодаш ба рӯзе садҳазорон аст.
(4, 58)

Дар сурудаҳои маҷмӯа таъсири сабки ашъори Абулмаонӣ Мирзо Бедил дар зеҳни хаёлпардози Нуралӣ Нурзод бештар ба мушоҳида мерасад. Эҳсос мешавад, ки шоир ба Бедил, ба ин шаҳаншоҳи маъниофару тасвиргари адабиёти форсӣ муҳаббати хос дорад. Ин таъсирпазириро бештар дар эҷоди таркибвожаҳои шоир мушоҳида мекунем, ки «ғуссаобшеб» (ғусса+об+шеб), садоқатношиносӣ (са-

доқат+ношинос+ӣ) ва амсоли инҳо корбурди фаровон доранд. Мо ин адешаҳоро зимни таҳлили ду маҷмӯаи қаблӣ низ изҳор дошта будем, аммо аз шеърҳои маҷмӯаи «Такрори таронаи борон» эҳсос мешавад, ки шоир бо ин таъсирпазириҳо рушд карда, шахсияти худро ҳамчун шоир камол бахшидааст. Гуфтан бамаврид аст, ки ин таъсирпазирии шоир аз Бедил тақлиди маҳз набуда, дар коргоҳи равиш ва сабки хосаи муаллиф мушоҳида мешавад ва таҷассуми рӯҳи замон дар андешаҳои шоир ин вежагии ҳунарии Нуралӣ Нурзодро тақвият медиҳад. Нурзод мегӯяд:

Гуфтаву мегӯӣ қиссаи базебатро,
Шарра-шарра мешорӣ, ғуссаобшебатро.
Эй баҳори фаррухпай, як даҳан бигӯ то кай,
Дери дер мехонӣ шашмақоми себатро? (4, 69).

Дар шеърҳои маҷмӯа маъниҳои ирфон ва фалсафаи зиндагӣ низ қувват гирифтааст, ки бешубҳа, аз равнақи ҳунарии шоир шаҳодат медиҳад:

Чист бедорӣ, намедонӣ?
–Ғафлат аз худ дур кардан,
Зиндагӣ дар кӯҳи огоҳӣ
Шоха-шоха қад кашидан то
Фарози шохаи сарви саодатмашраби ирфон…
(4, 8)

Ва ҷои дигар мегӯяд:

Дар миёни тобае аз боғ
қад кашида як дарахти дигари бодом,
ки мағзи он басо талх аст, талхи заҳр.
Аммо дар ҷилав бигрифтани дарде,
ки дармонаш ба душворист,
талхии ин мағз ширин аст (4, 13).

Баёни тазоди зиндагӣ дар мисраъҳои мазкур ва фалсафаи ачибе, ки аз ҳар баде некеро метавон шинохт ва дарёфт, бо санъати тазоду муқобала хеле ҳунармандона ба шеър интиқол ёфтааст.

Дар пораи зер андешаи ҷолиби гӯяндаро мушоҳида мекунем:

Дигар шикоят аз сари ранҷиданам макун,
Ғайр аз ҳадиси нағзи ту бад низ гуфтанист,
Оинагӣ тариқати мо ҳаст аз азал,
Бо ман бигӯ, азизи ман, ҳар чиз гуфтанист.

(4, 22)

Дар ин маҷмӯа шоир ба вожаи «боғ» зиёд таваҷҷӯҳ дорад. «Боғи дил», «боғи ойина», «боғи фаромӯшӣ», «боғи зардоят», «боғи пурдарахт», «боғи ғам», «боғи рӯзгор», «боғи лаҳза» аз ҷумлаи ибороте ҳастанд, ки ба василаи ин вожа эҷод шудаанд. Чун боғ сарчашмаи сабзишу ободӣ аст, метавон ба натиҷа расид, ки дар сурудаҳои шоир умед, орзу, дарки зиндагӣ, бовари фардо ҷои яъсу ноумедиҳоро гирифтааст, ки дар ду маҷмӯаи аввал зиёдтар ба чашм мехӯрданд. Чунончи, шоир мегӯяд:

Маншин ба кунҷи узлату ирфону орзу,
Рӯ-рӯи мавҷи шавқи худ заврақсавор шав.

Ва низ хотиррасон мекунад:

Субҳи имрӯз
Бо шеъри наве оғоз хоҳам кард-
Бо шеъри сапеди рӯз
Боғи лаҳза атрафшон аст,
Ҳар нафас боди само аз ҳафтшаҳри ишқ
Мерасонад пайки нуронӣ,
Завқи будан дар дили акнун,-
Яъне аз бари домони субҳи нав (4, 25).

Яке аз вежагиҳои дигаре, ки маҷмӯаи нави шоирро нисбат ба маҷмӯаҳои қаблӣ фарқ медиҳад, истифодаи ҳунармандонаи радиф дар ғазалҳо мебошад. Шоир дар аксар маврид аз ибораву калимоти ғайриинтизор ва таркибҳои рехташудаи мардумӣ истифодаи зебо дорад:

Паймонаро лабрез кун, имрӯз рӯзи бад набуд,
Дилро тарабангез кун, имрӯз рӯзи бад набуд.

(4, 72)

Радифҳои «даст задему по задем», «буду гузашт», «карду рафт», «муборак бод, бод» ба офариниши маънии баланд ва таъмини тасвири зебо хидмат кардаанд.

«Такрори таронаи борон» бо нам-нами тахайюли ноби шоир як чаман андешаро сабз карда, хонандаро ба боғистони маънӣ мебарад.

Пайнавишт:

1. Муваҳҳид З. Шеър ва шинохт.–Теҳрон: Марворид, 1377.–292 с.
2. Нурзод Н. Азони танҳоӣ.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2005.– 120 с.
3. Нурзод Н. Меҳроби шукуфаҳо.–Хуҷанд: Ношир, 2010.–140 с.
4. Нурзод Н. Такрори таронаи борон.–Хуҷанд: Ношир, 2013.–212с.
5. Шарифов Х. Шоир ва шеър.–Душанбе: Адиб, 1998.–218 с.
6. Шамисо С. Нигоҳи тоза ба бадеъ.–Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1370.–362 с.

ОҒОЗИ ЗЕБОИ ПАЙРОҲАИ МУНИР

Бо шеърҳои аввалин китоби шоири ҷавон ва хушсалиқа Фирдавси Аъзам, «Абрҳои обӣ» (2011) замоне ба унвони муссаҳҳеҳи ин китоб аз наздик ошно гаштам. Аллакай он замон дар зеҳни ман тасвирҳову гуфторҳои шоиронаи ин ҷавони ҷӯянда таъсири зебое гузоштанд ва ман, ки ба шеъри муосир ва, бавежа, ба ҷанбаҳои ҳунариву иҷтимоии он таваҷҷӯҳ дорам, хостам ин барги сабзи шоири навқаламро аз нигоҳи мухтассоти адабӣ низ омӯзам. Маҷмӯаи мавриди назари мо 33 шеърро дар бар гирифта, аз 80 сафҳа бо ду хат – кирилӣ ва форсӣ таркиб ёфтааст.

Фирдавси Аъзам аз шогирдону пайравони хуби шоир ва адабиётшиноси соҳибназар Нуралӣ Нурзод аст ки маҳорату кӯшишҳои ӯро мавсуф дар пешгуфтори маҷмӯаи нахустин дафтари шеъраш таъкид намудааст: «Танҳо таваҷҷӯҳ ба номи маҷмӯа кофист, ки ба ҳузури андешаҳои шоирона ва таҷаллии ҳунари шоирӣ дар сурудаҳои Фирдавс бовар ҳосил кунем». Зимнан, бино ба ёдоварии муҳаққиқ «самбули абр, бавежа абрҳои обӣ маншаъ дар устураву боварҳои оғозини мардуми мо дорад ва он ҷо ҳам ба ҳамин абрҳои обӣ чун тимсоли сарчашмаи самар, ҳосил ва неъмату зиндагӣ арҷ гузошта мешуд. Ин абрҳои обии пиндори Фирдавс ҳам зотан мушобеҳи ҳамон абрҳои асотирӣ ҳастанд, ки аз бухори оби зиндагӣ, ишқ, иҷтимоъ, дарки фалсафаи рӯз обистан шуда, ҳамеша шеъру андеша ва тафаккуру маърифат меборанд» (2,4).

Воқеан, мутолиаи навиштаҳои шоири ҷавон, нукоти ҷолибу зеҳннишин ва ҳарфҳои зебову андешаҳои дилнишин маро ба иншои ин назарҳо ҳидоят кард.

«Рӯҳи замон ва маърифати пешрафтҳои модернии ҷаҳони муосир мӯҷиби он гаштааст, ки новобаста аз қолабҳои суннатӣ ва нави шеър тафаккури ҷадид ба ашъори

Фирдавси Аъзам ворид гардида, тозагии фикру андеша ва шеваи баёни ӯро таъмин намояд. Ин таҷаддуди фикриву маънавиро дар қолаби шеъри суннатӣ ҳам ҷойгузин намуда, он ҷо ки мефармояд:

Зери чатри бекарони лаҳзаҳо
Зиндагӣ холӣ зи чуну чанд буд.

Таркиби «чатри бекарони лаҳзаҳо»-ро ҳам тасвир ва ҳам маънии тозаест, ки аз андешаҳои сарояндаи он бархоста ва таҷаллие аз маърифати замони навро сурати шоирона бахшидааст» (2,5).

Ҳамин гуна таркибҳои тозаро дар нигоштаҳои шоир зиёд пайдо кардем, ки зеҳнро навозиш мекунанд ва аз диду нигоҳи тозаи муаллиф башорат медиҳанд. Хонанда аз тасвире, ки аз таркибҳои «хаймаи сабр», «нақше аз нури гули моҳ», «шаҳри поки муҳаббат», «ҳавзаки хотираҳо», «сарои хуршед», «насими сабз», «айнаки хушбинӣ», «азамати нигоҳ», «дуди гули сигор», «умқи баҳри бехудӣ», «хиёбони булӯрини пур аз отифаҳо», «чашмони чори панҷара», «шишаи хотираҳо», «атри гули моҳи шабрав», «хони сукут», «деви зулмати танҳоӣ», «лашкари бемеҳри абр», «нури гули хуршед», «садои пои хобҳо» эҷод шудаанд, ба олами зебоӣ раҳ мебарад.

Дар маҷмӯа шоир кадом мавзӯъҳоро ба тасвир мекашад?

Дар ин нигоришот ба мавзӯоти доғи рӯз, тафсири муаммои иҷтимоӣ, эҳсоси ишқу шарҳи отифаҳои равонӣ бештар эътибор дода, тараннуми зиндагӣ ва ситоиши модар менамоянд. Муаллиф кӯшидааст сурудаҳояшро аз доираи якнавохтиву якрангӣ берун барад ва ҷаҳоншиносиву ҷаҳонбинияш дар ин роҳ бар ӯ кӯмак кардаанд.

Кӯшиши ворид намудани андешаҳои фалсафӣ ба шеърҳои ин маҷмӯа бозгӯи онанд, ки воқеан, дар роҳи эҷод шоир гомҳои ҷиддӣ ниҳоданист.

Ин фармудаи раҳнамоии Ризо Бароҳаниро, ки мегӯяд

«ҳаргиз набояд як андешаи фалсафиро ба таври сареҳ вориди шеър кард, балки эҳсоси як андешаро гирифт ва нохудогоҳона дар миёни ашё партофт» (1,107), метавон дар мисраъҳои ғазали «Пинҳоншуда» ба мушоҳида гирифт, ки намунаҳои хуби падидаи таваҷҷӯҳи муаллиф ба фалсафаи зиндагӣ аст:

Як олами мастурае дар ҳастиям пинҳон шуда,
Ё раб, бигӯ, ман кистам, як мушти хоке ҷон шуда?!
(2, 58)

Албатта, дар адабиёти порсӣ ин маънӣ ва фалсафаи шинохти ҳастӣ борҳо тасвир шуда ва ин тасвиру андеша низ хеле хотирмон сурат гирифтааст:

Ҳам Мусиву Исо манам, ҳам Одаму Ҳавво манам,
Ман худ намедонам киям, аз баҳри чӣ инсон шуда?
(2, 58)

Дар мақтаи ғазал низ хулосаҳои амиқи фалсафӣ ғунҷоиш ёфтаанд:

Бо ишқ комил гаштаву дар ишқ зоил мешавам,
Чун ишқ дарси муршиде аз мактаби ирфон шуда.
(2, 58)

Андешаҳо дар ин байтҳо идомаи ақоиди фалсафӣ ва таваҷҷӯҳи муаллиф оид ба шинохти ҳастиву марг ва пайдоиши коиноту инсон аст:

Оҳ Мавлоно, биё, рақсе кунем,
Ман намечархам дар ин бозорҳо!
То бидонам: кистам ё чистам?
Зери по бинҳодаам инкорҳо (2, 26).

Таваҷҷӯҳи шоир ба иҷтимоъ ва пайванд задани ҷанбаи иҷтимоӣ бо шеър аз вежагиҳои дигарест, ки зимни ошноӣ ба шеъри шоири ҷавон ба назар расид. Мусаллам аст, ки адабиёт ва иҷтимоиёт бо ҳам пайванди ҳамешагӣ доранд ва тазоҳури таҳаввулоти тозаи адабӣ бар авомили сиёсӣ ва фикрии ҷамъият марбут аст, зеро шоири ҳақиқӣ аз халқ ва шеъри воқеӣ аз ҳодисоти зиндагӣ ҷудо буда на-

метавонанд.

Иҷтимоиёт мавзӯъест, ки яке аз бузургтарин неъматҳои офаридгори ҷаҳон – зисти иҷтимоии инсонро дар бар мегирад. Инсон бидуни зиндагии иҷтимоӣ наметавонад ниёзҳои моддӣ ва маънавиашро бартараф кунад. Воқеан ҳам, агар амиқан хулоса кунем, шеъре, ки аз авзову аҳволи иҷтимоӣ дур аст ва коркарди иҷтимоӣ надошта бошад, хаёлбофие беш нест. Ҳар шоире, ки бар нақши инсонӣ ва ҷойгоҳи иҷтимоии шеър арҷ гузоштааст ва рисолати инсониву иҷтимоиро аз вазифаи адабиёт медонад ва дар асари хеш ҳадафҳои инсонӣ ва иҷтимоиро пеш мегузорад, ҳамеша шоири муваффақ будааст.

Гуфтанист, ки бурузи иҷтимоиёт дар шеър рӯз то рӯз эҳсосшавандаву намоди ҳузури иҷтимоиёт дар шаклу шеваҳои гуногун шоиста ба таваҷҷӯҳ аст. Воқеан, имрӯз дар ҳавзаи адабиёти муосири тоҷик намоди беҳтарини нигоштаҳои иҷтимоӣ ба назар мерасанд. Ин шохаи шеъри муосир дар шеърҳои Фирдавси Аъзам намоди хуберо ихтиёр кардааст. Мутаваҷҷеҳ мешавем:

Ё раб, ин афроди нокасро чӣ шуд?
Ҳарчи мехоҳанд ба мо, он мекунанд.
Миллати ман бар алайҳи ин ҳама,
Оқибат донам, ки тӯфон мекунанд (2, 22).

Дар шеъри дигар аз бузургони миллат ва муносибат ба аҳли илму фарҳанг бо дареғ ёд мекунад ва мегӯяд:

Дареғи Айниву аллома Дониш,
Бузургонро ҳаме террор карданд.
Бухороро бухори об карда
Ҳазорон рахна бар девор карданд (2, 22).

Шоир дар пазириши иҷтимоие, ки дар шеъраш эҳсос мешавад, пайваста бар он мекӯшад, ки гиреҳҳои печ дар печи зиндагии мардумро дар қаламрави андешаҳо бо хулосаву бардоштҳои ҷолиб бозкушояд. Шоир кӯшиш дорад шеър ва, бавежа, шеъри иҷтимоиро ба асолати худ бирасо-

над ва шарафёб ба ҳадафе гардад, ки зимни сурудани ин мӯҳтаво бар назар гирифта буд:

Дар хиёбонҳои шаҳри ношинос
Зери борон меравад ҷӯгиписар.
Бо тани урёну чашми интизор
Хира бар ҳар шайъу бар ҳар раҳгузар (2, 68).

Миёни инсонҳо «Банӣ Одам аъзои якдигаранд» яке аз маъруфтарин шиорҳост ва, умуман, дар ҷавомее, ки зиндагони он «одамӣ ва одамиёнанд», бардошт ин аст, ки инсонҳо ба ҳамдигар, бахусус, бар ятимон меҳр варзанд ва ин шоистатарин фазилати инсоният ва қонуни ҳамзистӣ бояд бошад. Аммо, агар инсоне баландҳиммат ва ормонгаро бо чашмони ҳайратзадаи худ бубинад, ки чӣ гуна кӯдаке зору мӯҳтоҷ аст ва коре накунад, пас чӣ суд аз фарҳанги мардуми мо?! Шоири ҷавон ҳамин маъниро хеле бамаврид ва ҳунармандона дар тасвироти худ истифода мекунад ва мегӯяд:

Аз чӣ ин кибру ғурури одамӣ?
Аз чӣ ин беэътиноиҳои мо?
Гар банӣ Одам бувад аъзои ҳам,
Пас куҷо шуд ин ҳама даъвои мо?! (2, 68)

Ин таваҷҷӯҳ ба масоили иҷтимоии ҷомеа ва пайванди ҳунармандонаи он ба шеър моро хушбин месозад, ки Фирдавси Аъзам дар ин самт бо талошҳои пайгираш метавонад муваффақ бошад.

Тасвир, тасвиргарӣ ва поэтика аз аносири муҳиму созандаи шеър аст. Тахайюл, диди шоирона ва ковишҳои ҳунармандона шеърро ба асолат наздик мебарад, ки сухани пурмаънӣ дар ороиши перояи зебост. Унсурҳои тасвирсоз дар сурудаҳои маҷмӯаи мавриди назар хубу хотирмон сурат гирифта, хонандаро завқ мебахшанд.

Баҳрамандии фаровон аз санъатҳои бадеӣ, амсоли талмеҳ, ташбеҳ, таҷнис, такрор, таззоду муқобала шеърро хонданӣ ва дар зеҳн мондани сохтаанд, ки чанд байтеро ба

унвони намуна манзур медорем.

Истифодаи хуб аз санъати талмеҳ:

Фитнаи ишқи Зулайхоро нигар,
Юсуфи маъсум зиндон мекунанд (2, 20).

Тазоду муқобала:

Оҳро дар сина зиндон мекунам,
Ашкро дар дида пинҳон мекунам.
Хандаро бар рӯи лаб бинҳодаву
Ғуссаро дар сина гирён мекунам (2, 24).

* * *

Хору гул дар чашми ошиқ як бувад,
Гул шукуфон мешавад аз хорҳо (2, 14).

Ташхис:

Ба гӯши ҳар ду дидаам садои пой мерасад,
Садои пои хобҳо зи ҳар куҷой мерасад (2, 62).

* * *

Зи дасти ёдҳо дигар ҷудо макун, ки ин замон
Ба пеши ҳар ду дидаам Хуҷастарой мерасад (2, 62).

* * *

Борон меояд
Ва панҷаҳояш
Шишаро мешӯяд (2, 48).

* * *

Мурғи дил аз боми хона пар кашид,
Холӣ шуд аз дона чун анборҳо (2, 32).

Тахайюли ҷолиб дар ин мисраъҳо ба назар мерасад:

То наяфтад сояе бар корҳо,
Ишқ моро худ ҳазориспанд буд (2, 14).

* * *

Дигар намерасад хабар аз шаҳри ишқи ту,
Пои дилам ба дастаи занҷир мешавад.
Дидам шабе ба хоб ки бекафш будаам,
Ин хоби ман бигӯ ту, чӣ таъбир мешавад? (2, 18).

Ҳамчунин шеърҳои сапед дар қолабҳои кӯчак низ ба

хонанда завқ мебахшанд. Пӯшида нест, хонандаи замони муосир, ки бо тараққии босуръати фановарӣ дар бархӯрд аст, имрӯз бештар ба навиштаҳои ҳаҷман хурд ва дорои маънии бузург таваҷҷӯҳ дорад. Сурудани қолабҳои кӯчаки шеър аз шоир ҷаҳонбинӣ ва истеъдоди вежаро тақозо мекунад, зеро дар ҳаҷми хурд ғунҷоиш додани маънии зиёд, он ҳам бо тасвирҳои дилпазир кори чандон осон нест. Чанд сурудаи кӯтоҳе, ки дар маҷмӯа хондем, шоистаи тақдиранд:

Пушти он кӯҳ, ки номаш ишқ аст,
Шаҳраке ҳаст ба номи эҳсос
Ва хиёбони булӯрини пур аз отифаҳо
Хонаи мо онҷост (2, 34).

Дар ин суруда ҷолибтарин нукта тахайюли шоир аст, ки тасвири ғайриинтизорро ба вуҷуд овардааст. Гунҷоиши ин қадар маъниву эҳсос дар чанд мисраъ башорат аз диди модернии муаллиф медиҳад. Ин зеботарин сурудаи кӯтоҳи маҷмӯаи «Абрҳои обӣ» аст.

Дар мавриди дигар низ ҳамчунин тасвирҳои ҷолибро метавон назора кард:

Ман
Кавири ташнаам,
Эй абри меҳрубон,
Дар зери соям бигир,
Шояд…
Насими сабз бар пайкарам давад (2, 54).

Ин навгароиву навандешиҳо аз аввалин нигоштаи ҷавоншоири тоҷик аст, ки шамими тароват ва созандагӣ аз вожа-вожаҳои он ба машоми зеҳн мерасад.

Ҳамзамон бояд гӯем, ки тасвир ва аҳдофи шоир дар сурудаи кӯтоҳи «Як шабе» чандон равшан нест. Шоир ин ҷо хостааст, ки тасвирҳои модерниву фалсафиро ба ҳам омезиш диҳад ва аз танҳоӣ бигӯяд, аммо, ба андешаи мо, тасвир ба он андозаи дилхоҳ ва шоиста эҷод нашудааст.

Дар ин суруда хонанда ба осонӣ наметавонад дарк кунад, ки шоир чӣ гуфтан мехоҳад. Албатта, ин ба ҳеҷ ваҷҳ қимати дигар шеърҳои китобро поён намекунад. Аммо аз болои ин шеър дубора кор кардани шоирро маслиҳат медодем.

Ба андешаи мо, аз нигоҳи тасвир ва маъниву мӯҳтаво ғазали «Панҷара» аз беҳтарин ғазал мебошад, ки бо тасовир ва тахайюли офариниш ба куллӣ аз дигар навиштаҳо фарқ дорад. Дар ғазали мазкур вазн, қофияпардозӣ, офариниши радиф хуб риоя шудааст.

Ин ғазал дар фироқи модар ва ситоиши муҳаббати модар суруда шудааст.Ҷолиб аст, ки шоир барои тасвири мавзӯи миллионсола (тараннуми зан-модар аз рӯзи аввали ҳастии адабиёт мавзӯи муҳимтарин барои аҳли қалам буд) тахайюли ғайримунтазира ва тасвири тозаро ихтиёр кардааст. Агар мутаваҷҷеҳ шавем, дарк мекунем, ки чӣ қадар дар офариниши ғазал ҳунарманди баръало аст. Тасвирҳо аз зоҳири ашё ба зеҳнҳо мераванд. Воқеияти як тасвир, ки нафаре пушти панҷара нишаста, ёди модар мекунад, хеле зебову тоза ба қолаби ғазал рехта шудааст. Радифи ғазал «панҷара» ду маъниро ифода мекунад. Якум, ҳамон панҷараи воқеӣ ва, дувум, худи муаллиф, ки дардҳои худро аз забони панҷара бозгӯ кардааст:

Дар пушти шишаҳо нафаре ҳаст интизор,
Модар, бубин ту синаи афгори панҷара.

Дар ин байт мисраи «Модар, бубин ту синаи афгори панҷара» метавонад далели гуфтаҳои боло бошад, яъне, манзур аз «синаи афгори панҷара» ҳамон дилафгории нафари пушти панҷара аст. Ҳамзамон аз мисраи мазкур ин маъниро метавон бардошт, ки дилафгории он нафар ба андозае аст, ки ҳатто синаи панҷара аз дидани он реш-реш мегардад. Тасвир ин ҷо бо камоли ҳунарварӣ эҷод шудааст:

Ин ҷо сукути хонаи ман пора мешавад,
Фарёди синасӯз бувад кори панҷара.

Ва ҳамчунон ошиқонаву шоирона мегӯяд:

Модар, канори панҷараам шеър мешавӣ,
Эй поктар зи домани ашъори панҷара!

Байти мақтаъ он қадар тасвири тоза ва дилошӯб дорад, ки хотири хонандаро навозиш мекунад:

Он қадр ёд кардамат, мекашам кунун
Ман дасту пои фосила бар дори панҷара (2, 74).

Ҳарчанд Фирдавси Аъзам дар оғози роҳи «дарозояш аз ҳазорсолаҳо убуркунанда» қарор дорад, шеърҳои хубаш ба амсоли «Тасвир», «Панҷара», «Танҳоӣ», «Писари русто», «Навои ной», «Дуди гули сигор», «Ғурур», «Милоди ман», «Ҳичрони модар», «Сарнавишт», «Ҷунун» башоратгари оғози зебои пайроҳаи мунир аст.

Мо, таманнои онро дорем, ки ин шоири умедбахш бар дунёи шеъри асил минбаъд низ бо ҷасорат ва ҳунармандона қадам бигзорад.

Пайнавишт:

1. Бароҳанӣ Р. Тилло дар мис. Дар се ҷилд.– Теҳрон: Фирдавсӣ, 1371.
2. Фирдавси Аъзам. Абрҳои обӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2011.–80 с.
3. Хоҷаева М. Масъалаҳои сабкшиносӣ.–Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1994.–223 с.
4. Шамси Қайси Розӣ. ал-Мӯъҷам.–Душанбе: Адиб, 1991.–464 с.

ДАР ХИЁБОНИ ШЕЪР

Нигоҳе ба сурудаҳои Фирдавси Аъзам – шоири ҷавони тоҷик

Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар шумори қадимтарин ва бонуфузтарин адабиёти ҷаҳон қарор дорад ва шеъри форсӣ маҳбубтарин назми дунё аст. Шоирони номвари адабиёти пургановати форсӣ баҳри ворисон осори бебаҳое ба мерос гузоштаанд. Насли нави адибон талош доранд, ки дар баробари меросбари арзандаи гузаштагони хеш будан дар назму наср тозакорие бикунанд. Дар ин росто фақат талошу омӯзиш, истеъдод ва диду тахайюли модерн зарурат дорад. Хушбахтона, зумраи соҳибистеъдодон миёни насли нав кам нестанд.

Фирдавси Аъзам аз шоирони ҷавони ҳавзаи Хуҷанд аст, ки тоза ба майдони адабиёт ва шеъру сухан ворид шуда, талош дорад, ки шеъри хуб гӯяд ва шоири навгӯву навҷӯ бошад. То имрӯз ду маҷмӯаи шеъраш бо номҳои «Абрҳои обӣ» (Хуҷанд, 2012) ва «Як бағал ғазал» (Теҳрон, 2014, бознашр- Лондон, 2015) дастраси ҳаводорони шеър гардидаанд.

Дебочаи ишқ

Дар нақди шеъри ҳамаи шоирон пеш аз ҳама ба ду пурсиш посух ҷустаанд. Шоир «чӣ мегӯяд?» ва «чӣ тарз?» мегӯяд. Мусалламан, зимни ҷустани суоли «чӣ мегӯяд?» ба мӯҳтаво ва мавзӯи шеър таваҷҷӯҳ мешавад. Суоли «чӣ тарз мегӯяд?» бештар бо ҷанбаи ҳунарии осори шоир сару кор дорад. Ҷанбаи ҳунарӣ дар навбати худ мазмунофарӣ, тасвир ва тасвиргариву сувари хаёлро бар домон дорад. Зимни ошноӣ бо «чӣ мегӯяд?» ва «чӣ тарз мегӯяд?»-и шоир мо метавонем арзиши воқеии ҳунар ва истеъдоди фитрии ӯро мушаххас созем.

Маҳорату истеъдоди шоири ҷавон Фирдавси Аъзам имрӯз то ҷое аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ эътироф шуда, аз ҷумла ба ҳузури андешаҳои шоирона ва таҷаллии ҳунари шоирӣ дар сурудаҳои ӯадабиётшиноси номвари тоҷик Нуралӣ Нурзод дар оғози маҷмӯаи нахустин дафтари шеъри ӯ ишора кардааст (2, 4). Шоири эронӣ Меҳдии Баҳманӣ соҳиби маҷмӯаи «Як бағал ғазал»-ро «шоири шӯридаҳол» дида, ки «ғами мардумони ҳамрӯзгораш дағдағаи дақоиқи ӯст» (3, 11). Адабиётшинос Умриддин Юсуфӣ аз маҳорати нигорандагӣ ва талошҳои пайгиронаи ӯ дар роҳи шеъри дуруст гуфтан истиқбол намуда, менависад, ки «Фирдавс дар оғози роҳи шоирӣ қарор дорад, шеъраш гуворою равон аст. Ҷустуҷӯ ва тозакориҳои адабиаш дар заминаи равандҳои умумии адабиёти имрӯзи тоҷикӣ ба вуҷуд омадаанд» (6). Дар бардошти муҳаққиқ ҳарчанд шоир дар ғазалсароӣ нисбатан ҷавон аст, аммо андешаҳо, тарзи тасвир ва баёни ӯ тозагиҳо доранд. Дар ин навъи шеър кор кардан басо душвор аст, вале шоир саъй меварзад, то аз таҷрибаи ғазалнависони муваффақи адаби порсӣ бештар омӯзад ва сухани худро гӯяд» (6).

Албатта, шеъри ҳар шоир қолаби эҳсосу андеша ва тафаккури ӯст. Ҳамин эҳсос ва тафаккур ба авзону қофия, забону баён ва сабки шоир таъсир мегузорад ва шеъраш дар заминаи мулоҳизаҳои зеҳниву зоҳириаш шакл мегирад. Ин аст, ки як мавзӯъ дар шеъри ҳар шоир бо рангу гунаҳои пуртафовут халқ мешавад. Масалан, ишқ мавзӯи аввалияест, ки дар осори ҳамаи шоирон мавқеъ дорад, аммо тарзи баёни мавзӯъ, тасвиру офариниш, дарунмоя ва эҳсосҳои шеър аз ҳам фарқ мекунанд, агарчанде барои баёни андешаҳо шуаро як забон ва қавонини ягонаро истифода мекунанд. Пас, метавон гуфт, тарзи корбурди воситаҳои шаклӣ ва аносири ҳунарӣ ба эҳсос, тафаккур ва диди шоирона сахт марбут аст. Ҳатто як мавзӯъ дар осори як шоир ба сад рангу тасвиру офариниш ҷилвагар мешавад. Ҳар шоир анде-

ша ва ҷаҳонбинии хос дорад. Бо пазириши ин ҳақиқат, ки ҳунари офариниш кори зеҳнии ҳар ҳунарманд аст, таъкиди ин нукта низ ҳатмист, ки ба ҳунар рӯҳи замон таъсиргузор аст. Рӯҳи замон ба ҷаҳони шоир, сабк ва услуби баён таъсир мегузорад ва аз сӯхтанҳо ба сохтанҳо ҳидоят мекунад.

Зовияи андеша ва асолати мӯҳтаво

Ҳар шоире, ки ба гузашта ва ояндаи адабиёт эҳтиром мегузорад ва дар талоши иҷрои рисолати азалии илму адаб аст, ба он мекӯшад, ки сабк ва услуби хосеро мушаххас созад.

Сабк ва услуб – забон, баён ва андешаи хоси ҳар шоир аст, ки дар шеъраш шакл мегирад. Ин нукот шеъри шоирро аз дигарон фарқ мегузорад. Тасвир, тасвиргарой ва сувари хаёл аз аносири муҳиму созандаи шеър аст. Тахайюл, диди шоирона ва ковишҳои ҳунармандона шеърро ба асолати аслиаш, ки сухани пурмаънӣ дар ороиши перояи зебост, наздик мебарад. Дар ин замина унсурҳои тасвирсоз дар адабиётшиносӣ ба унвони каломи бадеъ қабул шудаву қавонини худро дорад. Ин нукоти муҳим дар сурудаҳои Фирдавси Аъзам хубу хотирмон сурат гирифтааст, ки хонандаро завқ мебахшад:

Хирмани зулфи туро бод ба ҳам мерезад,
Бод дар мӯи парешони ту меҳан дорад (3,53).

Шоир ба ҳангоми мазмунофаринӣ аз санъати бадеӣ, амсоли талмеҳ, ташбеҳ, таҷнис, такрор, тазоду муқобала корбурди ҷолиб намудааст, ки шеърашро хонданӣ ва монданӣ сохтаанд:

Дебои ишқ менашиносӣ чаро азиз?
Вақте ки ишқ тӯҳфаи арзандаи Худост (3,31).

Дар ин байти басо содаву дилнишин мо эҳсоси латифу мондагори шоирро мебинем, ки бо ҳунарвариаш ба хонанда бори дигар ҳақиқати зиндагиро ёдрас мешавад, ки ишқ аз меҳрубониҳои Худост ва ҳадяи гаронарзиш барои

бандагонаш аст. Агар дар оғози шоҳроҳи эҷод як шоири ҷавон ба ин самимият ва зебоӣ ин воқеияти азалиро маърифат карда, ба тасвири ғайриинтизор ба қолаби ғазал рехтааст, метавон фардои мунирero аз оғози ин роҳ интизор шуд. Ҷои дигар шоир ҳамчунин ошиқона мегӯяд:

Ханда кардиву ман аз зовияи лабхандат,
Ҷазбаи тозаи лабханди Худоро дидам.

Корбурди ҳунармандона аз санъати тазоду муқобала дар байти зерин низ ба мушоҳида мерасад:

Қалбҳомон беҳарорат, синаҳомон сарди сард,
Манбаи гармии дил ҷуз оҳи оташбор ку? (3,65)

Дар назари аввал чунин мерасад, ки офариниши тасвир дар ин байт рабте ба санъати тазод надорад, аммо мутаваҷҷеҳ бояд шуд, ки чӣ қадар андешаи шоир бо ин санъати бадеӣ пайванди нозук ёфтааст. Лабрези оҳи оташбор будани синаҳои сард тазоди аҷиберо дар ин байт ба намоиш мегузорад.

Ин гуна тасвир дар байти зер низ ба чашм мерасад:

Хомӯшаму даруни худам дод мезанам,
Андар сукути хешаму фарёд мезанам (3,33).

Шоир бо мазмунофаринии дилнишин, ки дар заминаи тахайюл ва диди шоирона сохта шуда ва аз нигоҳи нави ӯ маншаъ мегирад, кӯшиш дорад, ки шеърро ба асолаташ наздик кунад.

Ғазали «Борон» аз муваффақтарин ғазали маҷмӯаи «Як бағал ғазал» аст, ки бо камоли ҳунарварӣ эҷод шуда, вазну оҳанги (фаалоту, фоилотун, фаалоту фоилотун) хуш ва дилнишин дорад. Дар зеҳну зоҳири абёти ғазал ҳузури тахайюли ғании муаллиф эҳсос мешавад:

Ғазале нависам имшаб, ғазале барои борон,
Ҳамаро ба рақс орам ба таронаҳои борон (3,37).

Фирдавси Аъзам дар бештари навиштаҳои худ ба асолати мӯҳтавои шеър таваҷҷӯҳ дорад, тасвирро аз ҳадди андеша берун мекашад. Яке аз ҳунарҳое, ки боис ба

пойдории калом ва номи шоир мешавад, истеъдод дар истифодаи дурусту ҳунармандонаи забон мебошад. Дар ин радиф завқу табъи суханвар нақши калидӣ дорад. Шоир тавассути завқу салиқаи хеш бо омӯзиши мутуни гузаштагон ва забони ҷомеаи ҳамзисташ метавонад аз вожаҳо таркибҳои наву дилнишин офарад ва, ба ин васила, ҳунари баёни андешаро нав созад. Ин вежагӣ дар ашъори Фирдавси Аъзам бо касрати истифодаи ҳунармандона ба мушоҳида гирифта шуд. Шоир барои офариниши тасвири ноб таркибҳои тозаро дар нигоштаҳои хеш зиёд ба кор гирифтааст, ки зеҳнро навозиш мекунанд. Бешак, ҳузури зиёди тарокиби дилангезу шоирона аз диду нигоҳи тозаи муаллиф башорат медиҳад. Хонанда аз тасовире, ки ба василаи таркибҳои ҷолиб эҷод шудаанд, ба олами зебоӣ раҳ меёбад. Чунончи, «мактаби сухан», «оинсиратони замон», «оҳанги ёд», «духтари шаб», «ашки қалам», «шаҳомати борон», «тӯҳфаи арзандаи Худо», «ҷуғрофиёи дард», «дарди иҷтимоъ», «дарди дурӣ», «дарди ишқ», «дарду доғи замон», «дарди Ватан», «пои борон», «навои борон», «дуои борон», «дастони санг», «хирмани зулф», «шишаҳои хотира», «дасту пои фосила», «шаби мӯ», «издиҳоми бекасӣ», «обистани андӯҳ», «шаҳри поки муҳаббат» аз тарокибе ҳастанд, ки дар эҷоди маъниву тасвири ноб хидмат кардаанд.

Дар баробари ин, ӯ дар навиштаҳои хеш, бавежа дар ғазалҳояш ба арзиши бадеӣ, динӣ, таърихӣ ва асотирӣ эҳтиром меорад ва дар маънисозӣ аз ин арзишҳо фаровон истифода мекунад.

Нигоҳҳои шоирона бар ойинаи нигоҳ

Вожаи «нигоҳ», ки дар луғат чашмандозӣ барои дидан маънӣ шудааст, дар адабиёти мо аз маҳбубтарин вожаест, ки шуаро барои тавсифу ситоиши он ҳунарпардозии бемислу монандеро анҷом додаанд ва имрӯз низ ин вожа ҳамчун серкорбурдтарин унсури тасвирсозу маъниофар

ҷойгоҳ ва маҳбубияташро нигаҳ медорад. Ин аст, ки Фирдавси Аъзам дар мазмунсозиҳояш нигоҳҳои дилпазири мухотабро бо шеваҳои нав ба ҷилва меорад:

Метарсам аз таҳоҷуми сайёди дидаҳот,
Дар чашми оҳувонаат оё паланг нест? (3,63)

Дар ин байт тасвири ғайриинтизору тахайюли ноби шоирро мушоҳида мекунем, ки мӯҷиби офариниши маънии баланд бо диди нав шудааст. Дар ин мазмунсозӣ аз ҷозибаи нигоҳи чашмони ёр сухан ба миён рафтааст. Маънӣ низ бо диду назари нав пешкаш шудааст, яъне ҳамон шӯру ҳаяҷоне, ки аз нигоҳи чашмони маъшуқ ба бор меояд, бо чунин тасвир омезиши ёфта, байти хуберо эҷод кардааст. Дар ин байт мо бо тахайюли шоирона рӯ ба рӯ мешавем ва тасвири ҷолиберо пайдо мекунем. Шоир бо камоли ҳунарварӣ нигоҳи ошиққуши ёрро тараннум мекунад. Воқеан, садсолаҳост, ки дар адабиёти мо чашмони ёр ба «чашмони оҳу» нисбат дода мешавад ва вожаи «сайёд» барои офариниши тасвир корбурди зиёд дорад. Чунончи:

Чӣ хуш сайди дилам кардӣ, бинозам чашми мастатро,
Ки кас мурғони ваҳширо аз ин хуштар намегирад.

Ҳофиз

Камони сахт кӣ дод он латифбозуро,
Ки тири ғамза тамом аст сайди оҳуро.

Саъдӣ

Зи беморӣ надорад чашми ӯ парвои дил бурдан,
Вале дар сайди дилҳо панҷаи шер аст мижгонаш.

Соиби Табрезӣ

Бо илҳом аз мероси гаронбаҳои гузаштагон шоири ҷавони тоҷик аз унсури тасвирофар – санъати ташбеҳ корбурди ачиб намудааст, тахайюли шоирона ва диди муосир аввалан «дидаҳо», яъне чашмонро ба «сайёд» нисбат медиҳад /«метарсам аз таҳоҷуми сайёди дидаҳот»/. Дар мисраи дувум ҳамин «чашм» ба чашми оҳу нисбат меёбад / Дар чашми оҳувонаат/ ва нигоҳи чашмон ба ҳамлаи «па-

ланг» монанд мешавад. Агар мутаваҷҷеҳ шавем, дар баробари «ташбеҳ ва истиора» дар дарунмояи ин тасвир «тазод» низ ҳунармандона ба кор рафтааст. Шоир гуфтанист, ки ман аз сайёди дидаҳот, яъне нигоҳи чашмонат, ки рӯҳу равон ва қарори маро ба шикор гирифтааст, метарсам. Ва дар лобалои ҳуҷуми палангсифати чашмони оҳумонанди ту бечора ҳастам. Оҳу ва паланг бояд, ки дар муқобили ҳам қарор бигиранд ва иттиҳоди ин ду ғайриимкон аст, аммо дар ҷаҳони тахайюли Фирдавси Аъзам оҳу ва паланг ба ҳам омадаанд, то шикори дили фигори ёр намоянд /Дар чашми оҳувонаат оё паланг нест?/. Ҳамзамон тазоди дигаре таъсири тасвири ин байтро бештар намудааст. Маъмулан, оҳу сайди паланг аст, ин ҷо сайёд бо сайд низ иттиҳод дорад. Ин тасвир бешак, ғайриинтизору ҷаззоб аст ва аз навпардозии шоири ҷавон башорат медиҳад.

Дар тасвири дигар шоир аз нигоҳи ёр овози ширине мешунавад, аз ҳарфҳои бесадои чашмон лаззат мебарад, аз як дидор хушҳол аст ва бо шавқ мегӯяд:

Менавозад рӯҳро дидори гарми чашмҳот,
Як нигаҳ ширинии овоз дорад чашми ту (б).

Даъфаи дигар аз нигоҳи маъшуқ тоҷикона ашъори нағзи Хоҷа (Ҳофиз)-ро мехонад, ошиқона зебоӣ ва ҷилои чашмонро ба гулшану гулгашти мусаллои Шероз нисбат медиҳад. Сувари хаёли шоир бо истифодаи ҳунармандона аз санъати ташбеҳ, талмеҳ ва нигоҳи нав ҳунармандона ҷилва меёбад:

Дар нигоҳат хондаам ашъори нағзи Хоҷаро,
Ҷилваҳои гулшани Шероз дорад чашми ту (б).

Дар идомаи ситоиши чашмони мухотаб хонанда бо байти бисёр ҷолиб ошно мешавад. Шоир аз нигоҳи ёр бӯи хуше пайдо мекунад ва ин атри ғазал аст:

Мебарад атри нигоҳат ақлу ҳушамро, магар
Шишаи атри ғазалро боз дорад чашми ту? (б)

«Атри нигоҳ« ва «шишаи атри ғазал» дар ин тасвир

аз тахайюли ҷадиди шоир дарак доранд, ки барҳақ дар офариниши тасвир ҳунармандона истифода шудаанд.

Ҷои дигар нигоҳи ёр манбаи илҳом ва халққунанда аст. Шоир бар арзишмандии нигоҳ савганд мехӯрад:

Аз нигоҳи ту ғазалҳои равон мерезад,
Ҳар нигоҳат ба Худо арзиши гуфтан дорад (3,53).

Дар байти зер шоир бо таъбири «пои нигоҳ» тасвири ҷолибе офаридааст:

Рад мешавӣ миёни хиёбону аз қафот,
Пои нигоҳи раҳгузаронат давиданист (6).

Ва низ:

Чун Худо дид, ки аз ҳар назаре нектарӣ,
Дар нигоҳат караму лутфу ҳаё рехта аст (6).

Нигоҳи маъшуқ дар сарзамини тафаккур ва тахайюли шоир тамомии шаб ошиқонро ғазалхон мекунад. /Ошиқонатро тамоми шаб ғазалхон мекунӣ/, пеши нигоҳи махмури дилбар шаробҳои ҷаҳон шарманда ҳастанд /Шарманда мекунӣ ба нигоҳе шаробро/ ва аз зовияи нигоҳи он ғамгусор ҳама ҷаҳон дар назари шоир нек менамояд /Аз нигоҳи ту тамошои ҷаҳон нектар аст/. Ҳамин гуна тасвирҳои дар ойинаи нигоҳи шоир зиёд ба назар мерасанд, ки сутуданист.

«Шоири оинаҳо»

Аз борикандешиву хаёлпарварии шоири ҷавон дар қаламрави эҷод танаввӯи вожаҳои ашъораш гувоҳанд, вале бо ин ҳама мушоҳида мешавад, ки Фирдавси Аъзам ба бархе аз калимот муҳаббати бештар дорад, дар офариниши таркибҳо ба калимаҳои «Оина», «Ғазал», «Сабз» ва «Чароғ» имтиёзи бештар медиҳад. Ба вежа, ба вожаи «Ойина» зиёд ишқ меварзад. Чунон ки медонем, ойина василаи тасвири софу беғаши ҷисмҳост. Маҳз ҳамин мушаххасоти оина аст, ки дар адабиёти мо чун тимсоли ҳақиқату покӣ ва бериёӣ дар тасвир ба кор гирифта мешавад:

Ойина чун нақши ту бинмуд рост,
Худ шикан, ойина шикастан хатост.

Низомӣ

Ойинае бигиру тамошои хеш кун,
Сӯи чаман ба азми тамошо чӣ меравӣ?

Ҳилолӣ

Ман аз дилбастагиҳои ту бо ойина донистам,
Ки бар дидори худ, эй тозагул, ошиқтар аз мой.

Раҳии Муайярӣ

Шоири ҷавони тоҷик дар ин росто низ ҳунарсанҷӣ намуда, ба офариниши таркибҳои дилнишин даст ёфтааст. Ибороте аз қабили «шонаҳои ойина», «чашмҳои ойина», «дили ойина», «дидаи ойина», «ойинаи хотираҳо», «табори ойина», «даруни ойина», «рухи ойина», «рӯи ойина», «сурати ойина», «ҳуши ойина», «чашми тори ойина», «лоиқи ойина», «ҳузури ойина», «дидаи ойинабин», «садоқати ойина», «ёди ойина» ва ғайра ҳосили коргоҳи тахайюлоти ӯ мебошанд.

Чу дар муқобили ойина рост истодӣ,
Ки ҳуши ойина аз ғояти тамошо рафт (б).

Гарчи дар ин байт тасвир ба назар сода менамояд, аммо ин ҷо истифодаи ҳунарваронаи санъати иғрокро шоҳид мешавем. Ҳусну латофати нигор ба ғояте васф шудааст, ки ҳуш аз сари ойина паридааст. Яъне, ойина ба ин зебоӣ моту ҳайрон шуда.

Аз омадан ва дидори ғайриинтизори дилбар шоду хушҳол шудани хешро шоир ба гунаи ғайримустақим ба риштаи тасвир мекашад /Омадӣ, боз ба ойина сафоро дидам/. Яъне, дар ойина сафоро дидан ба табъи болидаи хеш дар инъикоси ойина хушҳолӣ дарёфтан аст. Ин ҷо шоир на мустақим «ман аз омаданат сафо ёфтам» мегӯяд, балки бо баёни шоирона «дар ойина сафо» мебинад:

Омадӣ, боз ба ойина сафоро дидам,
Ба дили хастаи худ сеҳри шафоро дидам (б).

Ҳамин гуна тасвири ҷолибро дар баробари ойина аз осори Фирдавси Аъзам зиёд пайдо кардан мумкин аст.

Эҳсоси иҷтимоиёт ва ҳунари офариниш

Шоири ҷавон дар нигоштаҳояш ба мавзӯъҳои доғи рӯз, тафсири муаммоҳои иҷтимоӣ, эҳсосоти ишқу шарҳи отифаҳои равонӣ бештар эътибор дода, дар ин баробар зиндагиро тараннум ва модарро ситоиш мекунад. Муҳимтарин нукта, ки зимни ошноӣ бо осори Фирдавси Аъзам ба зеҳн меояд, ин аст, ки ӯ ба дараҷае кӯшиш дорад сурудаҳояшро аз доираи якнавохтиву якрангӣ берун барад ва бо ин кор ҷаҳоншиносиву ҷаҳонбиниашро сайқал диҳад. Кӯшиши ворид намудани андешаҳои фалсафӣ ба шеърҳояш бозгӯянд, ки воқеан, дар роҳи эҷод шоир гомҳои ҷиддӣ ниҳоданист.

Ин нукта ҷоиз ба таъкид аст, ки ҳузури иҷтимоиёт дар шеър фақат як падидаи фардӣ нест, балки андешаву дарди ҷомеа аст, ки аз забони як нафар гуфта мешавад. Дар навиштаҳои Фирдавси Аъзам ҳамин андешаҳои иҷтимоиро ба мушоҳида гирифан мумкин аст, ки аз сӯзу гудози дарунии шоир маншаъ мегиранд. Ба таъбири шоири эронӣ Маҳдии Баҳманӣ Фирдавси Аъзам «бо табъи шикананда ва зудранҷи шоиронаи худ аз сӯзу гудози дарунии худ сухан ба миён оварда ва онҳоро бо забони шеър вогӯя мекунад:

Чизе нагуфтаем ба ҷуз дардҳои хеш,
Аммо алайҳи мо ҳама тарфанд мезананд».

Аслан, шоир бояд дар ашъори иҷтимоӣ ғамшарики мардуми ҳамзамонаш бошад ва, дар ин баробар, таърих, миллат ва фарҳангу тамаддуни диёрашро васфу ситоиш бикунад, то ба ҳофизаи фаромӯшӣ наравад. Шоир аз муаммоҳои ҷаҳони куҳан, таърих ва тамаддуни маънавии инсоният, зан-модар ва ишқу зебоӣ, тазоди олами муосир меандешад ва ин ҳамаро бо як тахайюли ғайриинтизор ба та-

свир мекашад. Шеърҳои иҷтимоӣ набояд инъикоси маҳзи воқеаҳои давр бошад, бояд бозтоби ҳунарии ин гуна шеърҳо ба эътибор гирифта шавад. Ин шохаи шеъри муосир дар шеърҳои Фирдавси Аъзам намоди хуберо ба худ ихтиёр кардааст. Шоир дар бештари нигоштаҳояш аз масоили иҷтимоъ мегӯяд ва бештар аз дарду ранҷи мардум андеша дорад. Мусаллам аст, ки адабиёт аз иҷтимоъ ва масоили марбути он сарчашма мегирад. Ва дар ҳар давру замон шоирон дар баёни вазъи замона ҳассос ва дар тасвири дарди ҷомеа масъул будаанд. Ҳамин эҳсос дар ғазалҳои иҷтимоии Фирдавси Аъзам низ зиёд ба назар мерасад. Гарчанде шоир ҳоло ҷавон аст ва шояд таҷрибаи зиндагии чандон комиле надорад ва худаш низ ба ин маънӣ гуфтааст:

Боз эҳсосе даруни сина тӯфон мекунад,
Дардҳо бисёр дорам қудрати изҳор ку? (3,65)

Аммо бо ин ҳама, бештар аз ҳамсолони хеш аз дарди иҷтимоъ мегӯяд ва сурудаҳои иҷтимоии фаровон дорад ва низ гӯяд:

То кай сухан нагуфтан аз ин дарди иҷтимоъ,
Бояд бигуфт, гарчи ки талханд мезананд (3,19).

Баёни мушкили рӯзгор, муҳоҷирати меҳнатии ҳамватанон дар нигоштаҳои шоир бештар аз дигар мавзӯоти иҷтимоист. Шоир бо дареғу дард мегӯяд:

Касе ба пош намекард кафши ҳичратро,
Агар Ватан ватани обу нони мо мебуд. (3,25)

Аз «овардан» то «омадан»

Адабиётшиноси тоҷик Субҳони Аъзамзод дар боби шинохти шеър хулосаҳои ҷолиберо пешниҳод мекунад. Ба назари мавсуф дар адабиётшиносии муосири мо ва шинохти шеър ду мафҳум бояд ба кор гирифта шавад, ки яке «шеъри навишта» ва дигаре «шеъри гуфта» аст. Субҳони Аъзамзод «шеъри гуфта»-ро аз «шеъри навишта» бартар медонад ва таъкид медорад, ки «шеъри гуфта» ҳосили «ҷӯ-

шиш» аст (12). «Кӯшиш»-у «ҷӯшиш» дар сароиши шеър ҳосили бардошти шоир ва муҳаққиқи эронӣ Алии Мӯсавии Гарморӯдӣ мебошад, ки муҳаққиқи тоҷик андешаҳои ҷолиби ӯро дар шинохти моҳияти шеър такмил додааст. Адабиётшиноси шинохта Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ истилоҳҳои «шеъри омада» ва «шеъри оварда»-ро ба миён гузошта буд. Андешаҳои ин се адабиётшинос дар мавриди баррасии чигунагии шеър комилан судмандand. Ҳамеша дар адабиёти мо «шеъри омада» ва «шеъри оварда»-ро аз ҳам тафовут бахшидаанд. Мусалламан, «шеъри омада» ҳамонест, ки бидуни ихтиёр аз қаъри дили шоир метаровад ва ҳосили «ҷӯшиш»-ҳои шоирона аст. Аммо, дар баъзе ҳол «кӯшиш»-и шеър гуфтан боиси тавлиди шеърҳои начандон қобили таваҷҷӯҳ мешавад ва гоҳе ҳамин кӯшиш печидагӯӣ ва ҳашв эҷод мекунад, ки ҷозибаи шеърро коҳиш медиҳад.

Дар ашъори Фирдавси Аъзам дар канори муваффақият баъзан шеърҳои «оварда» низ ба назар мерасанд. Дар бархе сурудаҳояш гоҳо калима, таркибу истилоҳот ва мавзӯъҳои забонзадае ҳастанд, ки ҷозиба надоранд, кайфияти шеърро коҳиш медиҳанд:

Ин ҷо нигоҳи отифаҳо беҷавоб шуд,
Мондан канори ин ҳама <u>одамғаданг</u>, на.
Равшантар аз сапеда ба ту ҳарф мезанам,
Дигар даҳони шеъру ғазалро <u>ғаранг</u> на. (3,41)

Дар сурудаи дигари хеш шоир мегӯяд:

Мо шишазодаему Шумо сангзодаед,
Лекин сазои шишадилон ҳам, ки санг нест! (3,49)

Дар ин байт дар баробари он ки «ҷӯшиш»-и шоирона эҳсос намешавад, маънӣ муғлақ баён шудааст. Маълум аст, ки шоир ҳангоми эҷоди ин байт дар олами малакутии илҳом ҳузур надорад. Пайвандаки хилофии «лекин» низ бечо омадааст, яъне, хонанда ба осонӣ дарк наметавонад кард, ки ҳамин «лекин» чӣ ихтилоф дорад? Албатта, шояд шоир мақсади баёни андешаи хешро шарҳ дода тавонад,

аммо хонанда аз хондани ин байт маънии амиқ пайдо карда наметавонад. Тасвир ва тахайюли шоир низ кӯҳна аст. Шишаву санг аз доираи тасвирҳои ҳазорсола берун набаромадаанд.

Байти зер ба таври маснӯӣ сохта шуда, шоир барои баёни маънӣ аз диди шоирона мадад наҷустааст:

Гоҳе, бадам, қабул, валекин, зи мо маранҷ,
Гоҳе агар баланд намудам садо, маранҷ (3,51).

Дар ин байт низ маънӣ ва мантиқ равшан нест:

Ойинасиратони замон санг мехӯранд,
Кори тамоми ойинаҳо инъикосианд (3,15).

Байти мазкур дар баробари он ки тиҳӣ аз аносири тасвирсоз аст ва баёни сода дорад, дар мисраи дувум касро ба андеша водор мекунад, ки гӯянда дар зермаънии мисраи «Кори тамоми ойинаҳо инъикосианд» чӣ нуктаеро баён доштанӣ аст. Бале, кори ойина таҷаллӣ ва нишон додани воқеиятест, ки инъикос мешавад, вале ин маънӣ ба байти аввал чӣ таносуби маъноӣ дорад? Алҳол дар бораи таносуби тасвир ҳарфе намезанем.

Дар бархе сурудаҳо қоидаҳои сарфиву наҳвии забони тоҷикӣ аз мадди назар дур шудааст. Чунончи:

Миллати ман бар алайҳи ин ҳама
Оқибат донам, ки тӯфон мекунанд (2,20).

Миллат – иттиҳоди одамон дар заминаи умумияти забон, таърих ва марзу бум аст, вале бо вуҷуди ин мувофиқ ба муқаррароти забони тоҷикӣ миллат ҳамчун мухотаби шахси танҳо бояд бо хабари танҳо корбурд шавад. Мисли «Миллати ман сарбаландӣ мекунад». Шоир дар байти мазкур ба ҷои хабари «мекунад», «мекунанд»-ро истифода кардааст. Албатта, ба хотири риояи радифи ғазал «мекунанд» ин иштибоҳ рух додааст. Муаллиф бояд ба эътибор бигарад, ки риояи қавонини вазнӣ моро ба ҳеҷ ваҷҳ аз риояти қавонини забони тоҷикӣ озод намекунад.

Дар баробари он ки бархе аз сурудаҳои Фирдавси Аъ-

зам холӣ аз тасвирҳои наванд ва ба тарзи маснӯӣ эҷод шудаанд, ба шеърҳои «навишта» шомиланд. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки чунин навиштаҳо дар марҳалаи аввали эҷодияш эҳсос мешуд ва имрӯз шоир сурудаҳои нағзу пурҷӯши зиёд дорад. Мушоҳида мешавад, ки Фирдавси Аъзам дар дарозои таҷрибаи хеш аз «овардан» то «омадан» мерасад ва миёни шеър «гуфтан»-у шеър «навшитан» фарқ мегузорад. Умед бар он дорем, ки дар ҷодаи пур аз печу хами эҷод шеърҳои нағзе хоҳад гуфт, ки ҳосили ҷӯшишҳои шоирона бошанд.

Мизони авзон

Шеър дар баробари ин ки каломи мухайял аст, оҳанг ва мавзунии ба худ хос дорад, мизони ин назму таносубро фанни арӯз гӯянд. Омӯзиши илми арӯзу қофия дар адаби форсӣ ҳамеша мавқеи аввал дошта, асоси бунёдии шеър маҳсуб мешуд. Хонандаи ашъор низ аз оҳанги калом бештар мутаваҷҷеҳи маънӣ мегардад, яъне шоир шакли зеҳниро бо шакли зоҳирӣ бояд пайванди зебое бахшад. Барои он ки ҷӯшиши шоирона мавзун ба қолаб нишинад, шоирро огоҳии комил аз мизони авзон ҳатмист. Роҷеъ ба ин паҳлӯи офариниши калом муҳаққиқин аз ибтидо то ба имрӯз омӯзиш ва пажӯҳиши зиёде анҷом додаанд, ки адаби муосир дар заминаи ин муқаррарот ва нишододу дастовардҳо рушд дорад. Дар шеъри форсӣ ҳудуди 300 навъ оҳанг (вазн) мавҷуд аст. Илова бар ин, таркибҳои нав байни аркони оҳангҳои гуногуни дигаре ҳам метавон сохт. Машҳуртарини оҳангҳо сиву як вазнанд. Албатта, хонандаи огоҳ дар мавриди чӣ будани арӯз ва мақоми он дар назми форсӣ маълумоти кофӣ дорад ва зарурати ёддошти дубораи ин мушаххасотро намебинем.

Дар роҳи эҷод Фирдавси Аъзам қадам ба қадам дар шинохту корбурди вазни шеъри форсӣ омӯзиши судманде анҷом медиҳад, ки натиҷаи ин шинохт дар дурустии оҳан-

ги сурудаҳояш эҳсос мешавад. Дар ибтидо гоҳо дар баъзе сурудаҳояш мушкилии вазнӣ ба назар мерасид:

Аммо хушам аз ин ки ба ёди ту меравам,
Ҳарчанд пои зиндагӣ занҷир мешавад (2,18).

Дар мисраи дувуми байт коҳиши вазн ба дид расид.

Дар мисраи дувуми байти зер шоир ба хотири вазн ба ҳашви вожаи «ту» роҳ додааст:

Дидам шабе ба хоб, ки бекафш будаам,
Ин хоби ман бигӯ ту, чӣ таъбир мешавад?

Дар нигоштаҳои солҳои баъд ин камбуд аз миён рафтааст. Дар эҷоди ғазал таваҷҷӯҳу иноятӣ гӯянда бештар ба вазнҳои рамали мусаммани солим (фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилотун), рамали мусаммани маҳзуф (фоилотун, фоилотун, фоилотун фоилун), рамали мусаммани махбун (фаалотун фаалотун фаалотун фаалотун), Раҷази мусаммани солим (мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун), музореъи мусмани ахраби макфуфи маҳзуф (мафъулу фоъилоту мафоъилу фоъилун) ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Аз ин оҳангҳо шоир ба вазни музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф бештар майл дорад. Чунончи, аз маҷмӯи 30 ғазали «Як бағал ғазал» –18 ғазал бо ҳамин вазн суруда шудааст. Дар шеърҳои нав низ риояи хуби оҳангу вазн ба чашм мерасад, ки зина ба зина беҳбуд ёфтааст.

Роҳи сапед...

Кӯшишҳои пурбори Фирдавси Аъзам моро бар ин андеша мӯътақид месозад, ки вай дар роҳи офариниши каломи мавзун шахси тасодуфӣ нест. Қаламаш сабз аст ва рӯ ба ҷониби хуршед то сарсабзиҳо расиданист. Бештар дар қаволиби суннатӣ шеър мегӯяд. Миёни ин қолабҳо ба ғазал афзалият медиҳад. Кӯшиш дорад дар ростои сурудани ғазали муосир комёб шавад, агарчанде дар сурудани шеърҳои нимоӣ низ бад нест. Дар ибтидо ба эҷодиёти

ӯ таъсири адабиёти муосири Эрон эҳсос мешуд, гоҳо мунаққидон аз истифодаи вожаҳои эронӣ дар сурудаҳояш ёдрас мешуданд. Аммо, ба андешаи мо, забони форсиро ба вожаҳои эрониву тоҷикӣ ҷудо кардан чандон дуруст нест. Бо вуҷуди ин, оҳиста-оҳиста Фирдавси Азъам роҳу равиши худро дар олами шеър фароҳам меорад, минбаъд ин шоири умедбахш асолати шеърро ҳифз ва рисолати шоириро дар сатҳи камолот ба ҷо хоҳад овард.

Пайнавишт:

1. Аъзамзод С. Нақди шеър: Тафаккури наққодӣ ва нақди нақд // Фуруғи андеша : Мачмӯаи мақолаҳо бахшида ба 50-солагии профессор Матлубаи Мирзоюнус / Гирдоварӣ ва вироиши С. Аъзамзод.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2008.–С. 12-30.
2. Аъзам Ф. Абрҳои обӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2011.–80 с.
3. Аъзам Ф. Як бағал ғазал.–Теҳрон, 2014.–75 с.
4. Сатторзода А. Кӯҳна ва нав (Дар шеър, нақд ва забон).–Душанбе: Адиб, 2004.–254 с.
5. Фарачии Насирӣ И. Бозхонии зебоишинохти «Қосидак»-и Ахавони Солис // Шеър : Маҷаллаи тахассусӣ.–Теҳрон, 2015.–№74.–С. 40-61.
6. wwwkhfirdavs.wordpress.com

ОЛАМЕ АЗ ТАСАВВУРИ ЗЕБОИ ИШҚ
Назаре ба навиштаҳои шоири ҷавон Эҳсон Раҷабӣ

Нашриёти «Ношир»-и шаҳри Хуҷанд дафтари нахустини ашъори шоири ҷавон Эҳсон Раҷабиро таҳти унвони «Як чеҳра табассум» интишор намуд, ки шомили 160 саҳифа буда, анвои суннатӣ ва сапеди сурудаҳои ӯро фаро гирифтааст.

Аз андешагоҳи парвоз ва ҷовидоназори тахайюли шоири ҷавону умедбахш Эҳсон Раҷабӣ Нуралӣ Нурзод – номзади илмҳои филологӣ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар пешгуфтори китоб ҳарф задааст. Ба бовари ӯ Эҳсон Раҷабӣ «дар шумори он ҷавонони босаодати адабпажӯҳ ва ҳам адабпарвар қарор дорад, ки аз имконоти омӯзишии фароҳамомада барои такмили шеър ва изҳори ибтикороти тоза бар пояи ин шароит босамар истифода мекунад» (5, 6).

Воқеан, зимни ошноӣ бо сурудаҳои маҷмӯаи аввалин шоҳиди ибтикори зиёд ва нигоҳҳои тозаи муаллиф мешавем.

Мутмаинан, шеваи шоирӣ аз кайфияти калом ҷудо буда наметавонад ва каломи мавзуну дилнишин аз ҳунару истеъдод ва диду нигоҳи шоир маншаъ мегирад. Маҳсули андешаҳои шоир, ки дар ин маҷмӯа гирд омадаанд, ҳосили бардошт аз фалсафаи ҳастӣ, омадан ва рафтан, ишқу зиндагӣ, дарду иҷтимоъ аст, ки шоир бо ин ҷавонӣ маърифат кардааст:

Донистам
Зиндагиро
Як қалам ҳикояти дурӯғ
Ва сад дурӯғ аз китоби афсона
Ва сад афсона аз ҳақиқати талх (5, 29).

Шоири ҷавон ба хулоса мерасад, ки:

Фосиларо бояд шинохт

Аз рӯҳ то ҷисм
Аз сол то аср
аз ҷавонӣ то миёнсолӣ… (5, 27)

Ин андешаҳо дар адабиёти беш аз ҳазорсолаи мо ба чандин тасвиру оҳанг баён шудаанд. Эҳсон Рачабӣ кӯшиш кардааст, нигоҳи наву модерниро дар баёни андешаи куҳан истифода кунад. Ин диди модернӣ тасвирҳои ҷолиберо пешорӯи хонанда мегузорад:

Шаб беҳтарин фурсат
барои расидан ба духтари субҳ…
Ба фурсат бояд эҳтиром варзид
Фурсати будан бо Ӯ (5, 27).

Ҷои дигар андешаҳои фалсафии шоир асоси тасвир ва маънии ҷолибе шудаанд ва шоир ҳунармандона мегӯяд:

…Пас, бигӯ
Омадан дар рафтан хулоса мешавад,
Ё рафтан дар омадан?
Ҳастӣ аз нестӣ ибтидо мегирад,
Ё нестӣ аз ҳастӣ?
Ҳамачӣ дар дунёст,
Ё дунё дар ҳамачӣ? (5, 20)

Мусалламан, дарунмояи шеърро ҳар шоир аз аносири фарҳанги ҷомеаи худаш ихтиёр мекунад ва, албатта, чигунагии вазъи ҷомеа ба чӣ гуфтани шоир хеле таъсиргузор аст. адабиётшинос Матлубаи Мирзоюнус қайд кардааст, «асли матлаб шахсияти шоир ва дунёи зеҳни ӯст, зеро асолати ҳунар дар тасвир падид меояд, ки он ҳам зодаи эҳсосу отифаву таҷрибаи гӯянда аст» (1, 185).

Дар мавриди инъикоси манзараҳои воқеии зиндагӣ дар шеъри Эҳсон Рачабӣ Нуралӣ Нурзод таъкид мекунад: «…Ба сарҳади шеър кӯчонидани ин ҳама манзараҳои зиндагии воқеӣ, ки ҳамакнун дар бори хотираҳо маҳфузанд, баробари иқтизои ҳунари нигорандагӣ, мушоҳидаву бардошт ва нигоҳи шоиронаро хостор аст» (5, 9). Эҳсон Рача-

бӣ бо мушоҳида ва нигоҳҳои шоиронааш дар эҷоди маъниҳои ноб кӯшишҳои муфид ба ҷой гузоштааст. Маънио-фарии шоир аз мушоҳида ва натиҷагириву бардоштҳояш маншаъ мегирад. Аз ин ашъор бо чигунагии дунёи зеҳнии шоир ошно мешавем:

Момаам
Алифбо намедонист
Аммо,
«Шоҳнома»-и зиндагӣ хонда буд
Дар мадраси Имон, Инсоф, Садоқат (5, 56).

Ин гуна андешаҳои иҷтимоии ҷомеа дар сурудаҳои ин маҷмӯа бо фаровонии корбурд имтиёз доранд. Дар сурудаҳои шоир рӯҳи замон инъикос ёфтааст. Ҳамзамон шоир иҷтимоъро ба сифати унсури маънисоз ва тасвирофар истифода мекунад:

Дилам мехоҳад
Равам ба бозор
Кампиракони пистафурӯшу
Салафанфурӯшро
Табрик гӯям,
Ба иди гулҳо,
Ҷавонӣ,
Ошиқӣ (5, 76).

Дар баробари баёни мавзӯоти гуногун дар эҷодиёти шоири ҷавон нуктаи бисёр муҳиме, ки дар маъниофариву тасвирсозӣ мутаваҷҷеҳ месозад, ибораву таркибҳое мебошанд, ки ба василаи вожаҳои ғайришоирона эҷод шуда, бадеияти баланди шеърро таъмин кардаанд. Ин гуна иборот дар шеърҳои маҷмӯаи «Як чеҳра табассум» корбурди фаровон доранд. Чунончи, ибораи таркибии «Дастони дурушти қисмат» басо шоирона омадааст, аммо дар асл «дурушт» вожаи шоирона нест, аммо ба ҳам овардани се вожа «даст», «дурушт» ва «қисмат» таркиби ҷолибу дар зеҳнмонданӣ эҷод кардааст. Ибораи таъсиргузори «қабзаи

сахти тақдир» танҳо дар натиҷаи ба ҳам омадани «қабза, сахт ва тақдир» нав ба назар мерасад. «Чашми бераҳми зиндагӣ» низ аз ҳамин гуна вежагӣ бархурдор буда, шоир дар ин ҳамоиши калимот ба таъсирнокии мӯҳтаво низ таваҷҷӯҳ кардааст. Агар мутаваҷҷеҳ шавем, шоир метавонист аз вожаҳои «чашм» ва «зиндагӣ» як таркиби ҷолиб офарад ва «чашми зиндагӣ» гӯяд. Аммо бо ҳузури вожаи «бераҳм» таъсири ин таркиб ва тозагии тасвир таъмин шудааст. «Чашми бераҳми зиндагӣ» таъсири мӯҳтаворо бештар месозад.

Дар сурудаҳои Э. Раҷабӣ корбурди ҳунармандонаи калимот дар маъниофарӣ шоистаи таҳсин аст. Шоир ба василаи ибораҳои зебое, амсоли «мижгони абр», «шаҳри хотир», «чашмони кӯчаҳо», «гули меҳрубонӣ», «хандаи ақл», «растаи некандешон», «пешонии девор», «занҷири умр», «саломи гуноҳ», «панҷаи хаёл», «садои хомӯшӣ», «нияти сабз», «рагҳои гули орзу», «дӯкони андешаҳои сабз», «гулдастаи меҳр», «дарахти тафаккур», «кӯҳи сабр», «кӯлвори ҳасрат», «тахтасанги ирода», «оташи хиҷолат», «баргҳои хиҷолат», «варақи оҳарии рухсор», «қаламрави фироқ», «фаромӯшхонаи тафаккур», «гулдони хотира», «лолаи сурхи хиҷолат», «чашмони кӯри зиндагӣ» маъниҳои ноберо эҷод ва шеъри дилнишинеро тараннум мекунад:

Ман
Шикоят аз дастони дурушти тақдир надорам.
Шикоят аз дастони ту дорам,
Ки замоне овезаи гарданам буданд.
Имрӯз,
Бо ангушти инкор
Сӯям ишорат доранд (5, 97).

Ҷолибии тасвир ин ҷост, ки шоир тасвири ғайриинтизорро пешорӯи хонанда мегузорад. Хонанда аз шикоят ба қисмат ва тақдир зиёд шунидааст, аммо аз тақдир шикоят накардан ва гунаҳкорро муаррифӣ намудан аз

нигоҳи дигари шоири ҷавон дарак медиҳад. Яъне, шоир намехоҳад дар паси вожаи тақдир аз воқеият ва омилҳои сар задани хатоҳо пинҳон шавад. «Шикоят аз дастони ту дорам» мисраи калидии банди мазкур аст, ки табъи нозуки хонандаи муосирро мутаваҷҷеҳи хеш месозад.

Дар қисмате аз маҷмӯаи «Як чеҳра табассум» сурудаҳои кӯтоҳи Эҳсон Раҷабиро мутолиа мекунем. Эҳсос мешавад, ки шоир мехоҳад дар эҷоди сурудаҳои кӯтоҳ низ ба тозакорӣ ноил шавад. Дар ин замина талоши муваффақи ӯро мушоҳида кардан мумкин аст. Аслан, шеъри кӯтоҳ сурудан маҳорат ва истеъдоди волоро тақозо дорад, зеро дар қолаби кӯчак баён доштани андешаҳои бузург кори саҳлу сода нест. Сурудаи кӯтоҳ новобаста аз он ки дар чанд мисраъ ҷамъбаст мешавад, дар хеш бояд хулоса ва натиҷаҳои мушаххаси фалсафӣ ва иҷтимоиро ҷой диҳад. Навиштани сурудаи кӯтоҳ на ба ҳар шоири ҳунарманд даст медиҳад. Дар ин гуна нигошта бештар таъсири замон ва диди муаллифро мушоҳида мекунем. Сурудаҳои кӯтоҳи Эҳсон Раҷабӣ аксаран ҳамин гуна вежагиро касб кардааст. Шоир мегӯяд:

Ба чашмонат
Ташбеҳ наёфтам
Чашмонат
Шабеҳи чашмонат (5, 133).

Дар сурудаи мазкур мо беҳтарин ташбеҳ ва тасвирро дар мавриди васфи чашмони ёр мушоҳида мекунем, ки ин ҳама содагӣ ҷозибаи фавқулода доранд. Тасвири кӯҳнаи «васфи чашмони ёр» бо баёни нав ғайриинтизор эҷод шудааст. Дар ин навъ сурудаҳо хулоса, яъне, мисраи охир бояд пурқувват бошад ва тамоми тасвирро равшан кунад. Ин ҷо тасвири «Чашмонат шабеҳи чашмонат» пурра аз ин мушаххасот бархурдор аст. Агар таваҷҷӯҳ кунем, дар ин суруда вожаи зиёд истифода нашудааст. Шоир танҳо бо ду вожаи калидӣ – «чашм» ва «ташбеҳ» маънии ҷолиб ва ҷавобгӯ ба завқи хонандаи муосирро ме-

офарад. Калимаи «чашм» дар ин суруда се даъфа такрор мешавад, ташбеҳ бошад, бо истифодаи синоним ду бор. Аммо истеъдоди шоир аз ду вожа як шеър меофарад, ки як ҷаҳон маънӣ дорад. Яъне, адами танаввӯи вожаҳоро шоир ҳунармандона дар тасвир ба кор гирифтааст. Истифодаи босалиқа аз санъати такрор низ дар ин сурудаи кӯтоҳ шоистаи зикр аст.

Тасвири аҷиби дорои маънии баланди фалсафӣ дар кӯтоҳсурудаи зер ба мушоҳида мерасад:

Аз шайтон бояд омӯхт
Рисолати буданро! (5, 132)

Воқеан, натиҷагирӣ ва хулосаҳои шоири ҷавон дар ин кӯтоҳсуруда низ ҳунармандона ба қолаби тасвир рехта шудааст. Шояд миёни муҳаққиқин роҷеъ ба ин навъи суруда фикру назарҳои гуногун ба миён оянд, аммо, ба ҳар ҳол, дар он ҳузури андеша ва баёни модернии тасвир инкорнашаванда аст.

Баробари ин ҳама тозагӯӣ дар кӯтоҳсурудаҳои шоир тасвирҳои кӯҳна ва кӯшишҳои бебарори баёни сухани тоза эҳсос мешаванд, масалан, дар пораи зер бадеияти шеъриро аслан эҳсос намекунем ва баёну маънӣ низ хеле обшуставу кӯҳнаанд:

Аҷаб ноз дорад Шабнам,
Чун хуршед ба дидораш ояд,
Мегурезад! (5, 61).

Дар ин суруда мӯҳтаво кӯҳна ва тарзи баёни нав бебарор анҷом ёфтааст.

Дар шеъри сапеди «Муҳаббат ҳаст» дарунмояи басо зебову тасвирҳои ҷолиберо мушоҳида мекунем, шоир хеле равону дилнишин ҳосили андешаҳояшро дар ҳар вожа таҷаллӣ медиҳад, аммо, мутаассифона, бо вуҷуди ин дарунмоя ва тафаккури ҷолиб шеър ба камбуди шаклӣ – риоя нашудани қофия рӯ ба рӯ шудааст. Дар банди аввали шеър шоир «тарам», «дилам», «мастиям», «ҳастиям»-ро

қофия мебандад. Аммо пасванди «ам»-ро ба сифати қофия қабул кардан чандон саҳеҳ нест. Пас «тар», «дил», «ҳастӣ» ва «мастӣ» ба ҳамдигар қофия буда наметавонанд. Ҳамин мушкил дар банди дувуми шеър низ ба мушоҳида меояд. Шоир «чашмҳоям»-у «хандаҳоям»-ро қофия намудааст, лекин «ҳоям» ин ҷо вазифаи пасвандро ичро карда, наметавонад чун ҳарфи қофия қабул шавад, аз ин ҷост, ки «чашм» ва «ханда» ҳамқофия намешавад.

Яъне, метавон гуфт, дар бархе маврид шакли зеҳнии шеър бо шакли зоҳирӣ созиш наёфтаанд.

Дар бахши шаклҳои суннатӣ бо чанд ғазал ва рубоиву дубайтии Эҳсон Рафабӣ ошно мешавем. Ба назар мерасад, ки шоир ба шаклҳои наву модернии баён нисбатан бартарӣ медиҳад. Дар сурудаҳои суннатӣ низ тахайюл ва кӯшиши баёни нави шоир эҳсос мешавад.

Дар шаш ғазал ба баҳри ҳазаҷ бештар таваччӯҳ сурат гирифтааст. Ғазалҳо дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраб (мустафъилу мафъӯлун мустафъилу мафъӯлун ва ё мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлу мафоӣлун) –

Ҳар лаҳза, ки мехонам, бозам ҳама нодонам,
Аз рафта пушаймонам, з-оянда парешонам (5, 146).

* * *

Шӯридатар аз дардам, печидатар аз оҳам,
Бигзашта туро падруд, оянда намехоҳам (5,148).

ва ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мастаъфилу мастаъфилу мастаъфилу фоъил) эҷод шудаанд:

Рӯзи чӣ саид аст туро дидану мурдан,
Аз даҳр ҳамин ишқи ту бигрифтану бурдан.
(5, 149)

Зимни ошноӣ бо чакидаҳои шоир дар қолабҳои рубоӣ, дубайтӣ ва ғазал низ баъзан мушкили вазн ба чашм мерасад. Чунончи, шоир ғазали «Ҳарфи аввал ҳарфи охар нест»-ро бо вазне (фоилотун фоилотун фаъ) оғоз кардааст, аммо аз чӣ сабабе дар мисраъҳои баъдӣ оҳанги ғазал тағй-

ир (фоъилотун мафоиъилу фаъал) меёбад. Дар дубайтии зер услуби баён ва қофияву радиф риоя нашудааст:

Ту рӯзе меравӣ, медонам, афсӯс,
Арӯсе мешавӣ, медонам, афсӯс.
Вале ман дар сари роҳи ту умре
Ба ёди омадат мемонам, афсӯс (5, 155).

Аз нигоҳи мушаххасот ва қавонини шеърӣ дар байти аввал «меравӣ», «мешавӣ» қофия, «медонам афсӯс» радиф аст. Дар байти сонӣ чунин қофия ва радифро мушоҳида намекунем. Дар ин байт «афсӯс» радиф буда, «мемонам» бо «медонам» қофия шудааст, ки дуруст нест.

Дар ҳошияи ин назари иҷмолӣ метавонем гӯем, ки Эҳсон Рачабӣ тавассути ҳунару истеъдод ва завқу салиқаи хуш дар ҷодаи офариниши каломи мухайял гомҳои аввалинро устуворона мениҳад. Дар ин пайроҳа ба ҳунарвари ҷавон огоҳии хуб аз мероси адабиёти классикӣ ва муосир, баҳрабардорӣ аз адабиёти ҳамзабонон, бархӯрди зиёд аз адабиёти ҷаҳон ва қонуниятҳои назарии шеъри форсӣ-тоҷикӣ мададгор хоҳад буд. Завқу салиқа ва нигоҳи наву талошҳои пайвастаи Эҳсон Рачабӣ бар ин бовар мӯътақид месозад, ки дар ояндаи наздик дар майдони адабиёт шоири соҳибсабку соҳибистеъдод муаррифӣ хоҳад шуд ва ба рушди шеъри муосири тоҷик саҳм хоҳад гузошт.

Пайнавишт:

1. Мирзоюнус М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо.–Хуҷанд: Ношир, 2016.–500 с.
2. Раҳмонов Ш. Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ.–Душанбе: Адиб, 1988.–144 с.
3. Сатторзода А. Кӯҳна ва нав.–Душанбе: Адиб, 2004.–254 с.
4. Тақӣ Ваҳидиёни Комёр. Фунун ва саноеъи адабӣ.–Душанбе, 1993.–50с.
5. Эҳсон Рачабӣ. Як чеҳра табассум.–Хуҷанд: Ношир, 2016.– 160с.

САБКИ ШЕЪРИ ЗУЛОЛ ВА ИСТИҚБОЛИ ОН

Аз рӯзе, ки шеъри зулол ба олами адабиёти муосири форсӣ ворид шуд, чанд муддат гузашт ва сабки ҷадиди ин навъ ҳаводорон ва пайравонашро пайдо кард. Имрӯз бархе шоирони порсигӯ аз мамолики Эрону Афғонистон, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Арабистон ва соири давлатҳо дар ин сабк эҷод мекунанд.

Дар ин фурсат моҷарои шеъри зулол ҳам ба миён омад ва чунин даъво пайдо шуд, ки сабки ин навъи шеър дархури адабиёти муосир наметавонад буд ва агар қобили қабул ҳаст, чизе беш аз қолаби навбатӣ нест.

Ба ин маънӣ, сабки шеъри зулол баробари зуҳур карданаш аз ҷониби бештари муҳаққиқони Эрон мавриди интиқоди шадид қарор гирифт. Яке аз мухолифони ин сабк шоир ва мунаққид Сайидсулаймонпури Урумӣ зимни як нақди шадид ин сабки навзуҳурро дар «Сомонаи шоирони порсизабон» қобили қабул надонист ва андешаву қавонини бар ин сабк ихтисосёфтаро лағв кард. Ин шоири эронӣ гуфтааст, ки ҳудудан бисту чанд сол пеш ин ибтикор тавассути шоире ба номи Муҳаммади Фардин (1315-1389 ҳичрӣ) дар бархе анҷуманҳои адабӣ матраҳ шудааст, ки баъдан тавзеҳоти фанниашро дар китобе бо номи «Оҳанги ишқи пӯё» мунташир сохт. Урумӣ ин қолабро ҳамчун сабки ҷадид напазируфта, иддао дорад, ки онро Муҳаммади Фардин бо номи «Оҳанг» қаблан суруда буд.

Бино ба таъкиди Саидсулаймонпур «ҳар қолаби қадимӣ ё ҷадид, ки мӯҳтавои заиф ва такрориро дар забони заиф ироа диҳад, роҳ ба ҷое намебарад» (5,6). Комилан дуруст аст. Новобаста аз он, ки дар кадом қолаб шеър эҷод мешавад – ғазал, қасида, рубоӣ, шеъри сапед ва нимоӣ, ҳамзамон шеъри зулол – агар мӯҳтавои ғанӣ ва забони нобу олӣ надошта бошад, ҳеҷ гоҳ ба дили хонанда роҳ на-

меёбад ва дархури ниёзҳояш низ наметавонад бошад. Баҳс перомуни ҳамчун сабки тозаи адабиёт пазируфта шудан ё нашудани шеъри зулол муҳаққиқинро ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Мухолифони чун сабки тозаи адабиёти пазируфта шудани шеъри зулол бар онанд, ки он дар хушбинонатарин ҳолат иддаои як қолаб дорад, на эҷоди як сабк.

Аммо мувофиқон умеду бовар ба ояндаи неки шеъри зулол доранд, дар пазирофӣ ва омӯзиши ин сабканд. Минҷумла, бунёдгузори сабки шеъри зулол Абулфазли Додо бар ин нақди усулии ҷаноби Сайидсулаймонпур посух ироа карда ва дурустию саҳеҳии ин сабкро бо далелҳои илмӣ ба исбот расониданӣ шудааст.

Додо мӯътақид аст, ки агар дар ҷаҳон сабки адабие ироа шавад, ки бештар аз се нафар (донишмандон) амалан аз он сабк ҳимоят кунанд, пас он сабки муваффақ аст.

Имрӯз теъдоди зулолсароён ва шумори он шоироне, ки бар ин сабк шеър менависанд, дар ҳоли афзоиш аст ва ба тадриҷ зулолсароёни афғонию эронию тоҷик дар ҳоли зуҳур кардан ҳастанд. Бино ба иттилои сайтҳои шеърии форсӣ имрӯз дар ҷаҳон беш аз 200 нафар бо ин сабк шеър месароянд. Абулфазли Додо Билвердӣ, Марзия Хадир, Яздон Салоҳӣ, Маҳдии Гӯрони Урумӣ, Тоҳира (Митро) Араб, Муҳаммадрасули Бовандпур, Алиризо Азимӣ, Масъуди Ҷаъфарзода, Муҳаммади Ҷаҳонгирӣ, Сайиди Миртолибӣ, Беҳзоди Чаҳортангӣ, Марзия Авҷӣ, Маҳдии Юсуфинажод (Лӯливаш), Ҳамид Ҳамидзода (Эрон), Сайид Мустафои Соис, Фахими Орин, Карим Ҳайдарзода (Солик), Саидзоҳири Мӯсавӣ (Афғонистон), Аъзами Хуҷаста, Беҳрӯзи Забеҳуллоҳ, Зафар Сӯфии Фарғонӣ, Абдулвоҳиди Зевар, Фирдавси Аъзам, Андари Хуросонӣ шоироне ҳастанд, ки сабки ҷадидро хуш пазируфтанд ва ашъори зулоли ноб эҷод мекунанд.

Пас, ин ду сол ба шеъри зулол чӣ дод ва ба мувофиқону муқобилон барои будан ва ё набуданаш чун сабки шеъ-

рӣ чӣ далоиле ба бор овард?

Оё сабки шеъри зулол метавонад мӯҳтаво ва забони ноб дошта бошад, яъне, хешро аз чунин бардоштҳо – «ҳар қолаби қадимӣ ё ҷадид, ки мӯҳтавои заиф ва такрориро дар забони заиф ироа диҳад, роҳ ба ҷое намебарад» –дифоъ кунад.

Аксари аҳли таҳқиқ бар ин назаранд, ки шеъри нав аз шеъри суннатӣ, ки имрӯз дар адабиёти муосир чун сабки маъмулии шеърӣ шинохта шудааст, бо мухтассоти забонӣ, фикрӣ ва адабии хеш тафовут дорад. Сабки шеъри зулол чӣ?

Мувофиқон ва зулолсароён хасоиси куллии сабки ҷадиди зулолро бад-ин гуна мешиносанд ва чунин таъриф кардаанд: «Шеърест, бо тӯли вазни зина ба зина, ки ба таври мусовӣ аз кам шурӯъ шуда ва дар кам низ ба итмом мерасад. Ин навъи шеър дорои 5 ило 11 сатр мебошад. Аз лиҳози вазн тӯлонитарин сатр, ки сатри миёна ё қалби шеър мебошад, «сатри модар» ва сатрҳои атрофи онро «сатрҳои қарина» мегӯянд. Шеъри зулол дорои ду навъ (арӯз ва озод) аст, ки ҳар кадом барои худ усул ва таърифи хоса дорад. Ба таври куллӣ, шеъри зулолро ба чаҳор навъ тақсим кардаанд: а) Зулоли арӯзи қофиядор, б) Зулоли арӯзи бидуни қофия, в) Зулоли озод, г) Зулоли пайваста.

Зулолгӯён таъкид доранд, ки дар ҳар чаҳор навъи фавқ қонуни куллии шеъри зулол муроот мешавад, лекин байни ҳам тафовут доранд ва ин тафовутро чунин шарҳ додаанд:

– дар шеъри зулоли арӯзи қофиядор вазн бо оҳанги мусиқиёии равони арузӣ пеш меравад ва аз қофия ба тавре ҳисобшуда истифода мешавад. Ба ин тартиб, ки ду сатри аввалу дувум, сатри охир ва бақияи сатрҳо якдармиён дорои қофиянд.

– дар шеъри зулоли арӯзи бидуни қофия вазн бо оҳанги мусиқиёии равони арӯзӣ пеш меравад, аммо шоир

муқайяд ба қофия нест, метавонад, аслан истифода накунад ва ё дар ду-се сатр ба унвони ороияи адабӣ ҷиҳати зебоӣ ба кор бубарад.

– дар шеъри зулоли озод аз оҳанги равони арӯзӣ барои сатрҳо истифода намешавад ва, мусалламан, радиф ва қофия ҳам даркор нест.

– дар шеъри зулоли пайваста ду ё чанд мисраъ пушти сари ҳам дар як мазмун навишта мешаванд. Ба иборае, агар дар мавзӯе ду ё чанд шеъри зулолро зери ҳам қарор диҳем, онро зулоли пайваста мегӯянд. Дар ин ҳол ҳам тамоми сатрҳои қарина ва сатрҳои модар бо ҷуфтҳои ҳамтирозашон дар як вазну оҳанг ва ё дар як андозаи ҳиҷоӣ қарор дошта, аз се навъ иборат мешавнд:

а) шеъри зулоли пайвастаи арӯзи қофиядор;

б) шеъри зулоли пайвастаи арӯзи бидуни қофия;

в) шеъри зулоли пайвастаи озод.

Шоирони зулолгӯ талош доранд, ки ин сабки тоза дар адабиёти муосир асолати воқеии шеърро ба ҷо оварда тавонад. Пайравони ин навъ шеър новобаста аз баҳсҳои аҳли назар дар сабки нав эҷод мекунанд. Чунончи, шоири тоҷик Беҳрӯзи Забеҳуллоҳ мегӯяд:

Зулолро дуруд,
Хурӯши чашмаи гулобро дуруд,
Фурӯғи шеъри ошиқони офтобро дуруд,
Камоли маъниву фасоҳату балоғати сухан турост!
Ба шеъри шоири замона – инқилобро дуруд,
Зулоли сода, бениқобро дуруд,
Зулоли нобро дуруд!

Ҷанбаҳои ҳунариву вежагиҳои сабкии шеъри зулол ва бурду бохташ дар давоми ҳастии он дар арсаи адабиёти порсӣ чӣ гуна буд?

Омӯзиши мо низ иқдоми муқаддамотӣ буд барои шинохти воқеии ин сабк.

Шеъри зулол дорои навиштори хос, баёну забони хос

ва дорои ритми мусиқиёии хос аст. Ба иддаои пайравон он чӣ шеъри зулолро аз дигар шеърҳои муосир ҷудо мекунад, доштани қолаби беназир ва қонунманд будани он аст ва ҳатто баррасии қолабаш аз лиҳози сохтори берунӣ ва назм низ аз дигар шеърҳо фарқ мекунад. (5)

Пас, шоирони зулолнавис аз ин сабке, ки забони хос ва навиштори вежаро тақозо дорад, чӣ гуна ҳунарварӣ кардаанд? Дар ин нигоҳ бештар дунболи ҳамин пурсиш будем, ки шеъри зулол дар арсаи адабиёти имрӯз чӣ дастовардеро ба пай оварда ва чӣ камӣ дошт?

Дар асл ба таъкиди шоири номвари тоҷик Доро Наҷот «…шеър тафаккур аст, ки дар сатҳи баланди завқу дониш қарор дорад». Ҳузури ҳамин завқи баланду дониш ва тафаккури ғайримунтазира дар сабки шеъри зулол ба мушоҳида мерасад?

Имрӯзҳо шеъри зулоли Абулфазли Додо Билвердиро аз намунаи беҳтарини ин сабк мешиносад. Шоир дар шеъри «Ғарибтар биҷӯш» чунин тасвирҳои маъниро бо андешаҳои шоирона ба қалам мекашад:

Ситора шав,
Ба шеърам истиора шав,
Каме зи пардаи киноя дур бош,
Ба ёдам, эй дили шикаста, чун ҳазорпора шав.
Гузори губтаҳои хурд ба зери абрувонат обшорҳо,
Лаболаб ошиқона бош, аз ин хаёли вожгун ба авҷҳо савора шав,
Ғарибтар биҷӯш, то музоб санги ҷӯшро равона кун,
Ғарибтар бисӯз, то шаби башар шарора шав.
Ва боз кун даҳони сарди боғро,
Барои лола чора шав,
Баҳора шав.

Дар ин шеъри зулол нахустин нуктае, ки хонандаро мутаваҷҷеҳ мекунад, мусиқияти калом аст, ки дар натиҷаи риояти қавонини сабкӣ ироа шудааст. Ҳамин мусиқият хонандаро ба сӯи маънии шеър мекашад ва ба василаи шакли

зоҳирӣ хонанда ба шакли зеҳнии навиштор таваҷҷӯҳ мекунад. Ошноии хуб бо қавонини сабкӣ ва мусиқияти калом, ки шоир бо он хуб мусаллаҳ аст, аз интихоби вожаҳо дар шеъри зулоли фавқ равшан аст. Метавон гуфт, ҳарфи «ш» занҷираи пайвасткунандаи савтияти ин шеъри зулол аст.

Мусаллам аст, ки бадеияти шеър ҷанбаҳои ҳунарии он – сабки бадеӣ, қонуниятҳои жанрӣ, ритму оҳанг, образнокии сухани бадеӣ аст. Таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои ҳунарии шеъри зулол ковиши амиқу дақиқро тақозо дорад, зеро рушду такомули шеъри зулол ба нерӯманд шудани ҷанбаҳои ҳунарии шеър тавъам мебошад. Зимнан бояд гуфт, ки барои офариниши шеър танҳо мазмуни олӣ кифоят намекунад ва гарчанде асоси шеър маънӣ аст, баёни зебову муассири мӯҳтаво зарурати шеърист. Ин зарурати шеърӣ, пеш аз ҳама, тасвири хаёл ва забони шеър аст. Албатта, бадеияти шеър дар адабиётшиносии муосир бесобиқа набуд ва ин ҳунар аз адабиёти чандҳазорсолаи мо об мехӯрад.

Сабки тозаэҷоди зулол низ бояд аз ин ҷанба шодоб бошад. Дар ин шеъри зулол Додо Билвердӣ корбурди ҳунариро густариш ва маънии бикрро дар тасвири ноб ғунҷоиш медиҳад ва мегӯяд: «Гузори губтаҳои хурд ба зери абрувонат обшорҳо; Лаболаб ошиқона бош, аз ин хаёли вожгун ба авҷҳо савора шав». Ба василаи ин тасвир хонанда аз гузори губтаҳои тасвир лаболаб ошиқона мешавад, ки ҳадафҳои воқеии шоир аз тараннуми ин шеъри зулол дар баҳорона намудани атрофиён аст. Таркибҳои воқеан шоиронаи «Гузори губтаҳои хурд», «ба зери абрувонат обшорҳо», «даҳони сарди боғ», «Барои лола чора шав» дар таъмини бадеияти суруда хидмат кардаанд.

Мушоҳида шуд, ки риояи мушаххасоти сабкӣ барои баёни мӯҳтаво ва корбурди ҳунармандонаи васоили тасвирсоз – санъатҳои бадеӣ халал ворид накардааст. Яъне, мӯҳтаво дар қафаси қолаб зиндонӣ нест, балки созиши зебои шак-

ли зеҳнӣ ва зоҳирии суруда эҳсос мешавад.

Дар шеъри зулоли дигаре ба унвони «Ҳакро бичин» (шеъри зулоли арӯзи пайвастаи қофиядор) Додо мегӯяд:

Эй боғбон,
Бархез аз хоби гарон!
Об аз гулӯи наҳр мерезад ба чоҳ
Раҳме барои ғунчаҳои ошиқи ширинзабон.
Инак, ту бели ишқро бар даст гир
Бозуи дил кун имтиҳон.
Бархез, ҳон!

Дар ин шеъри зулол бар иловаи он ки шоир мушаххассоти сабкиву адабиро риоя намудааст, ба баррасии мавзӯи иҷтимоӣ мепардозад ва хулосаҳояшро шоирона бозгӯ мекунад: «Бозуи дил кун имтиҳон; Бархез, ҳон!» «бели ишқ», «бозуи дил» тасвирҳои тозаанд ва таъмингари поэтикаи шеъри модерн.

Албатта, ҳастанд ашъори зулоле, ки чандон дархури ниёзи хонанда ва адабиёт шуда наметавонад ва шоир дар эҷоди шеъри зулол побанди қафаси қавонини сабкӣ мегардад, аммо ин далел наметавонад ба ҳузури сабки шеъри зулол хати бутлон кашад, зеро чигунагии офариниш дар сабкҳои гуногуни шеърӣ ба маҳорати ҳунарии шоирон алоқаманд аст, на ба риояи қонуни матраҳшуда.

Аъзами Хуҷаста зиёд талош дорад, ки дар қолаби шеъри зулол андешаҳояшро ҳунармандонаву шоирона тасвир намояд, то сабки шеъри зулол низ рисолати шеърро ба ҷо оварда тавонад.

Барои тасдиқи андешаҳо китоби «Чашмаи зулол»-ро варақгардон мекунем. Воқеан, шеъри шоир дар варақҳои сабзи хаёлаш эҷод мешаванд, саодатманд ҳамон шоире аст, ки гуфтааш дар зиёда маврид бесобиқаанд. Гузашта аз ин, ҳузури андешаҳои ирфонӣ, фалсафӣ, ошиқӣ ва иҷтимоӣ дар шеър қимати онро боло мебаранд.

Ормони аслии Аъзами Хуҷаста низ шоири саодат-

манд будан аст. Ба бовар метавон гуфт, ки имрӯз ба ӯ ин саодат даст додааст:

Ту нагӯ, ки дур шудӣ аз ман
На!
Ҳамон гуна ки дар худат истодай
Ту низ дар манӣ
Ва ман туро
Чу соя…
На!
Чу ҷон ҳамеша дар вуҷуди ташнаам
Дар ин сароби зиндагӣ
Нигоҳ доштаам,
Ки дар кавири ноумедиҳо
Умеди рустани дубораам шавӣ
Ва атри хандаҳои ту
Тараннуми баҳор дар вуҷуди ман
Дар ин хазони зиндагӣ шавад.

Ин ҷо мехоҳем ба нигоҳ ва тасвирҳои шоирона дар сабки ҷадиди зулолсароӣ таваҷҷӯҳ кунем. Метавон гуфт, ки шоир ба истиқлоли эҷодӣ расида ва андешаҳои бикраш дар сабки нави шеърӣ – зулол ҳулул кардааст.

Аксари навиштаҳои зулоли шоир содаву самимиянд ва, баробари ин, ҳама содагӣ дар жарф-жарфи ҳар вожа маъниҳои бикр нуҳуфта, ки бо тасвир ва тахайюли ғайриинтизор таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ мекашанд:

Биҳишт
Урду зада
Бо лола дар ёла
Лаби чу сабза рақсон аст
Насиму атр мепечад бо ҳам
Ба саҳро абр мегиряд
Ва ман бе ту бо ёди ту
Урду задам
Бе ту.

Воқеан, тасвирҳо самимиянд ва бо сабки тоза омезиши зебо ёфтаанд:

Бояд фаромӯшат кунам
Фарёдро чун ҳалқа дар гӯшат кунам
Ёди туро берун кунам аз тори пуди хотирам
Дар олами матрукае чун муртаде бо ғам ҳамоғӯшат кунам
Берун шавам аз банди Ту в-аз нав бисозам хешро, то дар ҷаҳони бешу кам
На, на! Мабодо инчунин, Ман бе ту ҳеҷам, ҳеҷ, ҳеҷ
Мастона о, бо бӯса гулпӯшат кунам
Чун ҷоми май нӯшат кунам

Дар ин шеъри зулол низ диди шоир вусъат ёфта, фалсафаи инкори инкорро тобиши зебои тасвир бахшида, ба василаи ин мӯҳтавои кул «Ман бе ту ҳеҷам, ҳеҷ, ҳеҷ» қувват бахшидааст. Санъати такрор низ ҳамин вазифаро ба дӯш гирифтааст «ҳеҷам, ҳеҷ, ҳеҷ». Ба андешаи мо, мисраи «Бояд фаромӯшат кунам», чанд мисраи дигар, хоса «На, на! Мабодо инчунин, Ман бе ту ҳеҷам, ҳеҷ, ҳеҷ» ҳадафи шоирро дар бозтоби маънии воқеии зулол равшану пуртаъсир мекунад.

Ҷои дигар шоир мегӯяд:

Чора
Чу дидамат, нигоҳ
Ба ман намекунӣ, зи сина оҳ
Кашидаму зи сарнавишти шуму зишти худ,
Ки бар муроди мо нашуд, паноҳ
Бичустам аз Илоҳ

Мебинем, ки андешаҳои шоирона дар қолаби шеъри зулол ғунҷоиши зебо ва тобиши дилрабо падид овардаанд. Маъмулан дар рушди ҷанбаи ҳунарии шеър иборот ва таркибҳои тоза мавқеи хос доранд. Фикр мекунем, дар сабки зулол низ бояд ҳамин нукта омили муҳими таъмини бадеияти шеър бошад. Дар шеъри зулоли шоири тоҷик ҳамин гуна тарокиб бо касрати истифода имтиёз пайдо кардаанд:

«қолабу қобу қилу қол», «табассум беибо гул карда дар боғи лабон», «дар зулфи шумо пои дилам овехт», «муҳаббати пиёдаам зи сояҳои ҳисори ту гузашт», «рӯи барги нарми Марям», «кавири интизори пурсароби бе уфуқ», «дарахти бенавои пайкарам ҷавонаҳо зада ба шоху барги сабз», «пару боли хоби манро кас надид», «чини пешонӣ уту шуд аз насими нигаҳат» ва ғайра. Ин тарокиб аз диди модернӣ ва тахайюли ғайримунтазираи шоир в гувоҳӣ медиҳанд.

Ӯ мегӯяд:

Шоири шеъри зулолам,
Ҳарфҳою вожаҳоям шарҳи ҳолам.
Мисраъҳоям обшорон, ҳар ҳиҷо чун мавҷи об
Байтҳои зина-зина ҳам вуҷудам, ҳам заволу ҳам камолам.
Нек бингар, шеъри ман чун акси дил ё қатра аст,
Яъне, ман дур аз фазои қилу қолам,
Посухи садҳо саволам.

*** * ***

Гиряҳо ханда шуданд,
Ашкҳо ахтари рахшанда шуданд,
Чини пешонӣ уту шуд зи насими нигаҳат,
Ҳарчи ожанг ба рухсори ҷабин буд, ҳама ранда шуданд.
Оре, оре, зи қадамҳои Ту дар олами ишқ,
Орзуҳои дилам зинда шуданд,
Маҳи тобанда шуданд.

Дар шеъри зулоли мазкур андешаи маъмулӣ бо диди модерн омезиш ёфта, шоир тасвири ноб эҷод карданист. Воқеан, дар адабиёти классикиву муосир тасвири «гиряҳо ханда шуданд» зиёд ба чашм мехӯрад, аммо Аъзами Хуҷаста дар коргоҳи хаёли хеш ин тасвирро ҷилои модернӣ бахшида, идоматан мегӯяд: «Чини пешонӣ уту шуд зи насими нигаҳат / ҳарчи ожанг ба рухсори ҷабин буд, ҳама ранда шуданд» ва ин гуна тахайюл ва офариниши тасвир

башорат аз диди нави шоир медиҳад. Ду мисраи мазкурро мисраи калидии тасвир дар ин шеъри зулол шинохтан лозим аст. Меҳвари тасвири шеъри зулол – андешаи тоза дар мисраъҳои «Чини пешонӣ уту шуд зи насими нигаҳат /ҳарчи ожанг ба рухсори ҷабин буд, ҳама ранда шуданд» ғунҷоиш ёфтааст.

Қайд гардид, ки чигунагии ҷанбаҳои ҳунарии шеър пеш аз ҳама ба иқтидори ҳунарии ҳар шоир марбут аст. Ва шеъри зулоли зер бо номи «Қанд мехоҳам» аз ҳамин дид ва ҷаҳони ҳунарии шоир бозгӯ аст:

Лабат ку? Қанд мехоҳам,
Ғаминам, нозанин, лабханд мехоҳам,
Забонатро макун чун барги истеҳзо арӯсаквор,
Ки ман баҳри тамос бо қалби ту симкартаи ҳушманд мехоҳам.
Мазан қайчӣ ба гесӯят, ки гар ҷабри ту боло шуд
Барои куштани худ банд мехоҳам
Ва бо пайванд мехоҳам.

Ин шеъри зулол бо он ки ҳамаи хусусиятҳои сабкиро риоят мекунад, бархурде аз ҳунари нигорандагии шоир ва диди модерни ӯ гирифтааст. Савтиёт ва поэтикаи сурудаи мазкур низ зеҳни хонандаро навозиш мекунад. Шакли зоҳирӣ ва зеҳнии мӯҳтаво ба ҳам пайвасти зебо ёфтааст. Сатри модар низ аз тасвири модерн сероб аст: «Ки ман баҳри тамос бо қалби ту симкартаи ҳушманд мехоҳам». «Симкартаи ҳушманд» маъмултатарин симкорте аст, ки имрӯз дар ҷаҳон мавриди истифода қарор дорад. Ва пайдост, ки симкартаро ҷомеа барои тамос истифода мекунад ва ҳамин фанноварии замонро шоири муосир ба шеъри зулоли хеш мекашад ва мегӯяд: «баҳри тамос бо қалби ту» «симкартаи ҳушманд мехоҳам». Ин тасвир мӯҳтаворо муассир ба ҷилва овардааст.

Ҳамин гуна тасвири дар зеҳн монданӣ дар шеъри зулоли «Артиши қалб»-и шоири эронӣ Муҳаммадрасули Бовандпур хонандаро бо ҷозибааш мафтун мекунад:

То ки шудам масти ту,
Ҷоми муҳаббат задам аз дасти ту,
Шамс хиҷил гашт парешону нигоҳат намуд,
Моҳиву бас муфтахирам гар бишавам чокари дарбасти ту,
Дидамату артиши қалбам ачабо гашта ба тасхири ду пилки кабуд.
Чабҳаи ишқ омадаам то ки кунам буду набудам ба фидои ҳамаи ҳасти ту
Дилкашиву маҳвашиву боғчаи найшакар андар даҳанат бар суҷуд,
Кушта шудам бо хами абрӯи гаҳе фавқу гаҳе пушти ту,
Лаъли яман талъаташ аз гавҳари рӯят рабуд,
Таркиши ҷоду равад аз шасти ту,
Боиси пайвасти ту.

Фақат мисраи «Дилкашиву маҳвашиву боғчаи найшакар андар даҳанат бар суҷуд» метавонад бозгӯи паҳно ва имконоти ҳунварӣ дар қавонини тозаи шеър бошад.

Яке аз шеърҳои Маҳдии Юсуфинажод (Лӯливаш) ба номи «Шоирам кардӣ» намунаи хуби ашъори зулол аст:

Фазои зеҳн ошуб аст,
Нигоҳи мунтазир бар ҷода маслуб аст,
Тарак нишастааст бар сутуни сабри ман бону.
Чӣ фикр кардаӣ, ки сабри айюб аст?
Бирас, ки буданат хуб аст!

***

Ғазал ғазал дуо кардам,
Зулоли шеҳр назри лаҳзаҳо кардам,
Сапед то сапеда рух ба рух дахил шуд бар моҳ.
Бубин кабӯтаронаваш чиҳо кардам,
Ба шеҳр иқтидо кардам.

Ин шеъри зулол дар ритми якнавохт ва дилнишин эҷод шуда, мӯҳтавояш низ шоистаи таваҷҷӯҳ аст. Агар бар «сутури модар» назар дӯзем, аз диду ҳунар ва истеъдоди шоир огоҳ хоҳем шуд: «Тарак нишастааст бар сутуни сабри ман бону», «Сапед то сапеда рух ба рух даҳил шуд бар мо». Мафҳум дар сатрҳои модарии шеъри зулол бар авҷ мерасад. Сатри модарии ин шеъри зулол тасвиркории зебо аст.

Ҳамин гуна тасвирро зиёд пушти ҳам чидан имкон дорад: «Ало, деҳқон, биё бар дашту саҳро, то зи дасти хок зар гирем; Зимистон рафту гармо чашми сармасти дарахтонро дубора мекушояд, оҳ» (Фаҳими Орин, шоири афғон), «Фурсате деҳ, то ки бо як бӯса аз нав, нав шавам», «Бо шукӯҳи як ҳамоғӯшӣ сазоворам намо» (Яздон Солеҳӣ, шоири эронӣ), «Амон аз ин дили сангат, ки бемеҳр асту беоташ», «Чу испандам, ки дар оташ фитодастам» (Беҳзоди Чаҳортангӣ), «Рухро аён кай мекунӣ, бепарда гӯ пӯсида ҷон; Кай? Юсуфо, гаште занӣ дар Мисри ҷон» (Муҳаммади Ҷаҳонгирӣ, шоири эронӣ), «Манам то шаб ба ҷашне дар рухат мастона хуш будам ва гирёндида хандидам» (Муҳаммадрасули Бовандпур, шоири эронӣ), «Ту мечархию танҳоӣ зи боғи доманат гулҳо ба фарши хона мепошад», «Каломи ошиқонаро, нигоҳи шоиронаро, садои чун таронаро; Таҷассуму таровате зи боғи истихора омадӣ, салом», «Ва аз танини ӯ пиёлаи вуҷуди ман пур аз шароб», «Солуни ёдҳои ман; Аз коби акси ишқи сабзи ту пур аст» (Аъзами Хуҷаста, шоири тоҷик).

Ҳамин тавр, дарунмояи шеъри зулол аз мазомини зерин шакл гирифтааст:

а) ирфон ва ишқи Худо;

б) ишқ, муҳаббат ва сарчашмаи зебоиҳо;

в) иҷтимоиёт ва ҳаводиси рӯзгор;

г) тасвири зебоиҳои табиат;

д) бархурди инсон бо ҷаҳон.

Шоирон дар баёни мазмуну мӯҳтаво асосан ба ду тарзи баён такя намудаанд.

Аввалан, барои инъикоси мавзӯъ аз баёни ошкоро ва урёни андеша истифода шудааст;

Дувум, шуаро барои инъикоси мавзӯъ аз баёни самбулӣ мадад ҷустаанд. Ҳар ду тарзи баёни мавзӯъ ва мӯҳтаво хосияте доранд.

Дар шеъри зулол барои бознамоии ҳаводис ва ифо-

даи мушаххаси дардҳои ҷомеа бештар аз баёни самбулӣ суд ҷуста ва мӯҳтаво бо диди шоиронаи ҷадид ва бадеияти хуб пешкаши хонанда гаштааст.

Албатта, мо дар ин нигошта танҳо ба дунёи тасвир, тахайюл ва диди шоирона дар сабки шеъри зулол диққат кардем. Фикр мекунем, ба ҳар ҳол сабки шеъри зулол ба адабиёти муосир ворид шуд ва чӣ гуна қабул шудани ин сабк аз ҷониби ҳаводорон, пеш аз ҳама, ба маҳорати ҳунарии шоирони мо иртиботи ногусастанӣ дорад.

Ҳимоятгарони пойдории шеъри зулолро зарур аст, то дар чунин мавқеият ба унвони таъсиргузорон ва бунёдгузорони сабки шеъри зулол талоши бештар дошта бошанд, бо эҷоди ҳунармандонаи ашъори пурмаъно, ки сохторашон аз тасовири нобу дилнишин шодоб аст, арсаи адабиёти имрӯзи моро гуҳарбор кунанд.

Пайнавишт:

1. Аъзами Хуҷаста. Чашмаи зулол.–Машҳад.–112 с.
2. Акбарзода Ю. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав. Маҷмӯаи мақолаҳо.–Душанбе: Адиб, 2004.–198 с.
3. Муваҳҳид З. Шеър ва шинохт.–Теҳрон: Марворид, 1377.–292 с.
4. Шамисо С. Сабкшиносии шеър.–Теҳрон, 1380.
5. http://shahresher.com/
6. http://shereyar.org/
7. http://www.sherenai.com/
8. http://www.facbook.com/groups/187125334668437/#!/groups/zolal/

ДАР МУАРРИФИИ ОСОРИ АДАБИЁТШИНОСӢ

ЧАШМАНДОЗИ НАВ БА АДБИЁТИ МИЛЛӢ

Матлубаи Мирзоюнус. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо (Хуҷанд, 2016)

Китоби нави адабиётшиноси шинохтаи тоҷик Матлубаи Мирзоюнус «Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо» мақолаҳои мухталиферо дар мавриди масъалаҳои умдаи адабиётшиносӣ дар бар мегирад.

Дар ин китоб нуктаҳои муҳими марбут ба адабиёти форсу тоҷик, адабиёти муосир, нақди адабӣ, равобити адабӣ, муколамаи фарҳангҳо ва шинохти мероси занони суханвари форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

То имрӯз Матлубаи Мирзоюнус бо бештар аз 200 асари илмӣ ба рушди адабиётшиносии тоҷик саҳм гузоштааст.Китобҳои арзишманди ӯ «Дар ҷустуҷӯи ҷони сухан», «Масъалаҳои сабкшиносӣ», «Таҳлили услуби осори адабӣ», «»Пушкин и Восток», «Голубая родина Фирдоуси» ва ғайра дар шинохти масъалаҳои умдаи таърихи адабиёт ва рушди адабиётшиносии тоҷик нақши мунир доранд.

Матлубаи Мирзоюнус дар тадқиқоти хеш бештар ба бозгӯи нақш ва мақомизанони суханвар дар таърихи адабиёти форсӣ, зиндагиву осор ва вижагиҳои суханварии занони порсигӯй таваҷҷӯҳ карда, рисолаҳое аз силсилаи «Хубони форсигӯ» – «Сиришке дар лола» (Нигоҳ ба зиндагӣ ва осори Робияи Балхӣ), «Шукуфаи андӯҳ» (Нигоҳе ба зиндагӣ ва ашъориФурӯғи Фаррухзод), «Шамъи тироз» (Нигоҳе ба зиндагӣ ва осори Маҳастӣ),«Ҳамзоди тӯфон» (Нигоҳе ба зиндагӣ ва ашъори Гулрухсор)-ро низ ба табъ расонидааст.

Китоби «Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо», дар роҳи шинохти назму наср ва нақди адабии марҳалаҳои гуногуни таърихи адабиёт муфид буда, шомили ҳафт бахш аст ва чунон ки муаллиф дар пешгуфтори китоби мазкур

қайд мекунад, «мақолоти дохили бахшҳо на аз рӯи тартиби навишташуданашон, балки тибқи замони зиндагии адибоне, ки дар бораашон сухан меравад, ҷойгузингаштаанд».

Муаллифи асар бахшҳоро аз рӯи алоқамандии мазмуну мӯҳтаво дастабандӣ кардааст. Бахши аввали маҷмӯа«-Масъалаҳои таърихи адабиёт ва сабкшиносӣ» унвон дошта, дувоздаҳ мақоларо дар шинохти баъзе аз мушаххасотиадабиёти классикӣ муттаҳид мекунад. Дар ин бахш масъалаи сабки шеър дар асрҳои X-XII, вежагиҳои шеъри оламгири Рӯдакӣ, ҳамоҳанги рубоиёти Хайём ва Маҳастӣ, шарҳи девони Ҳофизу ҳунармандии Камол ва мушаххасоти шеъри ӯ, Фахрии Ҳиравӣ ва «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб»-и ӯ ва бисёр дигар масъалаҳои адабиёти классикӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣқарор гирифтааст.

Баррасии масъалаҳои умдаи адабиёти имрӯрро метавон дар бахши«Ҷусторе дар адабиёти муосир» пайдо кард. Омӯзиш ва баррасии масоили шеъри муосири тоҷик аз ҷониби муаллиф зимни шинохти «Ҷараёнҳои шеъри муосири тоҷик ва масоили рушдишеъри сапед дар Тоҷикистон»мӯшикофонаву нуктасанҷона сурат гирифта, натиҷаҳои ҷолиберо пешорӯи хонанда мегузорад. Ҷолиб он аст, ки нахуст муаллиф ба хонанда маҳфуми «муосир»-ро равшан месозад ва ба натиҷа мерасад, ки «ҳини даврабандии шеъри муосири тоҷикӣ маҳфуми «муосир» ба маънии густурда дар назар аст, давраи охири адабиёт ва табаддулоти бузурги сиёсиву фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодии кишвар».

Назарияҳои муқаддимавии адабиётшинос хонандаро ба таври иҷмолӣ бо ҷараёни шеъри муосири тоҷик ошно мекунад. Ба андешаи Матлубаи Мирзоюнус «ҳоло шеъри нав дар Тоҷикистон ба ду шохаи мустақил ҷудо шудааст, ки яке «арӯзи озод» ва дигаре «шеъри сапед» ном гирифта, онро дар Ғарб «шеъри модерн», «шеъри мансур», дар Эрон «хусравонӣ ва ё навхусравонӣ»» мегӯянд. Зимнан ӯ интишори ин навъи шеърро (шеъри сапед дар назар аст)

дар Тоҷикистон босуръат, вале нақди онро заиф арзёбӣ мекунад. Қайд мекунад, ки қавонини ин навъи шеър ҳанӯз таъйид нашудааст. Таҳлилҳои сатҳи забон ва ҳунару қавонини ин навъи сурудаҳои шоирони тоҷик, вежагиҳо ва бурду бохти ин навъи шеър аз ҷониби адабиётшинос, бештар бо такя ба назарияҳои адабиётшиносони ҷаҳонӣ равшан шудааст. Муаллиф ба натиҷа мерасад, ки «дар адабиёти мо низ асри шеъри нав ва сабки нав фаро расидааст». Ба бовари Матлубаи Мирзоюнус тамоми ҷараёнҳо ҳуқуқи зистан доранд ва маҳаки арҷгузорӣ танҳо ҳунар аст ва албатта, наметавон бо ин гуфторҳои ҳакимона розӣ нашуд.

Нигоришоти муҳаққиқ аз таъсири сабки ҳиндӣ ба шеъри муосири Тоҷикистонро низ бо дарунмояи баланди илмӣ, арзишмандтарин бахши китоб метавон унвон кард. Албатта, назари муаллиф роҷеъ ба масъалаи шеъри муосири тоҷикӣ иҷмолӣ сурат гирифтааст, аммо аз ҳамин ковишҳои иҷмолӣ низ хулосаҳои пурбореро метавон пайдо кард. Муаллиф зикр мекунад, ки «таъсири сабки ҳиндӣ ба шеъри имрӯзаи тоҷикӣ бо ду роҳ сурат мегирад:

1. Мустақим – бо роҳи шинохти вежагиҳои ҳунар ва шеваи маънигузинии шоирони мактаби ҳиндӣ;

2. Ғайримустақим – тавассути ашъори Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва пайравони шеъри ӯ».

Андешаҳо роҷеъ ба вежагиҳои сабки Лоиқ Шералӣ, таъсири Мавлавӣ ба шеъри муосири Тоҷикистон низ дар ҳамин бахш пешкаши аҳли таҳқиқ ва ҳаводорони адабиёт шудааст. Нигоҳи иҷмолии муаллиф ба як достони навтарҳи Баҳманёр низ дар ҳамин қисмат ҷойгузин шуда, дар шинохти сабку услуби ин нависандаи навгӯву навҷӯ кӯмак мекунад. Натиҷагириҳо роҷеъ ба насри Баҳманёр дақиқ ва асоснок ҷараён гирифтааст. Хонанда тавассути раҳнамоиҳои Матлубаи Мирзоюнус аз зоҳиру зеҳни навиштаҳои Баҳманёр огоҳ мешавад.

Бахше аз китоби «Адабиёти миллӣ ва муколамаи

фарҳангҳо» ба«Хубони порсигӯ» ихтисос шудааст, ки бардоштҳои муаллифро роҷеъ ба вежагиҳои шеъри занони суханвар фаро мегирад. Ба ин маънӣ бахши аъзами фаъолияти адабиётшиносии Матлубаи Мирзоюнус ба шинохти ҷойгоҳи занони суханвар бахшида шудааст.

Дар ин маҷмӯа ба бахши мустақил ихтисос шудани мақолаҳо роҷеъ ба занони суханвар аз садоқати муҳаққиқ ба ин паҳлӯи шинохт ва омӯзиш дарак медиҳад. Мо метавонем дар ин қисмат дар мавриди Мастураи Курдистонӣ, Парвини Эътисомӣ, Симини Беҳбаҳонӣ, Гулрухсор ва бисёр дигарон иттилоъ ва натиҷаҳои ҷолиберо пайдо кунем.

Чунончи, вежагиҳои осори Симини Беҳбаҳонӣ дар ду мақола ҳаллу фасл шудааст. Дар мақолаи нахуст агар мавзӯву мазомин ва ҷанбаҳои ҳунарии ғазалҳои Симин бозгӯ шуда бошанд, ситамситезии Симини Беҳбаҳонӣ дар мақолаи сонӣ баррасӣ ёфтааст. Матлубаи Мирзоюнус Симини Беҳбаҳониро «аз табори озодихоҳон» унвон мекунад, ва мӯътақид аст, ки «бо шеъру қалам алайҳи ситаму истибдод шамшери қалам мекашад».

Насри Гулрухсор низ дар ин кисмати китоб мавриди таҳлили адабиётшинос қарор гирифтааст. Дар ин нигошта муаллиф сабки нависандагии Гулрухсорро ба хонанда ошно ва ҳунармандии ӯро дар ҷодаи наср бозгӯ намудааст. Хонанда дар ин навиштаҳо Гулрухсори нависандаро дармеёбад, ки дар нигориши наср низ дасти қавӣ дорад.

Бахши «Аз Ховар то Фаранг» чаҳор мақолаи хондании олимаро фаро гирифта, метавонем дар ин қисмати китоб дар боби «Нақши Ҳофиз дар шеъри Пушкин», «Таъсири осори форсӣ ба осори Сергей Есенин», «Девони ғарбию шарқӣ» муфассалан огоҳ шавем.

Бахши ҷолиби «Нақду баррасӣ» аз боби ҷойгоҳи нақди адабӣ дар адабиётшиносии муосир маводи ҷолиби таваҷҷуҳе дорад. Ҷусторҳои муҳаққиқ бо ҳамкоронаш ба мукаррар шудани мушаххасоти муҳим ва умдаи таърихи

нақди адабӣ мусоидат карда, самараи хуб ва матлубе дар пай доштаанд.

Хотироти адабиётшиноси номвари тоҷик дар мавриди устодони илму адаби тоҷик дар бахши «Ёднома» дар шакли мехрномаҳои муаллиф ба устодони зиндаёд Муҳаммад Осимӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ ва Абдулманнони Насриддин ҳастанд, ки бо қалами шево рӯи саҳфа омадаанд. Ин ёдномаҳо танҳо номаи мехру ихлос нест. Бавежа, нигоштаи «Устоди беназири ман», ки дар бораи устод Муҳаммадҷон Шакурӣ дар баробари муҳаббати шогирдона буданаш, барои шинохти чойгоҳи шахсияти камназири ин адабиётшиноси тоҷик мадад мекунад.

Бахши «Сафарнома», ки аз қисмати охири китоби мазкур аст, сафарномаҳои муаллифро фаро гирифтааст. Муаллиф зимни бозгӯи хотироти хеш аз сафарҳои хотирмон лаҳазоти ҷолиберо ба хонанда бозгӯ мекунад. Хонанда ҳини мутолиа гӯё ҳамсафари нигоранда мешавад. Қалами сафарноманигории ӯ низ қобили таваҷҷӯҳ аст.

Метавон гуфт, китоби «Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо» ҷузъе аз андешаҳои муаллиф перомуни масоили мухталифи адабиёт ва муколамаи фарҳангҳост, ки метавонад ба шинохти адабиёт дар шароити имрӯз ва адабиётшиносии муосири тоҷик саҳм бигирад.

НАМУНАЕ АЗ ТАҲҚИҚИ ИҶТИМОИИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТШИНОСӢ

Субҳони Аъзамзод. Адабиётшиносии тоҷик ва ҷустуҷуҳои илмии Лутфулло Бузургзода (Хуҷанд, 2009)

Мусаллам аст, ки дигаргуниҳои мубрами бозсозии аҳди горбачёвӣ ва пасон фаро расидани даврони пурҷӯши Истиқлоли миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар канори ҷабҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ ба вазъи илмҳои ҷомеашиносӣ, аз чумла фазои адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик низ таъсири хос гузошт. Ба тақозои чораҷӯиҳои муҳими сиёсиву иҷтимоӣ ва талаботи расмии давлати шӯравӣ ва ҳизби коммунист ба матолиби таърихи адабиёт ва нақди адабӣ аз нав ручӯъ шуд ва ин амр аз фаро расидани марҳалаи сифатан нав дар ҷусторҳои илмии адабиётшиносӣ мужда дод. Меъёри нигоҳ ва баррасӣ дар нақду сухансанҷӣ тағйир пазируфт. Барои адабиёт ва адабиётшиносӣ заминаҳои хубу воқеии озодигӯиву озодандешӣ фароҳам омаданд. Ин гуна фазои нав дар сохтори сиёсиву иҷтимоии нимаи дувуми солҳои 80-уми асри XX барои минбаъд раҳо ёфтани муҳаққиқон ва озод шудани афкори онон аз чаҳорчӯбаи танги идеологӣ шароит ба вуҷуд овард. Ба тадриҷ усул ва мабонии нисбатан устувор ва қадамҳои созгортаре барои фароҳам овардани модели дигари нақду сухансанҷӣ ва ба вуҷуд овардани тадқиқи ғайриидеологӣ ва хориҷ аз мафкураи маҳдудназари расмии марксистӣ корвар гардид. Бо ин ҳама навхезиҳои фикрӣ адабиёт аз гузаштаи иҷтимоъгаронааш ба куллӣ ҷудо нашуд, балки нигоҳу назари мунтақидона ба мазмуну моҳияти мероси адабии замони шӯравӣ як амри

воқеӣ шинохта гардид.

Дар баррасиҳои илмии муҳаққиқону адибони номии русу тоҷик И. Брагинский, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Ш. Ҳусейнзода, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, С. Табаров, Н. Маъсумӣ, М. Шукуров, А. Маниёзов, А. Сайфуллоев, Ҷ. Бақозода, Х. Шарифов, А. Сатторов ва дигарон вежагиҳои умдаи адабиёт ва нақди адабии тоҷикии даврони шӯравӣ бозгӯ шудаанд. Бо ин ҳама, тадқиқи масъалаҳои шаклгирии афкори адабӣ дар замони шӯравӣ, дар маҷмӯъ, чигунагии бунёди таърихиву назарии нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ дар замони шӯравӣ дар қолаби чанд мақола ва бархе аз дастурҳои таълимӣ сурат гирифтаасту халос.

Дар давраи Истиқлоли миллии кишвар, яъне пас аз солҳои 90-уми асри мозӣ омӯзиши таърихи ташаккули адабиётшиносӣ роҳи комилан наву ҷудогона гардид ва табиист, ки ин роҳи баргузида усулан шакл гирифт ва дар ин марҳала асосан тадқиқи ҷанбаи сиёсиву иҷтимоии нақди адабии шӯравӣ маъмул гардид, ки ба назари мо ин таваҷҷӯҳ ва бознигарӣ аз замони босзозии горбачёвӣ дар нимаи дувуми солҳои 80-уми асри XX оғоз меёбад. Мавҷи навназарӣ дар асарҳои зумрае аз муҳаққиқини даврони бозсозӣ С. Табаров, М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Х. Асозода ва дигарон пайгирӣ шудааст. Дар робита ба ин навандешиҳо адабиётшиноси номӣ Абдухолиқ Набиев дар муқаддимаи рисолаи «Адабиёт ва нақди адабӣ» (1993) таъкид кардааст, ки дар он давра «тарзи зиндагӣ, савияи шууру тафаккури сиёсиву иҷтимоӣ ва эстетикию адабӣ ба таҷдиди назар ниёз пайдо намуд. Бо шарофати бозсозӣ, ривоҷи демократия ва ошкорбаёнӣ тасаввури мо дар бораи гузаштаи адабиёту нақди адабӣ ва рисолати онҳо дар ҳаёти ҷомеа, озодии эҷодкор ва иртиботи он ба воқеият, нисбат ба маҳфумҳои синфият ва партиявият хеле тағйир пазируфт ва мушаххасиву паҳно пайдо намуд».

Ин шохаи пурбори адабиётшиносӣ ва нақди адабии

тоҷик бо кӯшишҳои шодравон Маъруф Раҷабӣ низ шакли басташудаи илмӣ ба даст овард. Манзури мо дар ин боб нашри силсилаи пажӯҳишҳо, аз ҷумла ду китоби ҷиддии муҳаққиқ дар амри шинохти навини наҳзати ҷадидия дар Осиёи Миёна («Ислом: Ҷадидия ва инқилоб») ва асосҳои назариву эстетикии адабиёти тоҷик дар солҳои 1920-1954 («Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ») мебошанд, ки заминаҳои нави шинохти таърихи афкори адабиро дар ин марҳала бунёд гузоштанд. «Ба фикри ман» (2003), «Сотим Улуғзода – абармарди набард ва андеша» (2005) низ дар ростои навназарӣ қобили таваҷҷӯҳанд.

Имрӯз ҳам таваҷҷӯҳ ба шинохти тахассусмандонаи таърихи афкори адабӣ, адабиётшиносӣ ва нақди адабии давраи шӯравӣ кам нест. Омӯзиши ҷусторҳои илмии адабиётшиносӣ, бешубҳа, ба ривоҷи худшиносии миллӣ ва худсозии таърихӣ мусоидат карда, чунин пажӯҳишҳо дар фаҳмиши амиқи масоили адабӣ нақши бориз доранд. Дар ин раҳгузар адабиётшиноси навҷӯ Субҳони Аъзамзод низ ба омӯзиши таърихи адабиётшиносии муосири тоҷик дар даврaҳои аввали шӯравӣ завқи бештар зоҳир карда, дар ин ҷода ҷустуҷӯи зиёде ба роҳ мондааст. Матолиби таҷдиди назар ба адабиёт ва нақди адабии тоҷикии садаи бист дар рисолаҳои арзишманди «Адабиётшиносии тоҷик ва ҷусторҳои илмии Лутфулло Бузургзода» (Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.–248 с.), «Адабиёт ва маърифати нақд» (Хуҷанд: Анис, 2012.–200 с.) назаррас пайгирӣ шудаанд.

Рисолаи «Адабиётшиносии тоҷик ва ҷустуҷӯҳои илмии Лутфулло Бузургзода» дар меҳвари осори таҳқиқии марбут ба масоили умдатарини таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик арзишу аҳамияти бештаре дошта, он ҳосили натиҷа ва бардоштҳои илмии муаллиф дар ин замина ба шумор меравад.

Дастраси аҳли илму адаб гардидани ин китоб, ки ба шинохти амиқи нукоти муҳими адабиётшиносии давраи ҳас-

сосу пурошӯби тоҷик мусоидат мекунад ва ба масоили зиёд, муаммову баҳсу мунозираҳо дар ин замина равшанӣ меандозад, қадами устуворе дар дарки мавзӯъ метавонад бошад.

Муаллиф бо такя ба манбаъҳои муҳими фаровон ва ба кор гирифтани асноди пураразиши таърихи замони шӯравӣ пайваста кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар ду боб самтҳои мухталифи маърифати таърихи адабиёти пешини форсӣ-тоҷикиро дар робита ба талабот ва сатҳи нигоҳи замони пуршиддати дигаргуниҳои мафкуравии солҳои 30-40-уми асри XX таъйин ва, дар ин қарина, олами ҷусторҳои илмии олими шаҳиди ҷанги шараф Лутфулло Бузургзодаро мӯшикофона баррасӣ намояд.

Мутолиаи асар ба аҳли таҳқиқ ва хонандае, ки ба маҷрои равандҳои иҷтимоӣ дар он солҳо бетафовут нест, имкон фароҳам меорад, ки оид ба кашмакашҳои қавмиву нажодӣ дар адабиётшиносӣ ва ховаршиносӣ, назарияҳои мухталифи сиёсатро дар заминаи мероси классикии форсӣ-тоҷикӣ, самтҳои таҳқиқи адабиёти гузаштаву имрӯзи тоҷик, масоили табдил ва таҷдиди назар дар илми адабиётшиносӣ, муаммои «тақсим»-и мерос дар байни тоҷикону эроният ва масъалаи истилоҳи «форсу тоҷик»на танҳо иттилои комил гирад, балки аз хулосаву натиҷаҳои он дар амиқ бурдани пажӯҳишҳои баъдӣ ба кор барад.

Муаллиф зимни тадқиқи муаммоҳои умдаи таърихӣ ва назарии адабиётшиносии тоҷик дар солҳои 30-40-уми асри гузашта қайд мекунад, ки «яке аз кӯшишҳои ба назар намоёни татқиқоти ин давра (солҳои бозсозӣ ва баъди он дар назар аст – *шарҳи мо*) ба миён гузоштани тарҳи нави омӯзишу баррасии таърихи адабиёт аст» ва муътақид аст, ки «пажӯҳиши ҷанбаҳои гуногуни адабиётшиносии солҳои 30-40 садаи XX – вежагӣ, андешаи илмӣ, усулҳои баррасӣ, нақши афкори пажӯҳишгарӣ, дар маҷмӯъ, самти асосӣ ва муаммои ташаккули нақду адабиётшиносии муосири тоҷикӣ моро ба аслу маншаи печидаи ин бахши илм наздик мебарад» (с. 4).

Ба ин маънӣ, дар рисола кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки шаклгирии адабиётшиносӣ дар замони пурихтилофи баҳсу мунозираҳо, вежагиҳо, андешаҳои илмӣ, усулҳои баррасӣ, заминаҳои афкори илмӣ, самтҳои баҳрагирии адабиётшиносии тоҷик аз адабиётшиносии даврони қаблӣ ва ғайра бозгӯ шаванд. Дар ин рисола арзиши пажӯҳишҳои марбута дар алоқамандӣ ба рӯйдодҳои иҷтимоии замон муқаррар шудааст. Аз перомуни он маълум мегардад, ки дар ин марҳала таҳқиқоти адабиётшиносӣ ва нақд бо такя ба воқеаҳои иҷтимоии даврон шакл гирифта, тавассути он ба ташвиқу тарғиби густурдаи мафкураи марксистӣ замина фароҳам омадааст. Аз ин ҷиҳат, таҳлилу омӯзиши масоили ихтилофи синфию мафкуравии адибону ноқидон ва мухолифати фикру назари онон арзиши назаррас ёфта, аз ин ҷиҳат ба шаклгирии нақди адабӣ дар ин марҳала таваҷҷӯҳи хос сурат гирифтааст.

Дар рисола ҳангоми бозгӯи табдил ва таҷдиди назар дар адабиётшиносӣ ба ҷойгоҳи китоби тазкирамонанди «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), ки бо саъю талоши ҳайати босалоҳияти илму адаб фароҳам оварда шудааст, аз назари боздид ва ислоҳу такмили андешаҳои илмӣ дар робита ва қиёс бо тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) аҳамият дода шудааст. Ин маҷмӯа бо ҳама нуқсу заъфи тадвин марҳалаи муҳими таваҷҷӯҳ ба мероси адабӣ ва мероспажӯҳӣ дар замони худ шинохта ва арзиш пайдо кардааст.

Боби дувуми рисола ба шинохти рӯзгор ва мероси олими намоён Лутфулло Бузургзода бахшида шуда, аз мутолиаи он хонанда пеш аз ҳама бо мақоми илмӣ ва муаммои осори таҳқиқии ӯ ошно мешавад ва ӯро ба сифати олими сермаҳсул ва соҳибназар мешиносад.

Муаллиф бо ҳадафи бозгӯи нақши арзишманди Л. Бузургзода дар шаклгирии илми суханшиносии тоҷикии солҳои 30-40-уми асри XX тарҳи рӯзгор ва осори ӯро дар се дастаи аслӣ ба миён гузошта, барои дарки моҳияти

фаъолияти забоншиносӣ, лаҳҷашиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва гирдоварии мероси шифоҳӣ аз ҷониби ин олими пурмаҳсул замина гузоштааст.

Ин қисмати пажӯҳиш низ ба таври хеле пурдомана тарҳрезӣ шуда, огаҳии зимнӣ аз ҷараёни баҳсҳои марбут ба шинохти Лутфулло Бузургзода дар фосилаи солҳои дароз, баҳсҳои мутафовиту мутаноқиз роҷеъ ба рӯзгор ва муаммои мероси илмии ин олим имкон фароҳам меорад, ки нукоти мӯйшикофу мубоҳисаангез ба доираи таҳлилу баррасӣ ворид гардад. Аз ин ҷиҳат муҳаққиқ дар арзёбии мавзӯъ раванди баҳсҳои бардавомеро бо маҳорати хос намоён карда, дар радифи муҳаққиқони ҷиддиназар қарор гирифтааст, ки фикр мекунем, то ҷое дар ин замина тавфиқ бо ӯст. Истифодаву баҳрамандӣ аз таълифоти А. Хромов, А. Болдирев, С. Табаров, А. Сатторзода, В. Самад, М. Қосимова, Б. Шермуҳаммадов ва дигарон боиси шинохти бештари олими номвар гаштааст.

Ин боби рисола аз лиҳози намоён кардани мақоми густурдаи шахсияти олим аз арзиш ва аҳамияти бештар бархурдор буда, ба таври густурда ба шинохти падидаи ҳайратовари Лутфулло Бузургзода ва саҳми ӯ дар ҷаҳони илми тоҷики он солҳо мусоидат мекунад. Нақду баррасии хоси замон, рӯзгор ва муаммои осори илмии муҳаққиқи шинохтаи тоҷик аз муҳимтарин нукоти аслии рисола маҳсуб мешавад.

Ба таъкиди муҳаққиқ «ҷусторҳои илмии филологии Л. Бузургзода дар контексти ҷараёнгирии суханшиносии тоҷикии нимаи дувуми солҳои 30-юм ва ибтидои 40-уми садаи бист арзиши муҳим» дошта, рукнҳои муҳими забон, адабиёт ва фарҳанги мардуми тоҷикро дар бар гирифтааст.

Хулосаҳои муаллиф дар чаҳордаҳ нукта дастабандӣ шуда, муҳимтарин масъалаҳоро дар бар мегиранд. Ошноӣ бо мӯҳтавои рисола имкон медиҳад, ки хонанда роҷеъ ба вазъи адабиётшиносии тоҷики даврони шӯравӣ, бавежа то нимаи дувуми солҳои 40-уми асри XX иттилоъ ба даст оварад. Рисола дар адабиётшиносӣ ҷойгоҳи хос дошта метавонад.

МУСОҲИБАҲО

«ОБ АГАР САДПОРА ГАРДАД, БОЗ ҲАМ ОШНОСТ»

Мусоҳиба бо рӯзноманигор, адабиётшинос ва шоир Ҳумайро Накҳат Дастгирзода*

Ҳумайро Накҳат Дастгирзода 26-уми майи соли 1961 дар Кобул ба дунё омадааст. Шуғли падар ӯро водошта, ки дар се шаҳр ва шаш мактаб ба таҳсил пардозад. Ахиран синфи 12-умро дар литсеи Заргунаи Кобул хатм намуда, санади фарогат ба даст овардааст. Соли 1980 шомили Донишкадаи ҳуқуқ ва улуми сиёсии Донишгоҳи Кобул шуда, соли 1983 онро хатм кардааст.

Мадраки докторӣ адабиётшиносиро аз Донишгоҳи София бар асоси қарордоди байни иттиҳодияҳои адибони Афғонистон ва Булғориё гирифтааст.

Зимни тадрис ҳамчунин корҳои адабӣ ва журналистӣ доштааст. Ба маҷаллаҳои «Жвандун» ва «Овоз» менавишт ва масъули саҳифа буд. Дар давраи тадрис дар донишгоҳ илова бар омодасозии саҳифаҳои вежа дар маҷаллаи «Овоз» дар барномаҳои «Ҳафт авранг», «Замзамаҳои шабҳангом», «Аз ҳар чаман сумане» ва радиёву маҷалла ҳамкор буд.

Кори расмиро соли 1984 дар радиёи Афғонистон огоз карда ва ба навиштану таҳияи барномаҳои адабие, амсоли «Гузаргоҳи шеър» оид ба таърихи шеъри форсӣ, барномаи «Дунёи китоб» дар нақду муаррифии китоб пардохтааст.

Соли 1986 бо дархости Иттиҳодияи нависандагон ба ҳайси мураббӣ дар анҷумани нависандагони ҷавон ба кор омад. Зимни кор дар анҷуман ба таъсиси маҳфилҳои адабӣ дар тамоми макотибу муассисоти таҳсилӣ ва Донишгоҳи Кобул муваффақ шуд.

Ҳарчанд нахустин гузидаи шеъри ӯ «Шатти обии раҳоӣ» соли 1981 дар навбати чопи китобҳои Иттиҳодияи навсиандагон қарор дошт, аммо дар соли 1991 иқболи чоп

ёфт.

То имрӯз китобҳое аз ӯ, амсоли «Шатти обии раҳоӣ» (Кобул, 1991), «Ғазали гариби гурбат» (Кобул, 2003), «Ба даври оташу дарег» (Стокголм, 2009), «Офтоби овора» (Лейден, Ҳуланд, 2012), «Ҳеч натвон гуфт дар панҷоҳ сол» (Лейден, Ҳуланд, Кобул, 2012), «Талх дар оташ» (Ҳирот, 2013), «Аз сапеда лабрез» (Ҳирот, 2013), «Аз пуст то пустер» (Ҳирот, 2013), «Кӯчаҳои равшани моҳ» (Ҳуланд, 2013), «Парвораҳои Пиндор» (Ҳуланд, 2014) ба чоп расидаанд.

Аз хушбахтиҳои бону Ҳумайро яке саодати дидор ва дӯстӣ бо беҳтарин нависандаҳои форсизабон мебошад. Аз номоварони адабиёти форсӣ дар Афғонистон, Эрон ва Тоҷикистон бо Аҳмади Ҷовид, Восифи Бохтарӣ, Латифи Нозимӣ, Розиқ Фонӣ, Аҳмади Шомлу, Ҳамиди Мусаддиқ, Симини Беҳбаҳонӣ, Маҳмуди Давлатободӣ, Шафеии Кадканӣ, Лоиқ Шералӣ, Салимшоҳи Ҳалимшоҳ, Искандари Хатлонӣ ва Гулрухсор Сафиева ошно буда ва файзи сӯҳбат бардоштааст.

Бону Ҳумайро аз соли 1999 дар Голандия зиндагӣ мекунад ва дар донишгоҳи Утрехт (University of Applied Sciences Utrecht) фаъолият дорад.

Шукронаи Истиқлоли давлатӣ аст, ки баробари даст ёфтан ба ин неъмати бебаҳо мардуми шарафманди тоҷик дубора ба асолати хеш пайваст, бештар аз пештар барои шинохти муқаддасоти хеш талош намуд ва таргибу эҳёи тамаддуни ҳазорсоларо вазифаи шарафманд донист. Ин ҳама бедории миллӣ дар партави сиёсати давлат рӯҳу равони тоза пайдо кард. Дар ин замина равобити мардуми форсизабон дубора эҳё шуд, ба вежа равобити фарҳангӣ, ки ҳазорсолаҳо аз як реша об мехӯранд, пайванди воқеӣ ёфт. Аҳли фарҳанги Тоҷикистону Афғонистон ва Эрон аз маҳдудияти таҳмилии замони Шӯравӣ озод шуданд ва имкони огаҳии саривақт аз дастовардҳои ҳамдигарро пайдо карданд. Баргузории мулоқоту сӯҳбатҳо ва рӯзҳои фарҳангӣ миёни се

кишвари ба ҳам дӯсту бародар бо маром ҷараён дорад.

Ҳумайро Накҳат Дастгирзода аз чеҳраҳои шинохтаи адаби Афғонистон аст. Бо баҳрамандӣ аз имкон бо ин бонуи шинохтаи шеъру адаби Афғонистон дар атрофи забон ва адабиёти се кишвари форсизабон – Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон сӯҳбате анҷом додем, ки дар зер манзур мегардад.

– Бону Накҳат Дастгирзода, мо медонем, ки ҳамчун рӯзноманигор, адабиётшинос ва шоири хушсалиқа зиёд ба равобити мардуми форсизабон таваҷҷӯҳу муҳаббат доред. Ҳамин муҳаббат буд, ки моро бо ҳам ошно кард. Сароғоз аз ҷудо кардани фурсат барои сӯҳбат сипос дорем.

Медонем, ки дар замони Шӯравӣ равобити фарҳангӣ ва адабии миёни мардуми форсизабони Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон дар сатҳи хеле маҳдуд ва инҳисори сиёсат қарор дошт. Ин ҳол ба адабиёти афғон чӣ таъсире дошт?

– Нахуст аз хонандагон қаноатманд ҳастам ва аз ин номаи пурмеҳратон сипос мекунам, ки заминаи ҳамдилӣ ба ҳиммати Шумо мусоид шуд. «Об агар садпора гардад боз ҳам ошност». Ин гуфта, ба қаламрави мухталифи забони форсӣ – Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон дуруст меояд. Бо вуҷуди душвориҳои ворид омада бар забон боз забон забон асту ҳамзабонон бо тамоми номулоиматӣ дар ҷустуҷӯи якдигаранд, пулҳои шикастаи робитаро дубора обод мекунанд. Иқдомҳои нохушоянди сиёсӣ боис шуданд, ки забон дар се кишвари ҳамзабон тафовут пайдо кард ва сохтори наҳвии вожагонӣ тағйир пазируфт. Бо салтанат ёфтани забони русӣ дар кишвари Тоҷикистон ва нуфузи камназири забонҳои туркиву фаронсавӣ дар Эрон, ҳамзамон устувор ёфтани забонҳои пашту, урду ва инглисӣ дар Афғонистон вожаҳои асили забон берун ва муодилҳои бегона ҷойгузини онҳо шуданд. Пиёлаи форсӣ дар кишваре «стакан» шуд, дар кишвари дигар «глос» ва дар кишвари севум «финҷон». Хушбахтона, пиёла ҳанӯз ривоҷ дораду

ҳаст.

Ин тағйири забонро метавон дар се мавриди баррасӣ кард:

1. Нахуст, канор гузошта шудани вожаҳои забон дар баробари ҷойгузинии вожаҳои бегона; 2. Сохтмони таркибҳои тоза дар кишварҳои форсизабон, ки аз ду кишвари дигар тафовут дорад, масалан, «бемористон» дар Эрон, «шифохона» дар Афғонистон, «касалхона» дар Тоҷикистон; 3. Роиҷ сохтани вожаҳои бегона дар забон аз ҳисоби вожаҳои забонҳои бонуфузи берунӣ, масалан, донишгоҳ – вожаи форсии таркибёфта аз вожаи «дониш» ва пасванди «гоҳ», «юниверситӣ» (лотинӣ) дар Тоҷикистон ва «пуҳантун» (таркибе аз забони пашту) дар Афғонистон.

Дар тамоми ин маворид он чи муштарак мемонад, бегона сохтани забони форсӣ барои форсизабонҳои ҳаммарз аст. Ҳоло агар афғонӣ «глос» бихоҳад, эронӣ «финҷон»-е ба дасташ намедиҳад ва тоҷик «стакан» таклиф намекунад, ё агар эронӣ роҳи «бемористон»-ро дар Душанбе бипурсад, ӯро ба «касалхона» ва дар Афғонистон ӯро ба «шифохона» намебаранд, ҳам агар ки афғонистонӣ дар Теҳрон бихоҳад ба «пуҳантун» биравад, касе ӯро ба «донишгоҳ» ва дар Душанбе ӯро ба «юниверситӣ» роҳнамоӣ намекунад, зеро гӯяндагони забон дар ҳар сарзамин вожаҳое сохтанд ва роиҷ намудаанд, ки дар ду кишвари дигар ноошно ва бегонаанд. Шадидтарин нукта вазъи рутбаҳои илмӣ дар се кишвар аст. Дар кишварҳои Эрону Афғонистон муодилҳо барои лақабҳои лотин эҷод шуда, ки пайдост дар Эрон ин муодилҳо аз форсӣ сохта шудааст ва дар Афғонистон аз пашту ва пашту, бо он ки яке аз ду забони расмӣ аст ва дар қонуни нақши бештар ё бартар надорад, аммо дар амал дар соҳаи зиёд ҳежмунӣ дорад. Масалан, тамоми рутбаҳои низомӣ ва судя ва сохторҳои судӣ, пулис, низомӣ дорои номҳои паштуанд. «Додрас»-и форсӣ дар Афғонистон «Саранвол» аст. Ин ҷафо, ки худ кам нест, аз як сӯ, забони

мардуми ҳамзабонро то ҳадди зиёд ба гӯяндагони он дур аз фаҳм месозад, аммо ҷафои муҳимтар ҳам бар ин забон раво доштаанд ва он табдили расмулхат дар Тоҷикистон аст, ки забони нависшториро аз дастрас дур сохтааст.

Ба тафовути лаҳҷаву гуйишҳои забон бовар дорем, ки он хоси забони форсӣ нест ва ҳамаи забонҳои зиндаи дунё дорои гӯйишҳо ё диалекти мутафовитанд.

Дар тамоми даврaҳое, ки адабиёти форсӣ лаҳҷаҳои минтақаҳои мухталиф аз ҳам мутафовит будаанд, аммо ин тафовутҳо фақат дар забони гуфторӣ буда ва дар забони навишторӣ тафовутҳо ё андак будаанд ё аслан дар забони навишторӣ усуле ҳоким будааст, ки ин забонро аз шаклу наҳве бархурдор месохтааст. Масалан, дар оғози адаби форсӣ дар Самарқанд Рӯдакиро дорем ва дар Балх Робиаи Балхиро. Ин ду шоир аз фарҳанги вожагони воҳиде истифода мебаранд ва сохтори наҳвии воҳидеро пайравӣ мекунанд. Ин раванд то қарни XII-и ҳичрӣ ба ҳамин шакл идома ёфтааст. Он чи иттифоқ афтодааст, сабкҳои шеърие буда, ки дар манотиқи мухталифе падид омадааст: Сабки хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ.

Бешак, дар ҳамон замонҳо ҳам забони гуфтории ин манотиқ аз ҳам тафовут дошта ва шояд дорои вожаҳои вежаи худ буданд. Муштарак будани забони навиштор ва расмулхат рози ҳамзабонии гӯяндагони ин забон дар манотиқи мухталиф бо ҳама тавофути гуфторӣ ва лаҳҷавӣ будааст. Тағйири хат дар Тоҷикистон амалан робита бо ин кишварро маҳдуд кард ва робитаи забони навишторӣ, ки нақши муҳиме дар шаклдиҳии шеъру насри форсӣ дорад, бо Тоҷикистон дигар рахна ёфт. Дастрасӣ ба теъдоде аз ашъор ва китобҳое мумкин буд, ки ба алифбои арабӣ нигориши дубора меёфтанд ва ё ба қавли тоҷикон ба хати форсӣ кӯчонда мешуданд. Албатта, ин вазъият барои рушди забони форсӣ номуносиб аст. Аз ин лиҳоз, Форсӣ дар Эрон ягона забони расмӣ аст, ки фурсати рушди бештаре ёфт. Дар он кишвар китобҳои беш-

таре ба чоп расиданд ва ин китобҳо дар Афғонистон ҳам хонандаи фаровон доштанд. Боз дар Эрон буд, ки тарҷумаи фаровоне аз забонҳои мухталиф сурат гирифта ва бо ин тарҷумаҳо аз Афғонистон хонандаҳои адабиёти ҷаҳон афзуданд. Забони русӣ амалан забони идорӣ ва расмӣ буд. Русҳо дар кишвари мо барои муаррифии адабиёти худ талоше накарданд, то беҳтарин намунаҳои адабиёти русро тарҷума кунанд ва ба дастраси хонандагон қарор диҳанд. Достону романҳои машҳури русиро мо дар тарҷумаи мутарҷимони эронӣ хондем. Ба ҳамин шакл камтар аз забони форсии Эрону Афғонистон достону шеър ба алифбои кирилӣ баргардонда шуд, то дар дастраси хонандаи тоҷик қарор бигиранд.

Ба хотирам ҳаст, ки дар кӯдакиям дар толори «Кобул нандорӣ» консерти ҳунармандони тоҷик ба хотири ҷашни истиқлол баргузор шуда буд. Марди баландқомату бисёр хушсадое дар оғози консерт шеъри «Қалби модар»-ро аз Эраҷ Мирзо хонд. Шодравон падарам ҳамаи шеърро бо ӯ ҳамсадо замзама мекарданд, диктор тоҷик буд, шеъри эронӣ дар Кобул хонда мешуд ва падарам саропо дар шавқ буд ва ман бо он хониш, ба он лаҳҷа ва он шакл хониши шеър дилбастагии жарф пайдо кардам. Аммо чанд нафар дар Тоҷикистон метавонист шеъри шоирони Эрону Афғонистонро бихонад.

Дар солҳои ҳукумати Ҳизби демократики халқи Афғонистон робитаи байни давлатҳои Афғонистон ва Тоҷикистон устувортар шуд ва рафтуомадҳои ҳайатҳои фарҳангӣ заминаи ошноиро мусоид сохт. Дар ин даврон хонандаҳои шаҳрҳои калони Афғонистон бо номҳои шоирону нависандагони бузурги тоҷик ошно шуданд, аммо ҳанӯз ҳам шеъру достони ин кишвар барои мо комилан дастрас набуду нашуд. Тоҷикистон низ талоши қобили таваҷҷӯҳе барои чопи китобҳои форсӣ ба алифбои кирилӣ надошт, то адабиёти форсии хориҷи марзҳояшро ба дохил бишиносонад.

Бо он чи гуфтем, то ин ҷо як ҳақиқат ошкоро дида мешавад ва он аз ҳам бегонагии шохаҳои сегонаи забон буд. Адабиёти форсии Афғонистон аз Эрон таъсири зиёд пазируфт ва тақрибан худро бо Эрон дохили як раванди рушд медонист, аммо бо Тоҷикистон робита надошт. Таъсири манфӣ ҳамин ҷудо мондан ва бегона мондан буд, ки робитаи фарҳангии ҳамзабонҳо дар ҳадди робитаҳои сиёсӣ ва рафтуомадҳои ҳайатҳои расмӣ маҳдуд шуда буд. Мо аз шеъру таронаву достони якдигар, ки тасвиргари ҳаёти иҷтимоии мо буданд, дур афтодем. Бо ҷараёнҳои забону адаб дар ду сӯи сарҳад бегона шудем. Тоҷикон дар ҳамсоягии забони русӣ метавонистанд пули васле байни форсӣ ва бахше аз адабиёти ҷаҳонӣ бошанд, ки нашуданд ва агар ҳам адабиёти худашон аз адабиёти русӣ асар пазируфта буд, мо аз он боз ҳам дур будем.

– Агар дар мавриди забони шеър биандешем, шеъри имрӯзи тоҷик аз лиҳози забон ба забони мардум хеле наздикӣ дорад, забони шоирони бузурги имрӯз чун устодон Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ҳамон забони маҳаллии Тоҷикистон аст. Дар муқоиса бо забони шеъри тоҷик забони шеъри шоирони афғонистонӣ то чӣ ҳад ба забони мардум наздикӣ дорад?

– Забони форсӣ яке аз забонҳоест, ки дар он байни забони гуфтору навиштор тафовути равшану мушаххасе ҳаст. Ин марз барои шоирон ҳамвора сурхтарин рангро доштааст. Дар тамоми давраҳо бегумон забони гуфтор хеле мутафовит аз забони навиштор будааст. Бовар дорем, ки ҳаргиз мардуми Шероз бо шеваи Ҳофизу Саъдӣ ҳарф назада ва забони мардуми кӯчаву бозори Нишобур ба забони Умари Хайём монанд набудааст. Дар ин кор боз нақши худи шоирон бисёр муҳим будааст, ки забони навиштарро дур аз дастраси забони муколама ва забони муҳовара нигаҳ медоштанд. Шояд ба ин шакл мехостанд забонро розолуд бисозанд, то асаргузории шеърро боло бибаранд.

Ин ташвиш то андозае дар шеър ҷо боз кард, ки вожаҳо ба шоирона ва ғайришоирона тақсим шуданд. Шоире, ки ин дағдағаро надошт, Бобо Тоҳири Урён буд, ки ҳам бо лаҳҷа ва ҳам бо ибораҳо ва вожаҳои роиҷ дар забони мардум дубайтӣ суруд. Дар миёни шоирони классик Носири Хусрав ва Мавлоно бо забони гуфтор наздикии бешуморе доранд. Дар мактаби ҳиндӣ истифода аз вожаву иборат ва таркиб, тиккакалом ва зарбулмасал чунон афзоиш ёфт, ки ба яке аз мухтассоти муҳими ин сабк табдил шуд, аммо боз ҳам тафовутҳое байни гуфтору навиштор ҳамчунон побарҷо боқӣ мондаанд. Имрӯз дар Эрон ва Афғонистон огоҳона талошҳое барои наздик шудани ин ду пояи забон сурат мегирад, аммо боз ҳам шеър ҳанӯз хусусияти забони фохири навишторро дорад. Дар Афғонистон ба истиснои чанд шеър забону лаҳҷаи гуфторӣ вориди шеър нашудааст. Аммо дар Эрон шеъри бешуморе ба лаҳҷаи теҳронӣ суруда шудааст. Аз Фурӯғ то Шомлу шоирони бешуморе талош карданд то забони шеърро ба забони рӯзонаи мардум наздик созанд. Албатта Фурӯғ ин талошро дар вазну ритм ҳам анҷом додааст ва хеле аз шеърҳои Фурӯғ ба ритми табиии забон наздиканд. Он чӣ дар шеъри шоирони бузургвори тоҷик мутаваҷҷеҳ шудаам, наҳви забон аст, ки ба забони гуфтор наздик аст. Ман шеърҳои бону Гулрухсорро аз забони худаш дар як барнома шунидам. Ҷолиб аст, агар барои хонандаи мисли ман се шеър аз се шоир аз се кишвари форсизабонро бихонед, ба суръат метавонам кишвари ҳар шоирро бишиносам, дар ҳоле ки Шумо ин тафовутро дар шеъри Рӯдакӣ ва Робиаи Балхӣ ва ё Мавлоно Ҷалолуддин ва Саъдӣ, ки муосири ҳаманд ва бегумон аз ҷарёни шеърӣ ва адабии замонашон мутаассиранд, дарнамеёбед. Баъд аз ин тафсил бояд бигӯям, ки ин амр дар Эрону Афғонистон агар иттифоқ ҳам афтода бошад, бештари гароишҳои чанд шоир аст ва ҳаргиз ба ҳайси ҷарёни адабӣ ва шеърӣ зуҳур накардааст. Дар шеъри шоирони Афғо-

нистон шояд аз муосирин битавон аз Сӯфии Ашқарӣ ном бурд ва ё шояд аз Валии Тавоф – шоири бесавод ва Биби Саманбу, ин шоирон ва шоирони ношинохтаи дубайтиҳо шабоҳатеро, ки Шумо дар назар доред, бо забони мардум доштаанд. Аммо, ҳамон тавр ки гуфтам, инҳо гароишҳои завқии иддае аз шоиронанд ва на як ҷараёни огоҳона дар ҷиҳати ҳамсӯ сохтани ду пояи забон.

– Ҳамон тавр ки медонед, ба далели маҳдудияти пажӯҳиш ва марсум будани хати кирилӣ дар Тоҷикистон шеъри тоҷик дар Эрон ва Афғонистон ношинохта боқӣ мондааст. Назари шумо дар ин маврид чӣ аст?

– Ҳақиқати талхеро ёдовар шудед. Он чи ман дар оғози сӯҳбат ёд кардам, бегумон, ҷафои бузургест, бар забони форсӣ ва форсизабонҳои Тоҷикистон. Шумо аз ношинохта мондани адабиёти муосири тоҷик ба форсизабонҳои Афғонистон ва Эрон ёд кардед. Дур мондани форсизабонҳои Тоҷикистон аз адабиёти классики форсӣ ва адабиёти муосири кишварҳои ҳамзабон ба он расид, ки ҷуз теъдоди андаке аз китобҳои классик ба алифбои кирилӣ бознависӣ нашуд. Амалан хониши фаровардаҳои адабии кишварҳои Эрон ва Афғонистон барои хонандаҳои тоҷик номумкин шуд. Мардуми тоҷик дар ин муддат ба ду забон шеър метавонистанд бихонанд, ки ҳар ду ба кирилӣ нигошта мешуданд. Яке форсӣ ва дигаре русӣ. Аз ин рӯ, асаргузории забону шеъри русӣ ва он чӣ ба забони русӣ тарҷума мешуд, бар забону адаби форсии тоҷикӣ бештар аз асаргузории адабиёт дар ҳамсоягиаш шуд. Инак, имрӯз вақте шеъри Тоҷикистонро мехонем, ин асарпазириро равшан мебинем. Албатта, асарпазирӣ дар шеъри Эрон ва Афғонистон ҳам аз шеъри бахшҳои дигари ҷаҳон машҳуд аст, аммо маҳсур будани шеъри тоҷик ба забону адаби русӣ ӯро аз шеъри ду кишвари форсизабони ҳамсояш ва дар ҳақиқат аз пайкари воҳиди шеъри форсӣ чун тофтаи ҷудо бофта сохтааст.

Дар замони ҷумҳурии демократӣ дар Афғонистон мо ҳам ҳафтаи адабиёти русӣ доштем, конфронсҳои бешумаре дар бораи адабиёти сусиёлистӣ ва адабиёти Шӯравӣ доштем, сафарҳои адибони Афғонистон ба шӯравӣ ва баръаксашро доштем. Шеъри фаровоне аз забони русӣ ба форсӣ тарҷума шуданд, аммо истиқболи хубе рух надод. Асари он конфросҳо зиёд маҳсус набуд. Бештар мардум аз адабиёти мамнӯъ таъсир пазируфтанд. Масалан, таъсири Сортр ва аз ҳамсояҳо таъсири доктор Шариатӣ бештар аз дигарон буд. Яъне, талоши давлат дар шаклдиҳии адабиёти сусиёлистӣ маҳдуд монд ва ҳамагонӣ нашуд. Шакли шеъри форсӣ дар кишвари ман идомаи ҳамон шеъри ҳазорсолаи форсӣ буд, ҳатто вожагони кӯҳна ба кундӣ аз шеър берун мешуданд. Ин ҳол дар Эрон сареътар буд ва таъсири тарҷумаҳои фаровоне, ки аз забонҳои гуногун ҳамарӯза вориди бозор мешуданд, дар осори адибони Эрон равшан ба назар мерасид. Таронаҳои Блитис дар тарҷумаи Шуҷоъуддини Шифо, аз як сӯ, шоирони бешумореро ба сӯи худ кашида буд ва шеърҳои меҳаниву озодихоҳонаи Амрикои Лотин аз сӯи дигар. Ин таъсирот бо вуруди наҳзати тарҷума ба Афғонистон низ эҳсос мешуд. Аз ҷониби дигар, ҳанӯз ашъори классик, сӯфиёна ва сурудаҳои хонақоҳӣ, бахусус, ғазалҳои мактаби ҳиндӣ дар Афғонистон пайравони худро доштанд. Дар Эрон ҳам шеърҳои мазҳабӣ дар маросимҳои мазҳабӣ равнақ наёфта буд, ҳарчанд ин навъ шеър иқболи чопро намеёфт ё камтар меёфт. Аммо дар Тоҷикистон шеъри форсӣ дар ҳамаи шаклҳояш нафас мекашид, аз вазни классик то Нимоӣ ва то шеъри оҳангин ё Шомлуӣ канори ҳам пазиранда ва хонанда доштанд. Албатта, дар миёни нақди адабӣ саликааш ба хонанда таҳмил мешуд, илзоман шеъри бидуни паёми сиёсӣ ва иҷтимоиро мунтақидин ҷиддӣ намегирифтанд. Аммо пазирандаи асар ҷудо аз нақдкунанда робитаашро бо шеър барқарор мекард. Аз ин рӯ, шеъри Ашқариро аз бар ме-

карданд ва овозхонҳо ба шеърҳояш оҳанг мебастанд. Дар маҳфилҳои равшанфикрӣ ашъори сиёсӣ мехонданд. Бадбахтона, шеъри тоҷик на дар маҳфилҳои равшанфикрӣ, ки бештар аз морксизм мутаассир буданд, хонда мешуд ва на дар маҳфилҳои мусиқӣ ва тараб. Дар сафарҳои овозхонҳои тоҷик оҳангҳои маҳаллии тоҷик мавриди писанду истиқболи фаровони мардум қарор мегирифт. Рӯзи баъд аз консерт овози онон аз кӯю барзан шунида мешуд, ҳунармандон онҳоро бозмехонданд. Ҳунар ҳукм барнадорад ва ба қавонини худ роҳ меравад, ба ҳеҷ қоида ҷуз қоидаҳои ҳунарӣ пойбанд нест. Агар шеъри тоҷикӣ бо хати форсӣ вориди сарзаминҳои форсӣ мешуд, шояд ин шакл бегона наменмонд, мо ба номҳои калони бузургони тоҷик бе он ки осорашонро хонда бошем, ҳурмат доштем ва эшонро дӯст медоштем. Дар консертҳои расмӣ гоҳе ба шеърҳое аз ин бузургон, ки хонда мешуд, мардум каф мекӯбиданд ва онҳоро истиқбол мекарданд, аммо он гуна ки мо ҳам осори Нимо (назму наср), Фурӯғи Фаррухзод, Нодирпур ва дигар шоирони эрониро дар ихтиёр доштем ва ҳафтавору маҷаллаҳои эроние, ки ба бозорҳои мо сарозер мешуданд, моро бо тозаҳои шеъру достони эронӣ ошно месохт, набуд. Ин ҷодаи яктарафа буд, ки хонандаи шеърро дар ватани ман бо шеър ошно мекард, хонандаи шеър дар Эрон ҳам аз хондану ошно шудан бо шеъри Тоҷикистон ба хотири алифбои кирилӣ маҳрум буд ва ҳам бо шеъру адаби Афғонистон ноошно. Афғонистон аз сиёсати дузабонӣ ранҷ мебурд. Барои чопи як асари форсӣ бояд як асари пашту чоп мешуд ва кори чоп ҳам давлатӣ буд. Аз сӯе матбуоти Афғонистон камкор буд, ҷуз ду-се маҷалла бо тирожи кам ва чанд рӯзномаи расмӣ мо низ қудрати табодули фарҳангӣ бо Эронро надоштем, ин хонандаи афғонӣ буд, ки бо адаби тоҷику эронӣ ба навъе ошно буд, пулҳои робита хароб буд, агар аз Афғонистон чизе ба Тоҷикистон мерафт, ҳатман хонда намешуд, ҷуз тавассути теъдоди каме, ки

ҳанӯз қодир ба хондани расмулхати арабӣ буданд ва дар Эрон ҳам шеър имкони бештаре дошт то наср, зеро дар насри мо он қадар вожаҳои пашту ва англисӣ ворид буданд, ки барои хонанда фаҳмидани матлабро душвор месохт. Ба ҳар ҳол, ин ҷудосозие, ки ба гумони ман бо роҳҳои мухталиф ва огоҳона бар забони форсӣ ва форсизабонон таҳмил шуд, на танҳо бар тоҷикон асари номатлуб дошт, балки бар Эрону Афғонистон ҳам таъсир дошт.

– Ҳарчанд ин пурсиш бисёр куллӣ аст, аммо лутфан дар чаҳорчӯбаи ҳамин сӯҳбат назаратонро бигӯед. Шеъри имрӯзи Афғонистон дар муқоиса бо шеъри 100 соли қабл чӣ муваффақият ва ҷойгоҳро касб кардааст? Ба назари Шумо шеъри афғон то чӣ андоза дар ин масир муваффақ буд?

– Пурсиши бисёр куллӣ ва хеле посухи муфассал мехоҳад, аммо, то он ҷо ки мумкин бошад, мекӯшам дар ҳадди ин мусоҳиба посухе диҳам.

Агар ба таври дақиқ ба 100 сол ақиб биравем ва рӯ ба рӯи тақвим истем, соли 1915-ро хоҳем дид. Рӯзгори ошуфтаи сиёсӣ ва дағдағаи шӯришу сӯиқасдҳост. Шеър низ дар ин замон ҳоли хуше надорад. Аммо оғозшавии як навъ навгароӣ дар шеър аст. Ба таври кул шеър дучори кӯҳнагии забон, тасвир ва мавзӯъ аст. Аммо 100 сол роҳи пурпечу хамеро, ки рафт, инак, дастҳои шеър аз навоварӣ дар ҳама арсаҳо пур аст.

Нигоҳ кунед, имрӯз ҷавонон мекӯшанд то шакли ҷадиде дар шеъри имрӯзи форсӣ ҷой бидиҳанд, ки ба он шеъри постмодерн мегӯянд. Ин талош идомаи мантиқии рушди шеър аст, зеро то он ҷо ки расидем, чанд иттифоқи бузург афтодааст: ва вуҷуд омадани шеъри нимоӣ, ба вуҷуд омадани шеъри шомлуӣ ё оҳангин, ворид шудани мавзӯоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба шакли бисёр мутафовите аз дирӯз, тағйири забони шеър. Дар Афғонистон таҳаввулот аз адаб дар фанни шеър шурӯъ шуд ва бо шеъри:

Вақти шеъру шоирӣ бигзашту рафт,
Вақти сеҳру соҳирӣ бигзашту рафт,-

ба шеър вазифаи тоза дода шуд ва он ин ки мазмуни шеър бояд номулоиматии иҷтимоӣ, пешрафти тамаддун ва дастовардҳои ҷадиди санъату фан бошад. Дар оғози ин давра шоҳномасароӣ дубора ривоҷ ёфта буд, ғазалсароӣ ба шеваи Бедил маъмултарин шева буд, аммо ба тадриҷ шеваҳои ҷадид ҷои худ боз карданд. Зиёд шудани маҷалла ва рӯзнома, барномаи адабӣ, радио ҳам дар шаклдиҳӣ ва пазириши тағйироти шеър кӯмак шуданд. Ин шакл буд, ки шеъри форсӣ дар Афғонистон ҳарчанд шароити мусоиди чопу нашри Эронро надошт, аммо бо роҳи худ рафт ва ба зудӣ нақднигоронашро ёфт. Ба хотири шароити номусоид чопи девонҳои шеър, китобҳои нақд, тарҷумаҳои назарии теюрии адабиёт ва нақди шеър ба кундӣ пеш мерафт. Аммо шеъри имрӯз дурахши вежаи пешрафт дорад. Агар шеъри 100 соли пешро канори шеъри имрӯзи Афғонистон бигузорем, тафовутҳоро бисёр ошкор мебинем. Бо он ки аз нигоҳи забон боз ҳам форсӣ аст ва боз ҳам ҳамон вожаҳои ошнои забони модарист, аммо дигар симои тоза дорад. Ин тағйирот на танҳо дар шеър, дар наср ҳам иттифоқ афтодааст. Насри адабӣ ва насри илмиву рӯзномаигорӣ дигар комилан симо иваз кардааст.

Дастовардҳои насру назми Афғонистон бо вуҷуди душвориҳо зиёд аст. Забон дар ҷараёнҳои мутафовит борҳо рушд дидааст. Гоҳ талош барои сарасозӣ дар кори иддае аз нависандагон вожаҳои бегонаро рондааст ва замоне талош барои модернӣ сохтани забон ба василаи иддае аз нависандаҳо таркибҳои тоза ва гоҳе ҳам вожаҳои илмӣ аз забонҳои бегонаро вориди забон сохтааст, дар канори он полиси давлати Афғонистон ҳам барои ворид кардани вожаҳое аз забони пашту ҳамчунон ба қуввати хеш боқӣ буд. Аммо ишқи мардум ба шеъру забон забонро арзанда ва зинда нигаҳ доштааст. Дар сӣ соли ахир забону адаби форсӣ рушди хеле сареъ дошт. Ҳарчанд дар ин се даҳа шеъри форсии Афғонистонро дар ҳавзаҳои Машҳаду

Пешовар ва Кобул дар канори шеъри муҳоҷират дар Аврупо ва Амрико бояд дид, аммо рушди забон ва адабиёт бо ҳама парокандагӣ чашмгир аст. Ва ин рушд то ҳаддест, ки забони насру назми мо бо 30 сол пеш ба шакле равшан фарқ мешавад. На танҳо дар ҳавзаи шаклу қолаб, балки аз нигоҳи мазмуну баён. Имрӯз шеъри занон дар Афғонистон қобили таваҷҷӯҳ аст. Занони шоира имрӯз мисли занони 50 сол пеш аз забонҳои ғайричинсиятӣ истифода намекунанд, барои шеърашон ҳам мавзӯъҳои мумкин муҷоз ва номумкин ғайримуҷозро намешиносанд. Ҷасурона бар суннатҳо метозанд ва далерона аз ҳаққи инсоне, ки зан аст, ҳарф мезананд.

Дар ин дарозмуддат шеъри сиёсии мо ҳам аз андешаҳои росту чап пур шуд ва рӯзгори сонсур бар андешаро ҳам таҷриба кард, ба озодии баёни андеша ҳам расид, имрӯз мебинем, ки сонсурҳои зеҳнии шоир ҳам дар шеърҳо дарҳам шикастааст. Тарс аз пазириш ва адами пазириш ҳам фурӯ рехтааст. Ин рӯйдодҳо сабаб шуд, ки шеър ба дунёе аз озодӣ роҳ ёбад. Тоблуҳоро ҳам бишканад ва роҳи худро ба пои худ бипаймояд. Маълум нест чӣ теъдоде аз ин гароишҳо ва навгароҳоро шеър бипазирад ва бо худ ба оянда бикашонад. Аммо ин равшан аст, ки дигар ин забон ва ин шеър бо шиддати суръат ба роҳ афтодааст. Лаҳнҳо ва забонҳо ва шаклҳои мутафовитеро таҷриба мекунад. Ҳавзаи вожагонашро рӯз ба рӯз густариши бештар медиҳад, аз шакл то бешаклиро мепаймояд. Дар як калом шеъри Афғонистон дар ин сад сол муваффақона ҷодаи тағйиру таҳаввулро ба нафъи симои тоза мепаймояд. Хушбахтӣ ин ҷост, ки ҳамзамон тамоми шаклҳо ва жанрҳои шеъри классик ҳам ба шакли мувозӣ ба ҳастиашон идома додаанд ва идома медиҳанд.

– Ҳарчанд дар боло роҷеъ ба ин мавзӯъ ишораҳое намудед, аммо боз моилем бипурсем, ки таҳаввули сиёсӣ ва иҷтимоие, ки дар кишвари Афғонистон дар чанд даҳсолаи ахир ба амал омад, ба густариши шеъри сиёсӣ дар Афғонистон

чӣ таъсир гузошт. Шеъри сиёсии Афғонистон бо шеъри муосири Эрон қобили муқоиса аст?

– Бале, дар посух ба саволи пешинатон ба таври гузаро ба ин мавзӯъ ишора кардам. Бояд як хати равшан бикашем ва он хати идеологӣ аст. Оғози таҳаввулоти сиёсӣ нуктаи авҷи ин навъ шеър дар Афғонистон буд. Аммо, пеш аз он шеъри сиёсӣ ва шеър бо дарунмояи иҷтимоӣ дар зеҳни зиёиён ҷои муҳиме касб карда буд ва нақди равшанфикронаи мо шеърро фақат аз нигоҳи мӯҳтаво ба хубу бад тақсим мекард. Шеъре, ки дар он садои гиряи ятим ва шевани пиразани гурусна набуд ва шеъре, ки аз он хонаи вайрона, хони золим ва коргари мазлум дида намешуд, арзиши камтаре дошт. Шеъри ин давра даъватномае ба майдони мубориза ва садои муқовимати мардум буд. «Мардум» дар зеҳни пайравони ҳар идеологӣ ҳузур доштанд ва комилу тамом буданд ва дар тавофуқи комил бо ироакунандагони идеологӣ қарор доштанд. Албатта, ин шеърҳо дар шаклдиҳии зеҳнияти иҷтимоӣ комилан беасар набуданд ва дар давраҳои тазоҳурот дар донишгоҳ ва дар ҷодаҳои шаҳрҳои бузург ин нерӯи шеърӣ буд, ки эҳсосоти ҷавононро нисбат ба Ватан ва ояндаи сиёсӣ таҳрик мекард ва боз ин мӯҳтавои шеъри сиёсӣ буд, ки ҷавонони раҳгузари он иҷтимоъҳоро дар шаклдиҳии ояндаи сиёсӣ шарик месохт. Бисёре аз ин шеърҳо ба таври тақбайтҳое ба ҳайси шиор истифода мешуданд ва ин тақбайтҳо ҳамвора бар забони мардум равон буд ва, бидуни тардид, вақте шеъре борҳо бар забон ҷорӣ шавад, бар зеҳн низ асар мегузорад. Аммо таъсири шиору шеъри сиёсии чапӣ аз қишри зиёӣ дуртар нарафт. Дар он тараф ростгароён шеъри худро доштанд ва онҳо шеърҳояшонро дар тазоҳурот мехонданд ва мардуми диндор ва алоқаманд ба дину мазҳаб бо эшон ҳамроҳ мешуданд. Аммо ин навъ шеър, ҳамон тавр ки ёд кардам, авҷашро дар солҳои таҳаввули сиёсии кишвари Афғонистон бозшинохт. Дар дохили кишвар шеърҳое, ки дар нашрияҳо чоп мешуданд,

маъмулан шеърҳое буданд, ки дар таъйиди давлату ҳизб суруда мешуданд, ё аз канори ҳодисаҳо бесадо убур мекарданд ва ё он қадар забони намодин доштанд, ки камтар фаҳмида мешуд. Дар он сӯи сарҳадҳо номҳо равшантар аз ин сӯи марз буд, вожаҳои муҷоҳид ва ҷоҳид ва муҳоҷират ва ғурбат дар шеъри шоирони муқими Эрон ва Пешовар бисёр ба кор бурда мешуданд. Мӯҳтавои шеъри сиёсиро саликаҳо таъйин мекарданд. Дар сӯе, ки ҷиҳод ҷараён дошт, бархе иқдом «қаҳрамонӣ» ва «инсондустӣ» ва «худодӯстӣ» хонда мешуданд, аммо ҳамин иқдом дар ҷабҳаи муқобилро «ватанфурӯшӣ», «инсонкушӣ» ва «динситезӣ» меномиданд. Тарафе, ки давлати ҳизби демократ бар он ҳоким буд, айни ин салиқаро дошт. Ин дар як калом мӯҳтавои шеъри сиёсӣ дар солҳои ҷанг буд. Ҷанг дар ҳар ду сӯ шеърро мӯҳтавои мутлақ дода буд: бад ва хуб. Устод Халилӣ аз бузургтарин шоирони муосири мо аст, ки дар Эрон ва Тоҷикистон низ шинохта шудааст, ӯ дар шеъре мегӯяд:

Гӯед ба Наврӯз, ки имсол наояд,
Дар кишвари мотамзадагон раҳ накушояд.

Шоири дигар дар васфи туфанги муҷоҳид шеъре сурудааст. Дар ин сӯ ҳам, сарбозони Шӯравӣ асир гаштанд, имтиҳон рух дод ва алоқамандон ширкат карданд, шеърҳое дар васфи сарбозон суруданд.

Баъд аз фурӯпошии режими демократикӣ дар кишвар шеъри сиёсӣ дар сурудаҳои настолжӣ, ҳасрату андӯҳ ва парешонӣ идома ёфт ва симо иваз кард. Бисёр мавзӯоти шеърии ин замон бештар аз ҳар давраи шеъри форсӣ дар Афғонистон рӯ заданд. Аз як сӯ, бо тарҳи андешаҳои морксистӣ фарҳанги вожаҳои шеър тозагӣ ба даст овард, аз сӯе, бо қиёмҳои динӣ дар баробари ҳукумати демократик асотири динӣ ва вожаҳои динӣ дар шеър дубора роҳ ёфтанд. Шеърҳои марсия, мадҳ, шеъри ҳикамӣ ва таълимӣ дар канори шеъри ишқӣ ва ирфонӣ ва сиёсӣ ҷо боз карданд.

Дар қисмати дувуми пурсишатон бояд бигӯям, ки дар

оғоз шеъри сиёсии мо бо шеъри Эрон наздикии фаровон дошт. Ҳар ду кишвар дорои гароиши наздики сиёсӣ буданд ва дар ду кишвар пайравони ҳар ду навъ идеология фаровон буданд. Шеъри сиёсии Афғонистон ва Эронро метавон бо ҳам муқоиса кард. Ҳар ду кишвар ба хотири шеър қурбонӣ доданд. Шоирони бешуморе дар Афғонистон ё ба хотири тааллуқашон ба ҳизб ё ба хотири шеърашон зиндонӣ ё нобуд шуданд, ин кор дар Эрон ҳам шуд. Пас, агар ин шеър бар миллат таъсири фавқулодае надошта, бар давлатҳо доштааст ва қудратҳои давлатиро тарсондааст. Ин навъ шеър бар нашрияҳо тарс густарда буд, зеро касе онҳоро чоп намекард, дар Эрон ҳам ҳамин тавр буд. Ин шеърҳо садои гурӯҳе аз зиёиён буданд, ки ҳукуматҳо онҳоро таъйидашон месохтанд. Аммо вақте ба ҷои таъйид танқид ва эътирозашонро мешунид, аз чопу нашр сар бозмезад ва сарояндагони онро зиндонӣ месохт. Албатта, ин ҳақиқатро бояд бигӯям, ки сарояндагони шеърҳои муқовимат маъмулан аъзои ҳизбҳои мухолифи давлат буданд ё шоирони вобаста ба давлат, ки муҷоҳидин ва нерӯҳояшон дар замони ҷанги дохилӣ бо ин даста аз шоирон барҳӯрди тунде доштанд. Дар Эрон ҳам фаровон аз куштану зиндонӣ шудани шоироне шунидаем, ки шояд дар қадами нахуст узвияташон дар як ҳизби мухолиф асли далел ва шеъри сиёсиашон баҳона буда бошад. Дар системҳои тагҳизбӣ ва истибдоди андеша асл бар нафйи физикии мухолиф аст. Ин шеърҳо дар зеҳни мардум буданд, аммо дар солҳои ҷанг асари фаровоне надоштанд. Ман дар солҳои муқовимат дар Афғонистон будам ва мардуми бешуморе ба асли муқовимат, бе он ки ба ин ё он ҳизби сиёсӣ, ки дар ҷабҳаҳои мухолифи давлат қарор доштанд, алоқаманд буданд; ба муқовимат ва нафаси муқовимат бовар доштанд, аммо дар тамоми ин солҳо шеъре аз он сӯи сарҳадҳо наёмад, ки дар забони мардум хонда шавад. Дар ҳамин даврон шеъри зер аз Раззоқи Фонӣ, ки дар дохили Афғонистон ва мутаассир аз рӯйдодҳои дохилӣ нигошта шуда буд, воқеан

бар забонҳо ҷорӣ ва борҳо бар он оҳангҳо сохта шуд ва тавассути овозхонҳои Афғонистон ҳам дар ҳамон замон ва ҳам баъд аз он дар даврони муҳоҷират хонда шуд:

Ҳама ҷо дукони ранг аст, ҳама ранг мефурӯшанд,
Дили ман ба шиша сӯзад, ҳама санг мефурӯшанд.

Дар Эрон низ ду ҷарёни шеъри сиёсӣ ҳамзамон рушд кардааст: шеъри сиёсии мувофиқи давлат ва шеърии сиёсии мухолиф. Фарқи бузурги ҷараёни шеъри сиёсии Эрон бо Афғонистон шояд дар ин бошад, ки онҳо ба чоп чӣ дар дохил, чӣ дар хориҷ дастраст доштанд. Шеърашон пайваста дар дастраси хонандагони сарзамини худашон ва сарзаминҳои ҳамрӯзгор ва ҳамзабон қарор гирифтааст. Дар ҳоле ки шеъри Афғонистон ва Тоҷикистон аз ин неъмат баҳраманд набудааст.

– **Аз чеҳраҳои матраҳи адабиёти муосири Афғонистон дар Тоҷикистон устодон Халилуллоҳи Халилӣ, Восифи Бохтарӣ, Абдулқаҳҳори Осӣ ва чанд тани дигар шинохта шудаанд. Дар Афғонистон бо шеъру адаби тоҷик то чӣ андоза ошноӣ доред?**

– Мо низ бо шоирону нависандагони Тоҷикистон ошноӣ дорем. Номҳое чун Садриддини Айнӣ, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Салимшоҳ Ҳалимшоҳ, шодравон Искандари Хатлонӣ, ҷаноби Аскар Ҳаким ва азизони дигаре, ки ҳамин лаҳза номҳояшонро ба хотир надорам, хеле мӯътабаранд. Аммо ин теъдод то замоне, ки ман дар дохили кишвар будам, бештар дар байни шоирону нависандагони афғон шӯҳрат доштанд. Умедворам бо наздик шудани робитаҳо навиштори ин нависандагон дар дастраси хонандагони кишварҳои Афғонистон ва Эрон қарор гирифта бошанд.

– Сипос ба чунин сӯҳбати самимӣ, Ҳумайробонуи гиромӣ, ба саодати рӯзгор ва ҳамкории минбаъда умед мебандем.

– Саломату сарбаланд бошед, дӯстони хубам!

ДАР ЧИГУНАГИИ НАҚДИ АДАБӢ ВА ШЕВАИ КОРИ МУНАҚҚИД

Сӯҳбат бо адабиётшинос ва мунаққид Субҳони Аъзамзод

– Дар нақди адабӣ имрӯз чӣ изҳори назаре метавон кард?

– Зиндагӣ саросар иборат аз нақд аст. Моҳияти «нақд» шинохт аст, шинохти арзиш, кашфи маҳосин ва маойби (ҳусну айби) чизе, дарки сара аз носара, тамизи хуб аз бад, тарҷеҳи зебо аз зишт, ки ба интихоби чизи беҳтар ё андешаи хуб мерасонад. Инсон баъзан аз касе ё чизе айб мечӯяд, ки ин низ вежагии наққодӣ буда, маънии интихоби чизи беҳтарро дорад. Дар бисёр маврид ноқид аз диди аҳли ҷомеа одами хуб, хоса аз диди шоир ё нависанда шахси матлуб набуд. Бо вуҷуди ин, рисолати мунаққид чун кошифи аслии ҳақиқат аз давраи бостон бебаҳс аст. Бозори нақд дар кишварҳои пешрафта ҳамеша гарм буд. Нақд нерӯи тавонманд аст, ки ба мадори адабиёт ҷони тоза мебахшад....

Нақди навини адабии тоҷик таърихан анъанаҳои хуб дошт. Имрӯз мактаби адабиётшиносӣ ва ноқидии насли корваре чун Садриддин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат, Тӯрақул Зеҳнӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҳошим, Абдулғанӣ Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Хуршеда Отахонова, Абдуқодир Маниёзов, Атахон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифов, Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ, Абдунабӣ Сатторзода, Ҷӯрахон Бақозода, Юсуфи Акбарзода, Абдувалӣ Давронов ва даҳҳо дигар пайравони онон манбаи муҳими пешбурди кори нақду наққодӣ маҳсуб мешавад. Ошноии

густурда бо нақди тахассусии адабӣ дар заминаи адабиёти гузаштаву имрӯз моро бо сифоти хуб ва муҳими наққодӣ ошно месозад, ки дар як сӯҳбат наметавон паҳлӯҳои мухталифи онро арзёбӣ кард. Дар замони мо гуфтугӯ дар боби ҳастии нақд ва бақои он зиёда муҳим ба назар мерасад. Ба ин маънӣ, албатта омӯзишу баҳрагирӣ аз дастовардҳо, дар айни ҳол, мушкилоти нақд моро аз чигунагии сиришти аслии ин шохаи тафаккури адабӣ ошно месозад. Дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии охири садаи бист ба ин соҳа таъсири хос расонид. Ноқидони ҳирфаӣ ҳамеша нукташиноси беминнати адабиёт ва дастовардҳои нақди адабӣ будаанд, сари ҳалли муаммои он кӯшиши пайваста ба харҷ додаанд, гоҳо аз вазъи ноҳинҷори нақд ташвиш доранд, ин қазияро дар ҷаласаҳои мухталифи Иттифоқи нависандагон, матбуот ва дар китоби ҷудогонаашон матраҳ мекунанд. Имрӯз устодони гаронмоя, чеҳраҳои фозилу фарҳехта ва мунаққидони шинохтаи тоҷик Худоӣ Шарифов, Абдунабӣ Сатторзода, Абдухолиқ Набавӣ, Аскар Ҳаким ва дигарон воқеан аз зумраи пешравони соҳибдид ва мубтакири наҳзати нақди адабӣ дар заминаи адабиёти имрӯзи тоҷиканд, ки ҳаққи бузурги қазовати адабиёт ва осори ҳунари адабиро дар ҷаҳони ормонҳои тоҷикӣ бар дӯш доранд. Дар осори онон ҳастии нақд бо тамоми шукӯҳу азамат пеши назари хонанда ба ҷилва меояд. Ҳастии нақд гоҳо бо завқи салим, меъёри хос, бо диди тахассусӣ интиқод шудааст (аз ҷумла, ба мақолоти илмии мунаққидон Х. Шарифов, А. Сатторзода, Ю. Акбарзода, А. Абдусаттор, А. Давронов, Ш. Исрофилниё, Р. Ваҳҳоб, М. Аҷамӣ, М. Акбарзод ва дигарон таваҷҷӯҳ шавад). Дар мавриди дигар, бархе мақолоти муҳаққиқон ба бознамоии тавсифии вазъи умумии адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик дар замони истиқлоли миллӣ бахшида шудаанд (З. Ғаффорова, Т. Келдиёров). Мо низ дар чанд навиштаи худ ба ин қазия рӯи ниёз овардем (аз ҷумла дар маҷмӯаи «Адабиёт ва маъри-

фати нақд»). Ба назари мо, изҳори назар дар заминаи ҳаёт ва ҳастии нақд бояд бо назардошти ҳусн ва заъфу камбудии он сурат гирад. Арзёбии сирф танқидии ҳолати нақд, албатта, як сӯ ва ё як ҷониби нақд аст. Ба ин маънӣ, баъзан дар пероҳани ба назар хушнамуди «ҷасорати адабӣ» хубиҳо дар паси парда нонамо мемонанд, андешаҳо танҳо ба ошкор кардани заъфи малака ва норасои сирфии нақд равона мегарданд, ҳимматҳо танҳо дар дӯхтани «ҷомаи беқасаб» бар андоми нақд зоҳир мешаванд. Ҷасорат ин нест, ки бе фаро гирифтани кунҷу гӯша ва канору даруну бурун, дарҳаму барҳам аз ҳастии нақд бонги хатар занем. Ёдам меояд, устоди адабиётшиноси мо, ноқиди фақид Абдувалӣ Давронов дар мақолае марбут ба адабиёти солҳои азими мушкилоти иҷтимоии Тоҷикистон бо номи «Инсоф он аст, ки бударо ҳаст гӯем!» (1995) ба теъдоде аз мункирони вақти равандҳои ҷории адабу нақд аз шинохти баинсофонаи неъматҳои адабӣ ҳушдор дода, хеле хуб талқин карда буд, ки ИНСОФ моҳиятан маънии ба буда қаноат намудан, ба буда такмил бахшидан, аз инкор канор гирифтан, бо вуҷуди муаммо ва мушкил некназар, хубнигар ва хушандеш буданро дорад. Ин ҳаргиз ба он маънӣ нест, ки танқид дар нақд вуҷуд надошта бошад. Ӯ низ табиатан дар сиришт хислати тезутунди танқид, интиқод дошт, аммо онро бо камоли дарки масъулияти нақд, нигоҳ доштани амонат ва бо тамоми назокатшиносӣ анҷом медод. Диди мункир ва танқиди яксӯ бидуни аз ниҳон берун кашидани ҳусни ҳақиқии табиӣ фазилату хислати хуб нест, фазилату одоб ва фаҳмишу фаросат дар нақд аввалан ошкор кардани ҳусни ниҳон, пас баршуморди нуқсон ва айб аст. Дар **қонуни** урфӣ ва **қонуни** нозуксанҷи суханшиносии форсӣ-тоҷикӣ беваҷҳ ин матлаб ба сифати ҳукм ва меъёри қазовату назарсанҷӣ шинохта нашудааст, ки «нақд шинохти маҳосин ва маойиб аст». Гузаштагон сараву носараи ҳусни барҳақро бо камоли назокати сухансанҷӣ изҳор мекар-

данд. Ин муҳокима бояд бе ғараз, холӣ аз халал ба мачро ва бидуни ҷӯшу шӯр додани амбитсия ва нафрату адоват сурат бигирад. Бо вуҷуди ин эроди мо як арзишу аҳамияти чунин муҳокима, баҳси ба назари аввал носавоб риояи пояи гуногунандешӣ ва вуҷуд доштани ду ё чанд фикри мухолиф дар боби қазияи нақд аст, ки аз он ҳам суде бар манфиати пешрафти нақд ҳосил мешавад. Мо хоҳем ё нахоҳем, – ин ҳам қонунияти рушди диалектикӣ аст, – фикри мухолиф бояд ҳатман сар занад ва гуфта шавад. Вагарна аз куҷо ин андешарониву доварӣ? Як падидаи мубрам ва натиҷаи муфиди мунозираҳои марбута он аст, ки барои дар тарозуи нақди сара санҷидани осори ҷиддии интиқодӣ замина фароҳам меоварад. Маъмулан нақди нақд (танқиди танқид, критика критики) критерияи таҷрибашудае дорад, ки бояд ба ҷойгоҳи осор дар перомуни худаш баҳои муносиб диҳад.

– Имрӯзҳо дар доираҳои адабӣ аз сукути ин соҳа зиёд сухан рафта, бештар бар онанд, ки нақди комилу огоҳона кам навишта мешавад.

– Ҳамчунон ки гуфтем, набояд ҳастии нақдро ба куллӣ дар ҳоли сукут қарор дод. Дар баррасии масъалаҳои умдаи таърих ва назарияи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи илми адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, матншиносӣ, нақду мутун, сабкшиносӣ, манбаъшиносӣ, шинохти чеҳраҳои мумтози адабӣ ва нақди гузаштаю имрӯзи тоҷик, равобити адабӣ ва тарҷума, дастрасӣ ба мутуни гаронқадри адабиёти форсӣ-тоҷикӣ корҳои назаррас ва арзишманд зиёд анҷом ёфтаанд. Дар ин роҳ гоме устувор ниҳода шуда ва дастовардҳои назаррас дар ихтиёри нақди адабӣ ҳаст. Ростӣ ҳузури чанд насли ноқиди хушсалиқае чун Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Хуршеда Отахонова, Худоӣ Шарифов, Раҳими Мусулмониён, Абдунабӣ Сатторзода, Ҷӯра Бақозода, Юсуфи Акбарзода, Ҳамроқул Шодиқулов, Худойназар Асозода, Абдухолиқ Набавӣ,

Абдураҳмони Абдуманнон, Шоҳзамон Раҳмонов, Аскар Ҳаким, Аламхон Кӯчаров, Абдушукури Абдусаттор, Ҷумъа Ҳамроев, Азимҷон Аминов, Неъматҷон Файзуллоев, Маъруфи Раҷабӣ, Абдулманнони Насриддин, Сафар Абдулло, Қодири Рустам, Абдувалӣ Давронов, Матлубаи Мирзоюнус, Баҳори Хуррамзод, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Муҳаммадюсуф Имомзода, Носирҷони Салимӣ, Карематуллоҳи Шукруллоҳӣ, Шамсиддин Солеҳов, Умар Сафар, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Рустами Ваҳҳоб, Шаҳобиддини Шуҷоъ ва дигарон аз ҳар ҷиҳат дар равнақи нақди адабӣ хеле хушоянд будааст. Аммо, бо вуҷуди пешрафти назаррас ба арзишдиҳии осори ҳунарии муосир баҳои интиқодие низ метавон дод. Хоса, ба назари мо дар қиёс ба нақди шеър нақди наср аз лиҳози сувари хаёл ва ҷанбаҳои ҳунарӣ вусъати кам дорад. Дар робита ба ин ҳол диди ҳунармандона ва назари интиқодӣ ба осори мансур ва мақоми наср ба ҷуз кӯшиши профессори шодравон Атахон Сайфуллоев (китоби сеҷилдаи «Уфуқҳои тозаи наср») ва бархе аз навиштаҳои шогирдони мактаби адабиётшиносии ӯ (аз ҷумла, Замира Ӯлмасова), Абдухолиқ Набавӣ («Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср») ва бархе шогирдони ӯ (Абдуҷалили Амон) чандон кофӣ нест. Аз адабиётшиносони насли навтари тоҷик Саидумрон Саидов, Тоҷибой Султонзода, Сарфароз Юнусов, Ҷаъфар Холмӯъминов, Мисбоҳиддин Маҳмудзода, Нурмуҳаммад Одинаев, Шарифҷон Тоҷибоев, Нуралӣ Нурзод, Умриддини Нӯшин, Баҳром Мирсаидов, Тайиба Бобоева, Шодӣ Шарифниё, Мухлиса Нуруллоева, Сурайё Ҳакимова, Шоира Пӯлодова, Ромизи Абдуллоҳ, Эҳсон Раҷабӣ, Баҳроми Раҳматзод, Мӯҳриддин Сабурӣ, Толиби Луқмон ва дигарон дар замони ормонҳои истиқлолӣ ба нақди шеър ва гоҳо нақди наср рӯй оварда, рисолаву мақолаҳо таълиф кардаанд.

Шохаи таваҷҷӯҳи ҳадди бештари мунаққидони соҳибкасб аз ҳисоби мавзӯъҳои мухталифи адабиётши-

носӣ – таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, матншиносӣ, тарҷума, равобити адабӣ ва ғайра доманаи васеъ пайдо карда, аз ин сабаб, бештари онон имкон наёфтаанд, ки ба таври ҷудогона ва ҳамешагӣ оид ба ҳастиву нестии нақд дар заминаи наср зиёд андешанд. Дар замони мо мавҷудияти нақди тахассусӣ ё набудани он бори асосиро мекашад.

Саволе сар мезанад: Сабаби асосии аз раванди ҷории нақди наср дур рафтану дур гирифтани ноқидони соҳибфазл ва шуғли лаҳзавӣ будани нақд барои бархе аз онҳо дар вақту фазои гуногун дар чист? Бубинед: Дар фосилаи қариб сӣ сол дар иртибот ба ҷӯшу хурӯши сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа олами самти ҷусторҳои бархе мунаққидони мубтакир ошкоро тағйир пазируфт. Масалан, диққати адабиётшиноси маъруфи тоҷик Соҳиб Табаров дар айёми пурбори солории умр ба таҳқиқи маорифпарварӣ ва ҷадидия, ҷойгоҳи адибони ҷадид Фитрат, Мунзим, Беҳбудӣ ва дигарон саргарм буд ва, хушбахтона, дар ин маврид муҳимтарин ва ҷолибтарин асарҳо нашр гардиданд. Ноқиди барӯманд ва соҳибмактаби тоҷик Муҳаммадҷони Шакурӣ таъкид кардааст, ки солҳои 60-70-уми садаи бист дар нақди адабӣ фаъол буд. Ӯ аз нимаи дувуми солҳои 80-ум ба пажӯҳиши масъалаҳои забони тоҷикӣ, хештаншиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, дар баробари ин, аз аввали солҳои 90-уми садаи бист вобаста ба поён шудани шуури миллӣ дар ҷомеа, қувват ёфтани шуури музофӣ ва рух додани ҷанги дохилии ҳамватанӣ ба қазияи муҳим ва мубрами худшиносӣ, омилҳои харобовар ва хатарҳои он дар ҷомеа, инсонгароии омӯзиш, забони миллӣ, барномаи ислоҳи мактаб мутаваҷҷеҳ шуда, китобҳои пуразише ба вуҷуд овардааст, ки ҷанбаи ҷомеашиносӣ доранд: «Забони мо – ҳастии мо» (1992), «Хуросон аст, ин ҷо!» (1996, 1997, 2005), «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ» (1998), «Равшангари бузург» (2001, 2006), «Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ» (2002), «Сарна-

вишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист» (2003, 2005), «Садри Бухоро» (2001, 2005), «Фитнаи инқилоби Бухоро» (2010), «Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон» (2010). Фаъолияти шахсиятҳои пешбар ва таъсиргузори нақди адабӣ Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ (шодравон), Абдунабӣ Сатторзода, Сафар Абдулло ва чанде дигар муддате ба маҷрои сиёсат, муборизаи сиёсӣ ва мавзӯоти дигари илму адаб омезиш ёфт. Табиист, ки дар ин ҳол ба бархе аз тиҳигоҳи нақди адабӣ рӯ ба рӯ мешавем. Бо ин ҳама, Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ дар Эрон хеле корҳои назаррас дар такмили заминаҳои нақди шеъри муосири тоҷик анҷом дод, ки китобҳое амсоли «Забон ва адабиёти форсӣ дар Фарорӯд» (1997), «Шеъри ғарқи хун» (дар бораи Бозор Собир, 1998) ва чандин мақола аз боби шеъри муосири тоҷик дар нашрияҳои форсӣ, нашри ашъори шоирони тоҷик дар Эрон далели ин нуктаанд. Бо ҳама саргаштагиву парешонӣ ва бохти фикрӣ хидмати ин донишманди тоҷик сазовори баҳрамандии хос бояд бошад. Бо бозгашти Абдунабӣ Сатторзода ба Ватан ва ҳузури фаъоли ӯ нақд боз ҳам рамақ гирифт. Чанд китоби арзишманд дар заминаи таърихчаи афкори назарии адабии форсии тоҷикӣ ва теъдоде аз мақолоти аз лиҳози қимати методологӣ назаррас дар чигунагии шинохти ҷанбаҳои усуливу назарии нақди адабии имрӯзи тоҷик чеҳраи ӯро ба сифати назарияпардози усулӣ ва камқиёси равандҳо менамоёнад. Чашмандози адабиётшиносии Сафар Абдулло дар китобҳои «Вичдони бедори адабиёт» (2001), «Нури сухан» (2005), «Магические мосты» (2005), «Рӯшаноии сухан» (2015) таҷассум ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, вусъати арзу тӯли бозҷустҳои ӯ дар риштаҳои мухталифи эроншиносӣ имкон надодааст, ки доиман дар ғавру ғами ҳастии нақди адаби имрӯз қарор гирад. Аз фавти ноқидони фаъолу таъсиргузори адабиёти муосири тоҷик Ҷӯра Бақозода, Худойназар Асозода, Маъруфи Раҷабӣ, Абдувалӣ Давронов, ки ду на-

фари сонӣ дар айни авҷу барори эҷод дунёи ормонҳои адабиро тарк карданд, сафи ноқидони ростин ва тахассусӣ коста шуд. Худойназар Асозода бо вуҷуди ноқиди соҳибкасб ва довари беминнати нақди рӯз будан дар арзи 15-20 соли фаъолияти назаррасаш бештар сари мавзӯоти умдаи таърихи адабиёти садаи бист, чеҳранигории шахсиятҳои мунири тоҷику форсизабон қарор дошт. Юсуфи Акбарзода он гуна, ки солҳои 70-80-уми садаи бист ноқиди фаъолу асаргузор, толиби ҳаллу фасли муаммои нақд маҳсуб мешуд, дар замони имрӯз камтар ба ҷараёни феълӣ назар дорад. Он чанд асари муҳиму арзишманд бо номҳои «Нубуғи шоир ва булуғи шеър» (2003), «Тадқиқи шеър аз дидгоҳи нав» (2009), «Рисолати шоир ва шеър» (2009), «Шеъри тоҷикии нимаи дувуми садаи бист» (2011), «Адибону ноқидон» (2013) асосан марбут ба ҷусторҳои қаблӣ ва ҷараёни пешинаи адабианд. Дар ин фурсати таърих бештар ба андешаи ҷомеашиносӣ таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст. Яке аз ноқидони соҳибназар, академик Носирҷони Салимӣ – доираву доманаи ҷустори пажӯҳиширо аз ҳисоби нақди насри даврони классикӣ вусъати беандоза бахшида, ҳамчун соҳиби ибтикори вежа дар нашру табъи осори пурбори гузаштагон дар ҷомеа шӯҳрат ва эътибори хос дарёфт. Нақду тақризҳо дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ»-и солҳои 80-90-уми асри XX, рисолаи пурбори «Маърифати бадеии таърих» (1997) дар заминаи масъалаҳои ҳофизаи таърихӣ дар насри муосири тоҷик пурбаҳову пурбаҳс буданд, аз ин рӯ, ангезаи зиёди аҳли адаб ва таҳқиқ ба бор оварданд. Абдухолиқ Набавӣ қаблан ба сифати шахсияти соҳибқадами устувор дар нақди насри равоншиносӣ заҳмат дошт ва асарҳое чун «Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон» (1983), «Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон» (1987) намоёнгари завқи хос ва таҷрибаи пурбор дар ин роҳ ба шумор мераванд, аммо мавсуф аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта ба таҳқиқи саҳифаҳои норавшану дурахшони таъ-

рихи танқиди адабии тоҷик шуғл пайдо кард, дар ин замина ба дастоварде ноил гардид. Бо вуҷуди ин, китоби арзишманди «Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср» (2007) то ҷое холигоҳи нақди насрро дар замони мо пур мекунад. Карематуллоҳи Шукруллоҳӣ дар солҳои 80-уми садаи бист ба сифати ноқиди касбӣ ва соҳиби диди хос ба фазои нақди адабӣ ворид шуд, ки нашри мақолаҳои пурбаҳс дар маҷаллаи «Садои Шарқ» далели ин нукта аст, аммо, маҷрои ҷусторҳои ӯро замона дигар кард. Шукр, китоби тозаи ӯ дар нақди насри нависандаи пешрави тоҷик Сорбон ба ҳастии нақди адабӣ рамақи дигар бахшид, ки баёнгари майлу ормонгароӣ дар ин арса мебошад. Шамсиддин Солеҳов ба сифати муҳаққиқи хуби насри муосир пайвандашро аз маҷрои нақди наср асосан наканда, ҳузураш дар муаррифии равандҳои ҷорӣ фаъол аст. Дар чанд сол нақди нависандагии тоҷик низ андак аз имкони қобили таваҷҷӯҳе бархурдор буд. Дар ин бахш аз китобҳои адибони пешраве чун Абдулҳамиди Самад, Гулназар, Доро Наҷот, Фарзона, Низом Қосим, Мубашшири Акбарзод ва дигарон метавон ёд кард. Бо вуҷуди ин, омилҳое, ки номбар шуданд, камтар заминаеро дар роҳи парвариши насли нави ноқид бо густурдагии диду имкони васеи мутолиа аз ҷаҳони ормонҳои нақд фароҳам оварданд. Ҷавононе, ки имрӯз нисбатан фаъол ва соҳиби қалами таҳқиқ ҳастанд, дар давраи ошӯбу камзарфӣ ба ин кор дил бастанд, ки албатта ҳузури онон муҳим аст. Иддае аз ҷавонон баҳраманд аз сарчашмаҳои фикрии арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ, иддаи дигар файзбор аз имконияти андешаи модернӣ дар адабиётанд, бархе онон на аз ину на он файз бардошта, шояд танҳо хоҳиш ва муҳаббати ширкат дар ин шохаи тафаккури адабӣ онҳоро қаламбадаст кардааст. Имрӯз шуғли мунаққид ба нақди шеъру наср, асосан, на ба унвони шохаи мустақил ва ҷудогона, балки дар ҳоли хушомад ва ё пешомад сурат мегирад. Албатта, имрӯз нақди адабӣ шуғли ҳамешагии

мунаққид нест, ки аз пушти он рӯзӣ ӯ гузарад. Бо вуҷуди ин, сабаби аслии камбуди нақди наср парвариш наёфтани мунаққидони ҷавобгӯ ва нақди созгор ба завқу қареҳа ва сатҳи фикри адибони мубтакир бояд бошад. Барои нақди воқеии ҷаҳони ормонҳои адибони мубтакире ҳамчун Баҳманёр ё Фарзона ҳунаре дар сатҳи нубуғи эҷодии эшонро бояд дошт. Шеършиносон ҳам бар ин ақидаанд, ки «чун шеъри имрӯз шеъри тафаккур ва ҳунар аст, нақде ин гуна ҷавобгӯи шинохти ҳунар ва тафаккури шоиронаро тақозо дорад.» Ин нуктаро айнан дар мавриди наср метавон изҳор кард. Маҳсули ҳунарии нависандагони пешрави тоҷик Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Абдулҳамид Самадов, Баҳманёр, Бароти Абдураҳмон, Юнус Юсуфӣ, Абдурофеъ Рабиев ва дигарон бо вуҷуди арзёбии хуб аз ҷониби иддае аз ноқидони соҳибтахассус боз ҳам бештар ба нақди тахассусии ҳунарӣ ниёз дорад. Сабаби дигари заъфи нақди наср, – агар ҳузури мунири адибони насли пешравро сарфи назар кунем, – **камҳузурии насри баъдии боз ҳам фаъол ва нерӯманд дар баробари насли ҳунарманди шоир ва ё носирони ҳунарманд** аст, ки ба падид омадани маҳсули нақди таъсиргузор камтар мадад мекунад. Шояд яке аз сабабҳои умдаи аз нақди наср дурӣ ҷустани зубдагони нақди ҳунарӣ, ноқидони соҳибтахассус дар ин нукта нуҳуфта бошад. Хоҳ нохоҳ дунё гузарон аст, ноқиди воқеии ҳунар нубуғи хоси ноқидиро бо худ хоҳад бурд, ки як амри табиист. Пас, ҳоли нақди шеър ва насри ҳунармандона ба чӣ ҳол хоҳад афтид, чун дар ҷомеа ба нақди комилиёри ҳунарӣ ҳамеша ниёз буду ҳаст?! Аз ин ҷиҳат, диди интиқодӣ ба осори адабиёт ва мақоми осори адабӣ ба назар чандон басанда нест: Ё мутолиа нашуда ё кам мутолиа шуда ё худи осор дастнорас буда ё адами заъфи завқу қариҳа ва камбаҳрагӣ аз ҷаҳони мутолиа барои баррасӣ имкон надода ё умуман нодида гирифта шудааст. Сухани тоза гуфтан ва арзёбии мунсифона кардан аз тақозои муҳими нақди адабӣ аст, ки дар натиҷаи

баҳрамандӣ аз имконоти густурдаи нақду наққодии ватаниву ҷаҳонӣ имкон дорад. Дигар камбудии нақд, хоса, дар байни насли нави ноқид заъф ё адами истиқлоли назар дар шинохти умдаи адабиёт ва маърифати комили адабӣ аст, ки аз вежагии асосии кори ноқиди адаб дар гузашта маҳсуб мешуд. Маҳсули нақди насли имрӯз дар бисёр маврид нақде нест, ки бар пояи истиқлоли фикр ва бовару эътимод ба донишу маърифати саросарии гузашта ва имрӯзаи адабӣ фароҳам омада бошад. Навиштаҳои адабиётшиносӣ бештар ҷанбаи умумӣ доранд, масоили умдаи адабӣ камтар фароҳам омаданд.

– Бо вуҷуди ин, имрӯз миёни муҳаққиқон истилоҳоте, амсоли «шеваҳои нақди пешрав», «шеваҳои ҷадиди нақд» ба чашм мерасанд. Дар шинохти ҳаводиси адабӣ ин истилоҳот чӣ асаре доранд?

– Яке аз самараҳои солҳои охир роҳ ёфтани нигоҳи модернӣ дар нақди шеър мебошад. Дар шинохти шеър ва кашфи оини шеърнависӣ дарки вусъати назар ва умқи нигоҳи шоирона ба ашё, замон ва иҷтимоиёт хеле муҳим аст, ки аз ноқид донишу биниши амиқ тақозо дорад. Ин аст, ки бархе ноқидон бо ба кор гирифтани истилоҳҳое аз қабили «шеваҳои нақди пешрав» ва ё «шеваҳои ҷадиди нақд» ба навиштани нақдҳои ҳунармандона имкон ёфтанд. Яъне, ин ба маънии наздик шудани мунаққид ба офаридани асари нақд чун шеър мебошад. Манбаи асосии офариниши нақд мисли офариниши шеър – **илҳом** аст. Агар дар нақд низ чун дар шеър хаёл ва ҳиссомезӣ меъёри асосӣ ба шумор равад, фикр мекунам, басо ҷолиб хоҳад буд. Ин маҳсул бо нақди завқӣ, нақди суварӣ, нақди импрессион ва ғайра омезиши хос дарёбад, баҳраи фаровон ба алоқамандон даст хоҳад дод. Истилоҳоте, ки ном бурдед, бештар ба «нақди шоирона» ва «нақди халлоқ» (нақди офаринишӣ) хос аст.

– Дар як нигоштаатон аз ривочу равнақ пайдо кардани равияи ба истилоҳ «нақди тавсифӣ» ё «нақди ситоишӣ»

таъкид кардаед. Дар ин замина чӣ матлабе метавон изҳор кард?

Нафақат ман, балки бисёр андешамандони нақди имрӯз аз равияҳои бозоргиршудаи «таърифи адабӣ», «танқиди бефикр», «танқиди дӯстона», «нақди ошноию хешутаборӣ», «нақди бартерӣ» ва ғайра изҳори нигаронӣ кардаанд. Устод Сатторзода ба сифати яке аз ҳакамони ростини нақди имрӯз ин истилоҳҳоро вориди тафаккури наққодии мо кардаанд. Ба ин маънӣ, равияҳои мазкур дар муқобили «нақди асил» ва «нақди ҳунарӣ» ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, ҳузури «нақди тавсифӣ» ё «нақди ситоишӣ» дар баробари ин равияҳо амри табиист ва ҳарфи тоза ҳам нест. Аммо, ин гуна маҳсул аслу сифати воқеии нақдро боз намекунад. Ҳеҷ гоҳ маънаван ҳақ бар мо нест, ки сифату арзиши аслии нақдро ба асоси маҳсули хом, яксара, яксӯнигарона ва рӯзакиву зӯракӣ рӯи сафҳа омада ва оварда равшан намоем ва ба муаллифони ин осор аз диди нақди фаъол баҳо диҳем...

– Рушди бемайлони техника ва имкони бештари ба омма расонидани навиштаҳои адибону шоирон ба василаи шабакаҳои интернетӣ дар баробари мусоидат ба рушди адабиёт ва нақди адабӣ домани сурудаҳои каммояро густурдаааст. Дар ин раванд мунаққидон ба чӣ назаранд?

– Ман то ҳол ба назари расмии ҳеҷ мунаққид дар ин замина барнахӯрдаам. Андешаам ин аст, ки набояд ин василa манбаи интишори сурудаҳои фурӯмоя қарор бигирад. Имрӯз интернет василаи асосии пахшу нашр аст, ки ҷойгоҳи баҳра ва истифодаи китобу мақалларо то ҷое танг мекунад. Бо вуҷуди ин, онро ба сифати падидаи мусбат ва василаи коромад ба кор бурдан ҷоиз аст. Албатта, дар интернет, хоса ойинаи фейсбук дар баробари шеъри сара, андешаи зебо ва назари хос боз ба даҳҳо намунаи шеъри бефурӯғ, андешаи бемоя, назари носара бармехӯрем, ки хоҳу нохоҳ дил ғаш мекунад. Маводи гурӯҳҳои адабӣ, на-

виштаҳои адабии торнамоҳои интернетӣ зиёд ғашу самин (лоғариву кӯтоҳӣ) доранд. Ба назар гирем, ки беҳтарин шева дар ин маврид худдории огоҳона ва дарки амиқи масъулияти гузориши мавод дар ин торнамоҳо бояд бошад. Танҳо ҳавасбозиву дӯст доштани шеъру сухану нақд ва майлу хоҳиши ҳузур доштан дар равандҳо аз роҳи шабакаҳо маънии огоҳии комил аз адабиёт, дарки масъулияти хоси суханвариро надорад. Дар ҳоле ки аксари муаллифони носараи мавод ба ҷараёни аслии адабиёт ворид нестанд, китобҳои муҳим дар шеваи шеърнависӣ ва наққодӣ нахондаанд, чӣ гуна имкон доранд аз ӯҳдаи шинохти хуби мизону маҳаки он бароянд? Баёни андешаи сара, эҷоди шеъри ноби хушгувор ва хосаву хотирмон гуфтани матлаб ҳамеша аз кӯшишҳои аслии аҳли завқ буд, ки бояд онро ҳифз кард...

– Дар боби робитаҳо дар нақди адабӣ байни кишварҳои ҳамзабон, аз қабили Эрону Афғонистон низ андешаҳо мухталиф ҳастанд. Ин робита ба нақди муосир чӣ дод ва оё баҳрабардории тарафайн ба таври бояду шояд ба роҳ монда шудааст?

– Анъанаи нақди адабӣ дар Тоҷикистон дар истиқболи хос аз суннатҳои классикӣ, шеваҳои нақди русиву урупоӣ ва усули адабиётшиносиву наққодии шарқӣ (бештар эронӣ) идома дошта ва дорад. Хусусан, аз охири солҳои 80-уми асри гузашта бо баробари боз шудани дари робитаҳои адабиву илмӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои форсизабон дар нақд низ роҳи нав падид омад. Масалан, шеваи таҳқиқи мусиқии шеърӣ дар илми адабиётшиносии мо бо истиқболи хушбинонаи пажӯҳишҳои арзишманди донишманди номии Эрон, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, аз ҷумла китоби «Мусиқии шеър» ривоҷи бештар пайдо кард. Бештари мунаққидон дар арзёбии осори адабӣ афзун ба шеваҳои урфии нақду-ш-шеъри форсӣ-тоҷикӣ ба ҳар роҳу васила аз завқу қареҳаи сухансанҷони пешрави му-

осири Эрон Ризо Бароҳанӣ, Муҳаммади Ҳукукӣ, Шафеии Кадканӣ, Сируси Шамисо баҳра бардоштаанд. Ҳузури мунири ноқидони эронӣ – Алиасғари Шеърдӯст, Саидалӣ Мӯсавии Гарморӯдӣ, Алиризои Қазва, Қаҳрамони Сулаймонӣ дар ҷомеаи адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, фаъолияти густурда ва табъу нашри силсилаи нақдҳои онҳо оид ба мавқеияти шеъри имрӯзи тоҷик, равуои мунаққидони тоҷик ба Эрон, ширкат дар ҳамоишҳои шеър ва адабиёти муосири форсӣ ва ғайра барои вусъати таърихиву назарии нақди мо хеле муфид буданд. Ба ин маънӣ, тарҳи нақди адабӣ ва адабиётшиносии миллии имрӯзи тоҷикро чунин таҷрибаи таҳқиқи асолати шеър, наср ва осори дигар рӯҳу равони хос бахшидааст. Дар шинохти падидаи «шеъри нав» ба бештари адабиётшиносони тоҷик қазовати олимони эронӣ чун манбаи муҳими баҳрамандӣ хидмат кардааст. Бархе аз муҳаққиқони тоҷик ақида доранд, ки то марҳалаи кашфи меъёри тозаи нақду баррасии шеъри нав аз қаволиби тайёри шеършиносии Эрон истифода шавад, то интиқоди шеър дар кишвари мо ҳам ҷойгоҳи хос дарёбад. Баъзе мунаққидон ба равиши «тафсири адабӣ», ки ноқидони эронӣ, аз ҷумла Сируси Шамисо пайгирӣ кардаанд, ҳамчун падидаи мубрами ҳунарӣ ва фикрӣ наздик шудаанд. Пайравони ин шева каломи адабиро «шабакае аз равобити маъноӣ ва лафзӣ»-и байни вожаву ҷумла ба шумор меоваранд. Тафсири адабӣ тавзеҳи «равобити лафзӣ ва маъноии байни калимот ва ҷумалот аст».

Дар омади сухан як нуктаро шарҳ додан мехоҳам, ки дар ҷомеаи тоҷикон китоби омӯзишие барои донишпажӯҳон чун «Нақди адабӣ» дар сатҳи таълифоти Абдуҳусайни Зарринкӯб ва ё Сируси Шамисо дар ихтиёр нест. Ин албатта ба он маънӣ нест, ки ба ҳастии нақди адабии тоҷик ва ҷойгоҳи пажӯҳишҳои арзандаи мунаққидони худӣ носипосӣ ё ношукрӣ кунем. Сухан дар мавриди баҳрамандӣ аз розу ниёзи ниҳону нуҳуфтаи нақд ва қимати аслии

шинохт аз чашмандози дигарон меравад. Ин намунаҳои нақд хеле усулӣ ва куллӣ ҳастанд. Муаллифон аз бисёр назариёти куллии ҷаҳони нақд огоҳанд. Мо нигарон будем, ки дар Тоҷикистон лоақал баргардонии чунин китобҳо сурат нагирифта ва алоқамандони тоҷик ба ин китобҳо рӯй наовардаанд. Аммо хеле хуш ва ибратангез аст, ки ба тозагӣ китоби гаронмояи Абдулҳусайни Зарринкӯб «Нақди адабӣ» бо кӯшишу ҳиммати адабиётшиноси хушкори мо Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ дар нашриёти «Ирфон» ба табъ расид, бо вуҷуди ин, таассуф дорем, ки теъдоди ин асар хеле кам, сад нусха асту халос. Афзоиши теъдоди ин китоб хеле бамаврид ва чорасоз мебуд. Ҳамзамон, бисёр арзанда хоҳад буд, агар «Нақди адабӣ»-и Сируси Шамисо низ ба алоқамандони тоҷик ва равандагони ҷаҳони нақди рӯз бозгардон ва бозшиносӣ шавад, ки дар роҳи огоҳии бештари насли нави ноқидон аз гӯшаҳои торикии нақд хуб мусоидат мекард.

Бархе мунаққидон ба ин фикранд, ки дар қиёс ба нақди муосири Эрон нақди шеър дар кишвари мо дар сатҳи нисбатан поён қарор дорад. Бидуни баҳс дар саҳеҳӣ ва ё носаҳеҳиаш ин андеша дар роҳи қувват ёфтани завқи муомила ва табодули назар дар байни ноқидон муассир буда, омили асосии падид омадани андешаи боз ҳам равшану комил ва бастшудае хоҳад буд. Дар маҷмӯъ, чашмандоз ва мунозироте, ки дар робита бо фаъолияти адабӣ ва пажӯҳишҳои олимони эронӣ роҷеъ ба мавқеи шеъри форсӣ-тоҷикӣ сурат гирифтаанд, ба таъмини асос ва қонунияти нақди адабӣ – ин шохаи аъзами тафаккури адабӣ ва бозгӯи сифатҳои вежаи он ба ҳамзамонон фароҳам оварданд. Бо ин ҳама, гуфтанӣ нестам, ки нақди адабии Эрон меъёри ягонаву маҳаки бемисл ва манбаи аслии нафаскашӣ ба нақди имрӯзи тоҷик аст, балки шеваҳои нақди адабии русӣ, урупоӣ, америкоӣ ва кишварҳои дигари шарқӣ имкони бештари ғановат бахшидани тафаккури наққодиро

доранд. Дар ин роҳ низ нақди адабии мо аз бархе таҷрибаҳои умда бархурдор аст, ки минбаъд бештар бояд ба кор гирифт ва корро пеш бурд.

– Мунаққид аз назари Шумо кист?

– Вежагии асосии мунаққид баҳрамандӣ аз матолиби фаровон, огаҳии бештар аз осори адаби пурбор ва пурпаҳнои классикии гузашта, ошноӣ бо шеъри муосири форсӣ-тоҷикӣ, мутолиаи бештар аз осори фикрии ҷаҳонӣ, равандшиносӣ ва огаҳӣ аз ҷараёнҳои адабии ҷаҳон, кӯшиши амиқравӣ дар нақд ва даст ёфтан ба таҳлиле умқиву жарфӣ ва ғайра аст. Ноқидони имрӯз бояд «насле нав аз донишҷӯён ва адибони тарбиятшуда» бошанд, ки дар шинохти зоти адабиёт ва назарияҳои адабӣ ба тафаккур ва тааммул раванд, қонуниятҳои равандҳои адабиро ҷустуҷӯ намоянд. **Асли кори нақду ноқид назарияпардозист, на тавзеҳгарӣ!** Ин нукта таълифоти имрӯзаи адабиётшинос ва мунаққидро аз тавзеҳи асар раҳо мегардонад. Нақд тавзеҳ нест, кашф аст, ноқид кашшофи рагҳои хунгузари адабиёт! Ноқидӣ ва адабиётшиносӣ табиати фазлгароӣ ва фазилатпарастиро напарастад. Ин хислати ноқидонро Сируси Шамисо интиқод мекунад ва чунин ҳукм дорад: «...адабиётро бояд аввалан, аз чанги шабаҳи фузало наҷот дод ва, сониян, фузалои ростин – дар маънои суннатии он – бояд бидонанд, ки дар маънии «фазл» тағйир ва таҳаввуле шигарф рух додааст».

Фикр мекунам, асолати ҳунар, дониши устувори назарӣ нақди адабро аз қолабу равиши маҳдуди фикр раҳо мебахшад.

– Барои суҳбат ташаккур!

МОРО ҶОДАИ БЕИНТИҲОИ БОЗЁФТУ ДАСТОВАРДҲО ИНТИЗОР АСТ!

Мусоҳиба бо Фахриддин Насриддинов – директори Муассисаи давлатии Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ

Огози моҳи сентябри соли 2014 Қарори Раиси вилояти Сугд Абдураҳмон Қодирӣ дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» ба тасвиб расид. Албатта, таъсис ёфтани муассисаи бонуфузи илмӣ дар маркази вилоят барои шинохти ҳамаҷонибаву муаррифии бештари Камоли Хуҷандӣ ба ҷаҳониён мусоидат хоҳад кард ва хушхабаре буд ба аҳли илму адаб ва кулли мардуми кишвар.

Роҳбарии ин муассисаи илмиро доктори илмҳои филологӣ, профессор Фахриддин Насриддинов ба зимма дошта, он якҷоя бо муҳаққиқони вилоят барои шинохти паҳлӯҳои таҳқиқ нашудаи зиндагӣ ва осори Хоҷа Камол талош дорад.

Аз бунёд шудани ин Муассисаи илмӣ фурсати зиёд нагузашта, аллакай аз самараи кори онҳо пайгоми хубе мешунавем. Баргузории Озмуни камолхонӣ, семинарҳои муфиди илмӣ ва маҳфилҳои камолшиносӣ дар маркази вилоят аз аввалин чорабиниҳои ин муассиса мебошанд.

Бовар дорем, ин пайроҳаи мунири пажӯҳиш дар шинохти Хоҷа Камол ҷодаи беинтиҳои бозёфту дастовардҳоро ба рӯи мо боз хоҳад кард.

Дар огози кору фаъолият ин марказ чӣ азму талош ва ниятҳо дорад? Бо мақсади ошноӣ пайдо кардан бо аҳдофу талошҳои муҳаққиқони ин маркази илмӣ сӯҳбате доштем бо Фахриддин Насриддинов, ки онро пешкаши хонандагони азиз мегардонем.

– Бешак, бо ташаббус ва дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд таъсис ёфтани маркази бонуфузи илмӣ самараи истиқлолияти давлатӣ буда, аз татбиқи ҳамаҷонибаи сиёсати фарҳангпарвари Сарвари давлат дарак медиҳад.

Пеш аз ҳама, дар баробари шодбошии арзи ҳастӣ кардани ин муассисаи бонуфузи илмӣ, пурсиданӣ ҳастем, ки дар ибтидо оғози кор чӣ гуна аст?

– Бале, ба тасвиб расидани ин қарори хирадмандона аз ҷониби Раиси вилоят, мо, аҳли илму адаби кишварро хеле рӯҳбаланду шод намуд.

Муассисаи давлатии «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» аз моҳи октябр бевосита ба фаъолият шурӯъ кард. Дар ибтидо заминаҳои кор тарҳрезӣ шуд, ки чӣ корҳоро бояд ба анҷом расонем. Дар ҳамин замина мо аввал таваҷҷӯҳ кардем, ки то имрӯз дар мавриди шинохти Камоли Хуҷандӣ дар ҷаҳон чӣ корҳо ба анҷом расидааст. Мусалламан, вазифаи аввалиндараҷаи марказ ба даст овардани пажӯҳишҳои баанҷомрасида аст. Барои он ки самти таҳқиқ ва паҳлӯҳои омӯзиш мушаххас шавад, мо бояд аз ин таҳқиқот огоҳӣ дошта бошем, яъне, тамоми маводе, ки дар мавриди Камоли Хуҷандӣ ҳаст, чӣ дар Тоҷикистон, чӣ берун аз он, ҷамъ намоем ва он ба шакли китоб чоп шавад. Бо ин мақсад талоши нахустини мо омода намудани «Китобшиносии Камоли Хуҷандӣ» буд, ки ҳаштод дар сад ин китоб барои нашр омода шудааст. Бо анҷом додани ин кор дарк кардем, ки хеле паҳлӯҳои ноомӯхтаи шахсият, ҷаҳонбинӣ ва ашъори Камоли Хуҷандӣ ҳанӯз боқист. Дарёфтем, ки барои муаррифии чеҳраи Шайх Камоли Хуҷандӣ ва паҳлӯҳои ноомӯхтаи ашъори ӯ, умуман камолшиносӣ бисёр корҳои ҷолиби илмиро ба анҷом расонидан мумкин аст. Ҳамчунин зарурати ба қалам овардани «Донишномаи Камоли Хуҷандӣ»-ро ба хубӣ эҳсос намуда, дар ин самт низ азм намудем. Дар ин замина кор болои таҳияи

номномаҳои Донишнома ҷараён дорад. Дар нақша аст, ки аз нимаи дувуми ҳамин сол навиштани мақолаҳоро дар ин хусус оғоз кунем.

Кори дигари муҳим барои шиносонидани шоир ба ҷомеа шахсияти Камоли Хуҷандиро бо тарз ва услуби сода ва мушаххас ошно кардан аст, ки бо ин мақсад китоби «Маърифати Камоли Хуҷандӣ» (Саду як саволу ҷавоб дар шинохти Камоли Хуҷандӣ) омодаи чоп аст. Ин китоб муҳимтарин маълумотро дар мавриди зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ ва ашъори Камоли Хуҷандӣ бо усули саволу ҷавоб ба хонанда бозгӯ менамояд. «Сарчашмаҳои маърифати Камоли Хуҷандӣ» китоби дигаре аст, ки таҳия мешавад. Дар ин китоб сарчашмаҳои куҳан дар бораи Камоли Хуҷандӣ ҷамъ оварда шудааст. Дар назар аст, ки аз ҷониби Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ дар соли 2015 шонздаҳ китоб ба нашр расонида шавад.

Ҳамзамон, иқдом бар таъсиси фаслномаи илмӣ-адабии «Камоли Хуҷандӣ» аз ҷониби Вазорати фарҳанг хуш пазируфта шуд. Ин фаслнома аз ду бахш иборат хоҳад буд. Бахши аввал мақолаҳои тадқиқӣ ва бахши дувум матнҳои адабӣ-таърихиеро дар бар хоҳанд гирифт. Зеро бисёр рисолаҳо, матнҳо ва муқаддимаҳое ҳастанд, ки имрӯз ба адабиётшиносон дастрас нест. Барои осон шудани ин мушкилот фаслнома маводи нодирро нашр хоҳад кард, ки, албатта, аз манфиат холӣ нест.

– Тариқи расонаҳо иттилоъ ёфтем, ки Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ барои ба даст овардани нусхаи дастхатҳои осори Камол кӯшиш дорад. Талошҳои Марказ дар ин самт чӣ натиҷа дод?

– Бале, барои ба даст овардани нусхаи дастхатҳои осори Камол талоши бисёр дорем, ин аст, ки «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» ба ҷамъоварии дастхатҳои девони Камоли Хуҷандӣ шурӯъ намуд. Рӯзҳои наздик як нусха аз девони хаттии Камоли Хуҷандӣ, ки дар китобхонаи Осто-

ни Қудси Разавии Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳти шумораи 527 нигаҳдорӣ мешавад, дастрас хоҳад шуд. Барои овардани шаш нусхаи дигар, ки дар китобхонаҳои дигари ин кишвар қарор доранд, талош дорем. Бо ин мақсад барои гирифтани нусхаҳои хаттии девони Камоли Хуҷандӣ бо раёсати китобхонаи Маҷлиси Шӯрои исломии Теҳрон гуфтугузор анҷом додаем. Бояд аз ҷониби намояндагони Теҳрон нусхаи ду адад дастхати Камоли Хуҷандӣ ба мо дастрас шавад. Ният дорем, сӣ нусхаи хаттии девони Камолро, ки берун аз кишвари мо қарор доранд, то ҷашни Наврӯз ба даст орем.

– Барои ба ҷаҳониён бештару хубтар муаррифӣ кардани Камоли Хуҷандӣ тарҷумаи осори шоир ба забонҳои русӣ, англисӣ, немисӣ ва ғайра муҳим аст. Ҳамзамон барои тарҷумаи осори назмӣ мутахассисони ҳирфаӣ мебояд, ки дар баробари забон аз қавонини шеър огоҳ бошанд. Оё марказ дар самти тарҷумаи осор низ фаъолият хоҳад кард?

– Бале, дар баробари он, ки Камоли Хуҷандӣ шахсияти ҷаҳонист, мо бояд дар роҳи муаррифии Хоҷа Камол талоши бештар намоем. Бинобар ин, хуб мешуд, на танҳо тарҷумаи осори шоир ба роҳ монда шавад, балки тамоми пажӯҳишҳои марказ ба забонҳои хориҷӣ муаррифӣ гарданд. Феълан, мо талош дорем, ки дар ин масир низ қадамҳои нахустинро гузорем. Умед дорам, дар ояндаҳои наздик ба ин мақсадҳо низ ноил мешавем.

То имрӯз сомонаи махсуси Камоли Хуҷандӣ бо се забон ва чаҳор хат омода шуд ва он низ ба наздикӣ роҳандозӣ мешавад. Дар сомона талош намудем, ки муҳимтарин матлабҳо бо хати форсӣ гузошта шаванд, матлабҳо ба хатти инглисӣ низ таҳия шуданд.

Ният дорем хулосаҳои фаслномаро ҳам, ки то ҷашни Наврӯз шумораи нахустини он интишор мешавад, бо хатти форсӣ таҳия кунем, то доираи хонандаҳои мо берун аз кишвар доман густарад.

Дар самти тарҷума ба забонҳои дигар кормандони мо метавонанд як қисми маводро ба хатти форсӣ таҳия намоянд ва ҳатто барои навиштан бо забонҳои арабӣ ва русӣ тавон доранд. Дар оянда мутахассисони ҳирфаии забони инглисиро ҷалб мекунем. Бовар дорам, ки ин кор минбаъд сол ба сол тавсеа меёбад, умедвор ҳастем, ки дар оянда олимону мутахассисон ҷамъ шуда, осори Камоли Хуҷандӣ ба тамоми забонҳои зиндаву мақбулу пазирои имрӯз тарҷума мешавад.

– Ҳамкорӣ бо марказҳои илмии кишварҳои хориҷ, аз ҷумла Русия, Эрону Афғонистон чӣ гуна ба роҳ монда мешавад?

– Мусаллам аст, ки марказҳои илмӣ бояд ҳамеша дар ҳамкорӣ қарор дошта бошанд. Ҷузъи барномаҳо буд, ки ба ҳайъати таҳририяи фаслномаи «Камоли Хуҷандӣ» устодони берунаро аз ҳар кишвар як ё ду нафар ҷалб намоем. Муҳаққиқони эронӣ, покистонӣ, пажӯҳишгарон аз Туркия, ки дар бахши адабиёти форсӣ кор мекунанд, аз таъсис ёфтани чунин Маркази илмӣ изҳори шодмонӣ ва қаноатмандӣ намуда, омодагиашонро барои вусъати ҳамкорӣ иброз доштанд, ки ин нахустгомҳои ҳамкории судманди мо шаҳодат медиҳад.

Бояд таъкид намоям, ки Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ танҳо маҳдуд ба шинохт ва муаррифии Камоли Хуҷандӣ нест, ин нукта дар Оинномаи Марказ низ зикр шудааст. Дар оиннома таъкид шудааст, ки ҳар чӣ ба илм ва таърихи миллати тоҷик алоқаманд аст, мавриди омӯзиш қарор гирад. Дар ин Марказ оид ба шоирон, суханварон ва донишмандони тоҷик низ тадқиқот анҷом хоҳем дод.

– Таҷдиди Боғи фарҳангии ба номи Камоли Хуҷандӣ ва бунёд гардидани ҳавлию чорбоғи шоир ҳамчун осоргоҳи ин орифи бузург аз ҷониби шаҳрвандон истиқболи гарм ёфт. Лутфан равшан намоед, ки чаро маҳз «Чорбоғ»?

– Аслан чорбоғ ин як навъи боғдории хосаи Хуҷанду Моваруннаҳр дар аҳди қадим буд. Дар ин ҷо аз ҳама бештар боғҳои анору зардолу вашафтолуву ангур маъмул буданд. Он нафароне, ки имконият доштанд, ҳатман боғ бунёд мекарданд, ки ин чор навъ меваро дошт. Имрӯз ҳам бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ дар канори боғи Камоли Хуҷандӣ ҳамин навъ боғро эҳё карда истодаанд. Мақсад аз бунёди чорбоғ, ки дар гузашта дар Хуҷанд хеле маъмул буд, эҳёи рамзи боғдории шаҳри Хуҷанд мебошад. Чорбоғи Камоли Хуҷандӣ ба он маънӣ нест, ки Шайх ҳатман чунин боғ доштаанд. Эҳёи боғ ба маъноест, ки дар шаҳри шоир чунин як анъана буд ва сарчашмаҳо низ ин нуктаро таъйид мекунанд ва бо такя бар ҳамин сарчашмаҳо таърихшиносон пешниҳод карданд, ки бар канори ҳамон китобхонае, ки бунёд мешавад чорбоғу сарҳавз ҳатман бошад. Ҳамзамон барои пурра кардани захираи ҳавлӣ-осоргоҳи Хоҷа Камоли Хуҷандӣ алҳол дастхатҳо, китобҳои чопҳои сангию литографӣ, асбобҳои рӯзгори қадимаю асримиёнагӣ, сарулибос ва дигар намуди колои рӯзгор ҷамъ ва харида мешаванд. Мардум инро хуб истиқбол карданд. Мо ҳудуди ҳафтод китобро барои харидан пешниҳод кардем. Дар баробари ин, ба харидории китобҳои нодир низ кӯшиш намуда истодаем. Ин иқдоми хуб аст, ки Раиси вилояти Суғд барои ҷамъ овардани китоб ва ашёи таърихӣ талош доранд.

Дар Боғи Камол китобхона ва осорхона низ мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳад гирифт. Бовар дорам, ки Муассисаи давлатии «Маҷмааи таърихӣ-адабӣ ва фарҳангии ба номи Камоли Хуҷандӣ» мавриди писанди шаҳрвандон ва меҳмонони кишвар мегардад.

– Имсол баргузории кадом чорабиниҳо дар назар аст?

– Семинари ҳафтаинаи марказ мунтазам фаъолият дорад. Маҳфили камолшиносони ҷавон ва камолхонӣ бо адибон пайваста баргузор хохад шуд. Баъдан баргузории

конфронси илмӣ-байналмилалӣ дар нақша ҳаст.

Айни ҳол барои ташкили китобхона дар марказ кӯшиш дорем. Ду навъ китобхона ташкил мешавад – яке, бахши ганҷинаи дастхатҳо ва, дигаре, китобҳои марбут ба омӯзиш. Яъне, кутуби тазкира, девон, таърихнома, луғатнома ва фарҳангҳо дар китобхона фароҳам оварда мешаванд.

– Сипос, барои чунин сӯҳбати хуб. Ба пажӯҳиш ва корҳои марказ муваффақият хоҳонем!

– Саломат бошед, ташаккур!

ТЕАТР БОЯД БА ЗИНДАГӢ ТАКОН ДИҲАД

Боиси хушнудист, ки соли 2015 аз ҷониби Раиси вилояти Суғд соли рушди соҳаи фарҳанг эълон гашт. Албатта, чунин ибтикор ба афзудани рушди бемайлони соҳа ва бештар гардидани талоши кормандони соҳа дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

Дар ин замина яке аз аввалин қарори Раиси вилоят дар бораи таъсиси «Киностудияи «Суғдсинамо»» аз 14-уми январи соли 2015 ба тавсиб расид, ки бешубҳа, хабари хуше аст барои масъулони соҳа ва ҳаводорони синамои тоҷик.

Тибқи қарори Раиси вилояти Суғд коргардони ҷавони тоҷик Муҳиддин Ҷӯраев директори «Суғдсинамо» таъйин гардид.

Дар ин боб бо коргардони ҷавону умедбахш Муҳиддин Ҷӯраев сӯҳбате доштем, ки фишурдаи он манзури хонандагон мешавад.

Муаррифӣ:

Муҳиддини Музаффар 24-уми апрели соли 1987 дар шаҳри Конибодом ба дунё омадааст. Хатмкардаи шӯъбаи актёри драма ва кинои Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода буда, соли 2008 мактаби «Синамо»-и назди Иттифоқи синамогарони Тоҷикистонро ба ҳайси сенариячӣ-коргардон ба итмом расонидааст. Корагдони филми ҳуҷҷатии «Канд», филми ҳунарии «Ормонҳо», «Ормонҳо-2», «Паймон» мебошад. Намоишномааш «Модар-Ватан» соли 2010 дар нахустин фестивали ҷумҳуриявии театри ҷавонони Тоҷикистон «Нигоҳи нав» соҳиби Шоҳҷоиза (Гран-прӣ) гардидааст. Хатмкардаи мактаби «Сауна-драма»-и театри «Илҳом»-и шаҳри Тошканд ва узви Иттифоқи синамогарони Тоҷикистон мебошад.

– Муҳиддин, аввалан ба шумо ва дар шахсияти Шумо

ба тамоми ҳунармандон ва кулли мардуми тоҷик таъсис ёфтани киностудияи «Суғдсинамо»-ро муборакбод мегӯям. Бар ҳамагон маълум аст, ки ҳадаф аз тасвиби қарори мазкур рушду нумӯи ҳамаҷонибаи санъати филмофарӣ, таҳияи филмномаҳои баландмазмун, пур намудани фазои холии синамои тоҷик ва муаррифии Тоҷикистон бо филмҳои хуб ба ҷаҳон мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо оғози кор чӣ гуна аст?

– Бояд гуфт чунин иқдом дар минтақаҳои кишвар бори аввал дар вилояти Суғд сурат мегирад. Киностудия бо пешниҳоди гурӯҳи филмофарони ҷавони боистеъдод ва дастгирии бевоситаи Раиси вилояти Суғд Абдураҳмон Қодирӣ ба фаъолият оғоз кард. Гуфта шудааст, ки киностудияи «Суғдсинамо» фаъолияташро дар заминаи Театри давлатии ба номи Тӯҳфа Фозиловаи шаҳри Конибодом ба роҳ мемонад ва албатта, баҳри расидан ба ҳадаф ва мақсадҳо тамоми ҳунарварони вилоят сафарбар хоҳанд шуд. Нақша хеле доманадор аст, ки бояд дастгирӣ шавад. То имрӯз рӯзноманигорон дар мавриди нақшаву фаъолият аз мо зиёд пурсон шуданд, аммо дар навбати аввал мо бояд маҳсули меҳанти худро пешкаш кунем. Дар ҳоли ҳозир бо дили гарму пурумед ба кор оғоз кардем.

– Соли рафта барои Муҳиддини Музаффар чӣ гуна сол буд?

– Соли 2014 бисёр соли бобарор буд. Дар ин муддат тавассути ҳунару истеъдод ва намоишномаҳои нав ба нав бовари мардумро нисбат ба санъати театр ва кино дубора афзудем. Филми «Паймон», ки таҳрикдиҳандаи асосии ташкили киностудия дар вилояти Суғд буд, дастоварди нахустини мо дар ин сол аст. Баргузор шудани намоиши мазкур дар пойтахти кишвар ва маркази вилоят нишони дастгириву ғамхории пайвастаи ҳукумати кишвар ва вилоят мебошад.

Филми «Паймон» дар бораи ҳаёти ҷавонон буда,

муаммои ҷудошавии хонаводагӣ, нашинохтани асли хеш ва асли якдигарро дар бар мегирад. Муаллифи филми «Паймон» Бахтиёр Каримов аст. Мудири филм Осими Орифпур, продюссер – Дилошӯб Орифзода аст. Наворбардорони филм Наврӯз Саидов ва Бахтовар Сафаров буданд. Ҳунармандони шинохтаи синамои тоҷик, ба мисли Қурбони Собир, Сироҷиддин Ғафурӣ, Таҳмина Раҷабова, Хуршед Мустафоев дар ин филм нақши асосӣ офариданд. Муваффақияти мо дар он аст, ки тавонистем, як гурӯҳ ҷавонони боистеъдодро сарҷамъ намоем. Хушнуд ва сарбаландем, ки ин филм аз ҷониби ҳаводорони синамои тоҷик хуб қабул шуда, сазовори баҳои арзандаву баланди мутахассисон гардид.

Афзун бар ин, талош намудем, ки намоишномаҳои хубро ба саҳна гузорем. Намоишномаҳое, ки ба мардум наздик бошанд, проблемаву мушкилоти онҳоро баррасӣ кунанд. Яке аз чунин намоишномаҳо, ки соли рафта аз ҷониби тамошбинон хуб пазируфта шуд, «Модар, ман зан мегирам» буд. Намоишнома аз рӯи асари Рифкин бо тарҷума ва таҳрири шоир Озарахш рӯи саҳна омад. Ин намоишномае буд, ки аз ҳаёти имрӯзи мардум гирифта шуда, мушкили зиёде, аз қабили харочоти барзиёд дар тӯю маъракаҳо, хеле ҷавон хонадор шудани насли нав ва ба зиндагии мустақил омода набудани ононро инъикос мекунад. Мутаассифона, имрӯз дар тасаввури мардум фикрҳои ғалат дар мавриди оиладоршавии ҷавонон рушд мекунад, ки хатарноктарини он барвақт ба шавҳар додани духтарон аст, падару модарон аллакай замони дар мактаби миёна хондан духтаронро номзад мекунанд, то аз «бозор» намонанд. Имрӯз аксари қишри ҷомеа агар духтар то 20-солагӣ ба шавҳар набарояд, инро фоҷиа медонанд. Ё баъзе падару модарон фикр мекунанд, ки агар фарзанд бо ҷиҳозу ашё ва мебелҳои қимматтарин ба хонаи шавҳар раванд, боорбрӯву хушбахт мешавад. Аммо ба донишу малака, одобу ахлоқ

ва ҳунармандии фарзанд аҳамият намедиҳанд. Агар ба омор назар дӯзем, садҳо хонавода аз бонк қарз гирифта, тӯй мекунанд. Бешубҳа, ин мушкили шумораи яки ҷомеа аст, ки фавран бояд решакан шавад.

– Яъне, театр бояд барои фаҳмонидани сабабҳои ба миён омадани муаммову мушкилоти ҷомеа ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли проблемаҳо саҳм гирад.

– Бале, ин вазифаи муқаддаси театр аст. Франс Кафка мегӯяд, «барои он ки театр ба зиндагӣ такон диҳад, бояд нерӯмандтар ва пурмаҳсултар аз зиндагии ҳаррӯза бошад». Яъне, бояд мо мушкилоти ҳаррӯзаро тавассути ҳунар нерӯманду таъсиргузор созем. Баррасии мушкилоти харҷҳои барзиёд дар тӯю маърака, ошкор кардани сабабҳои вайрон шудани хонаводаҳои ҷавон, ботил будани ақидаҳои ғалати тамошобинон ва мусоидат кардан ба вусъати ҷаҳонбинии онон дар ин намоишнома мақсади аввалиндараҷаи мо аст.

Пӯшида нест, нақши театр, синамо, телевизион ва рӯзнома дар таъсир гузоштан ба афкори мардум бориз аст. Бинобар ин, моро зарур аст, ки корро аз одитарин ва кӯчактарин масъалаҳое, ки ҳар лаҳза ҷомеаи моро ба ташвиш меорад, оғоз кунем. Нақши театр дар ин самт хеле бузург аст. Театр бояд ҳамарӯза чунин мавзӯъҳоро ҳам аз ҷиҳати равонӣ ва ҳам аз ҷиҳати моддӣ-иҷтимоӣ тавассути ҳунар баррасӣ кунад.

Мутаассифона, шароити корӣ беҳбудӣ мехоҳад. Мо наметавонем, ки масалан, намоишномае, ки либоси зебо дошта бошад, саҳна ороиши зебо ва тарғиби зебо ба саҳна гузорем, имконияти молӣ дасти моро кӯтаҳ месозад. Театр бояд дар маркази шаҳр тахтаи эълон ва дар телевизион ҳамарӯза тарғибот дошта бошад, ба постери худ соҳиб бошад, аммо барои тарғиб пул зарур аст, ки дар аксар мавриди дар ин самт танқисӣ мекашем.

– Шумо дар мавриди боварии мардум ёдрас шудед.

Лутфан мегуфтед, ки шумо кадом боварро дар назар доштед ва барои ба даст омади он чӣ тадбирҳо амалӣ шуд?

– Фарҳанги театр, одоби ба театр рафтан, таваҷҷӯҳ ба барномаҳои театрӣ як муддат аз доираи завқу эътибори мардум дур афтода буд ва имрӯз дубора бедор намудани ҳамин тамоюли фарҳанги театрӣ дар қалби тамошобин аз мо, ҳунармандон сахт вобаста аст.

Агар ба мардум намошномаҳои хубу дархури дарди ҷомеа пешкаш шаванд, албатта ба тамошои намоишнома меоянд. Намоишномае, ки дар онҳо муаммову мушкили ҷомеа бозгӯ мешаванд, бояд бештар ба саҳна гузошта шаванд. Ҳар коре, ки дар ин самт аз мо, ҳунармандон вобаста аст, оҳиста-оҳиста амалӣ мешавад, аммо барои ин бештар кор кардан лозим аст. Нигоҳи гарму дастгирии воқеӣ низ барои ҳунармандон зарур аст.

– Дастгирӣ дар кадом самт?

– Дар ҳама самт. Ҳунарманд он вақт бо тамоми ҳастӣ ба кор дода мешавад, ки шароити хуби кориву маишӣ дошта бошад. Хонааш обод, ризқу рӯзиш басанда бошад. Он гоҳ вай тамоми тамаркузи худро фақат барои эҷод мебахшад, аммо, мутаассифона, имрӯз ин хел нест. Ҳунармандони болаёқатеро мешиносам, ки имрӯз дар муҳоҷирати меҳнатианд, дар бозор машғули меҳнатанд. Хеле мехоҳам ҳунару истеъдоди ин нафарон ба манфиати ҷомеа, барои рушди санъати тоҷик равона шавад. Умед дорам, оҳиста-оҳиста ҳамааш хуб мешавад.

– Ба фикри шумо ҳамчун коргардон ва актёр барои ҷалби таваҷҷӯҳи тамошобин ба ҷуз тарғибу ташвиқ чӣ кор бояд кард?

– Пеш аз ҳама бояд асарҳои хубро бо нигоҳи наву тоза рӯи саҳна оварад. Шабу рӯз бояд фикр кунем, ки кадом асарро ба саҳна гузорем, то тамошобин театрро дӯст дорад. Бояд талош кунем, ки намоишҳои мо табиӣ бошанд. Бояд театр, пеш аз ҳама, коргардон ҳамқадами замон бо-

шад. Имрӯз мардум хеле пеш рафта, ҳаррӯз аз интернет филмҳои хуб тамошо мекунанд. Театри мо бошад, имрӯз шароити хуби техникӣ надорад. Зимнан бояд гӯям, ки бо як муҳайё намудани шароити корӣ мушкил ҳал намешавад, зеро мутахассиси болаёқат намерасад.

Дар ин замина ба мо синамо кӯмак карда метавонад, зеро он чеҳраҳое, ки дар синамо шинохта мешаванд ва мухлиси зиёд пайдо мекунад, мухлисони хешро ба театр оварда метавонад. Яъне, мо ба воситаи синамо чеҳраҳоро муаррифӣ карда, мухлисонро ба театр оварда метавонем.

– Медонем, ки шумо ба наздикӣ ба шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон сафарӣ корӣ доштед. Бардоштҳои Шумо аз ин сафар.

– Дар Бишкек бо ташаббуси дафтари Швейсари бо намояндагони ҳунари ҷумҳуриҳои ҳамсояи Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бисёр конфронси хуб гузашт. Конфронс саҳми санъатро дар густариши дӯстии халқҳо баррасӣ намуд. Карл Тису, санъатшиноси шинохта аз таҷрибаи худ ба мо дарс гуфт. Аз таҷрибаҳое харф зад, ки чӣ бояд кард, то театр мардумӣ шавад? Чӣ гуна бояд пуле сохт, то театр, осорхона, синамо, санъати рассомӣ ба мардум наздик шаванд. Бояд чӣ корҳоро ба сомон расонид, то мардум ба театр биёянд.

Аз таҷрибаҳое, ки Карл Тиссу нақл кард, маълум шуд, ки ин масъала на танҳо масъалаи Осиёи Миёна аст, ҷалби тамошобин ба театр имрӯз масъалаи ҷаҳонӣ шудааст. Масалан, дар Швейтсария ҳам мардум як андоза аз осорхонаҳо, театрҳо дур шудаанд.

Дар ин конфронс мо дар мавриди ҷалби мардум ба театр табодули назар намуда, роҳҳои баркарор намудани робитаи мардум ва театрро ҷустуҷӯ намудем. Баъди ин конфронс лоиҳае пешниҳод намудем, ки ба робитаи байни мактаббачаҳо ва театр мусоидат хоҳад кард. Барои баргузор намудани лоиҳа мо аллакай омодагӣ дорем. Умед до-

рам, натиҷаи дилхоҳ ба даст меоварем.

– Нақшаҳои шумо.

– Нақша зиёд, талош мекунем ба амалӣ шудани он, феълан барои наворбардории филми нав омодагӣ меравад.

– Муваффақ бошед. Барои сӯҳбати самимӣ сипос!

– Ташаккур!

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор. . . . . .

Перомуни ҷанбаи иҷтимоии шеъри муосир

Сайри мухтасари иҷтимоъгароӣ дар шеър
марҳалаҳои рушди шеъри иҷтимоӣ. . . . . .
Ҷанбаи иҷтимоъ ва анвои шеър. . . . . .
а) Ҷанбаи иҷтимоӣ дар қолаби суннатӣ. . . . . .
б) Масоили иҷтимоӣ дар рубоиву дубайтиҳо. . . . . .
в) Ғазалҳои иҷтимоӣ. . . . . .
г) Ҷанбаи иҷтимоӣ дар шаклҳои нави шеърӣ. . . . . .
Ҷанбаиҳунарии шеъри иҷтимоӣ. . . . . .
Тасвири иҷтимоӣ ва завқи истиқболи шеър. . . . . .

Дар нақди шеър ва шоирони муосир

Афкори иҷтимоӣ дар ашъори Парвини Эътисомӣ. . . . . .
Ошиқи шайдои ҷононе: Дар нақди шеъри Шукӯҳӣ. . . . . .
Баҳсе дар чигунагии шеъри иҷтимоӣ: Ҷилваҳоиҳунарӣ
ва мазомини иҷтимоии ашъори Фарзона. . . . . .
Биё, эй шеър, эй овози фардо. . . . . .
Дар олами маъно дигарӣ: Баррасии олами маънӣ . . . . . .
ва маъниофариҳои Аҳмадҷони Раҳматзод. . . . . .
Ман аз шаҳри бузурги ишқ меоям: Нақди шеъри . . . . . .
Неъмати Оташ. . . . . .
Мисрае дар варақи сабзи хаёл: Олами шеъри Озарахш. . . .
Андешаҳо дар ҳошияи «Девони ишқ»-и Озарахш . . . . . .
Дил чун садаф азбаҳри муҳаббат дорад. Нигоҳе ба ҷилои
шеъри Ҷило. . . . . ..
«Ҳар сатру ҳарфу вожа бол шуд…». Чанд андеша . . . . . .
аз ҷозибаи ҳунарии ашъори Аъзами Хуҷаста. . . . . .
Шоири шӯрида бо тӯфону исёни шеър: Нигоҳе ба шеъри

Озар. . . . . .
Шаби ман хиттаи лабрези зар аст: Нақди шеъри . . . . . .
Адибаи Хуҷандӣ. . . . . .
Бо боли парастуҳои шеър: Нақди шеъри Гулноз. . . . . .
Ҷустуҷӯе аз мисраи рӯъё то раҳгузори ҳақиқат. . . . . .
Як чаман адешаҳои сабз: Нақде ба «Такрори таронаи борон»-и Нуралӣ Нурзод. . . . . .
Оғози зебои пайроҳаи мунир. . . . . .
Дар хиёбони шеър: Нигоҳе ба ашъори Фирдавси Аъзам. . .
Оламе аз тасаввури зебои ишқ: Назаре ба ашъори Эҳсон Рачабӣ. . . . . .
Истиқбол аз сабки шеъри зулол чӣ гуна буд?!. . . . . .

Дар муаррифии осори адабиётшиносӣ

Чашмандози нав ба адабиёти миллӣ. . . . . .
Намунае аз таҳқиқи иҷтимоии таърихи адабиётшиносӣ. . .

Мусоҳибаҳо

«Об агар садпора гардад, боз ҳам ошност».. . . . . .
Дар чигунагии нақди адабӣ ва шеваи кори мунаққид. . . . . .
Моро ҷодаи беинтиҳои бозёфту дастовардҳо интизор аст. . . . . .
Театр бояд ба зиндагӣ такон диҳад. . . . . .

Сурайё Ҳакимова

ШЕЪР, ҲУНАР ВА ИҶТИЛЛОЪ

Танзим ва вероиши
Субҳони Аъзамзод

Муҳаррири техникӣ: **А.Абдусамадов**
Мусаҳҳеҳ:

Ба матбаа санаи 24.04.2018 супорида шуд. Ба чопаш 18. 05.2018 имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ 21 Андозаи 60х84/16. Гарнитураи ҳуруф «Times New Қoman Tj». Супориши №. Теъдод нусха. Нархаш шартномавӣ.

**Матбааи «Ношир»
735714 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshik.tj**

– 336 –